2. Водообеспеченность мирового сельского хозяйства на воду для орошения. //Экономика сельского хозяйства России. - 2017. -№12. - С. 80-89.

3. Ганиев Т.Б. Эффективность мирового опыта формирования системы устойчивого менеджмента водного хозяйства и рационального водопользования в условиях глобализации мировой экономики. Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе, -2018. -№6. Ч.1. - С. 29-36.

4. Одинаев Х.А. Водные ресурсы в системе факторов устойчивого развития региональной экономики. //Вестник Таджикского национального университета. - Душанбе: СИНО, 2019/№4. Часть 2. - С. 3-7.

5. Отчет «Экспресс-оценка и анализ пробелов в энергетическом секторе Таджикистана» Министерством экономического развития и торговли Республики Таджикистан. - Душанбе, 2018. -24 с.

5. Павлов А.А. Политические проблемы энергетического сотрудничества России со странами Центрально-Азиатского региона. Автореф. канд. дис., - Санкт-Петербург., 2011. - 22 с..

7. Рекомендации по устойчивому управлению водными ресурсами в Центральной Азии. ПроектSWAN. - Алматы, 2022. - 48 с.

8.Режим доступа: https://tj.sputniknews.ru/economy/20160429/1019446704.html. (Дата обращения: 06.06.2019)


## ВОДНО-ЭНЕРГЕТИЧЕСКАЯ БЕЗОПАСНОСТЬ СТРАН ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ: ЭКОЛОГО-ЭКОНОМИЧЕСКИЕ И ИНВЕСТИЦИОНЫЕ АСПЕКТЫ


В статье рассмотрены эколого-экономические и инвестиционные аспекты обеспечения водно-энергетической безопасности стран Центральной Азии. Проанализированы современное состояние и тенденции использования водно-энергетического потенциала. Определены пути активизации инвестиции в развитии водно-энергетических ресурсов стран региона. Предложены основные направления по эффективному обеспечению водно-энергетических ресурсов стран Центральной Азии.



**Ключевые слова:** водные ресурсы, энергетический потенциал, экология, экономика, инвестиции, «зеленая энергия», водно-энергетическая безопасность, регион, водно-энергетическая безопасность стран Центральной Азии.

***БЕХАТАРИИ ОБИЮ ЭНЕРГЕТИКИИ КИШВАРҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ: ҶАНБАҲОИ ЭКОЛОГӢ-ИҚТИСОДӢ ВА ИНВЕСТИТСИОНӢ (САРМОЯГУЗОРӢ)***

Дар мақола ҷанбаҳои экологӣ-иқтисодӣ ва инвеститсионии таъмини бехатарии обӣ-энергетикии кишварҳои Осиёи Марказӣ баррасӣ гардидааст. Вазъи ҳози-ра ва тамоюли истифодаи иқтидорҳои обӣ-энергетикӣ мавриди таҳлил қарор гириф-тааст. Роҳҳои фаъолгардонии ҷалби сармоягузориҳо ба рушди захираҳои обӣ-энер-гетикии кишварҳои минтақа муайян гардидааст. Самтҳои асосии самаранокии таъмини бехатарии обӣ-энергетикии кишварҳои Осиёи Марказӣ пешниҳод шудаанд.

**Калидвожаҳо:** захираҳои обӣ, иқтидорҳои энергетикӣ, экология, иқтисодиёт, инвеститсия, «энергияи сабз», бехатарии обӣ-энергетикӣ, минтақа, бехатарии обӣ-энергетикии кишварҳои Осиёи Марказӣ

***WATER AND ENERGY SECURITY OF CENTRAL ASIAN COUNTRIES: ENVIRONMENTAL, ECONOMIC AND INVESTMENT ASPECTS***

The article considers the environmental, economic and investment aspects of ensuring the water and energy security of the countries of Central Asia. The current state and trends in the use of water and energy potential are analyzed. The ways of activation of investments in the development of water and energy resources of the countries of the region are determined. The main directions for the effective provision of water and energy resources of the countries of Central Asia are proposed.

**Key words:** water resources, energy potential, ecology, economy, investments, "green energy", water and energy security, region, water and energy security of Central Asian countries.

**Сведения об авторах:**

**Исайнов Хисайн Рахимович** – Таджикский национальный университет, доктор экономических наук профессор, декан факультета экономики и управления **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17. **Тел.:** 918-40-61-42, **Электронная почта:** Rahimovich @mail.ru

**Казокзода Умеда Хурматулло** – Таджикский национальный университет, докторант (Phd), 2-курса кафедры национальной экономики и экономической безопасности факультета экономики и управления. Душанбе, **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. **Тел**.: 111-18-17-16, **Электронная почта:** kazokzoda96@mail.ru

**Маълумот дар бораи муаллифон:**

**Исайнов Ҳисайн Раҳимович** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон доктори илмҳои иқтисоди профессор, декани факултети иқтисод ва идора,

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17 **Тел.:** 918-40-61-42, **Почтаи электронӣ:** Rahimovich @mail.ru

**Казокзода Умеда Ҳурматулло** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон докторант (Phd)-и соли дуюми кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии факултети иқтисод ва идора **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17, **Тел.:** 111-18-17-16, **Почтаи электронӣ:** kazokzoda96@mail.ru

**Authors information:**

**Isainov Khisain Rakhimovich** - Tajik National University, Doctor of Economics, Professor, Dean of the Faculty of Economics and Management, **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17. **Tel**: 918-40-61-42, **E-mail:** Rahimovich @ mail.ru

**Kazokzoda Umeda Khurmatullo -** Tajik National University Post-graduate student, 2 st year student of the Department of National Economy and Economic Security, Faculty of Economics and Management, **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17. **Tel.:** 111-18-17-16, **E-mail**: kazokzoda96@mail.ru

## УНСУРҲОИ ТАЪМИНИ САМАРАНОКИИ ТАЪЛИМОТИ БЕФОСИЛАИ КАСБӢ ДАР ШАКЛУ МАЗМУН ВА ЗИНАҲОИ ОМӮЗИШИИ РОҲБАРӢ

*Ғаниев Т.Б. – д.и.и, профессор мудири кафедраи идоракунии захираҳои инсонии ДМТ*

Вобаста аз равишҳои консептуалии ТБКЭ, ки мо дар мавзӯҳои пешинаи ҳамини китоб овардаем, мақсади асосии фарҳангиву анъанавии таълимот, ин гирифтани натиҷаи зарурии таъминкунандаи такрористеҳсоли васеи донишу донишомӯзист. Ҷараёни такрористеҳсоли таълимоти бефосиларо унсурҳое таъмин месозанд, ки шинохту фаъолгардонии таъсиррасонии онҳо аз ҳар як иштироккунандаи он боз донишу малака ва сатҳи баланди касбиро талаб менамояд. Аз тарафи дигар, ин равишро ҳамчун равиши анъанавии фарҳангии донишомӯзӣ бояд қабул намуд, ки мебоист онро ҳар як шунаванда ва ё худ пешвои комили касбӣ донаду риоя намояд.

Дар таълимоти бефосилаи касбӣ нахуст унсурҳои диққатнокӣ ва шавқу рағбати баланди шунаванда, ё хоҳишу майли аслии дили шахс ба сӯи омӯзишу аз худ кардани касб мақоми олӣ доранд. Ин аносир бояд доимо зери назорати падару модар, устодону роҳбарон ва равоншиносону мураббиёне, ки ба ин вазифаи муҳим вобастаанд, қарор дошта бошанд.

Ҷиҳати таъмини самаранокии он моро зарур аст, пайваста шаклу мазмуни стандартҳову барномаҳои таълимӣ ва худи усули таълимро ба бедор кардани завқи баланди шунаванда оиди ҳунару ҳунармандии касби интихобкардааш равона созем.

Барои амалкарди ин ҷараён моро зарур аст, то ибтидо қонунияти мувофиқашавии ду равиши муҳимсозии касбиро дар ин нукта ба инобат бигирем. Якум ҳолати тағйирёбандагии вақти таълим ва зинаҳои рушди зеҳнии худи шунаванда. Дуввум вобаста ба талаботи якум пайдо кардани маводи таълимӣ ва навгониҳои фанниву предметие, ки ин рушдёбандагиву тағйирёбандагиро ҳам дар шакл ва ҳам дар мазмун таъмин месозад.

Дар ҳолати пайдо нагардидани чунин шароит, дар дилхоҳ нуқта метавонад майлу рағбат ё хоҳиши дили шунаванда гум шуда, самаранокии ТБКЭ коҳиш ёбад. Бинобар ин, барои таъмини самаранокии ҷараёни мазкур ҳамоҳангсозии таъсиррасонии волидайн, устодон, ҷомеа, давлат ва шавқи худи шунаванда муҳимияти ҳаракатҳои омӯзишӣ маҳсуб меёбад. Яъне панҷ унсур мебоист ба як нуқтаи самаранокӣ нишонагирии пайваста дошта бошанд.

Унсури дигари таъмини самаранокии ТБКЭ, ин пайдо шудани қобилияту тавонмандии иҷроиши ҳаракатҳои касбӣ мебошад. Шунаванда аллакай баъд аз муҳлати муайяни таълимот бояд бевосита ба азхудкунӣ ва иҷроиши равишҳои соддаву аввалаи касбӣ бипардозад. Дар натиҷа, ӯ бояд диққати асосиро ба он равона намояд, ки ҳамаи мушкилоту мураккаботро мустақилона ҳаллу фасл намуда, аз роҳи бефосилавии таълим берун наояд.

Яъне истодагарӣ карда тавонистан ва пурсабриву пуртоқатии касбӣ низ, ҳамчун унсури таъмини самаранокии таълимоти касбӣ дар илми менеҷменти муосир шинохта шудааст. Ин хусусияти рафтории шунаванда ва ё пешвои комили касбии мо метавонад, дар вуҷуди ӯ ҳунару хислати тавонмандиву шоистасолориро тавлид намояд ва аллакай худи ӯ дар ҷараёни болоравии шаклу мазмуни таълимгирии бефосилаи касбӣ ҳиссагузор гардад.

Маврид ба зикр аст, ки дар ҳар як давру зина шаклу мазмуни ҳаракатҳои шунаванда ва ё пешвои комили касбии мо норасоии мавод ё худ ҳунари зеҳниро ҳис менамояд. Маҳз барои ҳалли дурусти чунин ҳолатҳо мо зарурати устоди дорои дониши сатҳи умумиҷаҳонии касбиро мебинем. Яъне норасоии зеҳнии касбӣ, нашинохтани назарияи илмии донишҳо ва ё ҳолатҳои дигари ба миён омада таълимдиҳандагонро маҷбур месозанд, новобаста ба зинаву дараҷаи рушдёбандагии касбиашон пайваста дар хати электронии ТБКЭ қарор дошта бошанд.

**Аз нигоҳи фарҳангии илми менеҷмент ин гурӯҳи накукорон – устодоне, ки дар хати электронии интернетӣ метавонанд дар ҳолатҳои мураккабии касбӣ кумак расонанд, хушбахтона дар асри XXI, тавассути ТТИИ имкони васеи саривақт таълим додан ва баландбардории самаранокии касбиву ҳунариро шогирдонро доранд.**

Акнун мо ба унсуре расидаем, ки онро аз унсурҳои хеле муҳиму инкорнопазири баландбардории самаранокии ТБКЭ ё худ ядрои унсурҳои дигар бояд шинохт. Ин ҳам бошад: **«Якумрагии донишомӯзӣ ва нигоҳдории таълимоти пайвастаи касбии электронӣ дар тӯли тамоми зиндагии инсонӣ»** мебошад. Риоя кардани ин равиш на танҳо ҳамчун

омили калидии таъминкунандаи самарнокии ТБКЭ, балки омили таъминкунандаи самаранокии худи вақти зиндагонии инсонӣ ҳам дар шакл ва ҳам дар мазмун шинохта шудааст.

Мувофиқи таълимоти мактаби таърихии сарварсозии Конфутсий: «**Агар касе дар нимароҳ истаду дигар хоҳиши боло рафтанро нанамояд, пас ин маънои онро дорад, ки ӯ ҳанӯз ягон қадам дар роҳи рушди касбиаш нагузоштааст»[7, с.88].**

Бинобар таълимоти фарҳангии мардуми форсу тоҷик низ: «**Роҳи ҳазорсола аз қадами аввал шурӯъ мегардад**». Яъне шунавандаи мо ва ё пешвои комили моро зарур аст, то қадами аввалинро устуворона бо мақсади тай намудани роҳи ҳазорсола гузорад ва лаҳзае андешаи дар нисфи роҳ истоданро надошта бошад.

Чуноне, ки устоди бузургвор Мирзо Бедил таъкид доштааст:

**Бар хаёли хулд, Бедил зоҳидонро нозҳост,**
**Лек аз ин ғофил, к-аз вайрона Одам рафтааст.**

Дар ҳақиқат таърихи башарӣ дар Замин гувоҳи аз чандин омадану рафтанҳоро доранд, ки ҳар яке дорои мӯъҷизаву каромоту шаклу мазмуни хоси худро дошта аст, ки бо андешаи Бедил, ҳатто ба имрӯз инсоният бо хайолу андеша ва нозу орзуҳои хоси ба биҳишти фирдавс расидани худ зиндагонӣ карда, гузашта истодаанд. Вобаста аз ин унсури дигари таъмини самаранокии ТБКЭ нигоҳ доштани устуворӣ дар як нуқтаи умумии софу поку тозаи биҳиштӣ дар ҳама ҳолатҳои роҳи бамақсадрасиву пайдо кардани зинаи **«боварӣ»** дар роҳбарӣ мебошад.

Ин талабот чӣ дар интихоби роҳу равишу шакли таълим ва чӣ дар мазмуну мундариҷаи маводи таълимӣ мебоист ҷо дошта бошад. Хулоса, дар тамоми занҷири пайвастаи ҷараёни ТБКЭ ҳатман ба як нуқтаи асосӣ нишонагирӣ доштан ва тамоми омилҳои дигару захираву имкониятро ба ин самт равона сохтан зарур аст. Пеш аз ҳама нишонагирии равониву ақлонӣ, молиявию пулӣ, инчунин вақтиву имконотиро танҳо ва танҳо ба сӯи рушдёбандагии касбии ҳунарӣ ва таъмини пешвоиву тавонмандӣ – шоистасолории касбӣ бояд раҳнамун кард.

Донишмандони бахши менеҷмент ба он бováранд, ки вақте тамоми ҳушу гӯш, ақлу дил, захираву хоҳишу амалҳо ба як нуқтаи поки таъиноти фардӣ нишонагирӣ менамоянд, ҳамон вақт нуқтаи аслии **«боварӣ»-**и расидан ба зинаи олии рушди касбӣ **«оинасозӣ»** дар роҳбариро пайдо кардан мумкин аст. Мутафаккирони бузурги форсу тоҷик ин зинаро зинаи аз худ бурун омадан эътироф намуда, таъмини самаранокии онро ба ду омили асосӣ вобаста медонанд. Якум муносибати худи шунаванда нисбат ба худ ва ба касби интихобкардааш. Дуввум боварӣ доштан ба таълими устод ва тарзу усули тадрису масъалаомӯзӣ дар макотиби сарварсозӣ.

Дар таълимоти мактаби Бхагавани мардуми ҳинд низ чунин омадааст: **«Агар толибилм дар ҳақиқат ба илми устоди худ боварӣ ва ихлоси комил дошта бошад, ба фармони устод метавонад аз болои дарё ғарқ нашуда гузарад, гарчанде шиноварӣ карда ҳам натавонад»**.

Яъне эҳтироми устод дар зинаи ақлу дил, ки унсури дигари самаранокии ТБКЭ – ро ташкил медиҳад, маънои пурра ба илму маърифати устод боварии комил доштани шогирдонро дорад. Вобаста аз ин, устод муваззаф аст бо тамоми донишу қуввату ғайрат ва аз дилу ҷон шогирдро биомӯзад ва шогирд низ, дар навбати худ ҳар қадаре имкони ақлу хирад дорад, онро қабул кунад. Ба баёни донишманди мумтози форсу тоҷик Мирзо Бедил:

**Нолаи мо з-ин чаман тамҳили парвоз асту бас,**
**Булбулон минқор пеш аз болу пар во кардаанд.**

Воқеан, ҳадафи меҳварии устоду толибилмро мебоист як мақсади асосӣ **«тамҳили парвоз»**- и озоди касбиву ҳунарӣ ташкил бидиҳад.

Дар ин нуқта боз унсури тарбияи ахлоқии таълимӣ зуҳур менамояд, ки устоди асил бояд номдору парчамбардори шаклу усули таълимии касбии худ ё соҳибмактабу соҳибдевон бошад. Зеро вожаи **«Устод»**-ро аслан ба шахсияте мансуб медонанд, ки ӯ дар ҳақиқат ин нишонаҳоро таҷасумгар аст. Албатта, донишу малака ва сатҳи дониши зеҳнии устод ҳамон вақт ба зинаи оинасозӣ мерасад, ки агар ӯ дар ҳақиқат ин роҳи бузургро тай карда, эҳтироми ҷомеа, мактаб ва шогирдонро соҳиб гашта бошад.

Дар роҳи ташаккули ин унсури таъмини самаранокии ТБКЭ мақоми устод, дараҷаи донишу ҷаҳонбинӣ, ҷомеашиносиву эҳтироми арзишҳои инсонӣ ва хислатҳои хоксориву ҳалимиву меҳрубонии устодон хеле муҳим буда, ин хислатҳо ҳатман ба шогирдону пайравон таъсир мебахшанд.

Махсусан хислатҳои хоксориву ҳалимиву меҳрубониро мардуми тоҷик ҳамчун нишонаи олии фарҳангии касбӣ ва арзишҳои волои инсонӣ қабул доранд. Дар таълимоти мо низ, ин нуқтаро чун хислати бузурги аз муваффақиятҳо саргаранг нашудану боз ҳам хоҳиши боло рафтани шогирдону пайравон шинохта, пайваста ба ин унсури таъминкунандаи самаранокии ТБКЭ диққати махсус дода мешавад.

Ба андешаи мо ғуруру ҳавобаландӣ, ин худ маънои аз роҳи рушд мондани шогирдон ва ё пешвоёни комили касбиро дорад. Ба ин далел, ки тавассути хислатҳои хоксориву ҳалимиву меҳрубонӣ ва ё бо ин роҳу равиши дурусти рафторӣ инсон метавонад аз ҳар як устод ва ё рафиқу дӯсту ҳамқадам чизи наверо биомӯзад. Аз ин тариқ, устувории ҳаракатҳои худро дар роҳи мушкилу мураккаби болоравии касбӣ таъмин созад.

Аз ҷониби дигар, хислати ман – манниву зиёда гуфтан дар таълимоти сарварсозии мо аслан қабул набуда, он ҳамчун рӯйкарди ғайрисамарноки рафтории ҳам устод ва ҳам пайравону шогирдон шинохта мешавад. Бахусус дар ҷодаи роҳбарӣ агар роҳбару пешво сухани гуфтаашро иҷро накунад, он гоҳ ӯ дигар аз боварии зердастон берун омада, ҳосилнокиву самарнокии меҳнати касбӣ коҳиш меёбад. Яъне зердастон дигар кӯшишу ғайрати ташаккули зеҳнии касбӣ нанамуда, ин чиз дар як муддати кӯтоҳ ба муфлис гаштани менеҷменти корхона ва ё ширкату ташкилот оварда мерасонад. Мутаасифона мо

имрӯз ҳолатҳоеро дар роҳбарӣ мушоҳида менамоем, ки ҳатто дар сатҳи роҳбарони аввали вазорату идораҳо фиребгариву дуруғгуи мавҷуд буда, ҳеҷ масъулиятеро дар худ ҳис намекунанду аз чунин рафторҳои ғайрикасбии худ назди аҳлашон ва зердастон ҳисобот низ намедиҳанд.

Аз ин нуқтаи назар пешвоёни комили касбиро зарур аст, то дар вақти сухан гуфтану андешаронӣ кардан хело ботамкину боақлонаву бохирадона, дар доираи талаботи функсионаливу вазифавӣ, кафолату ҳуқуқу ҳокимият ва мувофиқ ба касбу ҳунарашон сухан бигӯянд. Чунин тақозо дар ТБКЭ мо ҳам нисбат ба устод ва ҳам нисбат ба шогирдону пайравони ин мактаби пешвоӣ дар роҳбарӣ қатъиян талабу риоя карда мешавад. Яъне тарбияи ахлоқи ҳамидаи пешвоӣ дар андешаву гуфтору рафтору пиндор мебоист пайваста риоя карда шавад.

Ахлоқи ҳамида дар худи инсони комил як хислати хоси худбовариро пайдо месозад, ки он таъминкунандаи ҳаракатҳои самараноки рузмарраи худи ӯ мегардад. Аксуламали инро дар талаботи фарҳангии илми менеҷмент ҳамчун бемасъулиятӣ, бемаърифатӣ ва бадахлоқӣ мешиносанд, ки аслан қобили қабул нест.

Дар таълимоти сарварсозии мо диққати махсус ба талаботи зиёд будани амал нисбат ба сухан равона карда мешавад. Он ҳамчун меъёри касбӣ қабул шуда, аз ҳар як пешвои комил, шунавандаву пайрав тақозо мегардад, то кам сухан гӯяду бисёр амали неки созанда кунад. Вақте чунин меъёрро пурра риоя менамоем самаранокии фаъолиятамон чандин карат боло рафта, тозагии фаъолияти касбиамон таъмин мегардад.

Мувофиқ ба талаботи фарҳангии касбии менеҷмент низ, шахсе бисёр суханҳои пой дар ҳаво мегӯяд, кам мефаҳмад ва баръакс он нафаре, ки каму боандеша мегӯяд, бисёр фаҳмида, дар фаъолияти касбии худ аллакай боварии комил пайдо кардааст. Яъне нигоҳ доштани тавозун ё худ мувофиқаи **«гуфтану амал кардан, шаклу мазмунро нигоҳ доштан»**, аз унсурҳои дигари таъмини самаранокии ТБКЭ шинохта шудааст. Омӯзиши хусусиятҳои он намегузорад шогирдону пайравон дар оянда аз доираи ин меъёр берун оянд.

Ҷараёни таълимоти бефосилаи касбӣ аз оила оғоз ёфта, дар боғча, мактаб, макотиби олӣ ва менеҷменти корхонаву ширкатҳо ташаккул меёбад. Яъне инсонҳо аз маълумоти ибтидоӣ сар карда, давра ба давра то ба донишу ҳанармандии сатҳи ҷаҳонӣ, пешвои мондагору шоистасолор ё **оинасоз** мерасанд. Дар ин роҳи мураккабу мушкилу пур аз шебу фарози касбӣ ҳар яки мо ба талаботи якчанд фарҳангу маданияти халқу миллатҳои дунё бархӯрд намуда, он арзишҳоеро ба худ қабул менамоем, ки ба дили мо наздику дар рушди фаъолияти касбиамон кӯмакрасону муфид бошанд.

Дар замони муосир чунин имконоте фароҳам омадааст, ки толибилмон мактаби миёнаро дар Шарқ хатм карда, барои таҳсилоти олӣ ба донишкадаҳои Ғарб дохил мешаванд ва ё баръакс. Аз ин тариқ, 5-7 соли умри худро дар байни халқу миллатҳои дигар гузаронида, аз талаботи забониву фарҳангиву мадании таълимиву тарбиявии онҳо бохабар мегарданд. Дар пайи ин, аз рушди фарҳангии дилхоҳ халқу

миллатҳои дунё ҳатман як нишона ва ё арзиши олии рафтории инсониро дар худ фаро мегиранд.

Пас, омӯхтану аз худ кардани забони халқу миллатҳои гуногун, урфу одат ва тарзу усули фарҳангии онҳо барои таълимгирандагони кулли моделҳои таълимотии сарварсозӣ аз фоида холӣ нахоҳад буд. Зеро пешвои комили касбӣ - менеҷерро дар менеҷменти муосир зарурате пеш омадааст, ки шакли навину универсалии фарҳангу маданиятро таҷассумгар бошад, то ин ки дар кадом гӯшаи дунё ки набошад, новобаста аз халқу миллату фарҳангу тамаддун самаранок фаъолияти касбиву ҳунарӣ карда тавонад. Инро мо аз унсурҳои дигари таъмини самаранокии ТБКЭ шинохтаву эътироф намудаем.

Ҳамин тариқ, мувофиқи унсурҳои таъминкунандаи самаранокиву давраҳову зинаҳои таълимии худ модели ТБКЭ метавонад шогирду пайрав ё пешвои комилии касбии моро то ба 7 – зинаи рушди касбиву ҳунарӣ бирасонад. Дар ҳоле ки ба самаранокии равишҳои зерини омӯзишӣ – таълимотӣ нишонагирӣ дошта бошад:

1. **Фарогирии омӯзишу таълимоти шинохти оламу одам.**
2. **Фарогирии донишҳои дақиқу амиқи касбии забондонӣ, риёзӣ, фалсафӣ ва ТТИИ.**
3. **Дар зинаи шуурнокии баланди касбиву ҳунарӣ, хоҳишу таваҷҷӯҳи ақлонӣ ва дили пур аз орзуву пуршавқи худро ба омӯзиши пайвастаи бефосилаи касбии равона сохтан.**
4. **Расидан ба зинаи озодандешиву худрушдёбандагӣ ва худтасдиқсозии касбӣ.**
5. **Расидан ба зинаи пешвои комил ва шоистасолор.**
6. **Расидан то ба зинаи тавонмандиву қудрати қаҳрамониву рекордӣ.**
7. **Расидан то ба зинаи «оинасозӣ» - касбӣ ва ҷаҳониву мондагори таърихӣ шудан.**

Мусаллам аст, ки дар ибтидои қарни XXI дар таърихи башарӣ тағйироти куллии таълимиву тарбиявӣ вобаста ба рушди босуръати илмиву эҷодӣ, техникиву технологӣ ва иртиботиву иттилоотии электронӣ ба майдон омада истодааст. Ин зуҳуроти навин ба худи инсонҳо ва хусусияту шаклу мазмуни ТБКЭ хоҳ – нохоҳ таъсири бавоситаву бевоситаи худро расонидааст. Махсусан ба мардумони Шарқ ва аз ҷумла ба кишвари тозаистиқлоли мо Тоҷикистон низ. Дар баробари истиқлолияти сиёсӣ, шаҳрвандон барои таълимоти касбӣ ва ё идомаи таҳсил имкони ба давлатҳои мутараққӣ сафар карданро пайдо намудаанд.

Яке аз бартарияти таълимоти Ғарбӣ ва давлатҳои рушдкардаи дунё, ки дар зинаи геоиқтисодиву неоиқтисодӣ қарор доранд дар он аст, ки дар онҳо масоили фарҳанги миллӣ, диниву мазҳабӣ, урфу одати халқу миллатҳо ва ҳатто масоили этносӣ қариб аз байн рафта истодаанд. Риоя кардани ин арзишҳо аз ҷониби ҳар як фард озод буда, давлат онро ҳимоя менамояд. Касе ҳуқуқи поймол кардан ва ё паст задании фарҳангу маданияти миллати дигареро надорад. Гарчанде дар ҳолатҳои алоҳида, аз тарафи шахсони миллатпарасти баъзе аз давлатҳо ҳолатҳои

таҳқиркунии миллати дигар мушоҳида мегардад, аммо ин рафтори номатлуб аз ҷониби қонуни ин давлатҳо дар аксар мавридҳо ҳимоя карда мешаванд.

Аз ҷониби дигар, вақте талаботи стандартҳову барномаҳои таълимӣ дар зинаи равонии касбиву ақлонӣ сурат мепазирад ва аз устодону шогирдон иҷрои он талаб карда мешавад, ин талаботи зинаи 4-уми рушди инсонӣ буда, дигар талаботи фарҳангии миллӣ ва дину оинӣ дар зинаи 3-юм мемонанд. Барои донишазхудкуниву донишомӯзии касбии шунаванда ва ё пайраву пешвои комили касбӣ ин омилҳо аҳамияти муҳиме надоранд. Шояд ҳамчун арзишҳои рушди фардони алоҳида ва худрушдёбандагии касбӣ баъзе аз ин талаботи фарҳангии маданиву миллӣ кумакрасон гарданд, вале дар асл кулли ҷомеаро инсонҳои озодандеши касбиву ҳунарӣ ташкил дода, одамон аксаран дар пайи дарёфти илму донишу рушддиҳандаи неруи инсонӣ қарор доранд.

Аз гуфтаҳои боло маълум мегардад, ки вақте дар давлатҳои рушдёфтаи дунё стандартҳову барномаҳои таълимӣ комилан тағйир пазируфтаву дар сатҳи баланди касбӣ амалӣ гашта истодаанд, ин равиш хоҳ – нохоҳ ба дилхоҳ давлати кучактарини дунё низ таъсири худро мерасонад. Одамон аз тариқи хати элктронии интернетӣ ба ин ганҷинаи бузурги рушди инсонӣ пайваста дастёбӣ дошта, ки яке аз унсурҳои дигари таъминкунандаи самаранокии ТБКЭ – ро мо маҳз дар ҳамин равиш мебинем.

Васеъшавии марзи маълумотгириву пайдо кардани шароити васеи донишомӯзии ҳузуриву ғайриҳузурӣ аз тариқи хати электронӣ ҳар як фарди соҳибақлро ҳавасманду бовар мекунонад, ки имконоти амалисозии қобилияту ҳунари баланди касбиашро маҳз аз ҳамин сарчашма дарёфт хоҳад кард. Махсусан афзоиши талабот ба омӯзиши забонҳо, риёзиёту моделсозӣ, информатика ва дигар фанҳои муҳандисӣ дар чаҳон далолат ба он менамояд, ки инсоният имрӯз дар зинаи дигари рушди худ ҳаракат дошта, рафтору кирдори худро нисбат ба фаъолиятҳои касбиву ҳунариаш куллан тағйир дода истодааст. Мо тоҷиконро низ, зарурати таърихие пеш омадааст, то назару фикру ақидаи худро нисбат ба системаи таълимиву омӯзишӣ комилан дигаргун сохта, ҳамқадами ҷаҳониён бошем.

Зеро вобаста аз болоравии стандартҳои навини рушди менеҷменти касбӣ ва тавлиди моли навину рақобати баланди ҷаҳонии меҳнат чӣ дар дохили мамалакат ва чӣ берун аз он талабот ба тахассуснокии касбӣ низ баланд гардида истодааст. Ин рӯйкард моро вазифадору уҳдадор менамояд, стандарту шаклу мазмуни барномаҳои таълимиамонро ба талаботи навини рушди касбиву ҳунарии ҷаҳонӣ мувофиқ гардонем. Ва агар - на дар бозори ҷаҳонии меҳнат имкони дарёфти шуғли касбиро аз даст дода, маҷбур мегардем бо маоши камтарин ба иҷрои корҳои вазнини ҷисмонӣ машғул бошем.

Аз тарафи дигар, рушди бемайлони аҳолии ҷаҳон ва маҳдудияти захираҳои истеъмолии табииву болоравии талаботи истеҳсолии мамолики пешрафтаи ҷаҳонӣ, як таркиши бузургеро дар талабот ба

донишу илмомӯзиву таълимоти бефосилаи касбиву ҳунарӣ ба вуҷуд овардааст.

Мо имрӯз танҳо аз тариқи таълимоти бефосилаи электронӣ имкони рушди босуръати касбиву ҳунариро дорему халос. Зеро тавассути хати электронӣ ба тамоми дунё дар як лаҳза пайваст шуда, аз иттилооти кулли ҷаҳон бохабар гашта, метавонем суръатнокиву самаранокии омӯзишиву таълимотиро боло бибарем. Чунин талабот барои ҳар як падару модар, хонанда, донишҷӯ, корманд ва пешвои комили касбӣ имрӯз унсури аввалиндараҷаи таъмини зиндагии арзанда барои фардои умедбахшаш эътироф мегардад.

Ҳамарӯза дар ҷаҳон ҳазорҳо ҷойҳои кории талаботи баланди касбии техникиву технологиро тақозо дошта ташкил карда мешаванд. Дар баробари ин худи корхонаву ширкатҳо техникаву технологияи кухнашудаи самаранокии паст доштаро ба техникаву технологияи навини дорои ҳосилнокии баланд иваз менамоянд. Вобаста аз чунин тағйирёбандагиҳо корманд ва пешвои комили касбӣ мебоист пайваста таълимоти баландбардории ихтисосу омӯзиши иловагии ҳунарӣ дошта бошад, то ин ки ба талаботҳои навини касбиашон дар ҷои корашон мувофиқат намояд.

Аз тарафи дигар, дигаргуншавии сатҳи ичтимоии аҳолӣ ва тафриқаи имконоти захиравии оилаҳои сарватманду камбизоат далолат ба он менамоянд, ки оилаҳои ба касбиомӯзиву илмомӯзии фарзандон диққати махсус равона намуда, наслро дар роҳи омӯзиши пайвастаи касбӣ тарбия менамоянд. Бад ин васила қудрати рушдёбандагии баландро пайдо карда, дар як муддати кӯтоҳ сатҳи иҷтимоии оилаашонро беҳтар мегардонанд ва барои рушди устувори хонаводагиву кулли ҷомеа заминаи моддиву маънавӣ боқӣ мегузоранд.

Маврид ба зикр аст, ки имрӯз аксари мардуми рушдкардаи дунё пурра ба модели системавии таълимоти бефосилаи фардии касбии электронӣ гузашта, омӯзишу таълимоти касбиро барои тамоми умр нишонагирӣ карда, кору фаъолият ва зинадгонии хушҳолона доранд. Пайваста кӯшиш ба харч медиҳанд, ки ба фарзандонашон дониши аз ҳама баланди фардии касбӣ дода, таҳсили онҳоро дар мактабҳои воломақоми касбии чаҳонӣ ба роҳ гузоранд.

Аммо мутаассифона дар мамолики Шарқ, махсусан дар давлатҳои сусттараққикарда аксари ҷомеа ҳанӯз ҳам, дунболи ҳамон урфу одат ва фарҳангу маданияти кухнашудаи хоси милливу маҳаллии худ гашта, ҳоло ҳам ба рушди зеҳнии касбиву ҳунарии инсонӣ ва болоравии қудрату тавонмандии меҳнати касбии фарзандонашон муносибати на он қадар устувор доранд. Чунин рафтору муносибат нисбат ба фарзандону ба худ, ин тоифаро аз рушди аслӣ дур карда, намегузорад рушдёбандагии худрову фарзандонашонро таъмин сохта, шахсиятҳову пешвои судоварӣ ҷомеа гарданд.

Бағоят боиси таассуф аст, ки чунин ҳолат дар баъзе аз оилаҳои тоҷик низ, мушоҳида мешавад. Ин зуҳурот дар маҷмӯъ ба пешравии рушди иҷтимоиву иқтисодии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ монеа

эҷод менамояд. Пас, имрӯз на танҳо зарурати дигаргунсозиву навсозиҳои арзишҳои таълимотӣ, балки дигаргунсозии арзишҳои фарҳангии оилаву оиладорӣ низ, вуҷуд дорад.

Барои мисол, амал кардани ду ва ё зиёда забонҳои байналмилалӣ дар оила, таъминоти техникиву технологии электронии компютерӣ, мавҷудияти ҷои хобу хонаи алоҳида барои дарс тайёр кардани фарзандон, имконот барои таълимоти иловагии касбӣ, аз талаботи навини рушди оилаву оиладории мардуми тоҷик дар замони муосир маҳсуб меёбанд, ки мо инро аз унсури навбатии таъмини самаранокии ТБКЭ дар замони навин медонем.

Дар баробари ин, назорати қатъии падару модар дар роҳу равиши донишомӯзиву илмомӯзиии касбӣ ва тарбияи дурусти ҳунару ҳунармандӣ тақозо мегардад. Ҳамон тавре ки имрӯзҳо ин талабот дар аксари оилаҳои ҷопониву чинӣ, куриёиву малайзиягӣ ва ҳиндиву филиппинӣ ба роҳ монда шуданд, ки онҳо низ ба мисли тоҷикистониён мардумони шарқиянд.

Ҳамин тариқ мо дар ин мавзуъ дар шакли мухтасар он унсурҳоеро бароятон таҳлилу пешниҳод кардаем, ки дар ҷамъ тавонмандии волои таъмини самаранокии рушди касбиву ҳунарӣ ва зинадгонии хуби шуморо дар худ фарогиранд.

## АДАБИЁТ


1. Меерович М.И. Технология творческого мышления. – Минск: Харвест, 2003. -432с.
2. Митина Л.М. Учитель как личность и профессионал. – М.: Дело, 1994. -215с.
3. Мохов М.А. Организация системы непрерывного экономического образования: дис.к.э.н. –М., 2005.- 211с.
4. Нейматов Я. М. Образование в XXI веке: тенденции и прогнозы.- М.,2002. -118с.
5. Симонов В.П. Педагогический менеджмент: учеб.пособие. – М.: РИА,1997. – 426с.
6. Скворцов В.Н. Социально – экономические проблемы теории непрерывного образования. –М.:Петрополис, 2004. – 276с.
7. Цзинь Ли. Культурные основы обучения: Восток и Запад. М. ВШЭ.,2015. С.88.
8. Черникова Т.В. Управление развитием образовательного учреждения: учеб.метод.пособие. – М.: Сфера, 2005. -119с.
9. Юдин Э.Г. Метододогия науки: Системность, деятельность. –М.: УРСС, 1997.-444с.
10. Якиманская И.С. Личностно – ориентированное обучение в современном школе. –М., 2000.- 112с.
11. Ярилова О.С. Развитие системы повышения квалификации управленческих кадров вуза на основе личностно- ориентированного подхода: дис.канд.пед.наук. –М.,2010.-171с.

***УНСУРҲОИ ТАЪМИНИ САМАРАНОКИИ ТАЪЛИМОТИ БЕФОСИЛАИ КАСБӢ ДАР ШАКЛУ МАЗМУН ВА ЗИНАҲОИ ОМӮЗИШИИ РОҲБАРӢ***

Дар мақолаи мазкур мушкилоти низоми таҳсилоти касбии пайваста ҳамчун механизми баланд бардоштани самаранокии рушди устувори захираҳои инсонӣ ва фидокории зеҳн – истеъдоди пешво дар идоракунии муосири Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Муаллиф таъкид мекунад, ки барои рушди устувори инсон, ҳамчун унсури асосии рушди устувор, менеҷменти муосир аз ҳар як менеҷер ва мутахассис хоҳиши такмил, рушди худшиносӣ ва мустақилият, пеш аз ҳама, майлу хоҳиши роҳбарии касбиро тақозо мекунад, ки бо он алоқаманд аст. Мушкилоти озодии амалисозии истеъдоди фитрии шахс ва таъмини рушди инноватсионии идоракунии рақобатпазири ташкилот.

**Вожаҳои калидӣ:** маориф, таҳсилоти якумрӣ, захираҳои инсонӣ, менеҷмент, рушди худшиносӣ, низоми миллӣ, низоми таҳсилоти ҳамагонӣ, рақобатпазирӣ, муташаккил.

***ЭЛЕМЕНТЫ ОБЕСПЕЧЕНИЯ ЭФФЕКТИВНОГО НЕПРЕРЫВНОГО ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ В ФОРМЕ, СОДЕРЖАНИИ И УРОВНЯХ ПОДГОТОВКИ ЛИДЕРСТВА***

В данной статье рассматриваются проблемы системы непрерывного профессионального образования как механизм повышения эффективности устойчивого развития человеческого ресурса и самоотдачи разума – таланта лидера в современном менеджменте Таджикистана. Автор утверждает, что для устойчивого развития человека, как основной элемент устойчивого развития современного менеджмента требует от каждого руководителя и специалиста стремления к совершенствованию, саморазвитию и самостоятельности, прежде всего, стремлению к профессиональному лидерству, которые связаны с проблемами свободы реализации природного таланта человека и обеспечения инновационного развития конкурентоспособного менеджмента организации.

**Ключевые слова:** образования, непрерывного образования, человеческих ресурс, менеджмент, саморазвития, национальная система, система непрерывного образования, конкурентоспособность, организация.

***ELEMENTS OF ENSURING EFFECTIVE CONTINUOUS PROFESSIONAL EDUCATION IN FORM, CONTENT AND LEVEL OF LEADERSHIP TRAINING***

This article examines the problems of the system of continuous professional education as a mechanism for increasing the efficiency of sustainable development of human resources and dedication of the mind - the talent of a leader in modern management of Tajikistan. The author argues that for sustainable human development, as the main element of sustainable

development, modern management requires from every manager and specialist the desire for improvement, self-development and independence, first of all, the desire for professional leadership, which are associated with the problems of freedom to realize a person's natural talent and ensure innovative development of competitive management of the organization.

Key words: education, lifelong education, human resource, management, self-development, national system, lifelong education system, competitiveness, organization.

**Маълумот дар бораи муаллиф:**

**Ганиев Таварали Бобоевич** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон доктор илмҳои иқтисодӣ профессор, мудири кафедраи идоракунии захираҳои инсонӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. **Тел.:** 907-70-40-77. **Почтаи электронӣ:** prof.Ganiev.@mail.ru

**Сведения об авторе:**

**Ганиев Таварали Бобоевич** – Таджикский национальный университет, доктор экономических наук профессор заведующий кафедры управления человеческими ресурсами. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17. **Тел.:** 907-70-40-77. Электронная почта: prof.Ganiev.@mail.ru

**Information about author:**

**Ganiev T.B.** – Tajik National University, Doctor of Economics, Professor of the Department of Human Resources Management, **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17. **Phone:** 907-70-40-77. E-mail: prof.Ganiev.@mail.ru

## МОҲИЯТИ ИҚТИСОДИИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ВОРИДОТИВАЗКУНӢ ВА АҲАМИЯТИ ОН БАРОИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ИҚТИСОДӢ

*Тағоев Б.Д. н и.и., дотсент мудири кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатрии иқтисодии ДМТ*

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари ба даст овардани истиқлолияти давлатии худ иштирокчии муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ гардид. Ислоҳоти иқтисодии дар мамлакат ҷорикардашуда ба васеъшавии ҳайати ҳамкорони иқтисодии мамлакат оварда расонид. Аммо вобаста ба фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбатан дар марҳилаи ибтидоии рушди худ қарор дорад, иқтисодиёти миллии кишвар самараи эҳтимолии иқтисодиро аз иқтидорҳои табиӣ, ҷуғрофӣ ва ба даст намеорад, ки имкони рушди иқтисодиро таъмин карда метавонад. аз шароити табий, географй ва ресурсй, изофаи мехнат ва хусусияти иклими он бо иштироки фаъолонаи мамлакат дар таксимоти байналхалкии мехнат истифода бурда·

Бо дарназардошти дар марҳилаи ибтидоии инкишоф қарор доштани фаъолияти берунииқтисодии ҷумҳурӣ иқтисодиёти Тоҷикистон самараи имконпазири иқтисодии иқтидоҳои ро аз чунин фаъолият таъмин накарда истодааст, ки мумкин аст аз истифодабарии шароитҳои табиӣ-иқлимӣ ва захиравии мамлакат, барзиёдии омили меҳнат ва хусусиятҳои иқтидори иқлимӣ дар ҳолати иштироки фаъолонаи кишвар дар тақсимоти байналхалқии меҳнат таъмин гардад.

Даргузашта аз ин, фаъолияти беруниқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи ибтидоии ташаккулёбии худ қарор дорад, ки вобаста ба ин, иқтисоди миллӣ он самараи воқеии иқтисодиеро, ки аз қобилияти истифода намудани имкониятҳои захираҳои табиӣ-маконӣ ва барзиёдии қувваи корӣ ва нерӯи иқлимиро бодарназардошти иштироки фаъолонаи мамлакат дар тақсимоти байналмилалии меҳнат дода наметавонад.

Инчунин мушкилотҳо дар соҳаи иқтисодиёт афзоиши доимӣ ва назарраси харидҳои воридотӣ мавқеи муҳим дорад, ки ба бадшавии шароити савдои берунаи мамлакат оварда расонид.

Мувофиқи маълумоти Бонки умумиҷаҳонӣ, дар давраи солҳои 2008-2020 индекси шароити савдои берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудудҳои 0,23-0,28 тағйир ёфтааст. Дар айни ҳол ҳиссаи воридот дар бозори дохилии молҳои истеъмолӣ зиёда аз 75%-ро ташкил дода, дар маҳсулоти саноатӣ 80-95%-ро дар бар мегирад.

Яке аз роҳҳои ҳалли мушкилотҳои дар боло қайдшуда инкишофи истеҳсолоти ватанӣ мебошад, ки он бояд ба коҳишёбии ҳаҷми воридот мусоидат намояд. Дар ин радиф амалигардонии барномаҳои давлатӣ дар самти истеҳлолоти воридотивазкунанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун асоси сиёсати иқтисодӣ ва стратегияи тараққиёт аҳамияти махсус дорад.

Ҳамин тавр, муайян намудан ва тадқиқи имкониятҳои гузариши иқтисодиёти миллӣ ба сӯи коҳиш додани воридоти намудҳои алоҳидаи молҳо ва иваз намудани онҳо бо молҳои ватанӣ барои илм ва амалияи иқтисодиёти муосири Тоҷикистон ниҳоят муҳим ба ҳисоб меравад.

Бо дарназардошти ҳамаи ин хусусиятҳои объективона, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2018, саноатикунонии босуръати кишварро ҳадафи стратегии миллии навбатӣ эълон намуданд, ки бевосита бо зарурати ҳавасмандгардонии воридотивазкунанда дар дурнамои наздик алоқамандӣ дорад.

Амалияи имрӯза нишон медиҳад, ки то ҳол ба ягон мамлакат муяссар нагардидааст, ки иқтисодиёти солимро ба таври ҷудошавӣ аз низоми иқтисодии ҷаҳонӣ ташаккул диҳад. Иштироки мамлакат дар тақсимоти байналхалқии меҳнат бисёр афзалиятҳоро дар назар дорад, ки рушди иқтисодиро ҳавасманд мегардонад. Шомилшавии мамлакат ба алоқаҳои хоҷагидории ҷаҳонӣ имкон медиҳад, ки дар ячанд соҳаҳои калидии иқтисодиёт махсусгардонида шавад, зеро дар онҳо имконияти

воридоти маҳсулот пайдо мешавад, ки худи онҳо ин гуна молҳоро қобилияти истеҳсолкунӣ надоранд ва ё бо хароҷоти нисбатан баланд истеҳсол менамоянд, инчунин молҳоро содирот менамоянд, ки барои истеҳсоли он шароити беҳтар доранд.

Сиёсати дурусти воридотивазкунӣ ва истеҳсоли маҳсулотҳои ба содиротнигаронидашудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он шаҳодат медиҳад, ки истеҳсоли молу маҳсулоти ватанӣ дар мамлакат дар сатҳи дилхоҳ рушд менамояд. Махсусан дар бахши истеҳсоли маҳсулотҳои муҳимтарини соҳаи саноат, аз ҷумла саноати хурокворӣ нишондиҳандаҳои кишвар хело мусбию вусъатёбандаанд. (Ҷадвали 1)

**Ҷадвали 1**

**Истеҳсоли молҳои муҳимтарини саноати коркард дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2017-2021)**

| Номгӯи мол | Солҳо | | | | | 2021/2017 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | кг +,- | % |
| Гушт (ҳаз. тонна) | 47,2 | 59,0 | 65,1 | 69,5 | 67,6 | +20,4 | 143,2 |
| Гушти мурғ (ҳаз. тонна) | 0,2 | 2,1 | 6,5 | 10,3 | 12,2 | +12 | 6100% ё 60 = |
| Маҳсулоти ҳасибӣ (тонна) | 4942 | 4629 | 5039 | 7057 | 5952 | +1010 | 120% |
| Маҳсулоти ширӣ (ҳаз. тонна) | 14,4 | 14,6 | 15,2 | 15,4 | 16,4 | +2 | +113% |
| Равғани растанӣ (ҳаз. тонна) | 12,7 | 16,3 | 21,6 | 23,9 | 23,6 | +10,9 | +185% |
| Меваи хушк (тонна) | 1948 | 2929 | 3707 | 5303 | 6664 | +4716 | 342% |
| Маҳсулоти қаннодӣ (ҳаз. тонна) | 12,8 | 13,9 | 15,3 | 17,4 | 31,3 | +18,5 | 244% |
| Нишокиҳои беспирт (ҳаз. дал) | 7087 | 11198 | 12683 | 12358 | 17188 | +11101 | 242% |
| Сигарет ва папирос млн. дона | 574 | 766 | 292 | 331 | 303 | -271 | 52,7% |

**Ҳисоб карда шуд:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2022. Саҳ.265

Чи тавре олимон-иқтисодчиёни рус Глазев С.Ю. ва Лосков В.В. қайд мекунанд, «баланд шудани ҳиссаи молҳои воридотии дар истеъмолоти умумӣ аз 35% зиёд аз он шаҳодат медиҳад, ки мамлакат ба вобастагии қавӣ аз ҷаҳони беруна қарор гирифтааст. Дар баробари ин сатҳи ҳадди ақали ҳиссаи воридот дар таъмини молҳои озуқаворӣ 25% ба ҳисоб рафта, афзоиши минбаъдаи он ба бехатарии озуқаворechии мамлакат таҳдид менамояд».

**Ҷадвали 2**

**Вобастагии бозори дохилӣ аз воридоти як қатор молҳои озуқаворӣ**

| Номгӯи мол | Соли 2012 | | | Соли 2019 | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ҳаҷми воридот (тонна) | Ҳаҷми истеҳсолоти дохилӣ (тонна) | Вобастагӣ аз воридот (бо %) | Ҳаҷми воридот (тонна) | Ҳаҷми истеҳсолоти дохилӣ (тонна) | Вобастагӣ аз воридот (бо %) |
| Равғани чорвои калони шохдор | 676 | 7,5 | 98,9% | 688 | 23,3 | 93,7% |
| Ҳасиб ва маҳсулотҳои гӯштӣ | 7410 | 803 | 90,2% | 4912 | 2050 | 69,6% |
| Маҳсулоти қаннодӣ | 7015 | 2882 | 70,9% | 10718 | 6205 | 61,3% |
| Макаронҳо | 16316 | 2256 | 87,9% | 43512 | 4022 | 91,5% |
| Яхмос | 33 | 506 | 6,1% | 566 | 867 | 39,5% |
| Гӯшти парранда | 54574 | 4200 | 92,9% | 50146 | 5000 | 91,0% |
| Гӯшти чорвои калони шохдор (бо назардошти гӯшти яхкардашуда) | 2947 | 33400 | 8,1% | 9282 | 38500 | 19,5% |
| Тухми парранда (ҳазор адад) | 9702 | 151000 | 6,0% | 133242 | 343700 | 28,0% |

Камшавии назарраси вобастагӣ аз воридоти озуқаворӣ, ки бисёре аз муҳаққиқон қайд кардаанд, худтаъминкуниро дар молҳои алоҳида дар доираи гурӯҳҳои озуқа ба инобат намегирад. Яъне нишондиҳандаҳои расмии дараҷаи вобастагӣ аз воридот аксар вақт бо нишондиҳандаҳои воқеӣ мувофиқат намекунанд. Воқеан, дараҷаи вобастагӣ аз воридоти маҳсулоти хӯрокворӣ баландтар аст, ки ин бо ҳиссаи зиёди компонентҳо, таҷҳизот ва технологияҳои воридотӣ дар раванди истеҳсолот шарҳ дода мешавад. Аммо дар адабиёт хачми истехсоли озукаворй танхо аз руи микдор дар доираи гуруххои алохидаи молхо дида мешавад.

Ба андешаи мо, воридотивазкуниро ҳам ҳамчун раванд ва ҳам ҳамчун категорияи иқтисодӣ баррасӣ кардан лозим аст. Дар ҳолати аввал, афзоиши истеҳсоли ватанӣ, ки ба хориҷ кардани аналогҳои хориҷӣ аз бозори миллӣ ва афзоиши бо ҳам алоқаманди содирот нигаронида шудааст, мушоҳида мешавад. Дар мавриди дуюм, воридотивазкунӣ ба объекти дониши илмӣ табдил ёфта, бо равиши инфиродии назариявию методологии омӯзиш тавсиф мешавад, ташаккули системаи нави консептуалии категорикӣ ва равшансозии моҳият ва мазмуни онро ҳамчун категорияи иқтисодӣ талаб мекунад.

Ҳамчун раванди воридотивазкунии маҳсулоти кишоварзӣ метавонад ҳам пайдарпай ва ҳам сунъӣ бошад.

Таҳлили ҳаҷми воридот аз рӯи як қатор молҳо нишон дод, ки дар соли 2019 нисбат ба соли 2012 ба даҳҳо маротиба, нисбат ба соли 1999 бошад, ба садҳо маротиба афзоиш ёфтааст. Дар натиҷаи пастравии ба миёномадаи истеҳсолот дар бахши чорводории соҳаи кишоварзӣ, қисми муайяни бозори дохилӣ бо молҳои воридотӣ ғанӣ гардонида шуданд. Дар ҷадвали 2 вобастагии бозори дохилии озуқаворӣ аз рӯи як қатор молҳо ҳисоб карда шудаанд.

Агар ба ин мушкилӣ диққат надиҳем, дар чунин ҳолат бахши озуқаворӣ метавонад ба ҳолати вазнин қарор гирад, ба монанди саноати ҷумҳурӣ, ки то ҳол дар ҳолати ногувор қарор дорад. Дар натиҷа барои ғанӣ гардонидани бозори дохолӣ бо молҳои саноатӣ Тоҷикистон маҷбур аст ҳаҷми воридотро афзоиш диҳад.

Заминаи асосии амалигардонии стратегияи воридотивазкунанда баромад карда, диверсификатсияи сохтори иқтисодиёти миллӣ худ низ ҳамчун оқибати рушди иқтисодии воридотивазкунанда баромад карда метавонад. Зарур аст, ки ҷараёни воридотивазкунӣ ва диверсификатсияи сохтори иқтисодиёти миллӣ бо тараққиёти самараноки иқтисодиёт ҳамрадиф бошад. Махсусан чунин ҳамоҳангсозӣ дар ҳолати васеъшавии ҳаҷми истеҳсолоти маҳсулоти саноати сабук ва хӯрокворӣ имконпазир мегардад, ки барои истеҳсоли онҳо Тоҷикистон афзалиятҳои муайян дорад. Инкишофи истеҳсолоти пахтатозакунӣ, шоҳибофӣ, коркарди сабзавот, мева, нассоҷӣ ва намудҳои дигари хӯрокворӣ ба тараққиёти воридотивазкунӣ мусоидат карда метавонад. Чунин самти тараққиёти воридотивазкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ҳамчун яке аз шартҳои диверсификатсияи иқтисодиёти миллӣ мушоҳида карда шавад.

Ҳамин тариқ нишондодҳои таҳлилӣ имкониятҳои истеҳсолии соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ нишон дод, ки дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мақсади таъмини рушди иқтисодии воридотивазкунанда бояд як қатор чораҳои сиёсӣ-иқтисодӣ амалӣ карда шаванд. Бо баробари афзоиши сарчашмаҳои давлатии инвеститсионӣ, бояд афзоиши сарчашмаҳои ғайридавлатӣ ва хориҷии маблағгузорӣ ҳавасманд карда шаванд. Ҳамчунин барои амалигардонии стратегияи воридотивазкунӣ гузариш ба ташкили истеҳсоли маҳсулот бо арзиши иловашудаи баланд, бо назардошти таъмини рақобатпазирии молҳои ватанӣ аввал дар рақобати нархӣ ва минбаъд дар рақобати ғайринархӣ зарур аст.

## АДАБИЁТ


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ. 23.12.2022, шаҳри Душанбе. http://www.president.tj/node/21975.
2. Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020. Бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз”28” декабри соли 2016, №2.

3. Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз "26" ноябри соли 2016, № 503 тасдиқ шудааст.

4. Алиҷонов Ҷ. А. Таснифоти рушди иқтисодии воридотивазунанда дар шароити муосир. // Номаи донишгоҳ (ДДХ ба номи акад. Б. Ғафуров) // Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ № 2 (57) Хуҷанд 2021. С.82-89.

5. Алиҷонов Ҷ. А. Танзими давлатии рушди иқтисодии воридотивазкунӣ. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. № 1. Душанбе, 2020. с. 76-82.

6. Алиҷонов Ҷ. А. Инкишофи иқтидори инвеститсионии рушди иқтисодии воридот-ивазкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. № 10 (2). Душанбе, 2019. с. 161-169. 0,8

7. Ватолкина, Н.Ш., Горбунова, Н.В. Импортозамещение: зарубежный опыт, инструменты и эффекты / Н.Ш. Ватолкина, Н.В. Горбунова // Научно- технические ведомости Санкт-Петербургского государственного политехни-ческого университета. Экономические науки. – 2015. – № 6 (233). – С. 29-39.

8. Горбатов, А.В., Морозова, О.В. Продовольственное импортозамещение в РФ: итоги первого санкционного года и перспективы развития / А.В. Горбатов, О.В. Морозова // Фундаментальные исследования. – 2015. – № 10–2. – С. 357–361.

9. Суханова, И.Ф., Лявина, М.Ю. Импортозамещение как основа достижения продовольственной безопасности страны / И.Ф. Суханова, М.Ю. Лявина // Аграрный научный журнал. – 2015. - № 3. – С. 93–99.

10. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (нашри расмӣ). Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2022.

## МОҲИЯТИ ИҚТИСОДИИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ВОРИДОТИВАЗКУНӢ ВА АҲАМИЯТИ ОН БАРОИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ИҚТИСОДӢ

Дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилоти афзоиши муттасил ва назарраси харидҳои воридотӣ муҳимияти махсус пайдо кардааст, ки бадшавии савдои берунаи мамлакатро ба миён овард. Ҳалли оқилонаи ин мушкилотҳо, инкишофи истеҳсолоти ватанӣ ба ҳисоб меравад, ки бояд ба коҳишёбии ҳаҷми воридот мусоидат намояд. Дар ин ҷода муҳимият ва саривақтии мақолаи таҳияшуда муайян карда мешавад.

Дар мақола ҳолати имрӯзаи таъминоти мавози озуқаворӣ бо маҳсулотҳои истеҳсоли ватанӣ ва мавқеи сиёсати воридотивазкунии мамлакат дар ин самт оварда шудааст. Махсусан дар бораи зарурати иштироки давлат дар тақсимоти байналхалқии меҳнат, хусусиятҳои ҳамгироии байналхалқӣ ва ҳиссаи молҳои воридоти дар низоми бозори озуқаворӣи кишвар мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор дода шудааст. Дар хотима пешниҳодҳои муаллифи барои татбиқи воридотивазкунӣ заминаи таъмини мустақилияти озуқаворӣи мамлакат оварда шудааст.

**Калидвожаҳо:** воридотивазкунӣ, рушди иқтисодӣ, таҷдид, диверсификатсия, вобастагии воридотӣ, сиёсати савдои беруна, стратегияи рушди иқтисодии воридотивазкунанда.

## ЭКОНОМИЧЕСКАЯ СУЩНОСТЬ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ИМПОРТНОЙ ПОЛИТИКИ И ЕЕ ЗНАЧЕНИЕ ДЛЯ ОБЕСПЕЧЕНИЯ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТИ

В экономике Республики Таджикистан особо актуализируется проблема постоянного и ощутимого роста импортных закупок, который обусловил ухудшение условий внешней торговли страны. Рациональным решением обозначенных выше проблем является развитие отечественного производства, которое должно способствовать сокращению объемов импорта. В этом контексте особое значение приобретает реализация в Республике Таджикистан программы импортозамещающего экономического роста, как основополагающей экономической политики и стратегии развития. С этих позиций определяются актуальность и своевременность данной статьи.

В статье представлено современное состояние обеспечения продовольствия продукцией отечественного производства и положение импортной политики страны в этом направлении. В частности, проанализированы и исследованы необходимость участия государства в международном разделении труда, особенности международной интеграции, доля импортных товаров в системе продовольственного рынка страны. В конце даны авторские предложения по реализации импортозамещения как основы обеспечения продовольственной независимости страны.

**Ключевые слова:** импортозамещение, экономический рост, модернизация, диверсификация, импортная зависимость, внешнеторговая политика, стратегия импортозамещающего роста.

## ECONOMIC ESSENCE OF STATE IMPORT POLICY AND ITS SIGNIFICANCE FOR ENSURING ECONOMIC SECURITY

In the economy of the Republic of Tajikistan, the problem of a constant and tangible growth in import purchases, which has led to a deterioration in the terms of the country's foreign trade, is particularly relevant. A rational solution to the problems outlined above is the development of domestic production, which should help reduce imports. In this context, the implementation of the program of import-substituting economic growth in the Republic of Tajikistan, as a fundamental economic policy and development strategy, is of particular importance. From these positions, the relevance and timeliness of this article are determined.The article presents the current state of providing food with domestic products and the state of the country's import policy in this direction. In particular, the need for state participation in the international

***Key words:*** import substitution, economic growth, modernization, diversification, import dependence, foreign trade policy, import-substituting growth strategy.

**Маълумот дар бораи муаллиф:**

**Тағоев Баҳром Дустмаҳмадович –** н.и.и., дотсент, мудири кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодӣ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ш. Душанбе хиёбони Рудакӣ 17, тел.: 939269999, E- mail: behruzt84@mail.ru

**Сведения об авторе:**

***Тагоев Бахром Дустмахмадович*** - кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой национальной экономики и экономической безопасности Таджикского национального университета, г. Душанбе проспект Рудаки 17, тел.: 939269999, E- mail: behruzt84@mail.ru

**Information about authors:**

**Tagoev Bakhrom Dustmakhmadovich** - Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Head of the Department of National Economy and Economic Security, Tajik National University, Dushanbe, Rudaki Avenue 17, tel.: 939269999, E-mail: behruzt84@mail.ru

## АСОСҲОИ ИЛМИЮ МЕТОДОЛОГИИ ТАШАККУЛИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ СУҒУРТАВӢ

*Турсунов И.Х. – н.и.и, муаллими калони кафедраи фаъолияти гумрукии ДМТ*

*Давлатмуродов Ш.М. – н.и.и, дотсенти кафедраи фаъолияти гумрукии ДМТ*

Суғурта ҳамчун механизми ҳифзи иҷтимоӣ дар давраи ҷамъияти ибтидоӣ бамиён омада мунтазам ба истеҳсолоти ҷамъиятӣ мусоидат мекард. Мафҳуми мазкур аз калимаи «страх»-и русӣ бармеояд ва ба тоҷикӣ маънои «тарс», «бим»-ро дорад. Соҳибони амвол байни ҳам ба муносибатҳои муайяни истеҳсолӣ ворид гардида, меҳаросиданд, ки амволашон эҳтимолияти нобудшавӣ ё дар натиҷаи офатҳои табиӣ, сӯхтор, ғорат ва дигар хатарҳои ҳаёти иқтисодӣ хавфи аз даст рафтанро дорад.

Барои ошкорсозии моҳияти суғурта зарурати омӯхтани ташаккулёбии фаъолияти суғурта ҳамчун сегменти ғайрибонкии бозори молиявӣ дар марҳилаҳои гуногун ба миён омад. Аз сарчашмаҳои гуногун маълум мегардад, ки шаклҳои аввалини суғурта дар давраҳои ду ҳазор сол пеш аз мелод дар қонунҳои шоҳи Вавилон Хаммурапӣ байни субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ барои якҷоя саҳм гузоштан дар бартарафсозии хавфҳои гуногун ва барқарор намудани зарарҳо аз фаъолияти тиҷоратӣ баррасӣ шудааст.

Дар баробари ин, дар низоми ҳуқуқи Юнони қадим унсурҳои ҷавобгарии суғуртавӣ ёфтан мумкин аст. Дар шакли мукаммал ҷавобгарии суғуртавӣ дар замони муосир дар аввали асрҳои XIX дар Фаронса мушоҳида мешавад. Чӣ тавре ки маълумотҳо нишон медиҳанд, сабаби асосии пайдоиш ва рушди фаъолияти суғуртавӣ ба ҳайси соҳаи алоҳида тараққиёти босуръати саноат ва зиёд шудани ҳолатҳои фавқулода ва ба ҳалокат расидани кормандон дар истеҳсолот мебошад. Дар аввали асри XX бошад, рушди минбаъдаи фаъолияти суғуртавӣ ва такмили базаи ҳуқуқии он мушоҳида мешавад, бахусус дар давлатҳои Аврупо дар кодексҳои гуногун барои зарари молиявӣ дар соҳаи моликияти хусусӣ ҷавобгарӣ пешбинӣ шуда буд. Дар Россия бошад, дар давраи пеш аз инқилоби октябр фаъолияти суғуртавӣ аз тарафи корхонаҳои зиёд амалӣ шуда буд, ки мақоми асосиро дар ин ҷода ҷамъиятҳои саҳомӣ ишғол мекарданд. Дар истеҳсолоти капиталистӣ суғурта характери тиҷоратиро касб намуда, мақсади асосии он ба даст овардани фоида аз тарафи субъектҳои фаъолияти хочагидорӣ ба ҳисоб мерафт, ки дар натиҷа таъминоти суғуртавӣ ба моли хос мубаддал гардида, татбиқи он яке аз намудҳои тиҷорат буд.

Дар замони шӯравӣ тамоми фаъолияти хоҷагидорӣ, аз он ҷумла фаъолияти суғуртавӣ аз тарафи давлат назорат шуда, суғурта бо тамоми шаклҳояш манополияи давлатӣ эълон шуда буд. Барои ошкорсозии моҳияти суғурта ба сарчашмаҳои гуногун такя карданро зарур мешуморем.

Дар сарчашмаҳои гуногун дар бораи моҳияти суғурта ва бозори суғурта омадааст, ки бозори суғурта ин маҷмӯи муносибатҳои иқтисодӣ оид ба хариду фурӯши хизматрасонии суғуртавӣ буда, дар ҳимояи манфиатҳои моликияти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ инъикос меёбад. Дар бозори суғурта низ қонуниятҳои бозор, ба монанди пешниҳод, талабот ва қонуни арзиш ба қонуниятҳои аввалиндараҷаи ин бозор мансубият дошта, аз дуруст ба роҳ мондани онҳо ташаккулёбии хизматрасониҳои суғуртавӣ барои илми иқтисодӣ ва фаъолияти хоҷагидорӣ аҳамияти калони илмӣ дорад.

Аз таърихи пайдоиши суғурта бармеояд, ки ҳанӯз дар аҳди бостон ривоҷи кишоварзиву парвариши чорво ва зуҳури унсурҳои додугирифти моливу пулӣ ба падид омадани содатарин шакли ҳифзи суғуртавӣ, яъне суғуртаи таббӣ ва инкишофи баъдии он мусоидат намуд. Марҳилаҳои таърихии шаклгирии суғурта дар сарчашмаҳои фаровони таърихиву иқтисодӣ бозтоб ёфтаанд. Дар давраи асрҳои миёна моҳияти аслии суғурта на дарёфти даромад ва ё суд, балки ёрии мутақобила байни одамон буд ва нишондиҳандаҳои асосии суғурта дар он давра чунин буд:

- соҳаи суғурта ба қишрҳои миёна, косибӣ, тиҷорат ва умуман бозаргонон хизматрасонӣ менамуд;

- суғурта ҳанӯз аз тиҷорат, косибӣ ва мазҳаб ҷудо нашуда буд ва созмону муассисаҳои вижаи суғуртавӣ мавҷуд набуданд;

Тадқиқот нишон медиҳад, ки суғурта дар натиҷаи талаботи ҷомеа барои таъмини ҳимояи манфиатҳои гуногун аз хавфҳои номуайян ва ҳолатҳои фавқулода ба миён омадааст. Дар баробари ин, таҷриба нишон медиҳад, ки хизматрасониҳои суғуртавӣ на фақат барои рушди истеҳсолот ва ҳимояи манфиатҳои субъектҳои хоҷагидорӣ, балки барои ҳалли дигар проблемаҳои мухталифи иқтисодӣ ва пеш аз ҳама, барои рушди низоми молиявӣ ба воситаи фондҳои суғуртавӣ хизмат менамояд. Мавриди зикр аст, ки воситаҳои пулии дар шакли суғурта ва аз дигар сарчашмаҳо дар ширкатҳои суғуртавӣ воридшаванда дар бисёр мавридҳо аз ҳаҷми пардохти суғурта бисёртар мебошанд ва барои ин ширкатҳо имконияти маблағгузории лоиҳаҳои бузурги иқтисодӣ, маблағгузории коғазҳои қиматнок, иштирок дар ҷараёни сармоягузории молиявӣ ва инчунин, иштирокчии фаъоли бозор хизмат менамояд.

Дар баъзе корҳои олимони ватанӣ, махсусан дар таҳқиқотҳои Ғ.Д. Ашуров қайд карда мешавад, ки низоми хизматрасониҳои суғуртавӣ бояд вобаста ба тарз ва усулҳои хизматрасониҳои он мукаммал карда шавад. Дар ҳақиқат, дар шароити иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт зарур аст, ки фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ вобаста ба шаклҳои гуногуни он ба роҳ монда шавад.

Баъди пош хӯрдани давлати шӯравӣ ва ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, инчунин, ташаккули муносибатҳои бозоргонӣ зарурати рушди механизми танзими фаъолияти суғуртавӣ ҳамчун шарти муҳими кафолати молумулкии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар кишвар ба миён омад.

Дар дигар корҳои олимони ватанӣ механизми мукаммалгардонии бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ хислати соҳавӣ пайдо намуда, рушди фаъолияти субъектҳои бозори суғурта аз он вобастагӣ дорад.

Истиқлолияти давлатӣ ба мо имконияти таърихие дод, ки барои рушди муносибатҳои бозоргонӣ, ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ, идоракунии давлатию маҳаллӣ ва баланд бардоштани маданияти муносибатҳои бозоргонии аҳолӣ тамоми кӯшишҳоро ба харҷ диҳем. Соли 1991 бо Қарори Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон, Саридораи суғуртаи давлатии Вазорати молия ба Созмони тиҷоратии суғуртаи давлатии Тоҷикистон табдил дода шуд. Дар ин самт шарҳи бозори хизматрасониҳои суғуртавиро аз адабиёти хориҷию ватанӣ овардем, ки барои заминагузорӣ ва беҳтарсозии ҷиҳатҳои назариявӣ ва барои дар амал татбиқ намудани пешниҳодҳо мусоидат ва дар рушди бозори суғурта замина мегузорад.

Чӣ тавре ки аз маълумотҳо бармеояд, ба воситаи механизми суғурта масъалаҳои муҳим ҳаллу фасл мешавад. Дар баробари ин, бо дастгирии ширкатҳои суғуртавӣ эҳтимолияти паст шудани сатҳи хавф аз ҳар гуна хатар ба воситаи амалисозии функсияи пешгирикунанда зоҳир мегардад, ки хавфу хатар объекти асосии суғурта ба ҳисоб рафта, барои омӯзиш ва пайдоиши суғурта замина мегузорад.

**Ҷадвали 1.**

**Таснифоти хизматрасониҳои суғуртавӣ**

| Хизматрасониҳои суғуртавӣ аз рӯи меъёр | Шакли хизматрасонӣ |
|---|---|
| Аз рӯйи шакли суғурта | Хизматрасониҳои ихтиёрӣ ва ҳатмӣ |
| Аз рӯйи намуди суғурта | Шахсӣ - суғуртаи ҳаёт, суғурта аз ҳолатҳои фавқулода, суғуртаи тиббӣ; Молумулкӣ - суғуртаи воситаҳои нақлиёт, нақлиёти ҳавоӣ, нақлиёти обӣ, суғуртаи бор, суғуртаи таваккали мол ва дигар намудҳои суғурта; Суғуртаи ҷавобгарӣ - суғуртаи ҷавобгарии шаҳрвандон, соҳибони воситаҳои нақлиёт, суғуртаи ҷавобгарии шаҳрвандони интиқолдиҳанда, суғуртаи ҷавобгарии корхона. |
| Аз рӯйи мизоҷон | Истифодабарандагони хизматрасониҳои суғуртавӣ - суғуртаи шахсони воқеӣ Корпоративӣ - суғуртаи шахсони ҳуқуқӣ |
| Аз рӯйи таваккал | Таваккалӣ ва ғайритаваккалӣ. Ғайритаваккалӣ - суғуртаи ҳаёт ва дигар намуди суғурта, ки ба ҳаёт алоқамандӣ дорад. Дигар намудҳои суғурта таваккалӣ мебошанд. |
| Аз рӯйи комплексӣ (маҷмӯъ) | Як полиси суғуртавӣ - як намуди суғурта барои як мизоҷ; Бастаи суғуртавӣ (маҷмӯӣ) - чанд намуди суғуртаро дар бар мегирад. |
| Аз рӯйи пешниҳоди хизматрасониҳои суғуртавӣ | Бонкӣ, лизингӣ, сармоягузорӣ, кишоварзӣ, тиҷоратӣ, авиатсионӣ ва ғ. |
| Аз рӯйи намуди суғуртакунии таваккалӣ | Таваккали молумулкӣ, молиявӣ, соҳибкорӣ ва иҷтимоӣ |
| Аз рӯйи шакли ташкили суғуртакунандагон | Хизматрасониҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва саҳомӣ |
| Аз рӯйи усули фурӯш | Бевосита ва ба воситаи миёнарав. Суғуртакунандагон хизматрасониҳои худро ба воситаи ширкатҳои суғуртавӣ, бонкҳо ва дигар воҳидҳои агентӣ фурӯхта метавонанд |
| Аз рӯйи истифодаи иттилоот | Хизматрасониҳои анъанавӣ ва электронӣ |

**Аз тарафи муаллиф дар асоси таҳқиқот коркард шудааст.**

Чӣ тавре ки аз ҷадвали 1. бармеояд, хизматрасониҳои суғуртавӣ дар шароити бозор васеъ ва гуногунҷабҳа буда, тамоюли рушдро дар

солҳои охир нишон медиҳад. Мувофиқи арзёбии мутахассисон гардиши солонаи бозори ҷаҳонии интернет-хизматрасониҳои суғуртавӣ қариб 500 млн. доллари ИМА- ро ташкил медиҳад, ки 2,5%-и ҳаҷми умумии фурӯши хизматрасонии электронӣ мебошад. Фаъолияти суғуртавӣ на фақат функсияи барқарорсозии зарар аз ҳолатҳои мухталиф ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоии ҷомеа, балки функсияҳои инвеститсиониро низ ба воситаи пасандозҳо (захираҳо) бо мақсади таъмини рушди босуботи иқтисодӣ амалӣ менамояд.

Чӣ тавре ки маълум гардид, рушди соҳаи суғурта, махсусан ташаккулёбии хизматрасониҳои суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити истиқлолият ва муносибатҳои бозоргонӣ на фақат пурра тадқиқ нашудааст, балки муаммоҳои мушкилро барои илми иқтисодӣ ва таҷрибаи хоҷагидор ба миён меорад, ки ҳалли онҳо барои таъмини рушди иқтисодиёт ва татбиқи стратегияҳо, барномаҳои давлатӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Бинобар ин, аз самаранокии чорабиниҳои такмили фаъолияти суғурта ва рушди босуботи бозори суғурта ҳалли бисёр масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ дар шароити ташаккулёбии истиқлолияти иқтисодӣ аҳамияти калони илмиву назариявӣ дорад.

Ҳамин тариқ, муҳиммияти мавзӯъ дар муайян кардани ҷанбаҳои назариявию таҷрибавӣ, таҳлил ва баёни хусусияти хизматрасониҳои бозори суғуртавӣ ҳамчун механизми ҳимояи аҳолии кишвар муайян мегардад ва онҳоро дар алоҳидагӣ чунин тасвир намудан мумкин аст:

1. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар шароити рушди муносибатҳои молиявӣ таъсис ва такмили суғуртаи хусусӣ барои рушди соҳаи иҷтимоӣ ба воситаи фонди нафақавии суғуртавӣ ва суғуртаи ҳаёт, инчунин, таъсиси фазои мусоид барои рушди хизматрасониҳои суғуртавӣ, ки аз ҳар гуна ҳолатҳои ногувору фавқулода кафолатро таъмин мекунад, мавқеи хос дорад.
2. Дар заминаи омӯзиш ва такмили қонунгузории миллии суғуртавӣ ва омӯзиши ҷиҳатҳои назариявии бозори миллии суғурта бартарафсозии камбудиҳои ҷойдошта ва бо ин роҳ ҳал намудани муаммоҳо имконпазир аст.
3. Дар асоси пешбурди чорабиниҳои фаҳмондадиҳӣ байни шаҳрвандон ва мизоҷони соҳаи суғурта корҳои таблиғотӣ, гузаронидани семинар, курсҳо ва конфронсҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ба мақсад мувофиқ аст, ки боиси рушди соҳа мегарданд.
4. Дар самти дастгирӣ ва ба илму дониш фаро гирифтани насли наврас ва дар ин замина тайёр намудани мутахассисони баландихтисоси соҳаи суғурта, ки ба талаботи байналмилалӣ ҷавобгӯй бошанд ва барои беҳтар гардонидани хизматрасониҳои суғуртавӣ замина мегузоранд, саҳми давлат ногузир аст.

## АДАБИЁТ

1. Абрамова, Т.Г. Особенности развития страхового рынка в России: дисс. на соис. уч. ст. к.э.н. //Т.Г.Абрамова– Москва, 2003 – 143 с.

2. Ашуров, Г.Д. Развитие системы оказания страховых услуг в Республике Таджикистанк/Г.Д.Ашуров. – Душанбе, 2007 – 160 с.
3. Базанов, А.Н. Некоторые актуальные проблемы развития страхового рынка России/А.Н. Базанов//Страховое дело - 2012 - №9 - С. 19- 23.
4. Булатов, А.С. Особенности конкурентоспособности России Лидерство и конкуренция в мировой системе / отв. ред. А.Д. Богатуров, Т.А. Шаклеина/А.С. Булатов. - М: КРАСАНД, 2010. – 157с.
5. Джабаров, Г.Н. Рынок агрострахования и механизмы его развития в Республике Таджикистан/ Г.Н. Джабаров, Ш.С. Азизов, С.В. Мамадов//Кишоварз. - 2019. - № 2(82). - С.81-86.
6. Джабаров, Г.Н. Экономические кризисы и его влияния на состояние рынка страховых услуг Республики Таджикистан/ Г.Н.Джабаров//Вестник ТНУ. – 2018. - № 1. – С.86-91.
7. Кабанцева, Н.Г. Страховое дело: учебное пособие / Н.Г. Кабанцева. - М.: Форум, 2008. - 272с.
8. Рахимов, М.А. Становление рынка страхования в национальной экономике/М.А. Рахимов. – Худжанд: Худжан. гос. ун-т им. БГ Гафурова, 2012. - 189 с.
9. Саидмуродов, Ш.М. Некоторые проблемы развития страхового рынка в Республике Таджикистан /Ш.М. Саидмуродов //Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2014. – №. 2/5. – С. 39-43.
10.Сплетухов, Ю.А. Страхование: учебное пособие /Ю.А.Сплетухов. – Москва: Инфра-М, 2008. - 280с.
11. Шаропов, Н. Фаъолияти суғурта: дастури таълимӣ/ Н. Шаропов. – Душанбе, 2009. - 302с.

## АСОСҲОИ ИЛМИЮ МЕТОДОЛОГИИ ТАШАККУЛИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ СУҒУРТАВӢ

Дар мақолаи мазкур таърихи пайдоиш, мафҳум ва моҳияти суғута, ақидаи олимон оиди ташкили хизматрасониҳои суғуртавӣ, таснифоти хизматрасонии суғуртавӣ аз рӯи меъёрҳо гирд оварда шудааст. Хизматрасониҳои суғуртавӣ дар шароити бозор васеъ ва гуногунҷабҳа буда, тамоюли рушдро дар солҳои охир нишон медиҳад. Ҳамин тариқ аз тарафи муаллиф муҳиммияти мавзӯъ дар муайян кардани ҷанбаҳои назариявию таҷрибавӣ, таҳлил ва баёни хусусияти хизматрасониҳои бозори суғуртавӣ ҳамчун механизми ҳимояи аҳолии кишвар муайян мегардад ва пешниҳодҳо доир ба ин самт тавсия карда шудааст.

**Калидвожаҳо:** суғурта, ҳифзи иҷтимоӣ, бозори суғурта, суғуртаи таббӣ, суғуртаи воситаҳои нақлиёт, суғуртаи ҳаёт, суғуртаи амвол.

## НАУЧНО-МЕТОДИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ОРГАНИЗАЦИИ СТРАХОВЫЕ УСЛУГИ

В данной статье собрана история происхождения, понятия и сущности страхования, мнение ученых об организации страховых услуг, классификация страховых услуг по критериям. Страховые услуги являются широкими и многогранными в рыночных условиях, что свидетельствует о тенденциях развития в последние годы. Таким образом, автор определяет важность темы в определении теоретико-экспериментальных аспектов, анализе и разъяснении характера услуг страхового рынка как механизма защиты населения страны, и предложения по этому направлению рекомендованы.

**Ключевые слова:** страхование, социальное обеспечение, страховой рынок, медицинское страхование, страхование транспортных средств, страхование жизни, страхование имущества.

## SCIENTIFIC AND METHODOLOGICAL BASIS OF ORGANIZATION INSURANCE SERVICES

This article presents, the history of origin, concept and essence of insurance, opinions of scientists on the organization of insurance services, classification of insurance services according to standards are collected. Insurance services in the market conditions are wide and diverse and show the trend of development in recent years. Thus, the author determines the importance of the topic in determining the theoretical and experimental aspects, analysis and description of the nature of the services of the insurance market as a mechanism for the protection of the country's population, and recommendations in this direction are recommended.

**Key words:** insurances, social security, insurance market, health insurance, vehicle insurance, life insurance, property insurance.

**Маълумот дар бораи муаллифон:**

**Турсунов Илҳомҷон Холмирзоевич** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**,** номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи фаъолияти гумрукии**. Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. **Тел:** (+992) 918-69-96-70. **Почтаи электронӣ** i_tursunov1988.8@mail.ru.

**Давлатмуродов Шоҳмурод Мирзомуродович** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи фаъолияти гумрукии. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. **Тел:** (+992) 918-16-13-55**. Почтаи электронӣ** shohmurod_1987@mail.ru

**Сведения об авторах:**

**Турсунов Илхомджон Холмирзоеввич** - Таджикский национальный университет кандидат экономических наук, старший преподаватель кафедры таможенной деятельности. **Тел:** (+992) 918-69-96-70. Электронная почта: i_tursunov1988.8@mail.ru.

**Давлатмуродов Шохмурод Мирзомуродович** - Таджикский национальный университет кандидат экономических наук, доцент кафедры таможенной деятельности. **Тел:** (+992) 918-16-13-55**.** **Электронная почта:** shohmurod_1987@mail.ru

**Information about authors:**

**Tursunov Ilhomjon Holmirzoevich**- National University of Tajikistan candidate of economic sciences, senior lecturer of the department of customs activities **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17. **Phone:** (+992) 918-69-96-70**.** **E-mail:** i_tursunov1988.8@mail.ru.

**Davlatmuradov Shohmurod Mirzomurodovich** - National University of Tajikistan candidate of economic sciences, associate professor of the department of customs activities, **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17. **Phone**: (+992) 918-16-13-55. **E-mail:** shohmurod_1987@mail.ru

# РЫНОК ТРУДА В ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКЕ И ЕГО ОСОБЕННОСТИ

*Азимова М. Т.– к.э.н., доцент, кафедры международной экономики ТУТ*

Современный мир характеризуется расширением сетевых возможностей, ускоренным развитием Интернета, что неизбежно привило к стремительному возникновению развития цифровой экономики. По данным аналитической компании Global Statshot, на конец апреля 2022 года во всем мире выявлено более 5 млрд. интернет-пользователей и около 63% населения Земли являются активными пользователями Интернета[4].

Эти трансформации стали ключевыми характеристиками современного рынка труда, в итоге распространенными стали такие нетрадиционные формы трудовых отношений, как временная работа, удаленная работа, цифровое предпринимательство, аутсорсинги и франчайзинг.

Следовательно, актуальность статьи обусловлена тем, что распространение цифровых технологий практически в каждом бизнесе и на каждом рабочем месте меняет мир труда, с одной стороны рынок труда требует новых инструментов регулирования, преимущественно цифровых, а с другой стороны соответствующих правовых форм трудовых отношений.

Исследование, проведенное Международной организации труда в рамках «Перспективы занятости и социальной защиты в мире: Роль платформ цифрового труда в трансформации сферы труда, 2021» определили что, на онлайн-платформах на основе веб-технологий наблюдался рост спроса и предложения труда[3]. Сопоставляя полученные данные рисунка 1. можно отметить, что все эти явление стимулирует спрос на новые компетенции, корректировки требований к квалификации кадров, развивает дистанционные и цифровые способы обучения.




**Рис.1. Глобальный спрос и предложение труда на крупнейших онлайн-платформах на основе веб-технологий** [4].

С точки зрения общепринятого понятия  цифровой работник, или цифровой персонал, на данный момент, нет единого мнения. Большинство компаний рассматривают цифровой персонал, как «программного работника, способного выполнять конкретные задачи» [1].  Глобальная компания, разрабатывающая программное обеспечение на основе искусственного интеллекта «Automation Anywhere» рассматривает цифрового работника как “…настраиваемое программное обеспечение, подготовленное к выполнению задач, которые вы определяете и контролируете…” [1].

Цифровой работник или цифровой персонал значительную часть работников составляют мужчины и молодежь. Что, касается  уровня квалификации цифровых работников  он неоднороден, хотя среди них больше тех, кто обладает высокой квалификацией. В целом цифровизация проникла практически во все основные отрасли экономики и изменила структуру рынка труда. В этом контексте цифровизация поставила перед рынком  труда новые задачи. Во-первых, трудовые отношения становятся все более размытыми. Это создает серьезные проблемы для системы социальной защиты, основанной на формальных трудовых отношениях. Во-вторых, возникли проблемы с квалификационным составом работников. Рынки труда требуют более совершенных цифровых навыков, но при этом наблюдается нехватка работников, обладающих цифровыми навыками, и высокая распространенность несоответствия эти  навыкам.

В-третьих, под угрозой оказывается качество рабочих мест. Хотя гибкость широко приветствуется работниками цифровых технологий, она может быть связана с большим количеством нестабильной и неоплачиваемой работы. Кроме того, недостатком новой гибкости является социальная и профессиональная изоляция и дисбаланс между работой и личной жизнью. Несмотря на то, что цифровая занятость может повысить уровень экономической интеграции, существуют свидетельства явных или неявных форм дискриминации по признаку места жительства, этнической

принадлежности, религии и пола. Кроме того, цифровизация потенциально создает беспрецедентное расширение сферы наблюдения за работой в связи с экспоненциальным ростом использования смартфонов и технологий слежения.

Различные социальные группы по-разному ощущают на себе влияние цифрового общества. Результаты цифровизации в сфере занятости цифровизации у мужчин и женщин существенно различаются. По сравнению с мужчинами, женщины сталкиваются с большими трудностями при переходе от одной профессии к другой. Как правило, они менее представлены в секторах, требующих высокой квалификации в области цифровых технологий и разрушительных технических навыков.

Поскольку цифровизация может предложить различные пути экономического развития и снижения уровня бедности, можно надеяться, что рост цифровизации может расширить возможности трудоустройства Возможности трудоустройства для молодежи, беженцев и маргинальных социальных групп и люди с ограниченными возможностями. Однако отсутствие нормативного контроля, недостаточная развитость инфраструктуры, цифровых устройств и доступа в Интернет, а также неадекватность формального образования затрудняют использование этих возможностей.

Таким образом, мы можем с уверенностью сказать, что цифровая экономика в дальнейшем будет играть все более заметную роль в обеспечении устойчивого развития экономики, но необходимо найти решение тех проблем, которые возникли на рынке труда в условиях цифравизации.

Уже сегодня в Республике Таджикистан в развитие цифровой экономики установлены на государственном уровне в программах «Концепции цифровой экономики в Республике Таджикистан» от «30» декабря 2019 года[5], и «Среднесрочной программе развития цифровой экономики в Республике Таджикистан на 2021–2025 годы» от 26 октября 2021 года [6].

В рамках этих программ указаны решения следящих проблем в цифровизации сферы труда, миграции и занятости населения:

- цифровизация вопросов социально-трудового партнерства, связанного с трудовыми договорами;
- цифровизация услуг органов труда и занятости населения (электронная регистрация соискателей, назначение и выплата пособий на период безработицы, предоставление льготных кредитов безработным гражданам для предпринимательской деятельности, выплата стипендий выпускникам краткосрочных курсов по профессиональной подготовке и финансирование выполненных оплачиваемых общественных работ и другие);
- обмен информацией между центральным аппаратом и структурами органов труда и занятости населения;

- создание интерактивной электронной карты занятости населения и безработицы;

- электронный учет трудовой миграции в стране.

**Литература**

1.Б. Митчелл. Цифровые сотрудники и смешанный коллектив предприятия https://www.ibm.com/downloads/cas/

2.Козырев А. Н. Цифровая экономика и цифровизация в исторической ретроспективе // Цифровая экономика. - 2018. - № 1 (1). - С. 5-19.

3.Перспективы занятости и социальной защиты в мире: Роль платформ цифрового труда в трансформации сферы труда, 2021. – Москва: МОТ, 2021.

4. Digitalization and Employmen. International Labour Organization 2022

5. https://policy.asiapacificenergy.org/

6. http://www.adlia.tj/

5.https://datareportal.com/reports/

## РЫНОК ТРУДА В ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКЕ И ЕГО ОСОБЕННОСТИ

Реальностью современной экономики становится формирования и развития цифрровизации, которая меняет все сферы общества. Сфера труда не стала исключением. Цифровизация активно воздействует на рынок труда, организацию труда. В статье рассматриваются направления воздействия цифровой экономики на рынок труда, изменения качественных характеристик спроса и форм занятости.

**Ключевые слова:** цифровая экономика, рынок труда, занятость, направления.

## БОЗОРИ МЕХНАТ ДАР ИКТИСОДИЁТИ РАКАМӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ОН

Воқеияти иқтисоди муосир ташаккул ва рушди рақамисозӣ мебошад, ки тамоми соҳаҳои ҷомеаро тағйир медиҳад. Соҳаи меҳнат низ истисно набуд. Рақамизатсия ба бозори меҳнат ва ташкили меҳнат таъсири фаъол мерасонад. Дар мақола самтҳои таъсири иқтисоди рақамӣ ба бозори меҳнат, тағирот дар хусусиятҳои сифатии талабот ва шаклҳои шуғл баррасӣ карда мешаванд.

**Калидвожаҳо**: иқтисоди рақамӣ, бозори меҳнат, шуғл самт.

## THE LABOR MARKET IN THE DIGITAL ECONOMY AND ITS CHARACTERISTICS

The reality of the modern economy is the formation and development of digitalization, which changes all spheres of society. The labor sphere is no exception. Digitalization actively affects the labor market and labor organization. The article considers the directions of the impact of the digital economy on the labor market, changes in the qualitative characteristics of demand and forms of employment.

**Key words:** digital economy, labor market, employment

**Сведение об авторе:**
**Азимова М.Т.** – Таджикский Технологический университет кандидат экономических наук, доцент кафедры международной экономики. **Адрес:** 734061, Таджикистан, г. Душанбе, Н.Каробоев 63/3.**Тел:** (+992) 909-90-50-62. **Почтаи электронӣ**: madina.azim@mail.ru

**Маълумот дар бораи муаллиф:**
**Азимова М.Т.**– Донишгоҳи технологии Тоҷикистон номзади илмҳои иқтисодӣ дотсенти кафедраи иқтисодиёти байналмилалии. **Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Н.Каробоев 63/3.. **Тел**: (+992) 909-90-50-62. **Электронная почта:** madina.azim@mail.ru
**Information about the author:**
**Azimova M.T.** - Technological University of Tajikistan Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of International Economics, **Address:** 734061, Tajikistan, Dushanbe, N.Karoboev 63/3. Phone: (+992) 909-90-50-62. **E-mail:** madina.azim@mail.ru

# АРЗЁБИИ САМАРАНОКИИ ФАЪОЛИЯТИ ШИРКАТҲОИ СУҒРУТАВӢ

*Раҷабова М. Ҳ. - магистранти соли дуюми ихтисоси иқтисод ва идоракунӣ дар корхонаҳои ДМТ*

Таҷрибаи имрӯзаи кишварҳои ҷаҳон исбот менамояд, ки дар аксари давлатҳо, хусусан дар кишварҳои мутараққӣ, суғуртакунонӣ самти муҳими стратегии иқтисоди миллӣ буда, афзоиши он қисми бештари сармоягузориҳоро таъмин менамояд. Дар баробари ин, буҷетро аз хароҷотҳо барои товони зарар аз ҳодисоти номатлуб озод мекунад. Бояд қайд намуд, ки дар барномаҳои давлатӣ ва нақшаҳои стратегии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба тақсимоти самаранокии воситаҳои молиявӣ аҳамияти ҷиддӣ дода мешавад. Дар доираи он суғуртакунонӣ сарчашмаи зарурӣ ва воситаи самаранок буда, назорат ва нигоҳдории захираҳои молиявиро таъмин менамояд.

Дар таҷрибаи фаъолияти соҳибкории суғуртавӣ суғуртакунонӣ ва муносибати суғуртавӣ дар шароити муносибатҳои иқтисоди бозоргонӣ пурратар татбиқ мегардад. Бо гузариши кишвари мо ба иқтисоди бозоргонӣ раванди тағйироти бозори низоми суғуртавӣ руй дод ва инкишофи бозори суғуртавӣ ба вуҷуд омад. Дар чунин ҳолат бозори суғуртавӣ чун муҳити махсуси иқтисодию иҷтимоӣ ва соҳаи муайяни муносибатҳои пулӣ баромад мекунад. Дар чунин фаъолият мубодила ё хариду фуруши моли махсус - яъне маҳсулоти суғуртавӣ чун хизматрасонӣ ё ҳифзи фаъолияти суғуртавӣ руй медиҳад.

Тадқиқотҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки маҳз дар доираи фаъолияти бозори суғуртавӣ фондҳои суғуртавӣ ба вуҷд омада, самаранок истифода мегардад. Дар натиҷаи тиҷоратисозии муносибатҳои суғуртавӣ вазифаи сармоягузории он зоҳир гардида, татбиқи хусусиятҳои истеъмолии

маҳсулотҳои суғуртавӣ яке аз намудҳои гуногуни маҳсулоти бозори молиявӣ ба ҳисоб рафта, маҳсулоти махсуси сармоягузорӣ мегардад.

Дар доираи ин масъала дар кишвари мо асосҳои институтсионалии рушди фаъолияти суғуртавӣ ва ташаккули бозори он ташаккул ёфта истодаанд. Бояд қайд намуд, ки асосҳои ҳуқуқии фаъолияти соҳибкории суғуртавӣ таъмин гардидаанд. Махсусан дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» ба амалигардонии суғуртавӣ чун яке аз намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ замина гузошт [2]. Аз ин лиҳоз, ширкатҳои суғуртавӣ чун субъектҳои соҳаи соҳибкорӣ ба тиҷорат сармоягузорӣ карда, кӯшиш менамоянд, ки даромади иқтисодӣ ба даст оранд. Ҳамчунин дар афзоиши ММД ва таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ саҳми худро мегузорад.

Ба фаъолияти соҳибкорӣ барои суғуртакунонӣ ташкилотҳои махсуси суғуртакунонӣ машғул мегарданд. Вобаста ба масъалаи таҳқиқшаванда олим Майер Д.И. дар асарҳои илмии худ қайд карда буд, ки суғуртакунонӣ дар асоси шартномаи дутарафа ташаккул меёбад [6]. Ин шартнома барои иштирокчиёни он муфидтар аст, чунки аъзоҳақии вориднамудаи онҳо танҳо ба товони зарар равона карда мешавад. Аз дигар ҷиҳат бақия яъне моликияти умумии иштирокчиён шартномаро ташкил медиҳад, гар чанде, ки дар сурати суғуртакунӣ суғуртакунанда мехоҳад фоидаи бештареро ба даст орад. Дар сурати ба миён наомадани ҳолатҳои фавқуллода дар фаъолияту зиндагии суғурташаванда хароҷотҳои ширкатҳои суғуртавӣ камтар мегардад. Бинобар ин, фоидаи бештар ба манфиати ширкатҳои суғуртавӣ боқи мемонад. Фаъолияти аксари ширкатҳо собит месозанд, ки рушди фаъолияти соҳибкории ташкилотҳои суғуртакунанда бо рушди бозори суғуртавӣ алоқаи зич дорад.

Тибқи тартиботи амалкунанда 20%-и андозаи захираҳои ширкатҳои суғуртавӣ дар суратҳисобҳои бонкии мамлакат бояд ҷойгир карда шаванд, ки ин робитаи муҳим байни ширкатҳои суғуртавӣ ва бонки миллӣ мебошад [1]. Дар ҳолате, ки бозори фондии кишвар рушд наёбад аксари ширкатҳои суғуртакунанда аз воситаҳои бонкии фаъолияти сармоягузории хеш фаъолона истифода мебаранд. То ин, ки ухдадориҳои худро дар назди суғурташавандагон иҷро намоянд.

Тибқи меъёрҳои амалкунанда ширкатҳои суғуртавӣ масъулияти зиёдро бар зимма доранд. Бинобар ин, ба онҳо як қатор талаботҳое мавҷуданд, ки ширкатҳои суғуртавӣ бояд иҷро намоянд. Аз ҷумла:

1. Ҳамаи ширкатҳои суғуртавии фаъолияткунанда тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи додани иҷозатнома ба намудҳои алоҳидаи фаъолият» ҳатман аз тартиботи иҷозатгирӣ дар ниҳодҳои махсуси давлатӣ гузаранд;

2. Аз сабаби оне, ки суғуртакунандагон шахси ҳуқуқӣ мебошанд онҳо бояд дорои сармояи низомномавӣ бошанд, ки дар шароити пайдошавии мушкилиҳо чун кафолат ба суғутрашавандагон хизматрасонӣ карда тавонанд;

3. Тибқи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии амалкунанда андозаи сармояи низомномавии ширкатҳои суғуртавӣ бояд ба сатҳи муайяне мувофиқат кунад;

4. Аз рӯйи шакли фаъолият ташкилотҳои суғуртавӣ танҳо ба фаъолияти суғуртавӣ ҳуқуқ доранд машғул гарданд. Ин қоида метавонад ба ҳифзи манфиатҳои суғуртакунандагон бошад. Дар баробари ин, ташкилотҳои суғуртавӣ ҳуқуқ доранд, ки қоғазҳои қимматноки худро хариду фурӯш намоянд.

Аз таҷрибаи кишварҳо бар меояд, ки барои ташкилотҳои суғуртавии кишварҳои Ғарб ин самти фаъолият қисми муҳими фаъолияти онҳо мебошад. Аммо дар натиҷаи пайдошавии буҳрони молиявӣ ва тағийротҳои ба вуҷудомада дар бозори фондӣ ба вазъи молиявии чунин ширкатҳои суғуртавӣ таъсири манфӣ мерасонад [8].

Даромадҳо ва сарчашмаи асосии ширкатҳои суғуртавӣ аз гузаронидани амалиётҳои суғуртавӣ, фаъолияти сармоягузорӣ, инчунин манбаъҳои дигари даромади иловагӣ мебошад. Барои ташкилотҳои суғуртавӣ гирифтани даромади иловагиро модддаи 8-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ», ки аз соли 2010 амал менамояд бо роҳи азнавсуғуртакунӣ иҷозат додааст [3].

Хусусияти дигари фарққунандаи хизматрасониҳои суғуртавӣ он аст, ки ҳангоми гардиши захираҳои молиявии ширкати суғуртавӣ дар давоми муҳлати муайян аз ӯҳдадориҳои гуногун озоданду барои андухтани даромадҳои иловагии ғайрисуғуртавӣ ба иқтисоди миллӣ сармоягузорӣ карда мешаванд. Инчунин даромад аз амалиёти суғуртавӣ дар базаи ташкилоти суғуртавӣ зимни бастани шартномаҳои суғуртавӣ метавонад ташаккул ёбад.

Яке аз камбудиҳое, ки дар самти фаъолияти ширкатҳои суғуртавӣ ҷой дорад ин дар давраи муосири рушди бозори суғуртавӣ ширкатҳои суғуртавӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ самаранок истифода намебаранд. Чунки, дар он манбаи даромадро намебинанд, бинобар ин аз ҷобаҷогузории активҳо онҳо натиҷаи дилхоҳро ба даст оварда наметавонанд. Аз ин рӯ, онҳо аз маблағҳои муваққатан озод хело кам истифода мебаранд, ки дар натиҷа ҳиссаи захираҳои сармоягузории ширкатҳои суғуртавӣ дар иқтисоди миллӣ ночиз арзёбӣ мегардад. Камбудии дигаре, ки ҷой дорад ин рушд накардани бозори коғазҳои қимматнок мебошад. Бинобар сабаби рушд наёфтани бозори коғазҳои қимматнок, суғуртакунонандагон маблағҳои муваққатан озоди худро ба хариди коғазҳои қимматноки давлатӣ, саҳмияҳои корхонаҳои гуногун ва ғайра намегузоранд. Дар чунин ҳолат норасоии захираҳои сармоягузории ширкатҳои суғуртавӣ дар навбати худ ба камшавии майлу рағбати сармоягузорони эҳтимолӣ, яъне суғуртакунонандагон - шахсони инфиродӣ ва ҳуқуқӣ оварда мерасонад.

Сабабҳои дигари камшавии захираҳои сармоягузорӣ дар низоми суғуртаи миллӣ он аст, ки ҳиссаи мукофотҳои суғуртавӣ аз рӯи намудҳои дарозмуддати суғуртаи ҳаёт, ки имконоти асосии маблағҳои муваққатан

озодро ташкил медиҳанд, ҳатто 1% аз ҳаҷми умумии мукофотҳои суғуртавиро ташкил намедиҳанд [5].

Аз ин ҷо бармеояд, ки сармоягузории маблағҳои муваққатан озоди ширкатҳои суғуртавӣ бояд аз тарафи ниҳодҳои назоратии давлатӣ ба танзим дароварда шаванд. Чунки ширкати суғуртавӣ имконият надорад, ки маълумотро дар бораи ин ё он ширкати суғуртавӣ то кадом андоза самаранок кор мекунад, то кадом андоза аз маблағҳои худ самаранок истифода мебарад, фоидаи гирифтаашро чӣ тавр тақсим мекунад, то кадом андоза ба ин ширкат бовар кардан мумкин аст, санҷаду ва зери назорат қарор диҳад.

Таҷрибаи кишварҳои ҷаҳонӣ шаҳодат аз он медиҳад, ки ширкатҳои суғуртавӣ сармоягузорони калони коллективӣ мебошанд. Масалан, ширкатҳои суғуртакунандаи Ҷопон, ИМА ва Аврупо якҷоя маблағҳои хело калонро идора мекунанд. Дар мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ ва ИМА бошад чунин намуди хизматрасонӣ, мисли суғуртаи ҳаёт, ки ба он 30% аз ҳаҷми умумии сармоягузориҳо рост меояд, бештар рушд ёфтааст [7]. Бинобар ин, дар чунин ҳолатҳо омӯзиши таҷрибаи идоракунии ширкатҳои хориҷӣ муҳим мебошад.

Дар ингуна ҳолат вазифаи асосии ширкатҳои суғуртавӣ ин гузаронидани сиёсати самараноки сармоягузорӣ мебошад. Ин сиёсат бояд нигоҳдорӣ ва афзоишҳои ба ширкатҳои суғуртавӣ боваришударо таъмин намояд.

Ҳамин тавр фаъолияти ширкатҳои суғуртавӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ аз таҳияи стратегияҳои идоракунӣ вобастагӣ дорад. Ширкатҳои суғуртавие, ки дорои иқтидори зиёди хизматрасонӣ доранд дар бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ ба рақобат тоб оварда метавонанд.

## АДАБИЁТ


1. Ашуров Г.Д. Формирование и развитие взаимного страхования в Республике Таджикистан / Г.Д. Ашуров //Вестник Таджикского национального университета. № 3 С.18-27.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи иҷтимоии давлатӣ» //Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2008. - №10. - 821 с.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртакунонӣ» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 2010. №12, ч. 1.
4. Мирсаидов А.Б. Особенности ценообразование страховых услуг. / А.Б. Мирсаидов -Душанбе: Ирфон. 2010. - С. 186.
5. Рахимов З.А. Инвестиционная деятельность банковской системы в условиях рынка. / З.А. Рахимов. - Душанбе: Ирфон, 2002. - 124с.
6. Шамсиев К.Б. Страхование предпринимательских рисков в производственном секторе экономики. К.Б. Шамсиев //Материалы научно практической конференции «Проблемы формирования и развития страхового рынка Таджикистана», Душанбе: Ирфон, 2008. - С. 45-46.

7. Шаропов Н. Проблемы совершенствования системы оказания страховых услуг. / Н. Шаропов. - Душанбе: Ирфон, 2007. - С 142.
8. Шамсуллозода Х. Роҳҳои асосии такмили методҳои ташкили фаъолияти сармоягузорӣ дар ширкатҳои суғуртавӣ (дар асоси маводҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон). Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ. Душанбе 2019.

## АРЗЁБИИ САМАРАНОКИИ ФАЪОЛИЯТИ ШИРКАТҲОИ СУҒУРТАВӢ

Дар мақолаи мазкур оид ба фаъолияти ширкатҳои суғуртавӣ маълумот оварда шудааст. Асоснок карда шудааст, ки рушди фаъолияти ширкатҳои суғуртавӣ аз фаъолияти соҳибкорон ва сармоягузорон вобастагӣ дорад. Оид ба фаъолияти ширкатҳои суғуртавӣ тадқиқот гузаронида шудааст.

**Калидвожаҳо:** соҳибкории суғуртавӣ, сармоягузорӣ, суғуртакунонӣ, фаъолияти соҳибкорӣ.

## ЭФФЕКТИВНАЯ ОЦЕНКА ДЕЯТЕЛЬНОСТИ СТРАХОВЫХ КОМПАНИЙ

В данной статье представлена информация о страховой деятельности. Обосновано, что развитие деятельности страховых компаний зависит от активности предпринимателей и инвесторов. Было проведено исследование о деятельности страховых компаний.

**Ключевые слова:** страховое дело, инвестиции, страхование, предпринимательская деятельность.

## EFFECTIVE ASSESSMENT OF THE ACTIVITIES OF INSURANCE COMPANIES

This article provides information about insurance activities. It is substantiated that the development of the activities of insurance companies depends on the activity of entrepreneurs and investors. A study was conducted on the activities of insurance companies.

***Key words:*** insurance business, investments, insurance, entrepreneurial activity.

**Маълумот дар бораи муаллиф:**

**Раҷабова Матлуба Ҳикматуллоевна** - магистранти соли дуюми ихтисоси иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкорӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. **Тел:** 93 335 27 58.

**Сведения об авторе:**

**Раджабова Матлюба Хикматуллоевна** – магистрант 2-го курса магистратуры по специальности Экономика предприятия и предпринимательство **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17. **Тел:** 93 335 27 58.

**Information about the author**:

**Radjabova Matlyuba Khikmatulloevna** – 2nd year master's student in the specialty Enterprise Economics and Entrepreneurship. Republic of Tajikistan **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17. **Tel**: 93 335 27 58.

# БАЛАНД БАРДОШТАНИ РАҚОБАТПАЗИРИИ МАХСУЛОТИ ВАТАНӢ- ҲАМЧУН ОМИЛИ ТАЪМИНИ БЕХАТАРИИ ИҚТИСОДӢ

*Шарифзода Н.С. -муаллими калон,*
*муовини директор оид ба илм ва равобити байналмилалии*
*Коллеҷи информатика ва техникаи компютерии*
*шаҳри Душанбе*

Рақобатпазирӣ мафҳуми ҳамгироикунанда ба ҳисоб рафта, маҷмуи масоили муҳиме, ки бо ташаккули асосҳои бунёдии шароити некуаҳволӣ ва сатҳи зиндагии мардум вобаста аст, фаро мегирад. Масоили «рақобатпазирӣ» ҳамчун омили «таъмини бехатарии иқтисодӣ» махсусан рӯзмара ва фарогири доираи масъалагузорӣ дар панелҳои сатҳи олӣ ва объекти таҳқиқотбарии коршиносону олимони соҳавӣ дар марҳилаҳои шакливазкунӣ ва бозсозиҳои сохторӣ ва тағйирёбии тамоюли рақобатпазирии байналмиллалӣ басо аҳамияти калидӣ пайдо мекунад. Чунин тамоюл водор мекунад, ки сабабҳои асосии ақибмонӣ, мушкилоти ҷойдошта, хусусиятҳои асосӣ ва қонуниятҳои ташаккули низоми баланд бардоштани сифат ва рақобатпазирии маҳсулот ва хизматҳоро дар ҳошияи таъмини бехатарии иқтисодӣ мавриди таҳлил ва таҳқиқ қарор гиранд. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзмара будани таҳқиқоти мазкур пеш аз ҳама бо ташаккул додани заминаҳои илмӣ ва коркарди тавсеаҳои амалӣ дар самти таъмини асосҳои рақобатпазирӣ дар хамаи сатҳ ва зинаҳои иқтисоди миллӣ ва натиҷагирии он ки дар таҳқиқотҳои ба анҷом расонидашудаи ташкилоту созмонҳои байналмиллалӣ ва ҳисоботҳои солона оид раддабандии рақобатпазирии ҷаҳонӣ манзур мегардад, асоснок карда мешаванд. Рағбат ба ин муаммо ҳамчунин бо сабаби пурзӯр гардидани таваҷҷӯҳ доир ба масоили коркарди роҳҳои алтернативии баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти миллии кишвар, ки дар доираи барномаҳои стратегии миёнамуҳдату дарозмуддати тараққиёти мамлакат вазифагузорӣ карда шудааст, вобаста низ мебошад [1].

Дар сарчашмаҳои гуногун ***рақобатпазирӣ*** бо тариқи гуногун арзёбӣ мегардад. Аз ҷумла, Ташкилоти ҳамкории иқтисодӣ ва тараққиёт (ОЭСР) рақобатпазирии миллиро ҳамчун «дастгирии нерӯи ширкатҳо, корхонаҳо, минтақаҳо, мамлакатҳо ва минтақаҳои байнидавлатҳо, ки имкони нигаҳдорӣ ва таъмини сатҳи баланди рақобатпазириро дар сатҳи байналмиллалӣ соҳибанд, дар назар дошта мешавад. Гурӯҳи мушовирони ширкати консалтангии «Ciampi Group» ҳамчунин рақобатпазирии миллиро мавриди таҳқиқ қарор доданд. Дар маърӯзаи нахустини худ, ки ба раиси Комиссияи Аврупоӣ, роҳбарони давлатҳо ва сарвазирони кишварҳои Иттифоқи Аврупо нигаронида шуда, қайд

гардида буд, ки «рақобатпазирӣ ҳамаи унсурҳои ҳосилнокӣ, самаранокӣ ва даромаднокиро фаро мегирад. Аммо ин унсурҳо худ аз худ тамомнашаванда набуда, мақсади ниҳоиро муаяйн сохта наметавонанд [2].

Ба андешаи як қатор олимони рус хусусияти фарққунандаи рақобатпазирии иқтисоди миллӣ- ин суръати рушди иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Масалан, олим Рубин Ю.Б. чунин мешуморад, ки рақобатпазирии миллӣ заминаи болоравии сатҳи некуаҳволии мардум ба ҳисоб меравад. Сатҳи некуаҳволии мардум мумкин аст тавассути андозаи ММД ба ҳар сари аҳолӣ андозагирӣ намуд. Мувофиқи таърифи пешниҳодшудаи Рубин Ю.Б. рақобатпазирии миллӣ- ин «маҷмуи нерӯ, ки барои амалисозии амалҳои рақобатнокӣ равона гардидааст» донист [3].

Ба андешаи профессор Ҳакимов А.Ҳ. рақобатпазирӣ – қобилияти рақобаткунӣ (рақобатбардорӣ) дар бозори молу хизматрасонӣ буда, дар пояи худ ду унсури асосӣ - нарх ва сифатро пешкаш мекунад. Профессор Ҳакимов А.Ҳ. пеш аз ҳама рақобатпазирии мамлакатро аз рақобатпазирии мол ибтидо гирифтан арзёбӣ намуда, қайд мекунанд, ки ҳоло рақобат аз доираи маҳдуди соҳавию минтақавӣ баромада, тарзи байналмилалиро ба худ гирифтааст, яъне рақобат дар шароити шиддатёбии ҷараёни ҳамгироии иқтисодӣ маҳдудиятҳои марзии давраи пешинаро бартараф намуда, ба ҳодисаи ошкорою ҳамаҷоя мубаддал гашта истодааст [7].

Дар доираи таҳқиқоти рисолаи худ Улмасов Ф.Ҳ. рақобатпазириро ҳамчун комплекси сохторӣ, ки дар тамоми сатҳҳои иқтисодиёти миллӣ: микро (сатҳи корхона), мезо (соҳаҳо ва минтақаҳо) ва макро (иқтисодиёт дар маҷмуъ) маънидод мекунад [4].

Дар доираи таҳқиқот ба таври умумӣ омилҳои зеринро метавон ҳамчун шарти асосии амалисозии сиёсати рақобатпазирии иқтисодиёти миллии кишвар арзёбӣ намуд:

***Иқтидори захиравию табиӣ.*** Захираҳои табии Ҷумҳурии Тоҷикистон- ин базаи асосии истеҳсолоти миллӣ арзёбӣ гардида, дар заминаи он иқтисоди кишвар тараққӣ мекунад. Дар шароити муосир нақши омили захиравию табиӣ дар самти таъмини рушди иҷтимоиву иқтисодии кишвар мавқеи волоро касб намудааст. Маҳз ин омил ба сифати қувваи ҳаракатдиҳандае, ки дигаргунсозиҳои сохториро дар масири ташаккули соҳаҳои махсусгардонидашудаи истеҳсолот ва таъмини рушди иқтисодиёт ба амал меовард, дониста мешавад. Вобаста ба ин коркарди захираҳои табиӣ ва иқтишофи конҳои нави канданиҳои фоиданок, маҳз омили асосии амалисозии сиёсати рақобатпазирии иқтисодиёт гашта метавонад.

***Иқтидори биоиқлимӣ.*** Тоҷикистон дар муносибати иқлимӣ дорои шароити махсус ва такрорнашавандаи ба ҳисоб меравад. Шароити иқлимӣ ҳамчун захираи табиӣ омили муҳими тараққиёти тамоми иқтисодиёт, ҳамчунин соҳаи хоҷагии қишлоқ баромад мекунад. Тавсифи хусусиятҳои иқлимии ҷумҳуриро ба ҷо оварда метавон қайд намуд, ки

қисми асосии ҳудуди кишвар ба минтақаҳои хушк ва хушки субтропикӣ рост меоянд. Қаламрави ҷумҳурӣ бо сатҳи баланди обтаъминкунӣ баҳогузорӣ карда шуда, мушкилоти норасоии обёрии соҳаҳоро ҳис намекунад. Шароити иқлимии гарм ва қоқ, заминҳои ҳосилхез, барзиёдии об ҷиҳати обёрикунонӣ имконият медиҳанд, ки пахта ҳамчун маҳсулоти стратегии кишвар, аз ҷумла навъи олии маҳинах, найшакар, маҳсулоти гандумӣ, маҳсулоти ситрусиву полезӣ бо назардошти 2-3 маротиба ҳосилхезӣ аз масоҳати заминҳои кишт гирифт [5, с.76].

***Захираҳои сӯзишворию энергетикӣ.*** Тоҷикистон дорои захираҳои нодири гидроэнергетикӣ ба ҳисоб рафта, ба ҳиссаи он наздики 4%- аз ҷиҳати иқтисоди босамари иқтидори гидроэнергетикии кураи Замин рост меояд. Аз руи захираҳои умумии гидроэнергетикӣ, Тоҷикистон мавқеи 8-ро дар ҷаҳон ва аз рӯи нишондиҳандаҳои қиёсии гидроэнергетикӣ ба ҳар сари аҳолӣ (87,8 ҳаз. кВт/соат дар як сол/одам) ҷойи дуввум, аз рӯйи иқтидори захиравии гидроэнергия ба ҳар як километри квадратии ҳудуди кишвар (3682,7 ҳаз.кВт/соат дар як сол/км$^2$) ҷойи якум ва аз рӯйи иқтидори содиротӣ ҷойи саввумро ишғол мекунад. Бахши энергетикаи ҷумҳурӣ имкониятҳои фарохи тараққиётро дорад. Вобаста ба ин ҷиҳати тараққӣ ва тақвияти иқтидори содиротии он зарур аст, ки чорабиниҳои ба нақшагирифташударо доир ба барқарорсозӣ, модернизатсиякунонӣ, сохтмону таҷдиди иншоотҳои таъиноти зерсохтори энергетикӣ дошта, аз ҳисоби сарчашмаҳои дохилӣ ва берунии сармоягузорӣ амалӣ гардонида шаванд.

***Иқтидори илмиву техникӣ.*** Дар марҳалаҳои амалнамудани ИҶШС рушди соҳаи илм ва техника дар Тоҷикистон дар сатҳи баланд қарор дошт. Базаи моддиву техникӣ аз рӯи самтҳои мухталиф ҷиҳати иҷрои КИТТК ва татбиқи дастовардҳои илмӣ замина гузошта шуда буд. Баъд аз ба дастовардани соҳибистиқлолии давлатӣ чораҳои муассир ҷиҳати нигаҳдорӣ ва дастгирии нерӯи илмӣ ва ташаккули соҳаи илмиву таҳқиқотҳои бунёдӣ татбиқ гардиданд. Аз ҷониби Ҳукумати кишвар як қатор қонунҳо ва қарорҳо, ки сиёсати миллиро дар соҳаи илм ва техника муайян намуда, ба ин васила ба инкишофи соҳаҳои мухталифи дастгирии илм нигаронида шуда буданд қабул ва мавриди амалӣ қарор дода шуданд [6. с.75-76].

***Бахши телекоммуникатсионӣ***. Дар кишвар айни замон 6 оператори асосии алоқа ва зиёда аз 20 интернет-провайдер фаъолият мебаранд, ки бо истифода аз стандарти GSM ва CDMA хизмат мерасонанд. Зиёда аз 93%-и нуқтаҳои аҳолинишини кишвар ба алоқаи мобилӣ дастрасӣ доранд. Мавҷудияти якчанд оператор дар бозор рақобатнокии назаррасро таъмин намуд ва барои босуръат ҷорӣ намудани технологияҳои муосир дар бозор мусоидат кард. Тамоюли афзоиши муштариён аз пешрафт дар ин бахш шаҳодат медиҳад, ки дар санаи якуми январи соли 2023 шумораи истифодабарандагони шабакаи Интернет ба 3,8 млн., шумораи муштариёни алоқаи мобилӣ зиёда аз 6,5 млн. нафарро ташкил дод, ки аз ин шумора 6,4 млн. нафарашон фаъол ҳисобида мешаванд [8].

Ошкор намудани бартариатҳои махсусгардонии соҳавӣ ва шароитҳо, ки имкони истифодаи пурраи иқтидорҳои мавҷуда асос меёбад, вазифаи стратегӣ дар самти амалисозии сиёсати рақобатпазирӣ ба ҳисоб меравад. Ин аст, ки дар доираи таҳқиқот муаяйн карда шудааст, ки бартариатҳои соҳавии ҷумҳурӣ боназардошти ба содиротнигаронида бояд истеҳсоли қувваи барқ, маҳсулоти саноати сабук ва хӯрокворӣ, маҳсулоти металургияи ранга, маҳсулоти саноати кимиё ва иктишофи кӯҳӣ ташкил диҳанд. Аз ин рӯ, майлони асосии таҳқиқот ба нерӯи содиротии соҳаҳои дар боло зикргардида, ки заминаи таъмини рақобатпазирии иқтисоди миллӣ дониста мешаванд.

Тақвиятбахшии рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ дар бозорҳои ҷаҳонӣ бояд аз муаяйнкунии бартариатҳои соҳавӣ ва гардиши савдои хориҷии дорои нетто содирот, яъне соҳаҳои саноат, ки бартариатҳои қиёсиро дар таъминот бо захираҳои табиӣ ва меҳнатӣ ба маҳсулоте, ки дар онҳо талаботи устувор дар бозорҳои ҷаҳонӣ, аз ҷумла дар кишварҳои ҳамсуд иборат аст, таҳия гардад.

Таҳқиқи нерӯи иқтидори иқтисодӣ-истеҳсолии Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор мушкилоти соҳавиро, ки миёни онҳо метавон муҳимтаринашон сатҳи баланди хӯрдавшавии фондҳои асосӣ ва сатҳи пасти таъминоти иқтидорҳои истеҳсолӣ ба ҳисоб мераванд, арзёбӣ карда мешавад.

Дар назар дошта мешавад, ки ҷиҳати баратараф кардани мушкилотҳои дар боло зикргардида, амалисозии сиёсати саноатикунонии босуръати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаҳои иқтисоди миллӣ, ки пеш аз ҳама баҳри сохта ба истифода додан, таҷдиду аз навкунӣ ва истеҳсоли махсулоти ба рақобати бозори муосир тобовар ва ислоҳоту бозсозии сохторӣ равона гардидааст, бамаврид ва саривақтӣ шуморид. Дар робита ба ин, дар доираи тадқиқоти мазкур зурур мешуморем, ки тадбирандешии масъалаҳои зерин дар самти расидан ба таъмини рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ ба мақсад мувофиқ хоҳад буд:

1. Тақвиятбахшӣ ва истифодаи ҳадди аксари иқтидорҳои ба кор андохташуда. Стретигияи мазкур аз таъмини пурраи иқтидорҳои истеҳсолии мавҷуда нисбатан сермасрафтар арзёбӣ меравад. Истеҳсолоти нисбатан пештар истифодашуда ба ҳисоби миёна ба андозаи 25-30% аз истифода мегардаду халос. Сабабҳои асосии итифода нагардидани иқтидорҳои мавҷудаи қисми зиёди корхонаҳо- ин маҳдудияти воситаҳои молиявӣ барои харидории ашёи хом, рақобатпазирии пасти махсулоти истеҳсолгардида ва ғ. иборат аст. бо вуҷуди ин, мувофиқи мақсад нест ки иқтидорҳои қаблии сохта ба истифода шударо дар соҳаҳои саноати сабук ва хӯрокворӣ аз эътибор соқит созанд. Ба андешаи мо, дар сатҳи давлатӣ бояд нақшаи барқарорсозии иқтидорҳои корхонаҳое, ки дорои иқтидори истеҳсолианду талабот ба маҳсулоти онҳо дар бозорҳои дохилӣ ва берунӣ мавҷуд аст ҷорӣ карда шавад.

2. Интихоби сохтмони фондҳои нави истеҳсолӣ. Стратегияи мазкур сафарбаркунии маблағгузории нисбатан калонро ҷиҳати сохтмони корхонаҳои нав дар назар дорад. Ингуна иншоотҳо метавонанд: сохта ба истифодадиҳии як қатор НБО, сохтмони заводи коркарди кимиёвӣ дар базаи кони бузурги кӯҳбоди Акархарск, сохта ба истифода додани сеххои дӯзандагӣ, молҳои истифодаи рӯзғор, маҳсулоти маишии кимиёвӣ, маснуоти заргарӣ аз сангҳои қимматбаҳои маҳаллӣ.

3. Дар замони муосир нақши илм, инноватсияҳо ва технологияи навин омилҳои ҳалкунандаи рушди иҷтимоиву иқтисодии дилхоҳ мамлакат ба ҳисоб мераванд. Бо ёрии ин унсурҳо афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот, молу хизматрасонӣ сурат мегирад. Аз ин рӯ, тақвияти фаъолнокии инноватсионии корхонаҳои Тоҷикистон аз зумраи он омилҳое ба ҳсиоб меравад, ки ҳаракати маҳсулоти истеҳсоли ватаниро дар бозорҳои берунӣ таъмин хоҳад кард.

4. Диққати махсус бояд ба ҷанбаи молиявӣ боназардошти мувофиқасозии ҳамаи чорабиниҳои дар механизми тақвиятбахшии нерӯи рақобтапазирии маҳсулоти ватанӣ равона гардад. Барои тараққиёти саноати ҷумҳурӣ ҳамаи сарчашмаҳои дохиливу берунии маблағгузорӣ аҳамияти беназир доранд.

Дар маҷмӯъ, тавассавути истифодаи босамари маблағгузории тавассути сарчашмаҳои беруна ҷалбгардида, имконияти таъмини рушди иқтисодиёт ва мутобиқан таъмини рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ дар бозорҳои миллӣ замина омода месозад. Тасдиқи гуфтаҳои болоӣ зарурати риояи як қатор шартҳо, ки дар рафти ҷалби онҳо маблағҳо ба модернизатсия ва васеъкунии истеҳсолоти ватанӣ ва ҳамчунин сохтмони иншоотҳои нави саноатӣ, ки қобилияти истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазириро дар бозорҳои дохилӣ ва берунӣ таъмин хоҳад кард. Агар маблағҳо афзалиятан ба мақсадҳои истеъмолотӣ масраф гарданд, пас метавонанд ҳолатҳои душворгардидани хизматрасониҳои қарзи давлатӣ ва афзоши он ба миён оянд.

**Адабиёт**

1. Барномаи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Саҳ.12-14.

2. Стандарт управления портфелями» / Институт проектного менеджмента PMI, 2008 «APM Solutions Research Report» // www.pmsolution.com

3. Рубин, Ю. Б. Конкуренция: упорядоченное взаимодействие в профессиональном бизнесе. Маркет ДС, 2010.

4. Улмасов Ф.М. Таджикистан: экономика и международная конкурентоспособность // Вестник университета. Развитие отраслевого и регионального управления. М.: ГУУ, № 14(24) 2008,

5. Умаров Х.У., Мухаббатов Х.М. Биоклиматический потенциал Таджикистана: проблемы устойчивости и эффективности в его использовании // Экономика Таджикистана: стратегия развития. - 2005. - №3. - С. 76.

6. Файзуллоев М.К. Институциональные проблемы формирования инновационной сферы национальной экономики // Таджикистана и современный мир. - Душанбе, 2011. - № 3(28). - С .75-76.
7. Ҳакимов А.Ҳ. Иқтисоди миллӣ: асосҳои бехатарӣ ва рақобатпазирӣ. Воситаи таълим барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ. - Душанбе: «Ирфон», 2007. – 488 саҳ. https://asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/economic/20230227

## БАЛАНД БАРДОШТАНИ РАҚОБАТПАЗИРИИ МАХСУЛОТИ ВАТАНӢ- ҲАМЧУН ОМИЛИ ТАЪМИНИ БЕХАТАРИИ ИҚТИСОДӢ

Дар мақола ҷанбаҳои назариявӣ-амалии баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Дар натиҷаи таҳқиқот вазъи соҳаҳои саноти кишвар таҳлил карда шуда, омилҳои асосии таъсиррасон ва самтҳои минбаъдаи баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ асоснок карда шудааст.

**Калидвожаҳо:** рақобатпазирӣ, маҳсулот, бехатарии иқтисодӣ, истеҳсолот, стратегия, иқтидори илмиву техникӣ, захираҳои табиӣ.

## ПОВЫШЕНИЕ КОНКУРЕНТОСПОСОБНОСТИ ОТЕЧЕСТВЕННОЙ ПРОДУКЦИИ – КАК ФАКТОР ОБЕСПЕЧЕНИЯ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТИ

В статье анализируются теоретические и практические аспекты повышения конкурентоспособности отечественной продукции. В результате исследования было проанализировано состояние отраслей промышленности страны, обоснованы основные факторы влияния и дальнейшие направления повышения конкурентоспособности отечественной продукции.

**Ключевые слова:** конкурентоспособность, продукция, экономическая безопасность, производства, стратегия, научно-технический потенциал, природный ресурс.

## INCREASING THE COMPETITIVENESS OF DOMESTIC PRODUCTS - AS A FACTOR OF ENSURING ECONOMIC SECURITY

The article analyzes the theoretical and practical aspects of increasing the competitiveness of domestic products. As a result of the study, the state of the country's industrial sectors was analyzed, the main factors of influence and further directions for increasing the competitiveness of domestic products were substantiated.

**Key words:** competitiveness, products, economic security, production, strategy, scientific and technical capacity, natural resources

**Маълумот дар бораи муаллиф:**

**Шарифзода Намозалӣ Субҳиддин** – Коллеҷи информатика ва техникаи компютерии шаҳри Душанбе муовини директор оид ба илм ва равобити байналмилалӣ. **Тел:** 556000045 **Почтаи электронӣ:** namzali87@mail.ru.

**Сведены об авторе:**

**Шарифзода Намозали Субхиддин –** заместитель директора по науке и международным связям Душанбинского колледжа информатики и компьютерных технологий**. Электронная почта:** namzali87@mail.ru**. Тел:** 556000045

**Information about the author**:

**Sharifzoda Namozali Subhiddin** – deputy director for science and international relations of the Dushanbe College of Informatics and Computer Technology. **Email**: namzali87@mail.ru. **Phone:** 556000045

# МАСЪАЛАҲОИ МУКАММАЛГАРДОНИИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНИБУҶЕТӢ ДАР ШАРОИТИ ГУЗАРИШ БА ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ

*Давлатмуродов Ш.М., – н.и.и., дотсенти кафедраи фаъолияти гумрукии ДМТ*

*Турсунов И.Х. – н.и.и., м/к-и кафедраи фаъолияти гумрукии ДМТ*

*Асозода М.М. – магистранти кафедраи фаъолияти гумрукии ДМТ*

Дар тамоми ҷаҳон дар тӯли ҳазорсолаҳо қонуни марказонидани молия амал мекунад. Омӯзиши рушди молияи минтақаҳо ва масъалаи муносибати молияи умумидавлатӣ ва минтақавӣ дар бораи мавҷудияти чунин қонуниятҳо шаҳодат медиҳад:

1.Баланд шудани сатҳи ҷамъкунии захираҳои молиявӣ дар буҷети маркази давлат вазъи молияи маҳаллиро бадтар менамояд.

2.Кам шудани ҳиссаи молияи маҳаллӣ боиси бадтар гардидани вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар минтақа мегардад.

3.Паст шудани сатҳи рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақаҳо ниҳоят ба бадтар шудани ин нишондиҳандаҳо дар мамлакат оварда мерасонад.

Таҳлили ин қонуниятҳо имкон медиҳад, ки нисбати ин масалаҳо чунин хулоса барорем: сатҳи ҷамъкунии маблағҳо ба буҷети марказӣ (давлатӣ) чи қадаре баланд бошад, сатҳи рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии давлат ҳамон қадар паст мешавад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки маблағҳои дар буҷети марказӣ ҷамъовардашуда асосан барои таъмини хароҷоти ғайриистеҳсолӣ, чун маблағгузории дастгоҳи идоракунӣ, мақомоти қудратӣ ва ғайра, равона карда шуда, барои таъмини эҳтиёҷоти аҳолӣ камтар истифода мешавад. Гаронии хароҷот барои маблағгузории зерсохторҳои иҷтимоӣ-маишӣ (хоҷагии манзилӣ-коммуналӣ, тандурустӣ, маориф, фарҳанг ва ғайра), ки барои қисми бештари аҳолӣ нигаронида шудааст, ба уҳдаи буҷетҳои маҳаллӣ (буҷети минтақаҳо, шаҳрҳо, ҷамоатҳо) вогузор шудааст.

Ҳолати мазкур зарурати ҷамъоварӣ ва тақсимоти одилонаи маблағҳоро байни буҷетҳои ҳамаи сатҳҳои низоми буҷетии мамлакат

тақозо менамояд. Механизми иҷрои ин вазифа муносибатҳои байнибуҷетӣ ва ё баробаркунии буҷетӣ мебошад.

Мақсади ниҳоии муносибатҳои байнибуҷетӣ дар таъмини кафолатноки ҳадди ақали стандартҳои иҷтимоии давлатӣ ва сатҳи муносиби зиндагӣ ба ҳар як фард ва шаҳрванд мебошад.

Бисёриҳо мафҳуми муносибатҳои байнибуҷетиро бо маънои мустақим ҳамчун муносибати буҷетҳо мефаҳманд, аммо дар асл ин мафҳум мазмуни хеле амиқ ва васеъ дорад. Мафҳуми муносибатҳои байнибуҷетӣ дар моддаи 23-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» чунин муайян карда шудааст: «Муносибатҳои байни мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, мақомоти идоракунии фондҳои мақсадноки давлатӣ муносибатҳои байнибуҷетӣ мебошанд».

Вазифаҳои асосии муносибатҳои байнибуҷетӣ инҳоанд:

-бартараф намудани номувофиқатӣ байни ҳаҷми хароҷоти буҷетҳои маҳаллӣ ва ҳаҷми даромадҳои ба ин буҷетҳо вобасташуда;

-боздоштан ва кам намудани сатҳи тафриқаи минтақаҳо аз рӯи сатҳи рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ бо мақсади таъмини рушди баробари иқтисодии онҳо, ки ба шиддати баланди низои иҷтимоии байниминтақавӣ роҳ намедиҳад;

-ҳавасмандкунии «пурзуркунии андозии» минтақаҳо (водор намудани мақомоти маҳаллии ҳокимият барои сафарбаркунии даромадҳои буҷетии иловагӣ дар асоси истифодаи пурра ва рушди иқтидори даромадҳои худии минтақаҳо);

-ба татбиқи ҳадафҳои афзалиятноки умумидавлатӣ нигаронидани сиёсати буҷетии мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ;

-бартараф кардани камбудиҳои системаи андози мамлакат.

Чи тавре дар моддаи 23-юми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» омадааст, асоси муносибатҳои байнибуҷетиро якчанд принсипҳо ташкил медиҳанд.

**Расми 1.**

**Принсиҳои ташкили муносибатҳои байнибуҷетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**




Муносибатҳои байнибуҷетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаклҳои зерин татбиқ карда мешавад:

1. Кумаки молиявии беподош (дотатсия) - маблағҳои буҷетие, ки ба буҷети сатҳи дигари низоми буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пӯшонидани хароҷоти ҷорӣ беподошу бебозгашт ҷудо карда мешаванд. Чунин кӯмаки молиявӣ барои баробар намудани сатҳи ҳадди ақали таъминоти буҷетии мақомоти маҳалли ҳокимияти давлатӣ, маблағгузории ҳадди ақали стандартҳои иҷтимоии давлатӣ, масъулият барои маблағгузорие, ки ба уҳдаи мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ вобаста карда шудааст, истифода бурда мешавад.

2. Мусоидати молиявӣ (субвенсия) - маблағҳои буҷетие, ки ба буҷети сатҳи дигари низоми буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё шахси ҳуқуқӣ барои анҷом додани хароҷоти муайян беподошу бебозгашт ҷудо карда мешаванд. Мақсади асосии мусоидати молиявӣ маблағгузории хароҷоти алоҳидаи мақсаднок ба шумор меравад.

3. Кумаки молиявӣ (субсидия) - маблағҳои буҷетие, ки ба буҷети сатҳи дигари низоми буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо шарти маблағгузории ҳиссавии хароҷоти мақсаднок дода мешаванд.

4. Қарзи буҷетӣ - маблағе, ки ба буҷети сатҳи дигари низоми буҷети давлатӣ ё шахсони воқеӣ ба мӯҳлати муайян ва ба тариқи бозгашт дода мешавад.

5. Воситаи асосии баробаркунии байнибуҷетӣ интиқоли маблағҳои (трансфертҳои) байнибуҷетӣ ба шумор меравад. Интиқоли маблағ (трансфертҳо) - маблағҳои буҷетии барои маблағгузории пардохтҳои ҷорию асосии аҳолӣ дар шакли нафақа, стипендия, ёрдампулӣ, ҷубронпулӣ ва дигар пардохтҳои иҷтимоии муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳиссаи пардохт барои иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташкилотҳои байналмилалӣ, инчунин маблағҷудокунӣ барои пардохти хароҷоти корхонаҳо, муассисаҳои хусусии ғайритиҷоратии ба аҳолӣ ва мақомоти идоракунии давлатӣ хизматрасонанда, ки аз рӯи маблағҳои мазкур ҳеҷ гуна

Танзими давлатии муносибатҳои байнибуҷетӣ дар соҳаи баробаркунии сатҳи таъминоти буҷетии ҳокимияти маҳаллӣ дар интиқоли даромад ва хароҷот аз як сатҳи низоми буҷетӣ ба сатҳи дигари он зоҳир гардида, таносубҳои даромадҳои танзимшаванда дар байни буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои маҳаллиро ҳар сол вобаста аз сатҳи иқтисодию молиявии минтақаҳои ҷумҳурӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

Бо шарофати ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва заҳматҳои шабонарӯзии Пешвои миллат ҳаҷми умумии даромади буҷетҳои маҳаллӣ дар соли 2021 нисбати ба соли 2017 ба маблағи 3777470 ҳазор сомонӣ ва ё 85,2 фоиз афзоиш ёфтааст нигаред ба ҷадвали 2.

**Ҷадвали 1.**

**Афзоиши даромади буҷетҳои маҳаллӣ дар солҳои 2017-2021 (ҳазор сомонӣ)**

| Номгӯи шаҳру ноҳияҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|
| **ВМКБ** | 63740 | 82501 | 93737 | 103 840 | 211359 |
| **вилояти Хатлон** | 888580 | 1018934 | 1173541 | 1 256 266 | 2176559 |
| **вилояти Суғд** | 1454670 | 1722444 | 1924641 | 1 839 660 | 2435197 |
| **шаҳри Душанбе** | 1412265 | 1624203 | 1981145 | 2 110 581 | 2208100 |
| **НТҶ** | 614757 | 642453 | 732010 | 770926 | 1180267 |
| **Ҳамагӣ** | **4434012** | **5090535** | **5905074** | **6081273** | **8211482** |

Сарчашма: Ҳисобҳои муаллиф аз рӯи маълумоти Вазорати молияи ҶТ.

Тибқи ҷадвали 1 дар давраи солҳои 2017-2021 даромади буҷети маҳаллии Ҷумҳурии Тоҷикистон сол аз сол зиёд шуда истодааст. Ин

нишондод дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ низ ба назар мерасад. Аз ҷумла, даромади буҷети ВМКБ дар соли 2021 нисбати соли 2017 231,6 фоиз, даромади буҷети вилояти Хатлон 144,9 фоиз, даромади буҷети вилояти Суғд 67,4 фоиз, даромади буҷети шаҳри Душанбе 56,4 фоиз, даромади буҷети ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба маблағи 92,0 фоиз расидааст.

Ҳамасола аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ба буҷетҳои маҳаллӣ барои пӯшонидани хароҷоти ҷорӣ, аз ҷумла пардохти фонди музди меҳнат мусоидати молиявӣ (субвенсия) ҷудо карда мешавад.

**Диаграммаи 1.**

**Маълумот дар бораи ҳаҷми умумии субвенсия дар солҳои 2017-2021 ва вазни хосси он дар ҳаҷми умумии хароҷоти буҷетҳои маҳаллӣ, бо млн. сомонӣ**




**Сарчашма:** Ҳисобҳои муаллиф аз рӯи маълумоти Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2021.

Агар дар соли 2017-ум аз буҷети ҷумҳуриявӣ барои буҷетҳои маҳаллӣ ба маблағи 885,6 млн. сомонӣ субвенсия ҷудо гардида бошад, пас дар соли 2019 ин нишондиҳанда ба маблағи 947 млн. сомонӣ расидааст, ки нисбати соли 2021 1287 млн. сомонӣ мебошад, ки нисбат ба соли 2017 ба маблағи 401,4 млн. сомонӣ ва ё қариб 1,5 маротиба зиёд шудааст.

Чи хеле ки аз диаграммаи 1. аён аст, дар давоми солҳои 2017-2021 аз буҷети ҷумҳуриявӣ ба буҷетҳои маҳаллӣ барои пӯшонидани хароҷоти ҷорӣ мусоидати молиявӣ (субвенсия) дар ҳаҷми 1287 млн. сомонӣ ҷудо гардидааст.

Ҳаҷми маблағҳои субвенсионӣ ҳамасола бинобар сабаби зиёд гардидани музди меҳнат ва шумораи кормандони соҳаҳои буҷетӣ зиёд гардида, ҳамзамон вазни хосси он дар ҳаҷми умумии даромади буҷетҳои

маҳаллӣ тамоюли коҳишёбӣ дорад. Масалан, дар соли 2021 ҳаҷми маблағи субвенсия 1287 млн. сомониро ташкил дода бошад, ин рақам дар соли 2019 ба 947 млн. сомонӣ баробар гардида, дар ҳоле,ки соли 2017 885,6 млн. сомонӣ буд.

Айни ҳол ба 35 шаҳру ноҳияи кишвар аз буҷети ҷумҳуриявӣ мусоидати молиявӣ (субвенсия) ҷудо мегардад, ки аз онҳо 20 шаҳру ноҳия ба вилояти Хатлон, 7 ноҳия ба ВМКБ ва 8 ноҳия ба ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ рост меояд.

Дар соли 2021 бошад ҳиссаҷудокунии маблағ аз андоз ва даромади умумидавлатӣ, ки аз андозсупорандагони дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон қарордошта ворид мешавад, ба буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ аз рӯи таносубҳои (фоизҳои) зерин тасдиқ карда мешавад.

Бояд қайд намуд, ки тақсимоти даромадҳо аз чунин андозҳо тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатии молиявӣ" дар байни буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ муайян карда мешавад(нигаред ба ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2.**

**Ҳиссаҷудокунии маблағ аз андозҳо ва даромади умумидавлатӣ ба буҷетҳои маҳаллӣ дар солҳои 2017-2021 (бо %)**

| № | Нишондиҳандаҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Андоз аз арзиши иловашуда | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |
| 2. | Андоз аз фоида | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |
| 3. | Андоз аз даромад | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |
| 4. | Андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |
| 5. | Аксизҳо | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |
| 6. | Низомҳои махсуси андозбандӣ | 100 | 100 | 100 | - | - |
| 7. | Андозҳои маҳаллӣ, дигар пардохтҳои ҳатмии маҳаллӣ ва воридоти дигари ғайриандозии маҳаллӣ | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |

**Сарчашма:** Ҳикматов С. Ҷаҳоншоҳ С. Буҷет ва низоми буҷетӣ (воситаи таълимӣ), Душанбе, 2021.–С.83.

Чуноне, ки дар ҷадвали 2 нишон дода шудааст, дар солҳои 2017-2021 як қисмати даромадҳои умумидавлатӣ бо ҳиссаи пурраи 100 фоиз (ба истиснои баъзе аз минтақаҳо) ба буҷетҳи маҳаллӣ равона гардидаанд. Ин ҳолат аз он шаҳодат медиҳад, ки маҳал, имрӯзҳо бо даромадҳои худӣ наметавонад хароҷоташро рӯйпуш намояд. Қобили зикр аст, ки дар ин солҳо баъзе аз минтақаҳо аз қисме аз даромадҳои танзимшаванда даст кашидаанд ва ё онҳоро пурра не, балки бо ҳиссаҳои

муайян гирифтаанд. Масалан, дар соли 2021 вилояти Суғд андоз аз арзиши иловашударо  50 фоиз, андоз аз даромадро 35 фоиз, шаҳри Душанбе андоз аз арзиши иловашударо 50 фоиз, андоз аз даромадро 68 фоиз, шаҳри Роғун андоз аз даромадро 86 фоиз гирифтаанд. Инчунин, дар соли мазкур вилояти Суғд ва шаҳри Душанбе андоз аз истифодабарандагони роҳҳои роҳҳои автомобилгард, шаҳри Роғун андоз аз арзиши иловашуда, андоз аз фоида ва андоз аз истифодабарандагони роҳҳои роҳҳои автомобилгардро умуман нагирифтаанд. Ҳолати мазкур гувоҳи рушди иқтисодӣ-иҷтимоии минтақаҳои болозикр мебошад.

Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ (СИМД) Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2030 бо Қарори Ҳукумати мамлакат қабул карда шудааст, ки дар доираи он муносибатҳои байнибуҷетӣ такмил меёбад.

Яке аз вазифаҳои мубрами ислоҳоти муносибатҳои буҷетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар айни замон баландбардории самаранокии низоми дастгирии молиявии буҷети маҳаллӣ мебошад. Дар баробари ин дар миёни самтҳои асосии такмилдиҳии низоми мазкур мавқеъи асосиро ҷорисозии принсипҳои объективии ҳисоббаробаркунии кӯмаки молиявӣ ва хусусияти ҳавасмандсозандаи дастгирии моляивӣ мебошад. Барои ноилгардии ин ҳадафҳо зарур аст, то ҳисоби маблағи кӯмаки молиявӣ ба минтақаҳоро бо назардошти нишондиҳандаҳои даромадҳои потенсиалии андозӣ  ва талаботҳои маъмурии хароҷотӣ амалӣ созем, чунки истифодабарии нишондиҳандаҳои аслӣ (ҳисоботӣ) ҳавасмандиҳои манфиро барои мақомотҳои ҳокимияти маҳаллӣ аз нуқтаи назари коҳишёбии исботнашавандаи потенсиали андозӣ ва баландбардории хароҷоти буҷетиро ба миён меорад.

Дар айни замон, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои буҷетӣ коркарди назаррасро тақозо менамоянд, чунки дар асоси онҳо баробарсозии байнибуҷетӣ хобидааст, ки нисбати онҳо бояд қоидаҳо ва ҷараёнҳои аниқе, ки дар сатҳи қонунгузорӣ мустаҳкам гардидаанд  вуҷуд дошта бошад. Муттаасифона, дар қонуни таҳияшаванда танҳо моҳияти базавии истилоҳҳо ва принсипҳои ташкилёбии низоми муносибатҳои буҷетӣ оварда шудааст. Вале тартиби расонидани кӯмки молиявӣ(яъне муайянсозии шаклҳои трансфертҳои байнибуҷетӣ), ва инчунин ҳаҷми дотатсияҳо ва субвенсияҳо  аз ҷониби Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Буҷети давлатӣ ба соли навбатии молиявӣ муайян карда мешавад.

Ба ғайр аз ин, тақсимнамоии андозҳои умумидавлатӣ миёни буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷети маҳаллӣ салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, ҳамасола аз ҷониби Қонуни ҶТ дар бораи Буҷети Давлатӣ ба соли навбатии молиявӣ тасдиқ гардида, вале дар худи қонун оид ба Буҷети давлатӣ ба соли навбатии молиявӣ танҳо меъёрҳои фоизӣ ҳиссаҷудокуниҳои андозҳои умумидавлатӣ тасдиқ мегарданд.

Имрӯз низоми муносибатҳои байнибуҷетӣ дар марҳалаи ташаккулёбӣ қарор доранд. Дар шароити муосир дар назди молияи давлатӣ вазифае истодааст, ки  барои расидан ба инкишофи устувор аз

модели мувофиқи сиёсати молиявӣ ва механизми андоз истифода намудан зарур аст. Дар ин ҷода мо метавонем заминаҳои сиёсати нави инноватсионии давлат ва корхонаҳоро пайдо намоем. Маҳз мураккабӣ, зудҳаракатӣ ва номуайянӣ зарурияти асоснокнамоии сиёсати молиявиро ҳамчун яке аз омилҳои асосии идорашавандаи трансформатсияи иҷтимоӣ талаб менамояд. Муносибатҳои байнибуҷетӣ имконияти самаранок таъсир карданро ба ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, танзим намудани нишондиҳандаҳои молиявӣ, таъсир кардан ба ташкили тамоми низоми иҷтимоӣ ва хусусиятҳои минтақавии таъмини сатҳи зиндагӣ дорад.

Дар иртибот бо ин вазифаҳои асосии сиёсати молиявии муносибатҳои байнибуҷетӣ бояд барои ҳал намудани проблемаҳои зерин нигаронида шавад:

- мақсаднок ва самаранок истифода бурдани захираҳои молияи давлатӣ ва риояи принсипҳои муносибатҳои байнибуҷетӣ;

-ҷалб намудани захираҳои иловагии молиявӣ оид ба татбиқи лоиҳаҳои муштараки сатҳҳои низоми буҷетӣ бо назардошт фоизҳои паст;

- андешидани чораҳои иловагӣ оид ба идома додани ислоҳоти музди меҳнати кормандони муассисаҳои буҷетӣ, нафақа, стипендия ва дигар кӯмакпулиҳои иҷтимоӣ;

- истифодаи чорабиниҳо ҷиҳати баланд бардоштани дастгирии молиявӣ дар шакли дотасия ва субвенсия бо назардошти таҷрибаи мамлакатҳои ташкилоти ҳамрисолаии иқтисодӣ ва рушд;

- дар доираи Стратегияи идоракунии молия давлатӣ дар зери назорати қатъӣ қарор додани самаранокии муносибатҳои байнибуҷетӣ.

## АДАБИЁТ


1. Алимардонов У. Воситаи таълимии «Молия». Алимардонов У. Душанбе - 2014.–291с.
2. Давлатшоев О.Ҳ., Давлатмуродов Ш.М. Масъалаҳои самаранокии иҷроиши буҷети давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –2020. –№3., –С.22-26.
3. Исоматов Бобокалон. Асосҳои назарияи иқтисодӣ. Қисми дуввум. (воситаи таълимӣ). Душанбе, «Шарқ», 1995. Саҳ.129.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, № 6, мод. 436; с. 2013, № 3, мод. 189, № 11, мод. 784; с. 2016, № 5, мод. 367 (Қонуни ҶТ аз 19.03.2013 № 746; аз 12.11.2013 № 1027; аз 14.05.2016 № 1316; аз 17.05.2018 № 1535)).
5. Стратегияи идоракунии қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2023 аз 11 ноябри соли 2020, №587.

6. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – Душанбе, 2016. – 127 с.
7. Улугходжаева Х.Р., Давлатшоев О.Х. Государственное регулирование межбюджетных отношений // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе, 2015,-№2(190), С.6-10.
8. Улуғхоҷаева Х. Р., Обидов Ф. С., Раҳимов З. А. Ф. 59. Молия: китоби дарсӣ-Душанбе: Ирфон, 2010, саҳ. 195 .

## МАСЪАЛАҲОИ МУКАММАЛГАРДОНИИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНИБУҶЕТӢ ДАР ШАРОИТИ ГУЗАРИШ БА ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ

Дар мақола дар мисоли давлатҳои аъзои Ташкилоти ҳамкории иқтисодӣ ва рушд (ТҲИР) ва ичунин таҷрибаи федератсия Русия, таҷрибаи ташкили муносбатҳои байнибуҷетӣ дар давлатҳои хориҷӣ муҳокима карда мешавад.

Бо мақсади асосноксозии хусусиятҳои хоси батанзимдарории муносибатҳои байнибуҷетии сохторҳои идоракунии давлатии марказӣ ва минтақавӣ ҳамаи давлатҳои ТҲИР ба 4- гуруҳ ҷудо карда мутаносибан чор модели ҷойдошта- Америкоӣ, Олмонӣ, Канадӣ ва унитарӣ- муносибатҳои байнибуҷетӣ таҳлил ва баррасӣ гардидаанд. Дар мақола фикру мулоҳизаҳо оиди имкониятҳои истифодабарии ҳолатҳои мусбати таҷрибаи хориҷӣ дар ташкили муносибатҳои байнибуҷетӣ дар Тоҷикистон бо назардошти хусусиятҳои хоси ҷумҳурӣ пешниҳод гардидаанд.

**Калидвожаҳо:** Буҷет, механизми буҷетӣ, трансфертҳои буҷетӣ, таҷрибаи мувозинатии буҷетӣ, идоракунӣ, муносибатҳо, муносибатҳои байнибуҷетӣ.

## ВОПРОСЫ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ МЕЖБЮДЖЕТНЫХ ОТНОШЕНИЙ В УСЛОВИЯХ ПЕРЕХОДА К ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКЕ

В статье рассматривается парктика организации межбюджетных отношений в зарубежных государствах на примере стран членов Организации экономического сотрудничества и развития и опыта Росийской Федерации.

Для обоснования особенностей регулирования межбюджетных отношений между центральным и региональными органами государственного управления все страны Организации экономического сотрудничества и развития (ОЭСР) сгруппированы в 4-х группах и сотествованно анализируются имешие место четыре модели- Американский, Германский, Канадский и унитарный-межбюджетных отношений. Высказывается мнение о вазможностях использования положительных моментов зарубежного опыта в организации межбюджетных отношеный с учётом характерных особеностей в республики Таджикистан.

***Ключевые слова:*** бюджет, бюджетный механизм, бюджетные

трансферты, сбалансированные зарубежные опыт, регулирование, отношение, межбюджетные отношение

## ISSUES OF IMPROVING INTERBUDGETARY RELATIONS IN THE CONDITIONS OF TRANSITION TO THE DIGITAL ECONOMY

In this article to consider pratise of interbudgetary organization in the foreign state in example membership of coutries Organization Economic Contribution and development and experience of Russian Federation.

For basis ecpecially of regulation in interbudgetary relation between centrally and regionally state bodies management all of countries Organization Economic Contribution and Development (OECD) integrated in 4-x groups and conformity to analyse has a place 4 models, American, German , Canadian and unitary- interbudgetary relation. The statement of opinion about possibles of use in positive moments foreign experience in organization interbudgetary relation with record characteristic in Republic of Tajikistan.

**Key words:** budget, budget mechanism, budget transfer, balancing of foreign experience, regulation, relation, interbudgetary relation.

**Маълумот дар бораи муаллифон:**

**Давлатмуродов Шоҳмурод Мирзомуродович -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи фаъолияти гумрукӣ. **Суроға:** 734005, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. **Тел:** (+992) 918-16-13-55. **Почтаи электронӣ**: shohmurod_1987@mail.ru

**Турсунов Илҳомҷон Холмирзоевич -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи фаъолияти гумрукӣ. **Суроға:** 734005, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. **Тел:** (+992) 918-69-96-70. **Почтаи электронӣ**: i_tursunov1988.8@mail.ru.

**Асозода М.М. -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри соли дуюми кафедраи фаъолияти гумрукӣ. **Суроға:** 734005, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. **Тел:** (+992) 918-69-96-70

**Сведения об авторах:**

**Давлатмуродов Шохмурод Мирзомуродович** - Таджикский национальный университе кандидат экономических наук, доцент кафедры таможенной деятельности. **Адрес:** 734005, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. **Тел:** (+992) 918-16-13-55. **Электронная почта**: shohmurod_1987@mail.ru

**Турсунов Илхомджон Холмирзоевич** - Таджикский национальный университе кандидат экономических наук, старший преподаватель кафедры таможенной деятельности **Адрес:** 734005, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: (+992) 918-69-96-**70.** **Электронная почта**: i_tursunov1988.8@mail.ru.

**Асозода М.М. -** Таджикский национальный университет, магистр второго курса кафедры таможенное дело. **Адрес:** 734005, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. **Тел:** (+992) 918-16-13-55.

**Information about the authors:**

**Davlatmuradov Shohmurod Mirzomurodovich** - Tajik National University candidate of economic sciences, associate professor of the department of customs activities **Address:** 734005, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: (+992) 918-16-13-55. **E-mail:** shohmurod_1987@mail.ru

**Tursunov Ilhomjon Kholmirzoevich** - Tajik National University candidate of economic sciences, senior lecturer of the department of customs activities **Address:** 734005, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. **Phone:** (+992) 918-69-96-70. **E-mail:** i_tursunov1988.8@mail.ru.

**Asozoda M.M.** - Tajik National University, second-year master's degree in the department of Public financial management. Address: 734005, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. **Phone:** (+992) 918-69-96-70.

# НАҚШИ БОЗОРИ ОЗУҚАВОРӢ ДАР БАЛАНДБАРДОРИИ САТҲИ НЕКӮАҲВОЛИИ МАМЛАКАТ

*Сафаров Н.У. - н.и.и., дотсенти кафедраи Иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии ДМТ*
*Абдуллоев А.Х.- н.и.и., дотсенти кафедраи молия ва суғуртаи ДМТ*

Яке аз шартҳои муҳимтарин, ки фаъолияти пурсамари бахши аграриро таъмин мекунад, механизми танзими равандҳои ҷории он дар баланд бардории сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ мебошад. Механизми танзим механизми бозорӣ ва механизми танзими давлатиро дар бар мегирад.

Дар адабиёти классикии иқтисодии ғарб бозор худтанзимшаванда эътироф шудааст, ба истиснои ҳолатҳои махсус. Аммо азбаски механизми худтанзимкунӣ миқдори номаҳдуди ширкаткунандагони рақобат, дастрасии озод ба бозор ва баромадан аз он; ҳаракати захираҳо; мавҷудияти ҳаҷми пурраи иттилооти бозориро металабад, пас амали он дар шароити муосир маҳдуд мебошад. Зиёда аз ин, бартарии худтанзимшавии бозор ба ташкили бозори «ваҳшӣ» оварда мерасонад.

Имруз худтанзимкунии бозор ба маънои пуррааш дар адабиёти иқтисодии хориҷӣ зикр намешавад. Соҳаи кишоварзии кишварҳои хориҷӣ ба туфайли танзими фаъолонаи давлатии истеҳсолоти аграрӣ ба комёбиҳои бузург дастёб гашт. Дар ИМа қонуни нахустин дар бораи дастгирии нархҳои фермерон ҳанӯз соли 1933 қабул карда шудааст. Иқтисоддони шинохтаи америкоӣ Ҷ. К. Гэлбрейт чунин менависад: «Дахолати давлат ба манфиатҳои соҳаи кишоварзӣ - ҷамъиятисозии технологияи кишоварзӣ, дастгирӣ кардани нархҳои кишоварзӣ баҳри

ҳавасманду ҳимоя кардани маблағгузориҳо ҷиҳати дастгирии усулҳои нав - ҳамаи ин ҳамчунин барои рушди мутавозин аҳамияти ҷиддӣ доранд. Агар чунин чораҳои ҷамъиятӣ намебуданд, таъмини маҳсулоти ғизоӣ норасо ва арзиши онҳо хеле баланд мешуд... Асосан дар натиҷаи тадбирҳои давлатӣ рушди соҳаи кишоварзии кишварҳои мутараққии саноатӣ қаноатбахш шуд. Агар соҳаи кишоварзӣ аз дахолати давлат дар канор мемонд… рушди он, бешубҳа, нокифоя ва дар ҳоли ҳозир, эҳтимол, ба таври хатарнок паст мебуд».

Дар кишварҳои мутараққӣ механизми танзим чораҳои зеринро дар бар мегирад: маҳдуд кардани дастрасии шаҳрвандон ба пешбурди истеҳсолоти кишоварзӣ; танзими ҳаҷми истеҳсол ва сифати маҳсулот; татбиқи нархҳои танзимшавандаи маҳсулот бо мақсади таъмини фоидаи ҳадди ақал; ёрии молиявию қарзӣ ба истеҳсолкунандагон; андозбандии имтиёзнок; ҳифзи иҷтимоии кормандони кироя.

Дар қонуни ИМА «Дар бораи қарздиҳӣ ба фермерони ИМА» эълом мешавад, ки «Конгресс рушду нумӯи соҳаи кишоварзиро чун шарти зарурии мавҷудияти мустақилонаи давлат баррасӣ ва талаботи афзояндаи деҳотро ба маблағгузорӣ дарк карда, сиёсати ташкили низоми кооперативии қарздиҳӣ ба фермеронро бо мақсади баланд бардоштани сатҳи зиндагонию даромади фермерони америкоӣ ва соҳибони ранчо тавассути таъмини қарзи боэътимод, кофӣ ва созанда татбиқ мекунад...».

Дар қонуни ИМА «Дар бораи танзими савдо дар соҳаи кишоварзии ИМА» чунин омадааст: «Конгресс сиёсати мусоидат ба савдои молҳои кишоварзиро татбиқ мекунад... то соҳаи кишоварзӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ дар як сатҳ бо соҳаҳои дигари саноат қарор гирад».

Қонун «Дар бораи соҳаи кишоварзии Германия» шартҳои иқтисодии такрористеҳсоли кишоварзиро бо саноат баробар менамояд. «Давлат уҳдадор аст масъалаи таъмини аҳолӣ бо озуқавориро чун масъалаи стратегӣ баррасӣ намуда, дар ҳоли зарурат фондҳои озуқавориро таъсис диҳад, аз тамоми маҷмӯи чораҳои ҳавасмандкунию ёрии иқтисодӣ истифода кунад ва масъалаи озуқавориро ба давлатҳои сеюм вобаста нагардонад».

Ҳангоми ташаккулёбии бозори аграрӣ як қатор хусусиятҳои истеҳсолоти аграриро, ки имкони такя ба амалкарди беихтиёри бозорро аз байн мебаранд, бояд ба ҳисоб гирифт.

Иқтисодшиноси америкоӣ К. Грей «нуқсонҳои» зеринро дар фаъолияти бозори аграрӣ муайян мекунад:

- аз сабаби афзудани ҳосилнокӣ ҳангоми пурра қонеъ шудани талабот афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ боиси коҳиши шадиди нарх мегардад, зеро маҳсулоти ғизоӣ кам тағйир мeёбанд;
- чандирии манфии нархи маҳсулоти ғизоӣ вобаста ба арза калон аст, ва ин боиси муфлисии истеҳсолкунандагон мегардад;
- чандирии пасти тақозо ба озуқаворӣ вобаста ба даромади истеъмолгарон ва нархи маҳсулоти ғизоӣ;
- лаппиши зиёди истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ;

- зарурати ҳифзи истеҳсоли дохилӣ аз воридоти маҳсулоти кишварҳое, ки хароҷоташон нисбатан паст аст, ё баръакс, дастгирӣ кардани содироти маҳсулоти ватанӣ ба бозори хориҷӣ;
- эҳтиёҷӣ тамоми табақаҳои иҷтимоӣ необходимость ба ғизои ҳадди ақали зарурӣ барои саломатии хуб;
- тафовути зиёди шароити табиию иқлимӣ дар соҳаи кишоварзӣ;
- имкони хориҷ кардани замин аз муомилоти кишоварзӣ, ки аҳволи экологиро бадтар мекунад, истеҳсоли маҳсулоти озуқавориро баланд мекунад ва дигар оқибатҳои манфии иҷтимоиро ба бор меорад [48].

Ба ғайри ин, вазъи муосири бозори аграрӣ ба таъсири омилҳое вобаста аст, ки оқибатҳои манфии иҷтимоию иқтисодиро ҳангоми гузариш ба иқтисоди бозаргонӣ муайян кардаанд:

- қарорҳои макроиқтисодӣ оид ба таъмини суботи муомилоти пул дар асоси сиёсати сахти пулӣ бахши аграриро аз дастгирии давлатӣ маҳрум карданд;
- зуд ва ба таври сунъӣ таъмин кардани рушди хоҷагиҳои фермерии калон, инчунин бозсозии шитобкоронаи корхонаҳои калони кишоварзӣ ба аҳволи низоми колхозу совхоз таъсири манфӣ расонд, дар натиҷа ба иқтидори истеҳсолӣ, махсусан ба чорводорӣ зарари калон расонида шуд;
- иқтисодиёт, бо сабаби мавҷуд будани монополияҳо барои гузаштан ба бозори мутамаддин омода набуд. Истеҳсолкунандагони кишоварз дар байни ду монополия дармонданд: аз як тараф моноплистони соҳаи 1 КАС, аз сӯи дигар - саноати коркард, шабакаи омодасозии маҳсулот, савдои яклухт амал мекунанд. Дар оқибати кор номутаносибии нархи маҳсулоти саноатӣ ва кишоварзӣ афзунтар гашт. Ноомодагӣ ба бозори мутамаддин дар набудани зерсохтори зарурӣ (биржаҳо, бозорҳои яклухт) низ зоҳир шуд. Дар натиҷа «бозори ваҳшӣ» бо ҳокимияти инҳисории миёнаравону ҳаннотон ташкил ёфт.

Ба навиштаҳои боло пастшавии тақозои пардохтпазир ва ихтисори истеъмоли маҳсулоти ғизоиро дар пайи сиёсати сахти пулӣ, буҳрони напардохтани қарз, таъмини ҳуқуқии норасои гузариш ба бозор, набудани захираҳои озуқаворӣ, қатъшавии робитаҳои байнимintақавӣ ва байнидавлатиро илова кардан мумкин аст.

Ба ин васила, дар шароити иқтисоди бозорӣ бахши аграрӣ бештар аз ҳама аз оқибати манфии омилҳои гуногуни бесуботӣ ҷабр мебинад ва ин танзими давлатии ин бахшро амри ногузир мегардонад. Чунин танзим таъсиррасонии мақсадноки субъекти танзимро дар симои мақомоти давлатию минтақавии идораи КАС ба объекти танзим - бозор, механизми он (тақозо, арза, нарх), сифати мол, рақобат, зерсохтор - тавассути эҷоди шароити ташкилӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ барои ташаккулу рушди он дар назар дорад.

Ҳадафу принсипҳои танзими давлатии соҳаи аграрӣ аз стратегияи аграрӣ бармеоянд. Стратегияи аграрӣ қоидаҳои асосии фаъолияти давлатро дар бахши аграрӣ оид ба масъалаҳои зерин инъикос мекунад:

моликияти замин ва воситаҳои истеҳсолот; афзудани истеҳсол ва истеъмоли маҳсулоти озуқаворӣ; ҳифзи амнияти озуқаворӣ; афзудани самаранокии истеҳсол; афзудани даромади сокинони деҳот ва ҳифзи муҳити зист.

Стратегияи аграрӣ дар сиёсати аграрӣ - татбиқи стратегия дар қонунҳо, барномаҳо, қарорҳои ба ислоҳи бахши аграрӣ нигаронидашуда инъикоси худро меёбад.

Танзими давлатии бозорҳои аграрӣ ба ҳавасмандии афзоиши истеҳсоли ашёи хом ва маҳсулоти коркарди он, эҷоди шароит барои афзоиши самаранокии истеҳсол ва зимнан таъмин кардани фоидабахшии истеҳсолкунандагон баҳри пешбурди такрористеҳсоли васеъ, дастгирии истеъмоли маҳсулоти озуқаворӣ аз ҷониби аҳолӣ дар сатҳи меъёрҳои тиббӣ ва бо нархҳои мақбули ҷамъият, рушди рақобат ва маҳдудсозии монополизм, бартарафсозии лаппиши тезутунди нарх, назорати сифати маҳсулот ташкили воридот ва танзими содирот бо мақсади ҳимояи бозори дохилӣ аз таъсири тахрибкори бозори хориҷӣ, эҷоди шароит баҳри истифодаи густардаи дастовардҳои пешрафти илму техника, мусоидат ба рушди кооператсия ва ҳамгироии кишоварзӣ, тезонидани рушди иҷтимоии деҳот бояд равона карда шавад.

Ба сифати фишангҳои таъсиррасонӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ: қонунҳо, фармонҳо, дастурамалҳо, меъёрҳо, стандартҳо, барномаву нақаҳо, қарз, андозҳо, сармоягузорӣ баромад мекунанд, ки дар асоси тавофуқи манфиатҳои давлат бо манфиатҳои корхонаҳову ташкилоти тамоми шаклҳои моликият таҳия карда шудаанд.

Вазифаҳои давлат дар дастгирии комплекси агросаноатӣ дар шакли муқаррарнамоии нархҳои танзимшаванда барои молҳои мушаххас, дотатсияҳо барои истеҳсолкунандагони кишоварз, субсидия, ҷубронпулӣ ва сармоягузории буҷетӣ, қарзҳои имтиёзнок, қарзҳои молӣ ва лизинг, пешпардохти харидорӣ барои фондҳои давлатӣ, маблағгузории барномаҳои мақсаднок, имтиёзоти андоз ва андозбандии мутафарриқ, боҷҳои гумрукӣ, ҳавасмандкунии содирот ва сармоягузории хориҷӣ, суғуртаи хатари тиҷоратӣ ва субсидия барои барномаҳои иҷтимоӣ татбиқ карда мешаванд.

Унсурҳои танзими давлатӣ инҳо мебошанд: танзими ҳуқуқӣ, банақшагирии индикативӣ ва барномаҳои мақсадноки комплексӣ, соҳибкории давлатӣ, сиёсати сохторӣ-сармоягузорӣ, соҳавӣ, илмию техникӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ.

Танзими ҳуқуқӣ бо роҳи таҳия ва иҷрои санадҳои ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ, ки муносибатҳои истеҳсолӣ-иқтисодиро дар бахши аграрӣ танзим менамоянд, амалӣ карда мешавад.

Санадҳои меъёрии муҳимтарин дар бораи дастгирии комплекси агросаноатӣ қонунҳо «Дар бораи харидорӣ ва таҳвили маҳсулот, ашёи хоми кишоварзӣ ва озуқаворӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ», «Дар бораи танзими давлатии истеҳсолоти агросаноатӣ» мебошанд.

Қонун «Дар бораи харидорӣ ва таҳвили маҳсулот, ашёи хоми кишоварзӣ ва озуқаворӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ» принсипҳои умумии

ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ, инчунин қоидаҳои ташаккул, ҷойгиркунонӣ ва иҷроиши шартномавии фармоишҳои харидорӣ ва таҳвили маҳсулот, ашёи хоми кишоварзӣ ва озуқаворӣ барои эҳтиёҷоти давлатиро бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи давлатию минтақавӣ; иҷроиши барномаҳои рушди КАС; таъмини содирот, ташкили захираҳои давлатӣ, таъмини сатҳи лозимаи таъминоти озуқаворӣ барои қувваҳои мудофиа ва амнияти давлатӣ муқаррар мекунад. Дар қонун сатҳи ташаккули фармоишҳо; вазифа ва амалҳои фрмоишгарони давлатӣ; принсипҳои ташаккули ҳаҷми хариддорию таҳвил ва ҳисоббаробаркунӣ барои маҳсулот, ашёи хом ва озуқаворӣ (бо сатҳи кафолатии нархҳои харид, ки ҷуброни хароҷоти моддӣ ва такрористеҳсоли васеъро таъмин мекунад, инчунин меъёри таносуби байни арзиши ашёи хоми харидоришаванда ва арзиши маҳсулоти аз он ҳосилшаванда ва ҳадди андозаи иловапулии тиҷоратӣ ба нарх, пешпардохт барои маҳсулот); тартиби ҳавасмандгардонӣ (имтиёзоти андозбандӣ, дотатсияву субсидияҳои мақсаднок, қарзҳои имтиёзнок, маблағгузорӣ аз буҷет ва ҷавобгарӣ барои иҷроиши уҳдадориҳои харидорӣ муайян карда шудаанд.

Вазифаҳои танзими давлатӣ инҳо мебошанд: таъмини субот ва рушди истеҳсолоти агросаноатӣ, таъмини амнияти озуқавории ҶТ, беҳсозии таъмини аҳолӣ бо озуқаворӣ, дастгирии баробарии иқтисодии миёни соҳаи кишоварзӣ ва соҳаҳои дигари иқтисод.

Дар қонун самтҳои танзими давлатӣ муқаррар шудаанд: ташаккул ва фаъолияти бозор (танзими фурӯш, истифодаи механизми гарави маҳсулот ва лизинг, иҷрои дахолатҳои харидорӣ ва молӣ, истифодабарии нархҳои кафолатӣ ва мақсаднок, танзими зиддимонополӣ, додани дотатсия ва ҷубронпулӣ); маблағгузорӣ, қарздиҳӣ, андозбандии имтиёзнок, суғурта; ҳимояи манфиати истеҳсолкунандагони ватанӣ (истифодабарии нархи ҳудудӣ); рушди илм ва иҷрои фаъолияти илмӣ; рушди соҳаи иҷтимоии деҳот.

Дар санадҳои байналмилалӣ амнияти озуқаворӣ чун ҳолати иқтисод, ки ҳангоми он таъмини дастрасии аҳолӣ ба озуқаворӣ дар ҳар замон ва ба миқдоре, ки барои зиндагии фаъоли солим лозим аст, маънидод мешавад.

Бонки ҷаҳонӣ фарқи миёни беамнии музмин ва муваққатиро муқаррар кардааст. Кишвар, минтақа, гурӯҳи аҳолӣ, оила беамнии музмини озуқавориро дар ҳоле эҳсос мекунад, ки агар истеъмоли маҳсулоти ғизоӣ дар давоми сол бинобар сабаби имконнопазир будани харидан ё истеҳсол кардани он ба миқдори зарурӣ басанда набошад. Беамнии муваққатии озуқаворӣ дар баъзе кишварҳо баъзан бо сабаби гароншавии нархи маҳсулоти ғизоӣ, қаҳтӣ, коҳиши сатҳи даромад фаро мерасад. Ба ғайр аз ин, як зумра олимон ибораи «беамнии имконпазир»-ро ба кор мебаранд, ки он бо осебпазирӣ ва омода набудани кишвар ба падидаҳои манфии имконпазир - буҳрони байналмилалӣ, бадшавии таносуби бозор, ҷангҳои тиҷоратӣ иртибот дорад.

Амнияти миллии озуқаворӣ унсури муҳими таркиби амнияти миллӣ-давлатӣ мебошад. Он қобилияти давлатро дар таъмин кадани шаҳрвандони худ бо маҳсулоти асосии озуқаворӣ тибқи меъёру

стандартҳои қабулшудаи байналмилалӣ, инчунин имконияти давлатро дар корбурди захираҳои дохилӣ ва иқтидори аграрӣ барои ташкили таъмини аҳолӣ бо озуқаворӣ аз ҳисоби истеҳсоли дохилӣ нишон медиҳад.

Амнияти миллии озуқаворӣ қисми таркибии амнияти байналмилаии озуқаворӣ мебошад. Дар «Эъломияи Римии амнияти озуқавории ҷаҳон» самтҳои асосии таъмини амнияти озуқаворӣ дар амалҳои зерин ифода ёфтаанд: риояи сиёсати устувор ва амалияи рушди озуқаворӣ ва кишоварзӣ дар минтақаҳои пуриқтидору камиқтидор, яъне корбурд ва истифодаи бештари захираҳо ва иқтидори миллии агроиқтисодии ҳар давлат, ки оқибат боиси афзудани захираи озуқавории ҷаҳон мегардад; фароҳам овардани шароит барои он, ки сиёсати озуқаворӣ, кишоварзӣ ва тиҷоратӣ барои ҳамагон истиқрори амнияти озуқавориро ба воситаи низоми қонунӣ ва бозаргонии тиҷорати ҷаҳон таъмин мекунад.

Арзёбии миқдории амнияти иқтисодии ҶТ метавонад ба арзёбии истеҳсолу истеъмоли маҳсулоти асосии ғизоӣ ба ҳар нафар ва сатҳи таъмини кишвар бо озуқавории дохилӣ асос ёбад.

Алҳол таҳдиди мустақим ба амнияти иқтисодӣ аз сабаби востагӣ ба лаппиши таносуби бозори ҷаҳонии озуқаворӣ, имкони фишоровари нарх аз сӯи кишварҳои содиркунандаи озуқаворӣ ва фишор бо мақсади дастёбӣ ба бартарии мушаххаси иқтисодӣ ва сиёсӣ боқӣ мемонад.

Иқтисодшиносони либерал як қатор барои исботи тамоюли феълии таъмини озуқаворӣ як қатор далелҳоро меоранд: сатҳу сохтори нархҳои дохилӣ ба сатҳу сохтори нархи ҷаҳонии озуқаворӣ бояд наздик шавад, фарқ аз нархи бозори ҷаҳонӣ аз самараи пасти истеҳсоли аграрӣ дарак медиҳад; Россия бояд фаъолона дар тақисмоти байналмилаии меҳнат иштирок кунад ва бартарии онро, ки ба фарқи хароҷоти дохилӣ ва ҷаҳонӣ барои молҳои ворид ва содиршаванда асос меёбанд, истифода барад; маҳдудиятҳои воридот боиси таназзули истеҳсоли бозори дохилии озуқаворӣ ва ихтисори истеъмоли маҳсулоти асосии озуқаворӣ мегардад; нархҳои ҷаҳонии пасттар аз нархи дохилӣ ва ихтисори воридот боиси гароншавии нархи озуқаворӣ мешаванд. Иқтисодшиноси калони хадамоти таҳқиқоти иқтисодии Вазорати кишоварзии ИМА У.М. Лиферт дар ин ақида аст, ки «агар Россия барои таъмини истеҳсоли иловагии маҳсулот аз он ки барои харидани ин молҳо дар бозори ҷаҳонӣ лозим аст, пули бештарро сарф кунад, ин аз лиҳози иқтисодӣ хеле бефоида хоҳад буд. Ба ғайр аз ин, боиси гароншавии нархи истеъмолии озуқаворӣ мешавад». Муаллиф бештар бо ақидаи н.и.и. Р. Гумеров мувофиқ аст, ки ӯ далелҳои ҷавобиро дар радди назари иқтисодшиносони либерал пешниҳод мекунад. Ба қавли вай, агар оянда надоштани соҳаи кишоварзии кишвароо эътироф намоем, пас механизмҳои ҳимояи аҳолии деҳотро татбиқ мебояд кар, зеро ин ба манфиати 40 млн нафар дахл дорад; ба наздикӣ тезутундшавии вазъи озуқаворӣ ва гароншавии нархи ҷаҳонии озуқаворӣ дар назар аст; чораҳои ҳимояи истеҳсолкунандаи ватанӣ дар ҳама кишварҳои ҷаҳон вуҷуд доранд; кишварҳои дорои иқтидори бузурги агроиқтисодӣ аз механизмҳои махсуси ҳавасмандгардонии содироти маҳсулоти кишоварзӣ истифода мекунанд, дар натиҷа

истеҳсолкунандагони Россия маҷбуранд алайҳи имконоти муттаҳиди молиявии кишварҳои содиркунанда муқовимат кунанд; дар низоми тақсимоти байналмилалии меҳнат Тоҷикистон ҷои хеле номусоидро ишғол мекунад, зеро дар сохтори содироташ ашёи хом бартарӣ дорад; нархи озуқаворӣи воридотӣ на ҳамеша аз нархи озуқаворӣи ватанӣ баландтар аст; сатҳи хароҷот ва нархи озуқаворӣи ватанӣ аз нархи бозори ҷаҳонӣ барои он баландтар аст, ки иқтидори биологию иқлимии кишварамон нисбат ба содиркунандагони бузурги озуқаворӣ камтар аст; бештар аз ҳама сабаби маҳдудиятҳои тақозо хусусиятҳои равандҳои таваррум дар иқтисоди Россия ва тағйирёбии сохтори нархҳои чаканаи маҳсулоти озуқаворӣ мебошад; сиёсати макроиқтисодии ҳоло амалишаванда на танҳо тасаввури хаторо оид ба имконоти соҳаи кишоварзии кишвар ба миён меорад, балки ба коҳиши иқтидори истеҳсолии он мусоидат мекунад; ғояи амнияти озуқаворӣи кишвар мавриди ҷонибдории бештари аҳолӣ ва маъмурияти минтақаҳои деҳот қарор дорад.

Ин далелҳо зарурати таҳияи сиёсати нави аграрӣ ва санадҳои меъёриеро, ки шароити заруриро барои суботу рушди бахши аграрии иқтисоди кишвар таъмин менамоянд, собит мекунанд. Эҳёи соҳаи кишоварзи кишвар бо пурзӯршавии дастгирии давлат ва танзими истеҳсоли агросаноатӣ оғоз шуда метавонад. Барои ин амалҳои зеринро иҷро кардан зарур аст: таъмини иҷроиши қонунҳо «Дар бораи танзими давлатии истеҳсолоти агросаноатӣ» ва «Дар бораи харидорӣ ва таҳвили маҳсулот, ашёи хоми кишоварзӣ ва озуқаворӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ»; танзими нархи маҳсулоту хизматрасонии монополияҳои табиӣ ва соҳавӣ; ҷорӣ намудани технологияҳои камхарҷу каммасраф ва дар ин замина баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳо; татбиқи ҳимояи гумрукии истеҳсолкунандагони ватанӣ.

Ба сифати вазифаҳои афзалиятноки идоракунии КАС вазифаҳои идораи давлатӣ, хоҷагӣ ва худидораи маҳаллиро ҷудо ва такрори онҳоро баратараф кардан зарур мебошад.

Муаллиф ҷонибдори ақидаи д.и.и. Г. Макин мебошад, ки пешниҳод мекунад, то идоракунии КАС ба объекти ягонаи идора ҷудо карда шуда, вазифаҳои давлатӣ дар зинаи иҷроия аниқ тақсим шаванд. Аз сиёсати дахолат накардан ба «сиёсати танзими пешгирандаи давлатии равандҳои иқтисодию иҷтимоӣ, назорати соҳаҳои комплекси агросаноатӣ ва самарабахшии харҷи маблағҳои буҷет гузаштан лозим аст».

Солҳои охир як зумра иқтисодшиносон дастгирии истеҳсолоти аграриро дар муқобили дотатсия барои камбизоатон мегузоранд.
Дар ин масъала ду нуқтаи назар вуҷуд дорад. Яке аз онҳо ба афзоиши тақозои пардохтпазири аҳолӣ тавассути бекоркунии дотатсияву ҷубронпулӣ ба истеҳсолкунандагони кишоварз ва ирсоли ин маблағҳо барои пардохти ҷубронпулӣ ба шаҳрвандони камбизоат равона шудааст. Лекин дар ин сурат афзоиши тақозо, чун қоида суст мегардад ва ҷубронпулӣ бояд калон бошад, то одати хароҷот барои маҳсулоти озуқавориро шиканад. Аз ин рӯ чунин ақида қобили баррасӣ нест.

Роҳи нисбатан воқеии афзудани истеъмоли аҳолӣ бо зиёд кардани

истеҳсоли озуқаворӣ дар заминаи фароҳамсозии шароит баҳри афзоиши сармоягузорӣ ба КАС, татбиқи дастовардҳои пешрафти илмӣ-техникӣ ва пурмаҳсулгардонии истеҳсол, маҳдудсозии монополизм дар соҳаҳои 1 ва 3-и КАС, манфиати истеҳсолкунандагон дар ғанисозии бозор дар асоси афзудани самаранокии истифодаи захираҳои мавҷуда иртибот дорад. Ин ба афзоиши арзаи маҳсулоти озуқаворӣ ва пастшавии нархи он дар бозор оварда мерасонад.

Яъне роҳи дувум бо сиёсати дастгирию танзими фаъоли истеҳсоли агросаноатӣ алоқаи ногусастанӣ дорад.

Муаллиф лозим медонад, ки дар таҳқиқоти минбаъдӣ маҳакҳои зерини арзёбии самаранокии механизми танзими бозори озуқаворӣ истифода бурда шаванд:

- сатҳи истеъмоли маҳсулоти озуқаворӣ аз тарафи аҳолӣ;
- қобилияти харидории аҳолӣ;
- ҳолати таносуби нархи маҳсулоти саноатӣ ва кишоварзӣ;
- сатҳи самарабахшии истеҳсолоти аграрӣ;
- ҳаҷми дастгирии молиявии соҳибкории аграрӣ;
- ҳаҷми сармоягузорӣ ба комплекси агросаноатӣ;
- дастрас будани захираҳои қарз барои истеҳсолкунандагон;
- ҳаҷми умумии андозҳу пардохтҳо нисбат ба фоида ва даромади пулӣ;
- сатҳи ҳимояи истеҳсолкунанагони ватанӣ аз воридоти молҳои хориҷӣ;
- сатҳи рушди соҳаи иҷтимоии деҳот.

## АДАБИЁТ


1. Левантин Д. Состояние и тенденции развития скотоводства в мире и отдельных странах. // Молочн. и мясн. скотоводство. -1999. -№3.-С. 28
2. Лисиенков И.Д. Равновесие обеспечивает государство // Оптовые продовольственные рынки в национальной системе распределения продуктов питания и обеспечения продовольственной безопасности. Материалы Всероссийской научно-практической конференции, -г.Волгоград, 14-16 июля 1999
3. О реформировании системы государственного управления агропромышленным комплексом Российской Федерации – Постановление Правительства РФ от 29 декабря 1991 г. № 81
4. Ратгауз М. О регулировании продовольственного рынка. //АПК: экономика управление. -1993. -№5. –С. 59-67
5. Макин Г.И. Обеспечение продовольственной безопасности страны в системе объектом управления АПК.// Достижения наука техники АПК. 1999. -№5. -С. 8-11
6. Макин Г.И. Организация управления в АПК в современных условиях. // АПК экономика управление. -1999. -№1. –С. 26-32
7. Макин Г.И. Организация управления в агропромышленном комплексе. –М.: Агшрипресс, 1999. -244с.

## НАҚШИ БОЗОРИ ОЗУҚАВОРӢ ДАР БАЛАНДБАРДОРИИ САТҲИ НЕКӮАҲВОЛИИ МАМЛАКАТ

Дар адабиёти классикии иқтисодии ғарб бозор худтанзимшаванда эътироф шудааст, ба истиснои ҳолатҳои махсус. Аммо азбаски механизми худтанзимкунӣ миқдори номаҳдуди ширкаткунандагони рақобат, дастрасии озод ба бозор ва баромадан аз он; ҳаракати захираҳо; мавҷудияти ҳаҷми пурраи иттилооти бозориро металабад, пас амали он дар шароити муосир маҳдуд мебошад. Зиёда аз ин, бартарии худтанзимшавии бозор ба ташкили бозори «ваҳшӣ» оварда мерасонад.

Амнияти миллии озуқаворӣ унсури муҳими таркиби амнияти миллӣ-давлатӣ мебошад. Он қобилияти давлатро дар таъмин кадани шаҳрвандони худ бо маҳсулоти асосии озуқаворӣ тибқи меъёру стандартҳои қабулшудаи байналмилалӣ, инчунин имконияти давлатро дар корбурди захираҳои дохилӣ ва иқтидори аграрӣ барои ташкили таъмини аҳолӣ бо озуқаворӣ аз ҳисоби истеҳсоли дохилӣ нишон медиҳад.

**Калидвожаҳо:** Амнияти миллии озуқаворӣ, бозори озуқаворӣ, бахши кишоварзӣ, сиёсати озуқаворӣ, амнияти озуқаворӣ, тиҷорати ҷаҳон, нархи маҳсулоти саноатӣ, истеҳсолоти аграрӣ, комплекси агросаноатӣ, истеҳсолкунандагон.

## РОЛЬ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОГО РЫНКА В ПОВЫШЕНИИ УРОВНЯ БЛАГОСОСТОЯНИЯ СТРАНЫ

В классической западной экономической литературе рынок признается саморегулирующимся, за исключением особых случаев. Однако благодаря механизму саморегулирования, неограниченному количеству участников конкуренции, свободному доступу и выходу с рынка; движение ресурсов; требует наличия полного спектра рыночной информации, поэтому ее эффективность в современных условиях ограничена. Более того, преимущество рыночного саморегулирования приводит к созданию «дикого» рынка. Национальная продовольственная безопасность - важный элемент национальной безопасности.

**Ключевые слова:** Национальная продовольственная безопасность, продовольственный рынок, аграрный сектор, продовольственная политика, продовольственная безопасность, мировая торговля, цены на промышленную продукцию, сельскохозяйственное производство, агропромышленный комплекс.

## THE ROLE OF THE FOOD MARKET IN INCREASING THE LEVEL OF WELFARE OF THE COUNTRY

In classical Western economic literature, the market is recognized as self-regulating, except in special cases. However, thanks to the self-regulation mechanism, an unlimited number of competitors, free access to and exit from the market; resource movement; requires a full range of market information,

so its effectiveness in modern conditions is limited. Moreover, the advantage of market self-regulation leads to the creation of a "wild" market.

National food security is an important element of national security. This demonstrates the ability of the state to provide its citizens with basic food products in accordance with internationally recognized norms and standards, as well as the ability of the state to use internal resources and agricultural potential to organize the supply of food to the population through its own production.National food security is an integral part of international food security. .

**Key words:** national food security, food market, agricultural sector, food policy, food security, world trade, prices for industrial products, agricultural production, agro-industrial complex, manufacturers

**Маълумот дар бораи муаллифон:**

**Сафаров Навруз Умаралиевич -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи Иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодӣ **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. **Тел:** 988-72-21-23. **Почтаи электронӣ**: cheh-16@mail.ru

**Абдуллоев Абдурасул -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молия ва суғурта **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: 907-96-66-66. **Почтаи электронӣ:** cheh-16@mail.ru

**Сведения об авторах:**

**Сафаров Навруз Умаралиевич** - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры национальной экономики и экономической безопасности **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. **Тел:** 988-72-21-23. **Электронная почта**: cheh-16@mail.ru

**Абдуллоев Абдурасул** - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры финансы и страхование **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. **Тел:** 907-96-66-66. **Электронная почта**: cheh-16@mail.ru

**Information about authors:**

**Safarov Navruz Umaralievich -** Tajik national university, candidate of economic sciences, senior lecturer of the department of national economy and economic Security **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, rudaki avenue 17. **Phone:** 988-72-21-23. **E-mail**: cheh-16@mail.ru

**Abdulloev Abdurasul -** Tajik national university, candidate of economic sciences, senior lecturer of the department of national economy and economic Security **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, rudaki avenue 17. Phone: 907-96-66-66. **E-mail:** cheh-16@mail.ru

# НАҚШИ БОЗОРИ АГРАРӢ ДАР ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРИИ МАМЛАКАТ

*Абдуллоев А.Х.- н.и.и., дотсенти кафедраи молия ва сугуртаи ДМТ*

Бозори аграрӣ инъикосгари муносибатҳои иқтисодии соҳаи мубодилаи маҳсулоти КАС ва танзимгари истеҳсолоти агросаноатӣ мебошад. Он бозорҳои минтақавӣ ва махсусгардондашударо дар бар мегирад. Ба гурӯҳи якум бозорҳои яклухту чаканаи деҳотӣ, ноҳиявӣ, хурди яклухт ва шаҳрӣ мансубанд. Бозорҳои байнiминтақавӣ мубодилаи ашёи хому маҳсулоти кишоварзиро дар байни минтақаҳое, ки самти истеҳсолияшон гуногун аст, таъмин мекунанд. Бозорҳои гӯшт, шир, захираҳои моддӣ-техникӣ бозорҳои махсусгардонидашуда мебошанд. Онҳо имкони ҷамъоварии молҳои мушаххаси истеъмолиро дар маҳалли муайян таъмин мекунанд.

Бозорҳо таъмини солонаи мусалсали аҳолиро бо маҳсулоти ғизо ва истеҳсолкунандагонро бо захираҳои моддию техникӣ ва хизматрасониҳои зарурӣ таъмин мекунанд.

Функсияҳои бозори аграрӣ: ҳавасмандкунии истеҳсол, коркард ва фурӯши маҳсулот дар асоси манфиати муштараки истеҳсолкунанда, савдогари яклухту чакана ва истеъмолгар; таъмини суботи нархи маҳсулот; ҳавасмандкунии коҳиши хароҷоти истеҳсол барои воҳиди маҳсулот; таъмини беҳшавии сифати маҳсулот ва ҷорисозии дастовардҳои пешрафти илму техника.

Профессор В. Сидоренко дар сохтори бозори кишоварзӣ бозорҳои молиявӣ, қувваи корӣ, замин, сармоя, маҳсулоти кишоварзӣ, озуқаворӣ ва зерсохтори онҳоро муайян мекунад.

Муаллиф дар ин масъала бештар бо равиши профессор П. Парамонов, мувофиқ аст, ки ӯ ба таркиби бозори аграрӣ бозори молия; бозори қувваи корӣ; бозори воситаҳои моддӣ-техникӣ; кору хизматрасонӣ; бозори замин; бозори аграрии озуқаворӣ ва зерсохтори бозорро дохил мекунад.

Бозори молия алҳол кам рушд кардааст. Маблағгузорӣ ба комплекси агросаноатӣ солҳои охир бо сабаби ҷолиб набудан барои сармоягузорон ва худдории сармоягузорон аз сармоягузорӣ ба бахши воқеии иқтисод, ба истисноi соҳаҳои ашёи хом, чандин маротиба кам шуд. Бозори коғазҳои қимматнок тамоман рушд накардааст ва сабаби ин зиёновар будани истеҳсоли кишоварзӣ, набудани гардиши коғазҳои қиматноки аксари корхонаҳои КАС дар бозори дуюмдараҷа мебошад.

Бозори воситаҳои истеҳсол сохтори олигополистӣ дорад. Дар натиҷа истеҳсолкунандагони воситаҳои истеҳсолот имкон доранд сиёсати нархгузории худашонро нисбати истеҳсолкунандагони кишоварз амалӣ созанд. Суръати баландшавии нархи захираҳои моддӣ-техникӣ аз суръати нархи маҳсулоти кишоварзӣ чандин бор зиёд аст, ин боиси афзоиши нобаробарии нарх ва ихтисори босуръати даромади истеҳсолкунандагони

кишоварз мегардад.

Бозори қувваи корӣ ҳамон хусусиятҳои истеҳсолоти кишоварзиро дорад. Омилҳои асосии ба бозори қувваи корӣ таъсиркунанда номувофиқии давраи кор ва давраи истеҳсол ва вобастагии истеҳсол ба мавсим мебошанд. Азбаски аксалияти аҳолии деҳот бо истеҳсоли кишоварзӣ алоқамнд аст, дар натиҷаи таназзули истеҳсол иқтисдори корхонаҳои кишоварзӣ ба 50-60% истифода бурда мешавад, ки ин ба бекормонии кормандон ва афзоиши бекорӣ дар деҳот оварда мерасонад. Солҳои охир миқдори деҳотиёни машғул дар хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ зиёд шудааст.

Алҳол бозори замин ташкил карда нашудааст, чунки бо вуҷуди он, ки бисёри кормандони корхонаҳои киошварзӣ соҳиби ҳиссаҳои замин мебошанд, онҳоро ба маънои том соҳибмулки замин наметавон донист, чунки имкони хариду фурӯши замин вуҷуд надорад.

Барои бозори кору хизматрасонӣ аломатҳои бозори воситаҳои истеҳсолот хос мебошанд. Солҳои охир дар натиҷаи хусусигардонии корхонаҳои хизматрасонии аграрӣ имконияти назорати онҳо аз тарафи давлат ва истеҳсолкунандагони кишоварзӣ амалан аз даст рафтааст. Дар натиҷаи гароншавии нархи хизматрасонӣ ва коҳиши пардохтпазирии корхонаҳои аграрӣ тақозо ба хадамот хеле кам шуд. Аксари корхонаҳои хизматрасонии аграрӣ ба танаввуи маҳсулоту хадамот бидуни таваҷҷуҳ ба истеҳсолкунандагони кишоварз машғул мебошанд.

Бозори аграрии озуқаворӣ (молӣ) аз се бахш иборат аст:

1. Бозори маҳсулоти кишоварзӣ:
2. Бозори ашёи хоми кишоварзӣ:
3. Бозори озуқаворӣ.

Дар бозори маҳсулоти кишоварзӣ маҳсулоти мавриди истеъмол дар шакли тоза фурӯхта мешавад (бозорҳои картошка, шир, сабзавот ва ғ.). Дар бозори ашёи хоми кишоварзӣ маҳсулоте фурӯхта мешавад, ки дар коркарди саноатӣ ба кор меравад (бозори ғалла, шир, чорво ва ғ.). Бозори озуқаворӣ талаботи харидоронро ба молҳои ғизоии баъди коркарди ашёи хом ҳосилшуда таъмин мекунад (бозори маҳсулоти шир, гӯшт, маҳсулоти гӯшт ва ғ.).

Маҳсулоти чорводорӣ дар бозорҳои маҳсулот ва ашёи хоми кишоварзӣ фурӯхта мешавад.

Солҳои охир баъзе истеҳсолкунандагон мегӯянд, ки чорводорӣ зиёновар аст ва бинобар ин саршумори чорво ва паррандаро кам кардан лозим аст. Вале ин танҳо аз нигоҳи аввал саҳеҳ аст.

Ба фикри профессор А. В. Голубев, ин соҳаи кишоварзӣ аз як қатор хусусиятҳо бархурдор аст, ки дар даврони гузариш ба иқтисоди бозаргонӣ ба таври дигар зоҳир мешаванд.

Маҳсулоти чорводорӣ, ба фарқи растанипарварӣ, дар давоми тамоми сол истеҳсол ва фурӯхта мешавад. Ин ҳолат хеле муҳим аст, зеро алҳол бонкҳо кӯшиш мекунанд барои муҳлати кӯтоҳ қарз диҳанд. Баргардондани қарзи кӯтоҳмуддат аз ҳисоби маҳсулоти даври истеҳсолаш тӯлонӣ (соҳаи растанипарварӣ) хеле душвор аст. Вале эҳтимоли баргаронидани он дар

соҳаҳое, ки соли дароз мол истеҳсол мекунанд, бештар аст. Бинобар ин суръати гирифтани маҳсулоти чорводорӣ дар давраи гузариш дар қиёс бо соҳаҳои дигар бартарии иқтисодӣ мебошад.

Маҳсулоти чорводорӣ ба молҳои ниёзи аввал мансубанд, аз ин рӯ новобаста ба вазъи сиёсию иқтисодӣ ҳамеша каму беш пуртақозо хоҳанд буд ва он дар қиёс бо тақозои маҳсулотидигар тамоман аз байн намеравад.

Чорводорӣ аз соҳаҳои дигари кишоварзӣ дар таҷдиди истеҳсоли қатхъшуда мушкили бештар дорад. Ихтисор ё барҳамхӯрии саршумори чорво баъзан боиси оқибатҳои бебозгашт мегарданд, чунки барқарор карани он хеле душвор аст.

Чорводорӣ дар қиёс бо заминкорӣ ба тағйироти миқёси истеҳсол мувофиқтар аст. Ин имкони гардиши бешҳтари захираҳоро бо дарёфти мувофиқати андозаи соҳа барои гирифтани самараи бештар муҳайё мекунад.

Дар ҳоли зарурат чорводорӣ метавонад шумораи зиёди дастони кориро машғул кунад, ки барзиёдии онҳо дар ихтисори соҳаҳои дигар пайдо мешавад. Бинобар ин ҳифзи соҳаҳои чорводорӣ дар давраи гузариш аз лиҳози ҳифзи иҷтимоии одамон ҳам муфид мебошад.

Академик И. Ф. Хитсков мегӯяд, ки барои фаъолияти босамари бозор як қатор шароит дар соҳаҳои истеҳсол, муомилот ва идора зарур мебошанд. Масалан, шарти асосии рушди бозор имкони фаъолияти соҳибкории озоди истеҳсолӣ, тиҷоратӣ ва идорӣ, ва фаъолияти озоди меҳнатии ширкаткунандагони истеҳсоли ҷамъиятӣ мебошад.

Соҳибкор як соҳибмулк ва ҳам коллективи соҳибмулкон буда метавонад, ки амволу пули худро барои пешбурди хоҷагии муштарак муттаҳид мекунанд.

Соҳибкории аграриро чун фаъолияти мустақил, боташаббусу бо хавфи худ муаррифи кардан мумкин аст, ки ба қонеъсозии тақозои маҳсулоти кишоварзӣ тавассути фурӯши маҳсулот, иҷрои кор ё хизматрасонӣ дар асоси истифодаи самараноки омилҳои асосии истеҳсолот равона карда шудааст.

Алҳол дар КАС 4 гурӯҳи асосии корхонаҳоро ҷудо мекунанд, ки асосан аз рӯи муносибатҳои моликият тафовут доранд:

гурӯҳи I - корхонаҳо дар асоси моликияти давлатӣ;

гурӯҳи II - корхонаҳои коллективӣ;

гурӯҳи III - корхонаҳо бо моликияти тақсимшуда (ҳиссавӣ, коллективӣ - ҳиссавӣ);

гурӯҳи IV - хоҷагиҳои деҳқонӣ ва ёрирасони шахсӣ.

Дар бозори маҳсулоти чорводорӣ дар Тоҷикистон ҳама гурӯҳҳои зикршудаи корхонаҳо амал мекунанд. Корхонаҳои соҳаи I ва III КАС ҷамъиятҳои саҳҳоми мебошанд. Дар байни корхонаҳои савдо корхонаҳои хусусӣ бештаранд. Баъзе истеҳсолкунандагон маҳсулоти тайёрро худашон бевосита ба истеъмолгарони ниҳоӣ - аҳолӣ мефурӯшанд.

Таъмини нокифояи соҳибкорон бо пулу масолеҳ, омодагии норасоии касбии онҳо, моноплизм дар соҳаҳои I ва III КАС, дастгирӣ наёфтани ин

фаъолият аз ҷониби давлат садди роҳи рушди соҳибкории кишоварзӣ мешаванд.

Ба ғайр аз ин, профессор П. Ф. Парамонов сабабҳои зерини сустшавии мавқеи истеҳсолгарони кишоварз дар бозорро муайян кардааст: миқдори зиёди истеҳсолгарони маҳсулоти кишоварзӣ, рақобати шадид, сустии мавқеи ҳар кишоварзи алоҳида дар бозор; истеҳсолкунандагони кишоварз побанди хароҷоти доимӣ мебошанд ва ин хароҷот вобаста ба ҳаҷми маҳсулот тағйир намеёбад ва ин боиси бадшавии аҳволи молиявию иқтисодии онҳо дар сурати коҳиши истеҳсол мегардад; аз сабаби тӯлониву бефоисла будани раванди биологӣ истеҳсолкунандаи кишоварз дар мутобиқати арза ба тақозои бозор душворӣ мекашад; аз сабаби мавсимӣ будани истеҳсол истеъмолгар наметавонад маҳсулотро ба пуррагӣ харад ва ин боиси барзиёдии мол дар бозор ва муваққатан паст шудани нархи он мегардад; маҳалли ҷойгиршавии истеҳсолкунандагони маҳсулот аз марказҳои калон, ҷои коркарду нигоҳддории маҳсулоти кишоварзӣ дур аст ва ба онҳо имкон намедиҳад ки маҳсулотро бо шарти муфидтар фурӯшанд.

Бинобар ин истеҳсолкунандагони кишоварз бояд аз озодии бештар дар фаъолияти истеҳсолӣ бархурдор бошанд, вале ҳамзамон барои натиҷаи фаъолияти худ масъулияти урраи моддиро дошта, озодона ба бозор барои фурӯши маҳсулот бо нархи бозор бароянд ва имкони интиқоли озоди маҳсулотро дар қаламрави ҷумҳурӣ дошта бошанд; бо истеҳсолкунандагони дигар дар бозор озодона рақобат кунанд; имкони баромадан ба бозорҳои берунро дошта бошанд; дар ҳаҷми зарурӣ ва сари вақт аз адвлат барои пешбурди фаъолияти худ дастгирӣ ёбанд.

Асоси ин механизм аз муқаррар намудани равобити зичи хоҷагӣ, инчунин танзими истеҳсолу фурӯши истеҳсол бо таваҷҷуҳ ба тақозои истеъмолӣ иборат аст.

Ҳангоми ташкили бозорҳои яклухти озуқаворӣ хусусияти ҳар минтақаро ба назар бояд гирифт. Дар Тоҷикистон соҳаи кишоварзии хубу бисёрсоҳа бо шаклҳои мухталифи хоҷагидорию моликият фароҳам омадааст. Дар шароити иқтисоди бозорӣ корхонаҳо, хусусан хоҷагиҳои фермерӣ, ба бозори фурӯш ниёз доранд. Таъсиси бозорҳои яклухти озуқаворӣ кори онҳоро осон мекунад.

Робитаи истеҳсолкунандагони ашёи хом бо бозори мутамаддин тавассути бозорҳои яклухти озуқаворӣ ва биржаҳо имкони канорагирӣ аз монополизми корхонаҳои коркардро таъмин мекунад.

Дар соҳаи муомилот даромади ҳар ширкаткунандаи истеҳсоли ҷамъиятӣ ба вуҷуд меояд. Ҳангоми тақсими даромад шарти муҳими самаранокии истеҳсол азхудкунии қисми ба ҷамъият муфиди он мутаносиби ҳиссаи хароҷоти зинда ё гузашта мебошад. «Соҳибкори хусусӣ даромади соҳибкорӣ, яъне ҳамаи фоидаро ба истсинои андозу пардохтҳо ба давлат мегирад. Саҳмдор аз саҳмияҳо дивиденд мегирад, яъне сармояи гузошта (меҳнати гузашта). Дар шароити иқтисоди бозаргонӣ дивиденд нақши ҳавасмандкунандаро дар рушди истеҳсол танҳо дар сурате мебозад, ки сатҳаш тақрибан барои сармояи гузошта

дар ҳама гуна соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ баробар бошад.

Дар корхонаи ҳар шакли хоҷагидорӣ корманд музди корро мутобиқи меҳнати кардааш мегирад. Давлат уҳдадор аст кордеҳонро назорат кунад, то сатҳи музди кор (тибқи масрафи ба ҷамъият зарури меҳнат) ба корманд ва оилааш имкони ҳаёти солимро диҳад.

Алҳол дар кишвар сатҳи пасти музди кор дар кишоварзӣ фароҳам шудааст. Сабаби ин афтиши истеҳсол, нобаробарии нарх ва таваррум аст.

Ба вазифаҳои муҳимтарини соҳаи идора таваҷҷуҳи бозор ба қонеъгардонии талаботи истеъмолгар дохил мешавад. Ин вазифаро бо истифода аз низоми маркетинг иҷро кардан мумкин аст.

Бар асоси навиштаҳои боло метавон гуфт, ки ҳангоми ташаккулёбии бозори минтақавии озуқаворӣ ба самтҳои зер таваҷҷуҳ бояд кард:

- ташкили зерсохтори бозор мувофиқи шароиту хосиятҳои мушаххаси минтақа;
- такмили механизми иқтисодии бозор бо таваҷҷуҳ ба шароити мушаххаси минтақа, аз ҷумла тақвияти нақши танзимгари давлат дар ташаккулу фаъолияти он;
- баланд шудани нақши истеҳсолкунандагони кишоварзи ҳама шаклҳои моликият ва хоҷагидорӣ дар бозор;
- рушди низоми маркетинг - танзимгари муҳими истеҳсолу фурӯши озуқаворӣ.

## АДАБИЁТ


1. Кузнецов С.Г., Кузнецова Т.С. Потребление корма и продуктивность животных. // Зоотехния. - 1999. - №2. - С. 11-16
2. Кучуков Р., Савка А. Механизм регулирования цен в аграрном секторе развитых стран // Экономист. - 1999. - № 6. - С. 87 – 90
3. Мазлоев В.З., Аджиева А.Ю. Формирование хозяйственного механизма АПК в переходный период.// Экономика сельскохозяйственных и перерабатывающих предприятий. -1999.-№4. –С. 9-11
4. Хицков И.Ф. Основные условия организации рынка в сельском хозяйстве региона.// Экономика сельского хозяйства. -1994. №10.–С.8-10.


## НАҚШИ БОЗОРИ АГРАРӢ ДАР ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРИИ МАМЛАКАТ

Дар мақолаи зерин сухан дар бобати бозори аграри меравад. Бозори аграрӣ инъикосгари муносибатҳои иқтисодии соҳаи мубодилаи маҳсулоти КАС ва танзимгари истеҳсолоти агросаноатӣ мебошад.Бозорҳо таъмини солонаи мусалсали аҳолиро бо маҳсулоти ғизо ва истеҳсолкунандагонро бо захираҳои моддию техникӣ ва хизматрасониҳои зарурӣ таъмин мекунанд.Функсияҳои бозори аграрӣ инҳоянд: ҳавасмандкунии истеҳсол, коркард ва фурӯши маҳсулот дар асоси манфиати муштараки истеҳсолкунанда, савдогари яклухту чакана ва истеъмолгар; таъмини суботи нархи маҳсулот; ҳавасмандкунии коҳиши хароҷоти истеҳсол барои воҳиди маҳсулот; таъмини беҳшавии сифати

маҳсулот ва ҷорисозии дастовардҳои пешрафти илму техника.

**Калидвожаҳо:** Бозори аграрӣ, фаъолияти соҳибкорӣ, ҳавасмандкунии истеҳсол, коркард ва фурӯши маҳсулот, манфиати муштараки истеҳсолкунанда, савдогари яклухту чакана, истеъмолгар, таъмини суботи нархи маҳсулот; ҳавасмандкунӣ, хароҷоти истеҳсол, воҳиди маҳсулот, сифати маҳсулот, пешрафти илму техника, истеҳсоли кишоварзӣ, истеъсолоти ҷамъиятӣ.

## РОЛЬ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННОГО РЫНКА В РЕГИОНАЛЬНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ СТРАНЫ

В следующей статье мы поговорим об аграрном рынке. Аграрный рынок отражает экономические отношения в сфере агропромышленного производства и регулирования агропромышленного производства. Рынки обеспечивают ежегодное снабжение населения продовольственными товарами, а производителей - необходимыми материально-техническими ресурсами и услугами.Функциями аграрного рынка являются: продвижение производства, переработки и реализации продукции на основе совместного интереса производителя, оптовиков и ритейлеров; обеспечение стабильности цен на продукцию; Поощрение сокращения производственных затрат на единицу продукции; улучшить качество продукции и внедрить достижения науки и техники.

**Ключевые слова:** аграрный рынок, предпринимательская деятельность, стимулирование производства, переработки и реализации продукции, совместный производитель, оптовый и розничный продавец, потребитель, обеспечение стабильности цен; стимулы, издержки производства, единица продукции, качество продукции, развитие науки и техники, сельскохозяйственное производство, общественное производство.

## THE ROLE OF THE AGRICULTURAL MARKET IN THE REGIONAL SECURITY OF THE COUNTRY

In the next article we will talk about the agricultural market. The agricultural market reflects economic relations in the field of agricultural production and the regulation of agricultural production. Markets provide the population with annual food supplies, and producers with the necessary material and technical resources and services. The functions of the agricultural market are: promoting the production, processing and sale of products based on the joint interest of the manufacturer, wholesalers and retailers; ensuring price stability for products; Encourage the reduction of production costs per unit of output; improve product quality and introduce the achievements of science and technology.

**Key words:** agricultural market, entrepreneurial activity, stimulation of production, processing and sale of products, joint producer, wholesale and

retail seller, consumer, ensuring price stability; incentives, production costs, unit of production, product quality, development of science and technology, agricultural production, social production.

**Маълумот дар бораи муаллиф:**

**Абдуллоев Абдурасул -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молия ва суғурта **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. **Тел:** 907-96-66-66. **Почтаи электронӣ:** cheh-16@mail.ru

**Абдуллоев Абдурасул** - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры финансы и страхование **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. **Тел:** 907-96-66-66. **Электронная почта**: cheh-16@mail.ru

**Abdulloev Abdurasul -** Tajik national university, candidate of economic sciences, senior lecturer of the department of national economy and economic Security **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, rudaki avenue 17. **Phone:** 907-96-66-66. **E-mail:** cheh-16@mail.ru

# ТАКМИЛИ НИЗОМИ АНДОЗ БАҲРИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Алиев О.М. – н.и.и., дотсенти кафедраи андоз ва андозбандии ДМТ*
*Иброҳимов Т.А. – н.и.и., дотсенти кафедраи андоз ва андозбандии ДМТ*

Вазъи муосири фаъолияти хоҷагидорӣ тақозо менамояд, ки баъзе масъалаҳои вобаста ба вазъи молиявии хоҷагиҳои деҳқонӣ ва андозбандии онҳо омӯхта шаванд. Бинобар он, дар мақолаи мазкур, муносибатҳои иқтисодӣ ва ташкилии хоҷагидорӣ, нишондиҳандаҳои молиявӣ-андозӣ дар соҳаи кишоварзӣ таҳлил ва омӯхта шудааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар ҷумҳурӣ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ сол аз сол афзоиш ёфта истодааст.

Чи хеле, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомолаи Раҳмон дар паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуданд: “Солҳои охир, бо вуҷуди таъсири манфии омилҳои берунӣ, пайи ҳам омадани хушксолӣ ва маҳдудсозии содироти озуқаворӣ аз ҷониби кишварҳои ҷаҳон, маҳз бо заҳмати шабонарӯзии кишоварзони мамлакат амнияти озуқаворӣ ва фаровонии бозори дохилӣ бо маҳсулоти кишоварзӣ таъмин карда шуд. Дар натиҷа тайи панҷ соли охир суръати рушди солонаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳисоби миёна дар сатҳи 7 фоиз нигоҳ дошта шуда, 1,4 баробар афзоиш ёфт”[5].

Имрӯз ҳар як миллат барои беҳтар кардани амнияти озуқаворий ва дастгирии кишварзон ва истеъмолкунандагон дар партави болоравии нархи озуқаворӣ ва хароҷоти воридотӣ, аз қабили сӯзишворӣ ва нуриҳои менералӣ рӯбарӯ аст. Болоравии нархи мол дар ҷаҳон, ки бо

ноустувории сиёсии ҷаҳонӣ вобастагӣ дорад, зарурати бештар устувор шудани занҷираҳои таъминоти озуқаворӣ дар асоси равиши «Аз истеҳсолкунанда то истеъмолкунанда»-ро тақозо мекунад.

Ҳукумати Тоҷикистон тамоми чораҳои зарурииро андешада истода аст, то ҳамчун истеҳсолкунандаи маҳсулоти кишоварзӣ ба амнияти озуқаворӣи кишвар, ки аз воридоти ғалладона, равғани растанӣ ва шакар вобастагии зиёд доранд, саҳм гузорад.

Мавҷудияти озуқаворӣ дар ҷумҳурӣ ҳоло зери хатар нест, зеро бо бисёр маҳсулоти кишоварзӣ худтаъмин аст. Аммо бахши кишоварзии мо воридкунандаи маҳсулоти мушаххас аст. Ин осебпазирӣ дар якҷоягӣ бо хароҷоти баланди воридотӣ, аз қабили нуриҳои минералӣ ва энергияи истихроҷшуда, барои деҳқонон мушкилоти истеҳсолӣ эҷод мекунад ва хатари болоравии нархи ғизоро ба вуҷуд меорад.

Мо бояд аз ҳама гуна маҳдудиятҳои содироти маҳсулоте, ки дар кишвар ба миқдори зарурӣ истеҳсол намешавад худдорӣ кунем, то нархҳои озуқаро назорат намоем. Гарчанде ки ҷумҳурӣ бо хатари амнияти озуқаворӣ рӯбарӯ нест, мо бояд ҳанӯз ҳам масъалаҳои дастрасии озуқаро ҳал кунем ва барои дастрас ва устувор кардани занҷирҳои таъминоти озуқаворӣ чораҳои зарурӣ андешем.

Мақомоти дахлдори давлатӣ бояд мунтазами нархҳои озуқавориро баҳри таъмини амнияти озуқаворӣ мониторинг намуда, ҳамкориро бо ташкилотҳои байналмилалӣ (ФАО, СУС, СҲШ, ИДМ) барои ҳамоҳангсозии сиёсати амнияти озуқаворӣ идома диҳанд.

Мушкилоти дигаре, ки дар самти бехатарии озуқаворӣ таъсир мерасонад ин ситонидани андоз аз арзиши иловашуда аз таъминкунандагони соҳаи кишоварзӣ мебошад. Аз ин рӯ, андоз аз арзиши иловашуда, ки аз ҷониби таъминкунандагони нуриҳои менералӣ, сӯзишворӣ, хӯроки чорво, воситаҳои муҳофизати растанӣ, тухмӣ, техникаи кишоварзӣ, қисмҳои эҳтиётӣ ва дигар маводҳо, инчунин қисми зиёди корҳо ва хизматрасониҳо ситонида мешаванд, ки ба арзиши маҳсулоти кишоварзӣ дохил мешаванд [1].

Тибқи моддаи 264-уми Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳои андоз аз арзиши иловашуда барои амалиётҳои андозбандишаванда ва воридоти андозбандишаванда меъёрҳои зерини андоз аз арзиши иловашуда муқаррар карда мешаванд:

1) меъёри стандартӣ - 15 фоиз;

2) меъёри пасткардашуда:

- ба иҷрои кори сохтмонӣ, хизматрасонии меҳмонхонавӣ ва хизматрасонии хӯроки умумӣ – 7 фоиз;
- барои фурӯши маҳсулоти кишоварзии истеҳсоли дохилӣ, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, хизматрасонии таълимӣ ва фаъолияти оид ба хизматрасонии тиббӣ дар осоишгоҳҳо ва истироҳатгоҳҳо бе ҳуқуқи баҳисобгирии андоз аз арзиши иловашуда – 5 фоиз;

3) меъёри сифрӣ [2].

Барои баланд бардоштани дастрасии озуқаворӣ, дар низоми андоз бояд меъёрҳои пасткардашудаи андоз аз арзиши иловашуда на ин ки ба фурӯши маҳсулоти кишоварзии истеҳсоли дохилӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ балки ҳади ақал ба нуриҳои менералӣ ва маводи сӯзишворӣ махсусан дизелӣ ҷорӣ карда шавад ва ба соҳибкорон барои маҳдуд накардани нархи чаканаи озуқаворӣ ташвиқот ва тренингҳо гузаронида шавад, онгоҳ як такконӣ ҷиддӣ ба пасткардани нархи маҳсулоти кишоварзӣ ва дастгирии соҳаи кишоварзӣ мегардад. Дар самти дастгирии давлатӣ қисми маблағҳои буҷетӣ барои расонидани кӯмаки суроғаваӣ ба табақаҳои осебпазири аҳолӣ истифода бурда шавад.

Албата дар низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастгирии соҳаи кишоварзӣ низоми соддакардашудаи андозбандӣ барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ пешбини шуда аст. Ӯҳдадории андоз оид ба андози ягона аз натиҷаҳои фаъолияти хоҷагии истеҳсолкунандаи маҳсулоти кишоварзӣ вобастагӣ надошта, дар шакли пардохт барои масоҳати замини вобасташуда муқаррар карда мешавад. Меъёрҳои андози ягона дар минтақаҳои кадастрӣ бо дарназардошти ноҳияҳои кӯҳӣ аз ҳар як гектар замин барои соли тақвимӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар 5 сол муқаррар карда мешаванд. Меъёрҳои андози ягона барои дигар заминҳо, ки муайян нашудаанд, ба меъёрҳои заминҳои дахлдори бо андози замин андозбандишаванда баробар карда мешаванд.

**Ҷадвали 1.**

**Меъёри андози ягона барои соли 2022 (1-га)**

| № р/т | Номгӯи минтаҳаҳои кадастрии шаҳру ноҳияҳо | Намудҳои замини таъиноти кишоварзӣ | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Заминҳои кишт | | | Дарахтзорҳои бисёрсола | | |
| | | обёрии табиӣ | обёрии мошинӣ | лалмӣ | обёрии табиӣ | обёрии мошинӣ | лалмӣ |
| 1 | Суғд | 285,95 | 209,71 | 16,65 | 333,61 | 238,30 | 19,06 |
| | *Минтаҳаи куҳӣ* | *247,82* | *190,65* | *23,82* | *266,88* | *209,71* | *23,82* |
| 2 | Ҳисор | 305,03 | 209,71 | 19,06 | 333,61 | 238,30 | 23,82 |
| | *Минтаҳаи куҳӣ* | *238,30* | *171,57* | *21,44* | *257,37* | *200,18* | *30,97* |
| 3 | Рашт | 247,82 | 190,65 | 23,82 | 266,88 | 209,71 | 42,51 |
| 4 | Кӯлоб | 314,54 | 209,71 | 21,44 | 332,78 | 238,30 | 16,65 |
| | *Минтаҳаи кӯҳӣ* | *238,30* | *190,65* | *23,82* | *257,37* | *200,18* | *23,82* |
| 5 | Вахш | 333,61 | 247,82 | 14,31 | 390,76 | 266,88 | 14,31 |
| 6 | ВМКБ | 85,79 | 57,17 | 9,51 | 95,30 | 64,31 | 7,16 |

**Сарчашма:** Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2020, №213 Дар бораи “Меъёрҳои андози ягона барои

истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳудуди минтақаҳои кадастрии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, аз ҷумла минтақаҳои кӯҳӣ барои соли 2022 (ба ҳисоби сомонӣ аз як гектар)”

Читавре, ки аз ҷадвали дар боло овардашуда мебинем меъёри андози ягона барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ на онқадар баланд аст, ки он аз дастгирии давлатии соҳаи кишоварзӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодат медиҳад.

Ғайр аз дастгирии давлатӣ боз механизми омодагӣ ба бӯҳрони озуқаворӣ ва таъмини амнияти он дар чунин шароит коркард намудан лозим аст, ки фаъолони ҳукумат ва хоҷагиҳоро дар тамоми занҷираи таъминот муттаҳид намуда, барномаи ҳамаҷонибаи хатарҳо ва осебпазирии занҷираи таъминоти озуқаворӣ ва пас аз он тавсияҳо ва чораҳои дахлдори коҳиш додани таъсири онро омода кардан лозим аст.

Барои ҳар як давлат бояд стратегияи мустақили зиддибӯҳронии кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат таҳия карда шавад, ки он хоҷагиҳои кишоварзӣ, истеҳсолкунандагони нуриҳои минералӣ ва саноати хӯроквориро низ фаро гирад. Ин имкон медиҳад, ки ҳукумат ба деҳқононе, ки аз афзоиши назарраси хароҷоти воридотӣ зарар дидаанд, кӯмак расонад. Нархи нуриҳои минералӣ ва таъминот ба деҳқонон назорат карда мешавад, то ба дурнамои ҳосили маҳсулоти кишоварзии кишвар хатар нагузорад.

Мушкилоти марбут ба вобастагии нисбии Тоҷикистон аз воридоти маҳсулоти озуқавори таҳдиди ниҳони барои амнияти озуқавории кишвар мебошад. Ин зарурати воридотивазкуни маҳз дар соҳаи кишоварзи ва воридоти технологияҳо ба ҷои маҳсулоти ниҳои ба мадди аввал мебарорад [4].

Рушди устувории амнияти озуқаворӣ аз ҳитсоби кам кардани вобастагии хоҷагии қишлоқи Ҷумуҳрии Тоҷикистон аз маводи сузишворӣ ва нуриҳои менералии воридотӣ яке аз афзалиятҳои сиёсати таъмини озуқаворӣ мешуморем. Устувории амнияти озуқаворӣ диверсификатсияи сарчашмаҳои воридотиро талаб мекунад, ки он пеш аз ҳама аз сиёсати истеҳсолоти воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашудаи кишвар вобастаги дорад.

## АДАБИЁТ


1. Алиев О.М. Мушкилоти ҳавасмандгардонии андозӣ барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / А.О. Алиев, Т.А. Ибрагимов // Маводи конференсияи Ҷумҳурияии илмию амалӣ дар мавзӯи «Муаммоҳои низоми андозбандӣ дар шароити муосир» (25-уми ноябри соли 2022) – Душанбе, Матбааи ДМТ, 2022.- 430 с. С.110-114.
2. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: Нашриёти муосир – 2022. С. 407.

3. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2020, №213 Дар бораи "Меъёрҳои андози ягона барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳудуди минтақаҳои кадастрии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, аз ҷумла минтақаҳои кӯҳӣ барои соли 2022.
4. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тасдиқи "Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Чумхурии Точикистон барои солхои 2016-2020" аз 26 ноябри соли 2016, № 503.

Паёми Пешвои миллат Асосгузори сулҳу ваҳдат Президенти ҶТ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 23.12.2022

## ТАКМИЛИ НИЗОМИ АНДОЗ БАҲРИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Барои баланд бардоштани дастрасии озуқаворӣ, дар низоми андоз бояд меъёрҳои пасткардашудаи андоз аз арзиши иловашуда на ин ки ба фурӯши маҳсулоти кишоварзии истеҳсоли дохилӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ балки ҳади ақал ба нуриҳои менералӣ ва маводи сӯзишворӣ махсусан дизелӣ ҷорӣ карда шавад ва ба соҳибкорон барои маҳдуд накардани нархи чаканаи озуқаворӣ ташвиқот ва тренингҳо гузаронида шавад, онгоҳ як такконӣ ҷиддӣ ба пасткардани нархи маҳсулоти кишоварзӣ ва дастгирии соҳаи кишоварзӣ мегардад. Дар самти дастгирии давлатӣ қисми маблағҳои буҷетӣ барои расонидани кӯмаки суроғавай ба табақаҳои осебпазири аҳолӣ истифода бурда шавад.

**Калидвожаҳо:** низоми андоз, андоз ва андозбандӣ, амнияти озуқаворӣ, сиёсати фискалӣ, маблағҳои буҷетӣ.

## СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ НАЛОГОВОЙ СИСТЕМЫ ОБЕСПЕЧЕНИЯ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Для повышения доступности продовольствия в налоговой системе следует ввести пониженные ставки налога на добавленную стоимость не только для реализации сельскохозяйственной продукции отечественного производства и переработки сельскохозяйственной продукции, но хотя бы для минеральных удобрений и топлива, особенно дизельного топлива. , а предпринимателям не ограничивать цену.Продовольственные ритейлеры проведут акции и тренинги, затем будет сделан серьезный толчок к снижению цен на сельхозпродукцию и поддержке аграрного сектора. По направлению господдержки часть бюджетных средств должна быть направлена на оказание помощи уязвимым слоям населения.

**Ключевые слова:** налоговая система, налоги и налогообложение, продовольственная безопасность, фискальная политика, бюджетные средства.

## IMPROVING THE TAX SYSTEM TO ENSURE FOOD SECURITY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

To increase the availability of food in the tax system, reduced value added tax rates should be introduced not only for the sale of domestically produced agricultural products and processing of agricultural products, but at least for mineral fertilizers and fuel, especially diesel fuel. , and entrepreneurs should not limit prices. Food retailers will hold promotions and trainings, then a serious push will be made to reduce prices for agricultural products and support the agricultural sector. In the direction of state support, part of the budget funds should be aimed at providing assistance to vulnerable segments of the population.

**Key words:** tax system, taxes and taxation, food security, fiscal policy, budget funds.

**Маълумот дар бораи муаллифон:**

**Алиев Олим** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ дотсенти кафедраи андоз ва андозбандӣ **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. **Тел:** 917-02—03 -02. **Почтаи электронӣ:** cheh-16@mail.ru

**Ибрагимов Тоҳир** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, асистенти кафедраи андоз ва андозбандӣ **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. **Тел:** 918-33-77-77. **Почтаи электронӣ:** azimovahanifa@gmail.com.

**Сведения об авторах:**

**Алиев Олим** - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры налог и налогообложение **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. **Тел:** 917-02-03 -02. **Электронная почта**: cheh-16@mail.ru

**Ибрагимов Тохир** - Таджикский национальный университет, асистент кафедры кафедры налог и налогообложение **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. **Тел: Тел:** 918-33-77-77. **Электронная почта**: azimovahanifa@gmail.com.

**Information about authors:**

**Aliev Olim** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Taxation and Taxation **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Tel: 917-02-03 -02. **Email:** cheh-16@mail.ru

**Ibragimov Tohir** - Tajik National University, assistant of the department of taxation and taxation **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Tel: **Tel:** 918-33-77-77. **Email:** azimovahanifa@gmail.com.

# ИСЛОҲОТИ НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ ДАР ШАРОИТИ СОҲИБИСТИҚЛОЛИИ ТОҶИКИСТОН

*Султонбии Р. – н.и.и., дотсенти кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллии ДМТ*
*Авлиёқулов Р. Т. – докторанти доктори фалсафа Ph.d, аз рӯйи ихтисос дар кафедраи идоракунии давлатӣ маҳаллии ДМТ*

Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои имкониятҳои фаровони табиӣ-моддӣ, захираҳои бойи гидроэнергетикӣ, оби нӯшокӣ, захираҳои бойи сармояи инсонӣ, нерӯи бузурги ояндасоз аз ҷумла ҳиссаи зиёдашро ҷавонон ташкил медиҳанд, ки истифодаи самараноки онҳо аз услҳои беҳтарини идоракунӣ вобаста буда, метавонад ва инчунин барои рушди минбаъдаи мамлакат заминаи устувор гузоранд.

Аз ин рӯ ба мақсади рушди бо маром ва бехатарии ин соҳа аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Нақша-чорабиниҳои курсҳои тайёрии касбӣ, бозомӯзӣ, баланд бардоштани сатҳи тахассус ва таҷрибаомӯзии хизматчиёни давлатӣ", барои соли дахлдор дар сатҳи Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола тасдиқ карда мешавад, ки ин метавонад ҳамчун яке аз роҳҳои асосии таъмини сифат ва ташаккули хизматчиёи давлатӣ баромад намояд [5.С.85].

Ҷумҳурии Тоҷикистон нақшаи тағйироти институтсионалии муайян қабул намудааст, ки дар доираи он пешравиҳои назаррас дар самти мукаммалгардонии механизмҳои баланд бардоштани самаранокии низоми идоракунии давлатӣ барои таъмини рушди устувори иқтисодиёт нигаронида шудааст.

Гуфтан ба маврид мебошад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи таҳлилҳои Форуми ҷаҳонии иқтисодӣ дар соли 2019 дар арсаи байналмилал самаранокии заминаи қонунгузорӣ ҷиҳати такмили расмиёти танзими давлатӣ мавқеи 30-юм, сарбории танзими давлатӣ мавқеи 20-ум ва самаранокии қонунгузорӣ барои ҳалли баҳсҳо мавқеи 34-умро дар байни 141 кишвари дунё соҳиб гардидааст [10.С.1].

Бо вуҷуди ин дар низоми идоракунии давлатӣ ҳануз масъалаҳои ҳалталабе боқӣ мондаанд, ки онҳо бо раванди сусти омодасозии кадрҳо ва низоми ҳавасмандсозии нокифоя дар сохтори хизмати давлатӣ алоқаманд мебошанд. Тадбирҳои пешгирикунанда дар самти чорабиниҳои зиддикоррупсионӣ беҳсозии ҷиддиро тақозо менамоянд.

Ислоҳот аз калимаи лотинии "reformo" асос ёфта, маънои азнавтаъсисдиҳӣ, азнавташкилдиҳӣ, ворид намудани тағйиру иловаҳо ва дигаргуниҳо бо роҳи қонуниро ифода менамояд.

Албатта, на ҳама гуна ислоҳот, аз ҷумла ҷараёни аз сари нав ташкилдиҳии ин ё он давлат, ки ҳукумат аз рӯи зарурат ва маҷбурият танҳо бо роҳи қонунгузорӣ баҳри таъсиси он иқдом менамояд, заминаву

омилҳои мухталифи мӯътамадинро молик аст.

Мақсади ниҳоии ҳама гуна ислоҳот, ин мустаҳкам ва ташаккули таҷдиди асосҳои давлат аст, ки он мутаасифона, аз рӯи таҷрибаҳои беохир ва беҳудуд корбарӣ на ба манфиат, балки ба ихтисору хароҷоти давлатӣ ва афзоиши масрафоти сохтор оварда мерасонад. Ислоҳот ҳамчунин бо ҳиссачаҳои махсус ба монанди «re» ва «form», яъне ки тағйироти қолиб, тағйироти мазмуну мундариҷа ва моҳияти чизе (ягон воҳиди ба тағйирот зарурдошта ва мавриди татбиқгардонӣ қарордошта) гузаронида мешавад.

Ислоҳот тағйиротҳои назаррасро дар механизми амалкунандаи воҳидҳо, принсипҳои асосии табдили сохтор, ки ба натиҷаи мустақими ҷадид ва эҳтиёҷоти воҳидҳои нави комилан принсипиалӣ оварда мерасонад, заминаҳои воқеъӣ муҳайё месозад[1].

Чӣ тавре, ки аз Паёми Президентии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2005 бармеояд: «Яке аз самтҳои муҳими таъмини рушди кишвар ислоҳоти идораи давлатӣ мебошад, ки дар доираи он чорабиниҳои зиёд ба анҷом расида истодаанд. Вобаста ба ин, Ҳукумат вазифадор карда мешавад, ки дар муддати кӯтоҳ Стратегияи ягонаи ислоҳоти идораи давлатиро таҳия намояд. Ин ислоҳот пеш аз ҳама бояд ба танзими идораи давлатӣ, мукаммалгардонии вазифаҳо, такмили сохторивазоратҳо вобаста ба шароити иқтисоди бозорӣ, аз байн бурдани вазифаҳои такроршаванда, шаффофияту самаранокии фаъолияти сохторҳо ва хизматчиёни давлатӣ равона гардад» [1.С.4].

Дар шароити навсозии ҷомеа яке аз мақсадҳои асоситарин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқакунонӣ бо сиёсати муосир низоми идоракунии давлатӣ мебошад. Барои самаранокии соҳаи ислоҳоти идоракунӣ бо як қатор падидаҳои дохилӣ мустаҳкам карда шудааст, ки дар шароити ба даст овардани истиқлолият инкишоф ёфтааст, ки он дар шароити гузариш аз иқтисодиёти банақшагирӣ ба иқтисоди бозорист.

Баҳри дохил шудан ба ислоҳоти маъмурӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як зумра санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия ва ба тавсиб расидаанд, ки дар он принсипҳои асосии ислоҳот ва инчунин критерияҳои самаранокии системаи мазкур ифода ёфтаанд.

Мундариҷаи сифатнокии давраи нави рушд бо ҷоннок намудани принсипҳо ва асосҳои идоракунӣ дар мақомотҳои давлатӣ маҳсуб меёбад. Коркарди стандарти хизматррасониҳои давлатӣ ба аҳолӣ пешниҳодшаванда. Истифодакунии шаклҳои муосири хизматррасониҳои давлатӣ дар раванди ислоҳот буда, ба идоракунии сифатнок равона карда шуда, решакан кардани аъмоли коррупсионӣ ва баланд бардоштани сифату самаранокии ҳамкорӣ байни сатҳҳои гуногуни идоракунӣ мебошад.

Вобаста ба он ки зикр гардид, ҷиҳати ислоҳоти системаи идоракунии давлатӣ, таъсиси сохтори самарабахш ва фаъоли идоракунӣ, бо инъикоси дақиқи нақш ва фаъолияти сатҳҳои мухталифи ҳокимияти иҷроия ва худидоракунии маҳаллӣ дар он зарурати андешидани тадбирҳои муассирро ба миён оварда аст.

Бо мақсади таъмини пайдарҳамӣ, маҷмӯъ ва муассирии ҷараёни ислоҳот, тақвияти самтҳои ҳамоҳангшуда барои ноил гардидан ба ҳадафҳои стратегӣ, инчунин бо мақсади иҷрои талаботи ҳуҷҷати стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ ҷиҳати такмили системаи идоракунии давлатӣ бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2006, №1713 «Стратегияи ислоҳоти системаи идоракунии давлатӣ, барои солҳои 2005-2015» тасдиқ гардид [9.С.16].

Татбиқи Стратегия ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ тақозо менамуд, ки ҳам дар сатҳҳои марказӣ ва ҳам маҳаллӣ ҳамзамон чораҳо андешида шуда, пайдарҳамӣ ва ба ҳам алоқаманд будани чораҳои андешидашаванда аҳамияти ниҳоят муҳимро доро бошанд.

Дар дурнамои кӯтоҳмӯҳлат ва миёнамӯҳлат дар сатҳи ҳокимияти марказӣ тадбирҳое иҷро шуданд, ки ба систематизатсияи мақсадҳо ва афзалиятҳои рушди миллӣ дар якҷоягӣ бо тақсими вазифаҳо ва ваколатҳо оид ба таҳия, татбиқ ва мониторинги нақшаҳо ва барномаҳои рушд нигаронида шудаанд. Иқдоми минбаъда бояд ҳалли вазифаҳои ба ҳам пайвастани раванди буҷетиро бо афзалиятҳои рушди миллӣ пешбинӣ намояд.

Масъалаи асосии татбиқи ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ аз танзими тақсимоти маъмурию ҳудудӣ ва тақсими дақиқи вазифаҳо ва ваколатҳо байни сатҳҳои идоракунии марказӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ иборат мебошад. Барои танзими тақсимоти маъмурию ҳудудӣ омилҳои муайян намудани тақсимоти маъмурию ҳудудӣ таҳия ва татбиқ хоҳанд шуд. Барои тақсими вазифаҳо ва ваколатҳо бошад дар сатҳҳои идоракунии марказӣ ва маҳаллӣ таҳлилҳои функсионалӣ гузаронида шуда, дар асоси гузаронидани таҳлилҳои функсионалӣ ҷиҳати маҳдуд сохтани дахолати давлатӣ ба фаъолияти хоҷагидорӣ ва муайян намудани вазифаҳои худидоракунии маҳаллӣ тадбирҳо андешида шудаанд. Иқдоми минбаъда аз таҷдиди сохтори хизматрасонӣ ба аҳолӣ ҷиҳати таъмини дастрас будани хизматрасонии самарабахшу хушсифат иборат аст.

Дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ гуфтан ба маврид аст, ки таъмини мақомотҳои давлатӣ бо мутахассисони соҳибтахассус ва босалоҳият тавассути: таҳия ва роҳандозии барномаҳои инноватсионии омӯзишӣ ва бозомӯзии идоракунии давлатӣ барои хизматчиёни давлатӣ; таҳияи нақшаи чорабиниҳо оид ба ташаккул ва тақвият бахшидани захираҳои кадрии низоми идоракунии давлатӣ; таҳияи маҷмӯи тадбирҳо оид ба баланд бардоштани нуфуз ва ҷолибияти иҷтимоии хизмати давлатӣ; такмили низоми музди хизматчиёни давлатӣ барои ҳавасмандгардонӣ ва нигоҳдоштани мутахассисони баландихтисос дар хизмати давлатӣ яке аз роҳҳои асосӣ ба шумор меравад.

Дар дурнамои кӯтоҳмӯҳлат ва миёнамӯҳлат дар сатҳи худидоракунии маҳаллӣ оид ба рушди мустақилияти функсионалӣ ва вазифавии Ҷамоатҳо тадбирҳо андешида шуда, 5 августи соли 2009 №549 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти

худидоракунии шаҳрак ва деҳот» қабул гардид [6.С.7]. Қонуни мазкур муносибатҳои ҷамъиятиро оид ба ташкил, ваколат ва фаъолияти мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот танзим намуда, асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва молиявии онро муайян менамояд. Дар заминаи Қонуни мазкур Консепсияи идоракунии рушди махал дар Чумхурии Точикистон барои давраи то соли 2030 бо фармони Президенти Чумхурии Точикистон аз «11» июли соли 2015, №522 тасдик шудаааст.

Дар ин раванд мақомоти маҳаллии идоракунии давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (минбаъд – худидоракунии махалли) накши махсусан муҳимро мебозанд.

Мутобиқи тақсимоти маъмурию ҳудудӣ қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба се вилоят – Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон (қисми шарқии кишвар, бо 8 воҳиди маъмурию ҳудуди), вилояти Суғд (қисми шимолии кишвар, бо 18 воҳиди маъмурию ҳудуди), вилояти Хатлон (қисми ҷанубии кишвар, бо 25 воҳиди маъмурию ҳудудӣ), шаҳри Душанбе (пойтахти мамлакат, ки аз 4 ноҳия иборат мебошад), шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳури (бо 13 воҳиди маъмурию ҳудуди) ва 427 ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот тақсим шудааст. Мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ҷамоатҳо мебошанд, ки тартиби таъсис, ваколатҳо ва фаъолияти онҳоро қонун танзим менамояд.

Хатми самарабахши давраҳои кӯтоҳмӯҳлат ва миёнамӯҳлати ислоҳоти системаи идоракунии давлатӣ дар сатҳҳои марказӣ ва маҳаллӣ имконият дод, ки татбиқи чорабиниҳои барои дурнамои дарозмӯҳлат нигаронидашуда оғоз гардад. Дар ҷараёни иҷрои ин давраи ислоҳот танзими тақсимоти маъмурию ҳудудӣ, муайян намудани муносибатҳои мутақобила байни сатҳҳои идоракунии давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ сурат гирифта, Стратегияи рушди идоракунии минтақавӣ баррасӣ гардад. Дар дурнамои дарозмӯҳлат ҳамчунин чорабиниҳое амалӣ гардидан, ки барои рушд ва таҳкими натиҷаҳои давраи аввали ислоҳот ҳам дар сатҳи марказӣ ва ҳам дар сатҳи идоракунии маҳаллӣ нигаронида шудаанд. Вобаста ба рушди худидоракунии маҳаллӣ дар дурнамои дарозмӯҳлат вазифаҳои нави худидоракунии маҳаллӣ ҳамзамон бо ислоҳоти бахши идоракунии маҳаллӣ ва худидоракунии шаҳрак ва деҳот муайян карда шудааст.

Татбиқи самарабахши стратегия имконият дода истодааст, ки фаъолияти устувор ва баланд бардоштани судмандии системаи идоракунии давлатӣ таъмин карда шавад.

Ҳамин тариқ, хулоса намудан ба маврид мебошад, андешидани чунин тадбирҳо, натиҷаҳои чашмдошт зеринро дода метавонад: ташкили низоми самараноки идоракунии рушди миллӣ анҷом дода шуда; сохтори идоракунии давлатии кишвар муносиб гардонида шуд, равандҳои маъмурӣ ва ҳамоҳангсозии сиёсат дар сатҳи миллӣ ва маҳалии идоракунии давлатӣ такмил ёфт; сатҳи пардохти музди меҳнати хизматчиёни давлатӣ имкони ҷалбсозӣ ва нигаҳдории ҳайатро медиҳад, ки салоҳияти он на камтар аз 70  фоизи тамоми салоҳияте, ки барои

низоми хизмати давлатӣ талаб карда мешаванд, фаро мегирад; низоми идоракунии давлатӣ автоматикунонида шуд ва Тоҷикистон ба қатори 100 кишвар шомил мегардад, ки онҳо аз рӯйи сифат ва самаранокии идоракунии давлатӣ индикаторҳои мусбӣ доранд.

## АДАБИЁТ


1. Эмомалӣ Раҳмон. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҷурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, – аз 16 апрели соли 2005. – саҳ.4
2. Эмомалӣ Раҳмон. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҷурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, – 23.12. 2022с., саҳ.8.
3. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. (Тағйиру иловаҳо бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ аз 26 сентябри соли 1999, аз 22 июни соли 2003, аз 22 майи соли 2016). https://docs.yandex.ru/
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" (АМОҶТ с.2012, №4, мод.278). - саҳ.8, https://majmilli.tj/
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ». - ш. Душанбе, с.2016, №3, мод.156, - саҳ.85.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот»./(Ахбори Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2009, №6, моддаи 446), саҳ.7.


## ИСЛОҲОТИ НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ ДАР ШАРОИТИ СОҲИБИСТИҚЛОЛИИ ТОҶИКИСТОН


Мақолаи мазкур ба омӯзиши заминаҳои ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ дар Ҷумхурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ва инчунин қобили зикр аст, ки дар мақолаи илмӣ, таъмини мақомоти давлатӣ бо мутахассисони соҳибтахассус ва босалоҳият тавассути: таҳия ва роҳандозии барномаҳои инноватсионии омӯзишӣ ва бозомӯзии идоракунии давлатӣ барои хизматчиёни давлатӣ; оид ба ташаккул ва тақвият бахшидани захираҳои кадрии низоми идоракунии давлатӣ; таҳияи маҷмӯи тадбирҳо оид ба баланд бардоштани нуфуз ва ҷолибияти низоми идоракунии давлатӣ; такмили низоми музди хизматчиёни давлатӣ барои ҳавасмандгардонӣ ва нигоҳдоштани мутахассисони баландихтисос дар хизмати давлатӣ яке аз роҳҳои асосӣ ҳисобида шудааст.



**Калидвожаҳо:** идоракунии давлатӣ, ислоҳот, низом, усулҳои идоракунӣ, стратегия, консепсия, мақомоти маҳаллӣ, самарабахшӣ, худидоракунии махаллӣ, хизмати давлатӣ.

## РЕФОРМЫ СИСТЕМЫ ГОСУДАРСТВЕННОГО УПРАВЛЕНИЯ В ЭКОНОМИЧЕСКИХ УСЛОВИЯХ ТАДЖИКИСТАНА

Данная статья посвящена исследованию основ реформирования системы государственного управления в Республике Таджикистан. А также стоит отметить, что в научной статье обеспечение органов государственной власти квалифицированными и компетентными специалистами путем: разработки и реализации инновационных программ обучения и переподготовки государственных служащих; по формированию и укреплению кадрового потенциала системы государственного управления; разработка комплекса мер по повышению влияния и привлекательности системы государственного управления; совершенствование системы оплаты труда государственных служащих считается одним из основных способов мотивации и удержания высококвалифицированных специалистов на государственной службе.

**Ключевые слова:** государственное управление, реформы, система, методы управления, стратегия, концепция, местная власть, эффективность, местное самоуправление, государственная служба.

## REFORM OF THE PUBLIC ADMINISTRATION SYSTEM IN THE ECONOMIC CONDITIONS OF TAJIKISTAN

This article is devoted to the study of the fundamentals of reforming the public administration system in the Republic of Tajikistan. It is also worth noting that the scientific article provides state authorities with qualified and competent specialists by: developing and implementing innovative training and retraining programs for civil servants; on the formation and strengthening of human resources potential of the public administration system; development of a set of measures to increase the influence and attractiveness of the public administration system; Improving the remuneration system for civil servants is considered one of the main ways to motivate and retain highly qualified specialists in the public service.

**Key words:** public administration, reforms, system, management methods, strategy, concept, local government, efficiency, local government, public service.

**Маълумот дар бораи муаллифон:**

***Султонбии Раҳматзода*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳалли. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. **Тел**: (+992)881-08-66-08. **Почтаи электронӣ**: raxmatzoda17@mail.ru

**Авлиёқулов Рустам Тоирович** – докторанти доктори фалсафа Ph.d, аз рӯйи ихтисос дар кафедраи идоракунии давлатӣ маҳалли **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. **Тел**: (+992)905993262. **Почтаи электронӣ**: sommusoh12@gmail.com

**Информация об авторах:**

**Султанбии Рахматзода** – Таджикский национальный университет кандидат экономических наук доцент кафедры государственного и местного управления **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17. **Тел**: (+992)881-08-66-08. **Электронная почта**: raxmatzoda17@mail.ru

**Авлиёкулов Рустам Тоирович** – Таджикский национальный университет докторант философских наук, Ph.d, по специальности в кафедре государственного и местного управления **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17. **Тел**: (+992)905993262. **Электронная почта**: sommusoh12@gmail.com

**Information about the authors:**

**Sultanbii Rakhmatzoda** – Tajik national university candidate of economic sciences, associate professor, department of state and local administration, **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17**,** **Tel:** (+992)881-08-66-08. **Email:** raxmatzoda17@mail.ru

**Avliyokulov Rustam Toirovich** – Tajik national university doctoral student of philosophical sciences, Ph.d, majoring in the department of state and local administration **Tel:** (+992)905993262 **Email:** sommusoh12@gmail.com,

## НАҚШИ МЕНЕҶМЕНТИ АНДОЗ ДАР ИДОРА НАМУДАНИ ҶАРАЁНҲОИ АНДОЗӢ

*Қурбонова М.С. – ассистенти кафедраи андоз ва андозбандии ДМТ*

Хусусияти раванди андозбандӣ ва нақшу мақоми он барои иқтисодиёти кишвар зарурияти ҷудо кардани менеҷменти андозро ҳамчун як соҳаи махсуси донишҳои илмӣ ба миён овард.

Менеҷменти андоз яке аз қисматҳои низоми умумии идоракунии иқтисоди бозорӣ ба ҳисоб рафта, дар маҷмӯъ қисмати таркибии менеҷмент мебошад.

Ҳамчунин, менеҷменти андозро як навъи идоракунии молияи давлатӣ мешуморанд.

Менеҷменти андоз дар низоми иқтисодии давлатҳои рушдёфта дар лаҳзаи ислоҳоти куллии низоми андози амалкунанда таваҷҷӯҳи зиёд дорад.

Дар адабиёти ватанӣ ва хориҷӣ то ҳол мафҳуми устувор ва маъмули «менеҷменти андоз» вуҷуд надорад. Баъзе олимон онро аз ҷиҳати мазмун, баъзеи дигар аз рӯи шаклҳо шарҳ медиҳанд.

Умуман, дар низоми идораи давлатии ватанӣ истилоҳи «менеҷменти андоз» то ҳол чандон истифода намешавад ва ҳатто дар илми молия танҳо дар даҳсолаи охир ба маънои аслӣ паҳн шудааст.

Аз ин рӯ, комилан фаҳмо аст, ки то ҳол тафсири умумии қабулшудаи ин мафҳум, махсусан таърифи қонунии он вуҷуд надорад. Як қатор таърифҳои ин мафҳумро пешниҳод менамоем:

Т.Юткина менеҷменти андозро ҳамчун раванди таҳияи асосҳои ҳуқуқии андозбандӣ, таъмини шароити фаъолияти механизми мушаххаси андоз ва офаридани қоидаҳои баҳисобгирию ҳисоботдиҳӣ, таҳлилӣ ва ҳуҷҷатҳо муаррифӣ менамояд [6, с. 244-245].

Ҳамзамон, ӯ се самти менеҷменти андозро, ки ба якдигар таъсиррасонанд, чунин муайян намудааст: банақшагирӣ ва ояндабинии андоз, танзими андоз ва назорати андоз, инчунин ду сатҳи он: менеҷменти давлатии андоз ва менеҷменти андози корпоративӣ.

А.Крисоватий ва А.Кизима чунин мешуморанд, ки менеҷменти андозро дар се ҷиҳат баррасӣ кардан лозим аст: ҳамчун низоми идоракунии андоз; ҳамчун категорияи муайяни одамон ва ё табақаи иҷтимоие, ки идоракунии андозҳоро ба ҷо меоранд; ҳамчун як шакли соҳибкорӣ, ки ба менеҷменти андози корпоративӣ ва шахсӣ дахл дорад.

М.Карп менеҷменти андозро ҳамчун раванди идоракунӣ мешуморад, ки бо истифода аз усулҳои таъсиррасонии механизми андоз бо мақсади амалӣ намудани сиёсати андоз ба роҳ монда шудааст [2, с. 47].

С.Барулин менеҷменти андозро ҳамчун илм, санъат ва амалияи қабули қарорҳои идоракунӣ оид ба оптимизатсияи ҷараёнҳои андоз аз ҷониби давлат ва корхонаҳо, инчунин қарорҳо оид ба интихоб ва такмили шаклу усулҳои андозбандӣ, банақшагирии андоз, танзим ва назорат муайян мекунад.

Предмети назарияи менеҷменти андоз қонуниятҳои умумии пайдоиш, фаъолият ва рушди андозбандӣ, моҳияти он, хусусиятҳои субъектҳо ва объектҳои фаъолияти идоракунӣ дар ин соҳа, инчунин хусусиятҳои механизми андозӣ мебошад.

Мавриди қайд аст, ки менеҷменти андоз самти илмии нави назариявӣ ва ё амалӣ буда, дар ибтидои аср пайдо шудааст.

Менеҷменти андоз аввалан дар муҳити хоҷагидорӣ ба вуҷуд омада, танҳо баъдан зарурияти аз ҷиҳати назариявӣ ҷамъбаст кардан ва инкишоф додани ин соҳаи дониш ба миён омад.

То ин замон аксари нашрияҳо оид ба менеҷменти андоз ба роҳҳои гурез аз андоз ва ё саркашӣ аз андозсупорӣ бахшида шудааст, ҳол он ки менеҷменти андоз дар маҷмӯъ ин банақшагирии андозҳо мебошад.

Инчунин, дар як қатор нашрияҳо дарҷ гардидааст, ки вазифаи асосии менеҷменти андоз ин минималикунонии андозҳо мебошад. Ин ҳеҷ номумкин аст, чунки кам намудани баъзе аз андозҳо боиси зиёд шудани дигар андозҳо гардида, бо ҳар роҳ минималикунонии андозҳо ба ҷавобгарии ҷиноятӣ оварда мерасонад [5, с.15].

Менеҷменти андоз ҳамчун як падидаи иқтисодӣ дар сатҳи макро, яъне аз нуқтаи назари фаъолият ва манфиатҳои мақомоти давлатӣ пурратар зоҳир мегардад.

Менеҷменти андоз низомеро дар бар мегирад, ки дар асоси принсипҳо, усулҳо ва вазифаҳои махсус сохта шуда, тавассути онҳо идоракунӣ дар маҷмӯъ амалӣ карда мешавад.

Ҳамчун самти илмӣ менеҷменти андоз ифшои асосҳои консептуалии худро тақозо менамояд. Менеҷменти андоз ба усулҳои мушаххаси қабули қарорҳо оид ба идоракунии андоз такя менамояд.

Менеҷменти андоз, ки дар низоми идоракунӣ вазифаи дахлдорро иҷро менамояд, имрӯз яке аз зернамудҳои менеҷменти молиявӣ ба ҳисоб меравад.

Менеҷменти андозро метавон ҳамчун идоракунии андозҳо тавсиф кард, ки аз ҷониби ташкилотҳо-андозсупорандагон дар муҳити макроиқтисодӣ амалӣ карда мешавад. Дар баробари ин, менеҷменти андоз аслан банақшагирии андоз аст [1, с.151].

Менеҷменти андоз – низоми идоракунии ҷараёнҳои андозӣ аз ҷониби давлат ва субъектҳои хоҷагидорӣ ба шумор рафта, он барои баланд бардоштани самаранокии таъсири механизми давлатии андозбандӣ равона гардидааст.

Предмети менеҷменти андоз муносибатҳо оид ба муқаррар намудан, ҷорӣ кардан ва ситонидани андозҳо, захираҳои андозӣ, ҷараёнҳои молиявӣ ба шумор меравaнд [4, с.30].

Ҳангоми омӯзиши менеҷменти андоз бояд ба назар гирифт, ки дар асоси худи менеҷменти андоз принсипҳои умумӣ ва муқаррароти асосии идоракунӣ оварда шудааст [4, с.29].

Менеҷменти андоз танҳо ба он қисми захираҳо ва ҷараёнҳои молиявие дахл дорад, ки бо пардохтҳои ҳатмӣ алоқамананд [1, с.151].

Менеҷменти андоз мафҳуми бисёр арзишманд ва дар баробари он мафҳуми ниҳоят мураккаб буда, онро аксари тадқиқотчиён ҳамчун як раванди махсуси илмию амалӣ барои таъмини низоми фаъолияти механизми андоз, ки қонун муайян кардааст, таҳлил намудаанд.

Ҳамин тариқ, менеҷменти андозро ҳамчун низоми идоракунии давлатӣ ва корпоративии ҷараёнҳои андозӣ бо истифода аз шаклу усулҳои аз ҷиҳати илмӣ асосёфта ва қабули қарорҳо дар соҳаи идоракунии даромадҳо ва хароҷотҳои андозӣ дар микро ва макросатҳ фаҳмидан лозим аст.

Менеҷменти андоз дар сатҳи макро на танҳо баҳодиҳии воқеии иқтидори даромадҳои андоз, балки таҳияи стратегияи ягонаи давлатии андоз, ташаккули низоми самараноки идоракунии равандҳои андозро дар бар мегирад.

Менеҷменти андоз – ин низоми идоракунии давлатӣ ва иттиҳодиявии ҷараёнҳои андозӣ мебошад, ки бо истифода аз шакл ва усулҳои қабули қарорҳо баҳри идоракунии даромадҳои андозӣ ва хароҷотҳои андозӣ дар макро ва микросатҳ ба роҳ монда мешавад.

Менеҷменти андоз ҳамчун низоми идоракунӣ объект ва субъекти худро доро аст.

Ба субъектони менеҷменти андоз давлат дар шахсияти мақомотҳои қонунбарор ва иҷроия, инчунин худи андозсупорандагон – шахсони

ҳуқуқӣ дохил шуда, объекти менеҷменти андозро ҷараёнҳои андозие ташкил медиҳанд, ки ҳаракатҳои худро дар натиҷаи иҷрои вазифаҳои андоз дар сатҳи макро ва микро амалӣ мегардонанд.

Объекти менеҷменти андоз низоми муносибатҳое ба шумор меравад, ки аз ташкил ва татбиқи ҷараёни пулӣ аз ҷониби шахсони андозбандишаванда ба манфиати давлат бармеояд [1, с.152].

Усули менеҷменти андоз инҳоро дар бар мегирад:

- тарзҳои таъсиррасонии қонун ба муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба масъалаҳои андозбандӣ;
- маҷмӯи услубҳо, элементҳои механизми андоз.

Асоси методологии менеҷменти андоз бо назарияи умумии идоракунӣ алоқамандӣ дорад. Азбаски менеҷменти андоз қисми назарияи умумии идоракунӣ ба ҳисоб меравад, бояд ба принсипҳои умумии таҳлилӣ такя намояд [1, с.152].

Менеҷменти андозро метавон ба ду намуди асосӣ (сатҳ) ҷудо кард: менеҷменти андоз дар микросатҳ – аз нуқтаи назари манфиатҳои субъектҳои хоҷагидорӣ ва менеҷменти андоз дар макросатҳ – аз нуқтаи назари фаъолияти мақомоти андоз.

Тавре ки қаблан зикр гардид, менеҷменти андоз дар микросатҳ воқеан бо банақшагирии андоз алоқаманд буда, ҳадафи асосиаш оптимизатсияи пардохтҳои андозӣ, кам кардани талафоти андоз аз рӯи ҳар як андози мушаххас ё маҷмӯи андозҳо, зиёд кардани ҳаҷми сармояи гардони корхона ва дар натиҷа имкониятҳои ҳақиқии тараққиёти минбаъдаи ташкилот, афзун гардондани самараи кори он ба шумор меравад.

## АДАБИЁТ


1. Гарипов Р.Р. Понятие налогового менеджмента и его методы // Международный студенческий научный вестник. – 2018. – № 4-5.
2. Карп М.В. Налоговый менеджмент: Учебник. М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2001. С. 47.
3. Колчина, Н.В. Финансовый менеджмент. - М.: Юнити Дана, 2004. - С. 90.
4. Пименов Н.А. Налоговый менеджмент. Учебник для академического бакалавриата, 2-е издание. Москва – Юрайт – 2019.
5. Хотинская Г.Л. Налоговый менеджмент и его эффективность // Финансовый менеджмент // №2, 2002.
6. Юткина Т.Ф. Налоги и налогообложение: Учебник. М.: ИНФРА-М, 2002. С. 244-245.


## НАҚШИ МЕНЕҶМЕНТИ АНДОЗ ДАР ИДОРА НАМУДАНИ ҶАРАЁНҲОИ АНДОЗӢ

Айни замон барои ба танзим даровардан ва бурдани назорати доимӣ аз рӯи ҷараёнҳои андозӣ фаъолиятеро бо номи «менеҷменти андоз» бештар истифода мебаранд. Менеҷменти андоз низоми идоракунии ҷараёнҳои андозӣ аз тарафи давлат ва субъектҳои

хоҷагидорӣ ба ҳисоб рафта, ҳадафи умумии он – мустаҳкам намудани молия, баланд бардоштани самаранокии иқтисодӣ ва таъмини рушди иқтисодӣ ба шумор меравад.

**Калидвожаҳо:** менеҷменти андоз, вазифаҳои менеҷменти андоз, предмети менеҷменти андоз, ҳадафҳои менеҷменти андоз, ҷараёни андоз, самаранокӣ, назорати андоз.

## РОЛЬ НАЛОГОВОГО МЕНЕДЖМЕНТА В УПРАВЛЕНИИ НАЛОГОВЫХ ПРОЦЕССОВ

В настоящее время для регулирования и осуществления постоянного контроля за налоговыми процессами ведется наиболее широко используемый вид деятельности под названием «налоговый менеджмент». Налоговый менеджмент – это система управления налоговыми процессами со стороны государства и хозяйствующих субъектов, общей целью которой является укрепление финансов, повышение экономической эффективности и обеспечение экономического развития.

**Ключевые слова:** налоговый менеджмент, функции налогового менеджмента, предмет налогового менеджмента, цели налогового менеджмента, налоговый процесс, эффективность, налоговый контроль.

## THE ROLE OF TAX MANAGEMENT IN THE MANAGEMENT OF TAX PROCESSES

Currently, the most widely used type of activity called "tax management" is carried out to regulate and exercise ongoing control over tax processes.

Tax management is a system for managing tax processes on the part of the state and business entities, the overall goal of which is to strengthen finances, increase economic efficiency and ensure economic development.

**Key words:** tax management, functions of tax management, subject of tax management, goals of tax management, tax process, efficiency, tax control.

**Маълумот дар бораи муаллиф**:

**Қурбонова Миҷгона Саидкомиловна -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ассистенти кафедраи андоз ва андозбандӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, Рӯдакӣ 17. **Тел:** 501154747. **Почтаи электронӣ**: mizhgona.kurbonova@mail.ru

**Сведения об авторе**:

**Курбонова Мижгона Саидкомиловна** - Таджикский национальный университет ассистент кафедры налоги и налогообложение. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, Рудаки 17**. Тел:** 501154747 **Электронная почта**: mizhgona.kurbonova@mail.ru

**Information about the author:**

**Kurbonova Mijgona Saidkomilovna** - Tajik national University. assistant of the department of taxes and taxation, **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki 17. **Tel:** 501154747. **E-mail:** mizhgona.kurbonova@mail.ru

# ИСТИФОДАИ ТАҶРИБАИ ХОРИҶИИ АНДОЗБАНДИИ СОҲАИ КИШОВАРЗӢ

Ҷураева М.Н. - муаллими калони кафедраи андоз ва андозбандии ДМТ

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми содакардашудаи андози ягонаи кишоварзӣ низоми махсус барои андозбандии фаъолияти субъектҳое мебошад, ки истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро бе коркарди саноатӣ анҷом медиҳанд. Хусусиятҳои истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ бо шароитҳои объективӣ алоқаманданд, ки барои аксар соҳаҳои дигари саноат нақши калон намебозанд: вобастагӣ ба шароити табиӣ, мавсимӣ, дараҷаи пасти даромаднокӣ, номунтазамии воридоти даромадҳо. Ин омилҳо на танҳо ба ташкил ва самарабахшии истеҳсолот таъсири калон мерасонанд, балки тартиби андозбандии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқро низ муайян мекунанд.

Ҳангоми ташаккули системаи андозбандии аграрӣ ин омилҳо ба таври зерин ба назар гирифта мешаванд:

- вобастагии истеҳсолот аз шароити табиии хавфи баланди талафотро дар назар дорад, ки дар низоми андоз мавҷуд будани имкониятҳои иловагиро ба монанди ба таъхир гузоштани пардохти андоз, қарзи андоз ва гузаронидани зарар ба давраҳои андози оянда тақозо менамояд;
- мавсимии истеҳсолот ва нобаробар гирифтани даромад дар давоми сол истифодаи давраи дарози ҳисоботи ва гузаштани ӯҳдадории пардохти андозро то охири сол муайян мекунад;
- сатҳи пасти даромаднокӣ дар соҳа тартиби имтиёзноки андозбандиро пешакӣ муайян мекунад.

Ин чунин маъно дорад, ки дар асоси принсипҳои умумии андозбандӣ бори андоз дар хоҷагии қишлоқ бояд камтар бошад. Умуман, хусусиятҳои хоси истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ ба он оварда мерасонад, ки «тобоварии» андози корхонаҳои хоҷагии қишлоқ нисбат ба дигар соҳаҳои саноат паст буда, андозҳои пасти хоҷагии қишлоқ барои таъмини тақсимоти одилонаи даромад дар ҷамъият аст. Ба гуфтаи Франсуа Кене, андозбандӣ, ки заминдорро фақир мегардонад, ҳамон таъсире дорад, ки жола ҳосилро нобуд мекунад [6. с-45].

Системаи андозбандӣ ва маъмурияти он аксар вақт як ҷузъи мушаххаси фарҳангӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва шароити иқтисодии инкишофи давлат ва тағйирот дар ҷавоб ба чолишҳо, талабот ва талаботи нави ҷамъият ва тараққиёти иқтисодиёт [2. с-315]. Аз сабаби зиёд будани ҳиссаи

кишоварзӣ дар иқтисодиёти кишварҳои рӯ ба тараққӣ ва кишварҳои дар ҳоли гузариш, сиёсати андози аграрӣ таъсири калон дошта, бо ҳадафҳои рушди иқтисодии давлат алоқаманд аст [3. с-114].

Чун қоида, дар чунин шароит вазифаи ҳавасмандкунии андозбандӣ (яъне истифодаи усулҳои андозбандӣ ҳамчун воситаи танзими ғайримустақими давлатӣ) дар кишоварзӣ нисбат ба вазифаи фискалӣ, ки барои пур кардани буҷети давлатӣ масъул аст, хеле бартарӣ дорад. Бояд қайд кард, ки вазифаи танзимкунанда ба таври ғайримустақим ба қонеъ гардонидани ҷузъи фискалии андозбандӣ оварда мерасонад.

Андозбандӣ ба рафтори иқтисодии истеҳсолкунандагони кишоварзӣ таъсир мерасонад. Андозбандии даромад бештар ба тасмимгириҳои истеҳсолӣ ва сармоягузорӣ ва дар натиҷа ба сохтори бахши кишоварзӣ таъсир мерасонад. Андозбандӣ истеҳсолкунандагони кишоварзиро водор мекунад, ки аз воситаҳои истеҳсоли худ даромади ҳадди аксар гиранд[4. с-762].

Механизмҳои танзими андоз дар хоҷагии қишлоқ, чун қоида, мақсадҳои зеринро пеш мегиранд: андозсупорандагон ба намудҳои муайяни фаъолият, аз қабили сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ ва рушди намудҳои алоҳидаи истифодаи замин [5.с-404]. Дастгирии даромад дар ин ҳолат метавонад натиҷаи иловагии ин ҳавасмандкунӣ бошад.

Таҷрибаи Россия, давлатҳои аъзои ИДМ ва Иттиҳоди Аврупоро таҳлил намуда, инчунин бо назардошти хусусиятҳо ва омилҳои истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ хусусиятҳои зерини андозбандиро дар хоҷагии қишлоқ чудо кардан мумкин аст:

- имтиёзҳои андоз барои ҷалби сармоя ба соҳа;
- андозбандии экологӣ;
– тартиби махсуси (имтиёзноки) ситонидани андоз ва пардохтҳо;
- тартиби махсуси андозбандии замин ҳамчун манбаи аз ҷиҳати стратегӣ муҳими истеҳсолот;
- истифодаи андози ягона.

Имтиёзҳои андозӣ дар соҳаи кишоварзӣ яке аз воситаҳои субсидиякунонии бахши кишоварзӣ тавассути истифодаи системаи васеи имтиёзҳои андоз мебошад. Имтиёзҳои андоз ҳиссаи зиёди маҳсулоти умумӣ ва даромадро ташкил медиҳанд корхонаҳои хоҷагии қишлоқ.

Дар қонунгузории андози аксарияти мамлакатҳо ба корхонаҳое, ки маблағгузорӣ ва маблағгузорӣ ба азнавсозӣ ва васеъ кардани истеҳсолот, баровардани маҳсулоти нав, ҷорӣ намудани технологияи пешқадам ва комёбиҳои прогресси илму техника.

Бо вуҷуди ин, пажӯҳишгарони аврупоӣ таваҷҷуҳи худро ба он ҷалб мекунанд, ки ҳарчанд чораҳои махсуси андоз барои ҳавасмандгардонии баъзе намудҳои сармоягузорӣ метавонанд барои истеҳсолкунандагони кишоварзӣ судманд бошанд ҳам, набояд фаромӯш кард, ки ин тадбирҳо дар воқеият манфиати мустақим нестанд.

Деҳқонон метавонанд аз ин имтиёзҳо танҳо тавассути намудҳои муайяни сармоягузорӣ баҳра баранд ва ин ҳавасмандкунӣ танҳо барои ҷуброн кардани як қисми хароҷоти иловагӣ ба деҳқонон пешбинӣ шудааст. Аммо, баъзе аз ин сармоягузориҳо метавонанд аз сабаби фаъолиятҳое, ки дар доираи ИА сурат мегиранд, ҳатмӣ бошанд.

Кишварҳое, ки барои ин сармоягузориҳо ҷубронпулӣ медиҳанд, ҳамин тавр хароҷоти татбиқи онҳоро барои истеҳсолкунандагони кишоварзӣ дар муқоиса бо деҳқонони дигар кишварҳо кам мекунанд.

Имтиёзҳои андоз дар шакли тарҳи сармоягузорӣ, қарзи сармоягузорӣ ва имтиёзҳои андоз барои сармоягузории асосӣ дар системаҳои андози аксари кишварҳои узви Иттиҳоди Аврупо мавҷуданд, гарчанде меъёрҳои фоизӣ ба таври назаррас фарқ мекунанд.

Имтиёзҳои андоз аз сармоягузорӣ дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ маъмуланд. Дар байни онҳо таътилҳои андоз махсусан маъмуланд. Аммо иддае аз иқтисоддонҳо таъкид мекунанд, ки як зумра мушкилот ва қонуншиканиҳо вуҷуд доранд, ки дар натиҷа ин имтиёзҳои андоз метавонад танҳо боиси коҳиши даромади андоз гардад. Аз ин рӯ, ҳама гуна бонуси андози сармоягузорӣ бояд бодиққат асоснок карда шавад.

Қарзи андози сармоягузорӣ яке аз шаклҳои маъмултарини ҳавасмандгардонии андоз барои сармоягузорӣ мебошад, аммо мазмуни амалии ин консепсия дар кишварҳои гуногун ба таври назаррас фарқ мекунад.

Меъёрҳои қонунгузорӣ, ки пешниҳоди кредити андози сармоягузориро дар кишварҳои гуногун танзим мекунанд, дар муқоиса бо дигар имтиёзҳои андоз ба самаранокӣ ва мақсаднок будани татбиқи он барои истеҳсолкунандагони кишоварзӣ таъсир мерасонанд. Масалан, дар як қатор кишварҳои Иттиҳоди Аврупо тибқи низоми кредити андоз ҳамаи истеҳсолкунандагон ҳуқуқ доранд, ки андозҳои худро то андозае кам кунанд. Маблағи муайян, дар ҳоле ки дар доираи низоми кредити андоз, онҳое, ки бо меъёрҳои баландтар андозбандӣ карда мешаванд, нисбат ба онҳое, ки бо меъёрҳои пасттар андозбандӣ мешаванд, имтиёзҳои мутлақи бештар мегиранд.

Илова ба ҳадафи ҷалби сармоя ба бахши кишоварзӣ, бархе аз аҳдофи сиёсати экологӣ дар соҳаи кишоварзиро метавон тавассути истифодаи абзори андоз низ амалӣ кард. Ба чунин воситаҳо андозҳои махсуси экологӣ, пардохтҳо барои истифодаи энергия ва партовҳои сӯзишворӣ, пардохтҳо барои истифодаи обҳои зеризаминӣ, тарҳи сармоягузории экологӣ, амортизатсияи худсарона оид ба сармоягузорӣ ба ҳифзи муҳити зист ва сарфаи энергия дохил мешаванд.

Сиёсати экологӣ ва андоз дорои як минтақаи буриш мебошад, ки бо истифодаи андозҳои экологӣ ва ангезаи муайяни фаъолияти экологии дигар андозҳо, ки самти дақиқи экологӣ надоранд, муайян карда мешавад.

Таваҷҷӯҳ ба ҳифзи муҳити зист, махсусан дар Аврупои Ғарбӣ боиси он гардид, ки аз ибтидои солҳои 1990-ум консепсияи ислоҳоти андози экологӣ дар сатҳи давлатҳои алоҳида қабул ва амалӣ карда шуд.

Мақсади асосии ин ислоҳот ноил шудан ба рушди устувори иқтисодиёт тавассути гузаронидани бори андоз аз андозбандии захираҳои меҳнатӣ ба андозбандии воситаҳои истеҳсолот, энергия ва партоби газҳои гулхонӣ мебошад.

**АДАБИЁТ**


1. Chambers, R.G. Information, incentives, and the design of agricultural policies // Handbook of Agricultural Economics. - 2002. - Volume 2, number 4. - P. 1754- 1757.
2. Khan M. H. Agricultural taxation in developing countries: a survey of issues and poIicy/ZAgricultural Economics. - 2001. - №24. - P.315.
3. Ahmad E., Stern N. The Theory and Practice of Tax Reform in Developing Countries. Cambridge, 1991. P. 94 – 114.
4. Burgess, R. and Stern, N. Taxation and development//The Journal of Economic Literature. - 1993. - 31. -P.762.
5. Rozelle S. and Swinnen J.F.M. Success and Failure of Reform: Insights from the Transition of Agriculture//Journal of Economic Literature. 2004. - №42. - P. 404.


## ИСТИФОДАИ ТАҶРИБАИ ХОРИҶИИ АНДОЗБАНДИИ СОҲАИ КИШОВАРЗӢ


Хусусиятҳои истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ бо шароитҳои объективӣ алоқаманданд, ки барои аксар соҳаҳои дигари саноат нақши калон намебозанд: вобастагӣ ба шароити табиӣ, мавсимӣ, дарачаи пасти даромаднокӣ, номунтазамии воридоти даромадҳо. Ин омилҳо на танҳо ба ташкил ва самарабахшии истеҳсолот таъсири калон мерасонанд, балки тартиби андозбандии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқро низ муайян мекунанд.



**Калидвожаҳо:** истеҳсолот, истеҳсоли хоҷагии қишлоқ, воридот, даромадҳо, андозбандии.


## ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ЗАРУБЕЖНОГО ОПЫТА СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННОГО НАЛОГООБЛОЖЕНИЯ


Особенности сельскохозяйственного производства связаны с объективными условиями, не играющими значительной роли для большинства других отраслей: зависимостью от природных условий, сезонностью, невысоким уровнем доходности, нерегулярностью поступления доходов. Эти факторы не только оказывают значительное влияние на организацию и эффективность отрасли, но и обусловливают порядок налогообложения сельскохозяйственных товаропроизводителей.



**Ключевые слова:** производства, сельскохозяйственное производства, поступления, доходов, налогообложения.

## USING FOREIGN EXPERIENCE IN AGRICULTURAL TAXATION

Features of agricultural production are associated with objective conditions that do not play a significant role for most other industries: dependence on natural conditions, seasonality, low levels of profitability, and irregularity in income. These factors not only have a significant impact on the organization and efficiency of the industry, but also determine the procedure for taxing agricultural producers.

**Key words:** production, agricultural production, income, income, taxation.

**Маълумот дар бораи муаллиф**:

**Ҷураева Матлюба Номозовна** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи андоз ва андозбандӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. **Тел:** 985317272, **Почтаи электронӣ** www.matluba@.ru.

**Информация об авторе:**

**Джураева Матлюба Номозовна** - Национальный университет Таджикистана, старший преподаватель кафедры налогообложения и налогообложения. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17. **Тел:** 985317272, **Электронная почта**: www.matluba@.ru.

**Information about the author:**

Dzhuraeva Matlyuba Nomozovna - National University of Tajikistan, senior lecturer at the Department of Taxation and Taxation. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17 Tel: 985317272 **Email:** matluba@.ru.

## АМНИЯТИ ЭНЕРГЕТИКӢ: ОМИЛҲО ВА ПРИНСИПҲОИ ТАЪМИНИ ОН

*Чоршанбиев С.Р.- муаллими калони кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии ДМТ*

*Усмонова С.Р. – унвонҷӯи кафедраи иқтисод ва идораи КАС – и ДМТ*

Раванди гузариш ба рушди устувори иқтисодиёти кишвар ва дар заминаи он ташаккули механизмҳои баланд бардоштани самаранокӣ ва тараққиёти бахши воқеии иқтисодиёт ва инфрасохтор, тавсеаи истеҳсоли молу хизматрасониҳо, мусоидат ба таъмини шуғли пурмаҳсули аҳолӣ, модернизатсия ва диверсификатсияи фаъолияти хоҷагидорӣ аз ҷумлаи тадбирҳои муассир дар самти таъмини амнияти миллии мамлакат ба вижа амнияти энергетикии кишвар ба ҳисоб меравurand. Дар робита ба ин, таъмини амнияти энергетикӣ аз ҷониби роҳбарияти олии сиёсии кишвар ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз ҳадафҳои стратегӣ ва воситаи ноил гардидани мамлакат ба Ҳадафҳои рушди устувор (ҲРУ), ки дар иҷлосияи 70-уми Ассамблеяи Генералии СММ дар моҳи сентябри соли 2015 маъқул дониста шуда буданд, қарор гирифтааст [1].

Ин аст, ки дар даврони соҳибистқлолии кишвар дар соҳаи энергетикаи кишвар бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкилоту созмонҳои байламиллалии молиявӣ ва шарикони рушд корҳои назаррас анҷом дода шудаанд. Барои беҳбудии вазъи таъмини истеъмолкунандагон бо нерӯи барқ дар дохили кишвар 34 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ва маблағи 57,2 миллиард сомонӣ амалӣ гардида, айни замон 17 лоиҳаи сармоягузории дигари давлатӣ ба маблағи 16,4 миллиард сомонӣ дар зинаи амалишавӣ қарор доранд.

Сарфи назар аз тағйироти мусбат дар ин самт, дар соҳаи мазкур то ҳол як қатор муаммоҳое (норасогии баръалои энергетикии ноҳияҳо дар давраи тирамоҳу зимистон, гармитаъминкунии алтернативии шаҳрҳои калону миёна, инфрасохтори энергетикии инкишофнаёфта ва ғ.) мавҷуданд, ки ба мушкилоти таъмини амнияти энергетикии кишвар оварда мерасонанд [2].

Аз ин рӯ, ин тадқиқу омӯзиши ин мушкилот дар айни замон аз нигоҳи илмӣ мубрам ва аз нигоҳи амалӣ ҳалталаб боқӣ мемонад. Вобаста ба ин, дар доираи тадқиқот, мо кӯшиши тадқиқу таҳлили омилҳои асосӣ ва принсипҳои таъмини амнияти энергетикиро анҷом дода, ба ин васила таҳияи пешниҳодотро барои баланд бардоштани сатҳи таъмини амнияти энергетикӣ ва чораҳои пешгирикунандаи таҳдидомез коркард ва асоснок намудем

Бояд зикр намуд, ки мафҳуми «амнияти энергетикӣ» наздики ним аср пеш пайдо гардида, таҳқиқотҳои зарурӣ оид ба муаммоҳои таъмини бехатарии энергетикӣ танҳо аз солҳои 1970-ум инҷониб пайдо гардидаанд.

Маҳз дар ин марҳила мафҳуми «амнияти энергетикӣ» дар моҳи декабри соли 1973 дар мақолаи Джоан Эдельмен Сперо «Таъминоти пуррагии энергетикӣ ва бехатарии миллӣ» ба миён омад[9, С.123-136]. Дар моҳи июли соли 1974 Институти Гудзонова алаккай як қатор маърӯзаҳо ба мисли «Энергия ва бехатарӣ: муҳиммият барои сиёсати Амрико»-ро нашр намуд. Дар соли 1975 якумин таҳқиқоти муҳим, ки таҳқиқи бартариатҳои таъмини бехатарии миллии энергетикиро дар ИМА ва укёнуси Ором муаррифӣ мекард, рӯи кор омад [10]. Ба таври қатъӣ, ин ташвиш маҳз дар кишварҳои Ғарб, дар ҳоле ки рушди иқтисодии бомаром ба афзоиши истеъмол ва боло рафтани вобастагӣ аз таъмини берунии маводи сӯзишворӣ оғоз гардид.

Рушди таваҷҷӯҳ ба таҳқиқи амнияти энергетикӣ дар ҷанбаҳои гуногуни он- қобилияти ҳаёт ва иқтидори ҳар як давлат дар бисёр ҳолат аз сатҳи тараққиёти иқтисодиёт, миқдори захираҳое, ки барои субъектони кишвари мазкур дастрасанд, иборат аст. Яке аз зихираҳи нисбатан серэҳтиёҷ- ин захираҳои энергетикӣ ба шумор меравад. Ба чунин тарз вазъи бавуқӯъомада дар монографияи коллективии олимони рус, зери роҳбарии академик Е.П.Велихова оварда шудааст: «Таҷрибаи тараққиёти тамаддун нишон медиҳад, ки некуаҳволии кишварҳо ва халқиятҳо то айни замон аз сӯзишвории истеъмолшаванда, ки он ба таври воқеӣ одамонро баҳри истеъмоли ин намуди захира маҷбур

месохт. Боэътимодӣ ва устувории таъмини сӯзишворӣ асоси таъмини бехатарии миллӣ, тараққиёти давлат ва устворӣи глобалӣ ва минтақавӣ арзёбӣ мегардад»[5, С.3-6].

Ба андешаи Хоналиев Н.Х. «амнияти энергетикӣ на танҳо таҳдидҳои таъмин бо маводи энергетикӣ, балки ҳамчунин технологӣ, табиӣ, берунаиқтисодӣ, идоравӣ-ҳуқуқӣ ва дигар намудҳои таъминотро фаро мегирад» [8, С.33-38]. Барои таъмини амнияти энергетикии кишвар, ба андешаи олим начандон аҳамияти принсипиалиро аз ҳисоби кадом сарчашмаҳо таъмин шудани захираҳо (дохилӣ ва ё воридотӣ) амалӣ мегардад. Асос он аст, ки ин таъминот пурра, беист ва бо нархҳои дастрас бошад.

Олимони дигари ватанӣ Аҳророва А.Д. ва диг. асоси таъмини амнияти энергетикиро дар сатҳи дастрасӣ ба захираҳои энергетикӣ вобаста медонанд[3].

Бехатарии энергетикӣ яке аз унсурҳои таркибии амнияти иқтисодии кишвар ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, он ҳамчун ҳимояи шаҳрвандон ва давлат дар маҷмӯъ аз норасоии ҳамаи намудҳои маҳсули сӯзишворӣ, ки аз ҳисоби таъсири муаммоҳои манфии табиӣ (экологӣ), техногенӣ, идоравӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ғ. ба вуқӯъ меоянд, маънидод гардида буд. Даргузашта аз ин, дар рафти омӯзиши муаммоҳои таъмини бехатарии энергетикӣ, зарур аст ки принсипҳои асосиро, ки таъсиррро ба фаъолияти хоҷагидорӣ аз нигоҳӣ истифодабарии захираҳои энергетикӣ мерасонад, ба назар гирифт. Охирин метавонад, дар асоси истифода-барии фишангҳои гуногуни иқтисодӣ, интихоби вариантҳо бо дарназардошти омилҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва экологӣ таъмин карда шавад [4, С.74-81]. Вобаста ба ин, ташаккулёбии механизми бехатарии энергетикӣ метавонад, дар асоси чунин принсипҳо таъмин гардад: принсипи устувории нархҳо ба маҳсулоти сӯзишворӣ, кафолати таъмини нерӯи барқ, қабули марказонидашудаи қарор, бартариати энергитка, экосистемавӣ, барқтаъминкунӣ, комплексӣ ва ғ.

Бо кӯмаки таҳлили факторӣ (омили)-и бехатарии энергетикӣ, метавонанд таваккалҳоеро дар бар гирад, ки характери таъсири мусбат ё ин ки таҳдид дошта бошанд. Роҳ надодани амалишавии ин таҳдидҳо, дар навбати худ вазифаи асосии мақомотҳои давлатии идоракунӣ ба шумор мераванд, зеро ки сифати зиндагии аҳолӣ аз устувории низомҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ иборат аст. Ҳолати идоракунии зернизомҳо дар аксар маврид аз объектҳо ва бахшҳои ба миёноварандаи таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ вобастагӣ доранд. Ба таҳдидҳои дохилӣ метавонанд, объектҳо ва бахшҳое, ки бавуҷудоварандаи хатарҳоро дар қаламрави кишвар боис гарданд ва ба таҳдидҳои берунӣ бошанд-таҳдидҳое, ки аз фазои ҷаҳонии геополитикӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ бармеояд, дар назар аст. Агар сухан дар бораи барқтаъминкунӣ ва омилҳои ба он таъсиррасон равад, пас мувофиқи пешниҳоди Малтсева П.Н., «дар раванди умумии идоракунии бехатарии энергетикии кишвар

ва минтақаҳои алоҳидаи он омилҳои ҳалкунанда чунин омилҳо ба шумор мераванд:

- қобилияти соҳаи энергетика, ки иҷрои функсияҳои худро дар рафти таъмини миқдори зарурии маҳсулоти сӯзишворию энергетикӣ, ки ба хотири баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардум дошта бошад;

- устувории комплекси сӯзишвории энергетикӣ ба таҳдидҳои дохилӣ ва берунии иқтисодӣ, техногенӣ ва табиӣ бо дарназардошти минималӣ кунонидани товоне, ки аз омилҳои низомвайронункунанда ба вуқӯъ омадаанд (омили устуворӣ);

- қобилияти истеъмолкунандагон ва комплексии хоҷагии минтақа оид ба истифодабарии маҳсули сӯзишворию энергетикӣ, ки ботадриҷ амалисозии потенсиали барқтаъминкунӣ ва пешгирикунандаи камчинии тарозии энергетикӣ (омили самаранокии истифодабарии сӯзишворию энергетикӣ);

- мавҷудияти аз ҷониби давлат ва ҷомеа бунёди шароитҳои мусоиди иҷтимоиву иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва молиявӣ-иқтисодӣ барои пешбурди фаъолияти босамари корхонаҳои таъминкунандаи маҳсулоти энергетикӣ-сӯзишворӣ (омили «иқлими мусоид»);

- қобилияти комплекси сӯзишворию энергетикӣ, ки кафолати қаноатманкунии ба ҳадди аққал талаботҳоро ба захираҳои энергетикӣ дар ҳолати пайдошавии маҳдудиятҳо оид ба иҷроиши фармоишҳои таъминоти дохилӣ ва беруна (омили истиқлолияти энергетикӣ) [6].

Дар баробари ин, Травчук К.В. ба сифати омилҳои асосии бехатарии энергетикӣ, ки барои аксарияти кишварҳои ҷаҳон актуалӣ ба ҳисоб меравад, омилҳои диверсификатсияи таъминот, транзити бехатар, мавҷудияти захираҳои ҳатмӣ, иттилооти босифат ва саривақтӣ, бехатарии инфрасохтор, бозорҳои мувофиқи байналмилалӣ, баланд бардоштани самаранокии энергияғунҷоиш, таъмини устувори воридшавии сармоягузориҳо, прогресси илмӣ-техникӣ, ҳифзи муҳити зистро мансуб медонад [7, С.219-226].

Ҳамин тариқ, муаяйнкунии моҳияти амнияти энергетикӣ, ҳамчун қисми амнияти миллӣ, дорои маънидоди фарох аст. Ва ин на танҳо ба хотири он ки, энергетика дар қатори намудҳои дигари бехатарии миллии кишвар ба мисли ҳарбӣ, иқтисодӣ, иттилоотӣ ҷузъи ҷудонашавандаи бехатарии миллӣ ба ҳисоб меравад, балки ба хотири он аст, ки рушди ягон ҷабҳаи ҳаёту фаъолияти хоҷагидории ҷомеаи муосирро бе сатҳи зарурии таъмини энергия номумкин аст.

Фикру мулоҳизаҳои олимону коршиносони соҳавиро ба инобат гирифта, чунин меҳисобем, ки барои таҳлили омилии (фактори)-и арзёбии сатҳи бехатарии энергетикӣ, ҳамаи омилҳоро шартан ба чунин намудҳо ҷудо намудан ба мақсад мувофиқ аст:

- омилҳои иқтисодӣ;
- омилҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ;
- сиёсати берунӣ ва беруниқтисодӣ;
- омилҳои техногенӣ ва табиӣ;
-омилҳои идоравӣ- ҳуқуқӣ.

**Ҷадвали 1.**

**Омилҳои иқтисодии амнияти энергетикӣ**

| № | Омилҳо | Эҳтимолияти | Натиҷа барои таъмини |
|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 |
| 1. | Сармоягузориҳои хориҷӣ ба фондҳои асосии энергетика ва тараққиёти он | Барзиёдии сармоягузориҳои хориҷӣ ба бахши энергетика | Гузариши иншоотҳои стратегӣ ба моликияти ширкатҳои хориҷӣ |
| | | | «Бемории голандӣ». |
| | | Норасоии сармоягузориҳои хориҷӣ дар бахши энергетика | Норасоии тавоноиҳои амалкунанда, афзоиши сатҳи хӯрдашавӣ, ҳаҷми нопурра ва ба кор андохтани иқтидорҳои нав, бад шудани манбаҳои ашёи хом барои Комплекси сӯзишворию энергетикӣ (КСЭ). |
| 1 | 2 | 3 | 4 |
| 2. | Ҳолати захираҳои энергетикии кишвар. Худтаъминкунӣ бо захираҳои энергетикӣ ваистеъмолкунандагон | Барзиёдии захираҳои табиӣ | Истифодаи ғайрисамарноки маҳсули сӯзишворӣ аз ҷониби истеъмолкунандагони он |
| | | Норасоии захираҳои табиӣ | Вобастагии кишвар ва минтақаҳои дохили ҷумҳурӣ оид ба таъминот аз берун, афзоиши нарх ба маҳсулоти сӯзишворӣ. |
| 3. | Сохтори иқтисодиёт, сиёсати масрафкунии барқ | Фарҳанги пасти истифодабарии захираҳои сӯзишворӣ | Энергияғунҷоиши баланди иқтисодиёт |
| | | Заифӣ ё ин ки мавҷуд набудани фаъолияти барқмасрафкунанда ва сиёсати | |
| | Робитаҳои хоҷагидорӣ оид ба таъмини корхонаҳои КСЭ, байни минтақаҳо, байни кишварҳо. | Вайрон шудани робитаҳои асосии хоҷагидорӣ-иқтисодии КСЭ | Номунтазамӣ дар таъминот, зарурати ташкили робитаҳои нав, танқиси дар норасоии ин ё он намуди сӯзишворӣ. |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 6 | Сатҳи монополизатсияи истеҳсолкунандагон дар бозорҳои энергетикӣ. | Сатҳи баланди монополизатсия дар бозори энергетикӣ. | Дастрас набудан аз нигоҳи иқтисоди захираҳои сӯзишворӣ ба истеъмолкунандагони алоҳида дар муносибат ба тарифҳо, сифати маҳсулоти энергетикӣ. |

**Сарчашма**: таҳияи муаалиф

Аз омилҳои дар ҷадвали 1 овардашуда, нисбатан барои Тоҷикистон, ба андешаи мо норасоии нерӯи барқ, норасоии сармоягузориҳои хориҷӣ, вазъи иқтисодиёт, таносуби талабот ва арзаи маҳсули сӯзишворӣ, сатҳи диверсификатсияи барқтаъминкунии ҳудудӣ ва истеъмолкунандагон ба назар мерасанд.

Яке аз афзалиятҳои муҳими лоиҳа васеъ намудани имкониятҳои содиротии неруи барқ ва дар ин замина, самаранок истифода бурдани иқтидорҳои гидроэнергетикии кишвар ба ҳисоб меравад. Бо дарназардошти бунёди Неругоҳи барқи обии «Роғун» ва, ҳамчунин, татбиқи лоиҳаи минтақавии CASA - 1000, ки низоми энергетикии кишварро бо низоми энергетикии ҷумҳуриҳои Қирғизистону Покистон пайваст менамояд, оғози татбиқи лоиҳаи «Азнавпайвастшавӣ ба ҳалқаи ягонаи энергетикии Осиёи Марказӣ» муҳим арзёбӣ мегардад.

Гурӯҳи **омилҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ,** чунин ба назар мерасанд, ки дар феҳрасти таъсиррасонӣ ба бехатарии энергетикӣ нисбатан муҳим арзёбӣ мегардад. Бо вуҷуди ин, мунокишаҳои минтақавӣ ва миллӣ, ки дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ кафолати эмин доштанро намедиҳанд, эҳтимоли ба вуқӯъ омаданро дар ҳар кишвар ва ҳар як минтақаи кишвар доранд, ки ин ҳолат дар навбати худ ба сатҳи бехатарии энергетикӣ бетаъсир нахоҳад монд (ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2.**

**Омилҳои иҷтимоӣ-сиёсии амнияти энергетикӣ**

| № | Омилҳо | Таваккалҳои эҳтимолӣ | Оқибат барои бехатарии энергетикӣ |
|---|---|---|---|
| Омилҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ | | | |
| 1. | Муносибатҳои меҳнатӣ дар корхонаҳои комплекси сӯзишворию энергетикӣ ва дигар корхонаҳои системаи энергеткии ҷумҳурӣ | Мунокишаҳои меҳнатӣ ва корпартоиҳо дар корхонаҳо | Манъ кардани таъмини маҳсули энергетикӣ ба истеъмолкунандагон, паст шудани сатҳи таъминоти захиравии маҳсулоти сӯзишворӣ, афзоиши ҳолатҳои садамавии инфрасохтори энергетикӣ |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 2. | Вазъи сиёсӣ дар кишвар ва минтақаҳои он | Мунокишаҳои минтақавӣ, миллӣ ва этникӣ ки эҳтимолияти ба вуқуъой дар иншоотҳои КСЭ доранд. | Вайроншавии инфрасохтори энергетикӣ, қобилияти истифода набурдан, манъ кардани таъмини захираҳои энергетикӣ, рух додани садамаҳо, талафоти зиёди нерӯи барқ. |
| 3. | Робитаҳои мутақобилаи сиёсӣ байни ҳокимияти минтақавӣ ва ҷумҳуриявӣ | Фишороварии иловагии мақомотҳои марказӣ ба мақомотҳои минтақавӣ, ё ин ки фишороварии мақомотҳои марказӣ ва маҳаллӣ ба монополияҳо оид ба ҳаркати озоди маҳсулоти сӯзишворӣ ва дигар намудҳои хизматрасониҳо дар бахши энергетика | Номувозинатии энергетикии минтақаҳои алоҳида ва норасоии захираҳои сӯзишворӣ дар минтақаҳо самаранокии иқтисодиро коҳиш дода сифати таъминот бо захираҳоро халалдор месозад. |
| 4. | Сатҳи тахассуснокии ҳайати кории истеҳсолӣ ва кадрҳои роҳбарикунанда и низоми энергетика ТЭК. | Тахассуси пасти ҳайати истеҳсолии кормандон, интизоми паст ва ҳисси масъулият. | Коҳишёбии сифат ва саривақтии қабули чораҳо оид ба таъмини бехатарии энергетикӣ, афзоиши садамаҳо, эҳтимолияти мунокишаҳои меҳнатӣ дар корхонаҳои низоми энергетикӣ |

**Сарчашма**: таҳияи муаллиф

Дар ҳамаи соҳаҳои энергетика, аз ҷумла зерсоҳаҳои асосии онсоҳаи коркарди ангишт, нафт, газ эҳтимолияти ба вуқӯъ омадани саддамаҳо дар навбати аввал пеш аз ҳама бо сабабҳои техникӣ бодарназардошти омилҳои манфии ба экология, сатҳи зиндагӣ ва раванди комплекси сӯзишворию энергетикӣ таъсиррасон мебошанд. Ба андешаи мо, тахассуснокии ҳайати корхона дар корхонаҳои комплекси сӯзишворию энергетикӣ, қобилияти аз байн бурдани ҳолатҳои гуногуни бамалоии катаклизмаҳои техногенӣ (ҷадвали 3).

**Ҷадвали 3.**

**Омилҳои техногенӣ-экологии амнияти энергетикӣ**

| № | Омилҳо | Таваккалҳои эҳтимолӣ | Натиҷа барои таъмини бехатарии энергетикӣ |
|---|---|---|---|
| Омилҳои техногенӣ- экологӣ | | | |
| 1. | Ҳолати техникии дастгоҳҳо дар корхонаҳои низоми энергетикии кишвар | Ҳолати ғайриқаноатбахши таҷҳизот дар корхонаҳои низоми энергетикӣ ва сатҳи баланди хӯрдашавии фондҳои асосӣ | Хатарҳои саддамаро аз ҳисоби омилҳои антропогенӣ ва техникӣ баланд мегардонад. |
| 2. | Омодагии истифодабарӣ | Сатҳи пасти таъминоти техникӣ ва сифати таҷҳизоти муқарраргардида, сифати пасти корҳои сохтмониву таъмирӣ ва ба истифода додани иншоотҳои энергетикӣ | 21. паст шудани иқтидори истеҳсолӣ;<br>22. шиддатнокии баланси энергетикӣ;<br>-коҳиш додан ва камшавии захираҳои энергетикӣ;<br>- сатҳи баланди партовҳои $CO_2$ аз ҷониби корхонаҳои низоми энергетикӣ ба ҳавои атмосферӣ |
| 3. | Шароитҳои табиӣ- иқлимӣ дар ҳудуди кишвар | Ҳолатҳои саддамавӣ (гирдбод, заминҷунбӣ, сӯхторҳо, сел, обхезиҳо ва хушксолӣ) ва ба миён омадани ҳолатҳои нохуши дигари табиӣ. | Номунтазамиҳо дар барқтаъминкунӣ ва таъминоти сӯзишворӣ. |

**Сарчашма**: таҳияи муаалиф

Шарҳи омилҳо эҳтимолияти ба вуқӯъомадани ҳодисаҳо ва оқибатҳои гуногунро дар ҷараёни бавуқӯъомадани ҳолатҳои интизоришаванда собит меосзад. Аз ин рӯ, ин низоми идоракунии бехатарии энергетикӣ бояд, ба коҳишёбии қабулнамоии иқтисодиёт ё иншоотҳои комплекси сӯзишвории энергетикӣ ба таҳдидҳо, ё ин ки ба ҳолати нармкунии натиҷаҳо аз амалисозии онҳо, ки қобилияти нигаҳдорӣ ё ин ки боло бурдани сатҳи таъмини бехатарии энергетикӣ, коҳиш додани таваккали заифгардонии он вобаста аст. Дар мавриди омили экологӣ ҳамин нуқтаро қайд намуд, ки сиёсати имрӯзаи кищварҳои мутараққӣ маҳз бо таваҷҷӯҳи назаррас ба омили таъмини бехатарии энергетикӣ бодарназардошти «сабзкунии иқтисодиёт» дар сенарияҳои Ҳадафҳои рушди устувор мақоми асосӣ дода шудааст. Вобаста ба ин «Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ яке аз кишварҳои татбиққунандаи “иқтисодиёти сабз” маҳсуб ёфта, аз лиҳози истифодаи манбаъҳои таҷдидшавандаи энергия дар қатори шаш мамлакати

пешсафи сайёра қарор дорад.

Ҳамин тариқ, натиҷаи тадқиқоти мазкур ва ба таври комплексӣ омӯзишу таҳлили мушкилоти бехатарии энергетикӣ ошкор намуд, ки дар рафти таҳлил омилҳои гуногуни арзёбии таъмини бехатарии энергетикӣ ошкор мегарданд (иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, беруниқтисодӣ ва сиёсати берунмарзӣ, техногенӣ ва табиӣ). Тавассути омилҳои мазкур хатарҳои дар бахшҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва технологӣ, ки дар раванди таъмини бехатарии энергетикии кишвар ва қабули қарорҳои идоракунӣ дар самти ҳалли мушкилоти бехатарии энергетикӣ аҳамияти муҳими илмӣ доранд, бояд мадди аввал қарор дода шаванд.

## АДАБИЁТ


1. Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «30» апрели соли 2021, № 168 тасдиқ шудааст.
2. Программа возобновляемых источников энергии на 2023-2027 годы. постановлению Правительства Республики Таджикистан от " 1 " марта 2023 года, №51.
3. Ахророва А.Д., Аминджанов Р.М., Дронкин К.А. Энергетика Таджикистана: современные тенденции и перспективы устойчивого развития. Душанбе: Издательство ООО РИА «Статус», 2005. -225 с.
4. Бекирова, К. Н., Чоршанбиев С.Р. Принципы и предпосылки формирования и развития региональной энергетической инфраструктуры Республики Таджикистан / К. Н. Бекирова, С. Р. Чоршанбиев // Вестник Адыгейского государственного университета. Серия 5: Экономика. – 2015. – № 2(160). – С. 74-81. – EDN UJFCMV.
5. Велихов Е.П., Гагаринский А.Ю., Субботин С.А., Цибульский В.Ф. Россия в мировой энергетике XXI века. М., 2006. С. 3.
6. Мальцева П.Н. Система государственного управления энергетической безопасностью северного региона (на примере Магаданской области). Магадан. ин-т экономики С.-Петерб. ун-та упр. и экономики. – СПб.: Издательство Санкт-Петербурского университета управления и экономики, 2012. – 170 с
7. Трачук К.В. Современные исследования проблем энергетической безопасности: теоретические аспекты // Вестник МГИМО. - 2013. - №4 (31). - С.219-226
8. Хоналиев Н.Х.Энергетические ресурсы и энергетическая безопасность Республики Таджикистан. Проблемы и перспективы экономики и управления (II): материалы междунар. науч. конф. (г. Санкт-Петербург, июнь 2013 г.). – Санкт-Петербург: Реноме, 2013. – vi, 144 с. С.33-38.
9. Spero J.E. Energy Self-Sufficiency and National Security // Proceedings of the Academy of Political Science. – 1973. – Volume 31, No. 2. P. 123-136.
10. Rajaretnam M. United States Energy-security Interests in the Indian Ocean. Institute of Southeast Asian Studies, 1975.

## АМНИЯТИ ЭНЕРГЕТИКӢ: ОМИЛҲО ВА ПРИНСИПҲОИ ТАЪМИНИ ОН

Дар мақола масоили ташаккули омилҳо ва принсипҳои таъмини амнияти энергетикӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди тадқиқ қарор дода шудааст. Дар натиҷаи таҳлил асосҳои назариявии маънидоди мафҳуми “амнияти энергетикӣ” ташаккули омилҳо ва принсипҳои ба амнияти энергетикӣ таъсиррасон ошкор гардидаанд. Аз ҷониби муаллиф роҳҳо ва тавсияҳои илмӣ дар самти коркарди чораҳои пешгирикунандаи таҳдидҳо ба низоми таъмини амнияти энергетикии ҷумҳурӣ пешниҳод карда шуданд.

**Калидвожаҳо:** амнияти энергетикӣ, омилҳо, принсипҳо, рушди устувори иқтисодӣ, иқтисоди сабз, CASA – 1000.

## ЭНЕРГЕТИЧЕСКАЯ БЕЗОПАСНОСТЬ: ФАКТОРЫ И ПРИНЦИПЫ ЕЕ ОБЕСПЕЧЕНИЯ

В статье рассматриваются вопросы формирования факторов и принципов обеспечения энергетической безопасности в условиях Республики Таджикистан. В результате анализа выявлены теоретические основы понятия «энергетическая безопасность» факторы и принципы, влияющих на энергетическую безопасность. На основе проведенного анализа автором было предложено научно- методические рекомендации противостоянию угроз в системе энергетической безопасности республики.

**Ключевые слова**: энергетическая безопасность, факторы, принципы, устойчивое экономическое развитие, зеленая экономика, CASA-1000.

## ENERGY SECURITY: FACTORS AND PRINCIPLES OF ENSURING IT

The article discusses the formation of factors and principles for ensuring energy security in the conditions of the Republic of Tajikistan. As a result of the analysis, the theoretical foundations of the concept of “energy security” were identified, factors and principles influencing energy security. Based on the analysis, the author proposed scientific and methodological recommendations for countering threats in the energy security system of the republic.

**Keywords:** energy security, factors, principles, sustainable economic development, green economy, CASA-1000.

**Маълумот дар бораи муаллифон:**

**Чоршанбиев Садриддин Раҷаббоқиевич** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатари иқтисодӣ. **Суроға**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, хиёбони Рудаки 17. **Тел:** (+992)907378890. **Почтаи электронӣ**: sadriddin.c@mail.ru.

**Усманова Сайёра Рустамовна** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи иқтисод ва идора дар КАС. **Суроға**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, хиёбони Рудаки 17. **Тел:** (+992)989114703 **Почтаи электронӣ**: sayora@mail.ru.

**Сведения об авторе:**

**Чоршанбиев Садриддин Раджаббокиевич** – Таджикский национальный университет старший преподаватель кафедры национальная экономика и экономической безопасности. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 17. **Тел:** (+992)907378890. **Электронная почта**:

**Усманова Сайёра Рустамовна** – Таджикский национальный университет, аспирант кафедры экономики и управления АПК. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Тел: (+992)989114703 **E-mail:** sayora@mail.ru.

**Information about the author**:

Chorshanbiev Sadriddin Rajabbokievich - Tajik National University Senior Lecturer of the Department of National economy and economic security **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. **Tel:** (+992) 907378890 **E-mail:** sadriddin.c@mail.ru.

**Sayora Rustamovna Usmanova -** Tajik National University, graduate student of the Department of Economics and Management, APC. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue, 17. **Phone:** (+992)989114703 **E-mail:** sayora@mail.ru.

# ХУСУСИЯТҲОИ ТАЪМИНИ БЕХАТАРИИ ОЗУҚАВОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Саидмуродова М.А. – номзади илмҳои иқтисодӣ дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии ДМТ*

Масоили илмии ба амнияти озуқаворӣ бахшидашуда дар адабиёти иқтисодӣ ҳанӯз аз аввали асри 20-ум аз ҷониби олимони машҳури иқтисодшиноси рус Н.Бухарин, Н.Кондратьев, В. Чаянов ва дигарон таҳлилу омухта шуда буданд. Дар ҷомеаи ҷаҳонӣ масъалаҳои вобаста ба амнияти озуқаворӣ дар солҳои 70-уми асри 20 бештар эҳсос гардиданд. Муҳимияти таҳлили назариявии қонуниятҳои инкишофи шаклҳои хоҷагидорӣ дар он аст,ки бо истифода аз усулҳои гуногуни идоракунӣ фаъолияти соҳаи аграрии мамлакатро дар шароити муносибатҳои бозорӣ нигоҳ медорад.Вазифаи таҳлил ва ҷамъоварии ахборот оиди ин масъала ба дӯши Кумитаи амнияти озуқаворӣи Шӯрои ФАО(ташкилоти умумиҷаҳонии озуқаворӣ ва кишоварзии Созмони МилалиМуттаҳид) вогузор гардидааст. ФАО стратегияи миллӣ ва ҷаҳонии озуқавориро, ҳамчун сиёсати муайянкунандаи сатҳи баланди худтаъминкунии озуқаворӣ ҳангоми дар ҳамбастагӣ  қарор доштани давлатҳо ва кӯшиши

баланд бардоштани истеҳсоли маҳсулотҳои ҳайётан муҳим, беҳгардонии низоми таъминот ва аз байн бурдани камистеъмолкунию гуруснагиро дарбар мегирад.

Дар адабиёти муосири иқтисодӣ бошад оиди масъалаи амнияти озуқаворӣ баҳсу мунозираҳои зиёде мавҷуданд, ки консепсияҳои гуногунро барои ҳаллу фасли масъалаи мавҷуда пешниҳод намудаанд.

Аз ҷумла, гурӯҳи аввал тарафдори ақидаеанд, ки дастрасии маводи хурока барои аҳолии мамлакат бояд дар ҳамон сатҳе бошад, ки истеъмолоти солими онро таъмин карда тавонад. Гурӯҳи дуюм бошанд аз байн бурдани вобастагии кишварро аз воридот,яъне худтаъминкунии маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ ва ҳимояи молистеҳсолкунандагони ватаниро тарафдорӣ менамоянд.

Гурӯҳи сеюм хусусияти асосии таъмини амнияти маводи озуқаворӣ ва маҳсулоти хӯрокаро ҳамчун омили муҳими тандурустии одамон ва нигоҳдории генофонди миллат ҳисоб мекунанд.

Нишондиҳандаҳои асосии таъмини амнияти озуқаворӣ мувофиқи дастуру нишондодҳои ФАО (ташкилоти умумиҷаҳонии озуқаворӣ ва кишоварзии СММ) ин ҳаҷми захираи ғалла дар мамлакат то ҳосили соли оянда ва дараҷаи истеҳсоли ғалла ба ҳар сари аҳолӣ мебошад. Ин нишондиҳандаҳо вазъияти маводи хӯрокаро дар ҳолатҳои фавқулодда, яъне офатҳои табиӣ, хушксолӣ, ҷанг ва ғайра баррасӣ мекунанд. Агар захираи ғалла дар кишвар барои истеъмолӣ 60 руза кифоя бошад ё ин ки 17 % -и истеъмоли солонаи онро ташкил диҳад, пас ин ҳолат бехатарии озуқаворӣи мамлакатро таъмин менамояд. [9, с. 42].

Нишондиҳандаи умумии таъмини амнияти озуқаворӣ барои ҳамаи мамлакатҳо ин муайян намудани динамикаи солонаи истеҳсоли ғалла ба ҳар сари аҳолӣ мебошад. Аз ин рӯ, ФАО ба сифати нишондиҳандаи аз ҳама асосии амнияти озуқаворӣ ҳаҷми захираи ғалларо дар таносуб бо ҳаҷми истеъмоли солонаи он пешниҳод мекунад, ки дар ҷаҳон аз 17% то 20% -ро ташкил медиҳад (дар баъзе солҳо вобаста ба шароитҳои фавқулоддаи мамлакатҳо то 16% паст ҳам мешавад). Аммо ҳаҷми захира бояд ҳолати умумии озуқаворӣ, истеъмол ва дастрасии қисми асосии истеъмолкунандагони мамлакатро дарназар дошта бошад. [9, с. 41]. Аз ин лиҳоз дар таҳлили масоили амнияти озуқаворӣ чунин мафҳумҳоро истифода мебаранд:

-  истиқлолияти озуқаворӣ- ин иқтидори соҳаи аграрии иқтисодиёти миллӣ дар истеҳсоли маводи асосии хӯрокворӣ дар ҳаҷми барои мамлакат зарурӣ;
-  вобастагии озуқаворӣ - ин дар ҳолати паст будани самаранокии истеҳсоли маҳсулоти хурокворӣ дар соҳаи кишоварзии иқтисодиёти миллӣ аз маҳсулоти воридотӣ вобаста шудани мамлакатро дар назар дорад.
-  Сифат ва бехатарии маҳсулоти озуқаворӣ- ин дастрасии аҳолии дилхоҳ мамлакат ба озуқаворӣи безарару хушсифат

Дар ин маврид афзоиши истеҳсолоти аграрӣ метавонад ба чунин масъалаҳои вазнини иқтисодӣ дучор гардад, ки яке қобилияти пасти

харидории аҳолӣ ва дигаре бошад маҳдудияти инфрасохтори соҳаи аграрӣ дар масъалаи то истеъмолкунанда расонидани маҳсулот аст.

Хусусияти махсуси таъмини амнияти озуқаворӣ дар ҷаҳон аз он иборат аст, ки дар гурӯҳи давлатҳои тараққикардаи иқтисодии ҷаҳон аз барзиёд истеъмолкунии маҳсулоти ғизоӣ одамон вазни зиёд гирифта,дучори касалиҳои вазнин мегарданд, аммо дар гурӯҳи давлатҳои рӯ ба инкишоф ва дар давраи гузариш қарордошта одамон танқисии маҳсулоти ғизоиро бевосита ҳис карда, аз норасоии он ба касалиҳои сирояткунанда, камхунӣ (махсусан занони қобилияти синну соли таваллуддошта) бештар гирифтор гардида, то ба ҳалокат расида истодаанд. Мувофиқи нишондодҳои ФАО (ташкилоти умумиҷаҳонии озуқаворӣ ва кишоварзии СММ) меъёри манфиати якшабонарӯзаи ҳар як одам аз истеъмоли моводи ғизоӣ бояд аз 3200 то 3500 ккал. бошад. [10]. Аммо дар гурӯҳи аввали давлатҳои номбаркардашуда (мутараққӣ) ин рақамҳо то ду маротиба зиёд буда, дар гурӯҳи дуюми давлатҳо бошад (рӯ ба инкишоф ва дар давраи гузариш қарордошта) рақамҳои дар боло зикршуда, ҳамагӣ аз 1000 то 1800 ккал-ро ташкил медиҳад, ки ин аллакай нишондиҳандаи норасоии озуқа ва коста будани таркиби он (камбудии сафедаҳо,равғанҳо ва витаминҳои барои ҳаёти одамон зарурӣ) мебошад.

Дар Паёмҳои ҳарсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чор ҳадафи стратегии ҷумҳурӣ –“таъмини истиқлолияти энергетикӣ, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръат” муайян карда шудааст,ки зина ба зина дар пайи амалӣ гардидан ҳастанд.

Бинобар он дар шароити имрӯзаи муносибатҳои бозорӣ яке аз масъалаҳои бениҳоят зарурию ҳалталаб, ин таъмини амнияти озуқаворӣ дар мамлакат ба ҳисоб меравад. Солиёни зиёд камбудиҳое, ки дар соҳаи аграрӣ мавҷуданд (сатҳи баланди таваррум, паставии даромадҳои ҳақиқии аҳолӣ, чандирии пасти бозори истеъмолӣ, вайроншавии таносуби нархӣ дар байни маҳсулотҳои соҳаи кишоварзӣ ва соҳаҳои дигари аграрӣ, рақобати тезу тунд аз ҷониби таҳвилкунандагони маҳсулоти воридотӣ ва баъзе норасоиҳои дигар) инкишофи ин соҳаро хеле қафо партофт. Дар шароити маҳдуд будани захираҳои молиявӣ бунёди низоми амнияти озуқаврии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рушди соҳаи аграрӣ ва истифодаи технологияи навтарину шаклҳои самараноки ҳамкориҳои илмию истеҳсолӣ вобастагии калон дорад. [12, с.73].

Таъмини маҳсулоти озуқаворӣ ин чунин ҳолате мебошад, ки дар он давлат қобилияти қонеъ намудани талабот ба озуқаро дар сатҳи мӯътадили ҳаётгузаронии аҳолӣ кафолат медиҳад. Яъне дар ин ҳолат таъмини маҳсулоти озуқаворӣ дар захира намудани озуқа ё таъмини истеҳсоли ватании он баҳри ҳимояи манфиатҳои истеҳсолкунанда инъикоси ҳақиқии худро наёфта, балки аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ дар дигаргун сохтани таркиби истеъмолоти аҳолӣ бо беҳтар гардонидани сифати озуқа баҳри нигоҳ доштани саломатии инсон бештар бояд шарҳ

дода шавад. Аз ҳамин ҷиҳат ҳам таъмини маҳсулоти озуқаворӣ асоси рушди сармояи инсонӣ ва нерӯи он ба ҳисоб меравад.

Озуқаворӣ ҳамон вақт таъминшуда ҳисобида мешавад, ки агар озуқаворӣи мувофиқ (аз ҷиҳати миқдору меъёр, сифат, бехавфӣ ва аз нуқтаи назари иҷтимоию фарҳангӣ маъқул) мавҷуд ва дастрас буда, ҳамаи мардум доимо барои таъмини ҳаёти солим, чунин озуқавориро қаноатмандона истеъмол кунанд. Таъмини маҳсулоти озуқаворӣ қисми таркибии бехатарии иқтисодӣ буда, мақсади асосии он истифодаи самараноки захираҳо дар роҳи комёбшавӣ ба тавозуни бозорӣ, яъне талабот ва таклифоти озуқаворӣ, таъмини ашёи хом барои соҳаҳои коркардабарорӣ ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ мебошад ва ин на танҳо бо истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ ва имконияти харидории онҳо дар бозорҳои ҷаҳонӣ, балки бо қобилияти таъминнокии аҳолии кишвар ба маҳсулоти зарурии озуқаворӣ мебошад.

Бо ин мақсад меъёрҳои тиббии истеъмолӣ ва санитарӣ барои назорати озуқаворӣ бояд дар сатҳи давлатӣ баррасӣ карда шаванд.

Меъёрҳои физиологии истеъмоли маҳсулоти озуқаворӣ ба сари аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

| № | Номгӯи маҳсулот | Грамм дар як шабонарӯз | Килограмм дар як моҳ | Килограмм дар як сол |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Нон ва маҳсулоти нонӣ, ярма, лӯбиёгиҳо | 404,7 | 12,1 | 147,7 |
| 2 | Гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ | 111,9 | 3,4 | 40,8 |
| 3 | Моҳӣ ва маҳсулоти моҳигӣ | 24,6 | 0,7 | 9,0 |
| 4 | Шир ва маҳсулоти ширӣ | 316,0 | 9,5 | 115,3 |
| 5 | Тухм (дона) | 0,5 | 15,0 | 180,0 |
| 6 | Равған (растанӣ, чарбу) | 46,2 | 1,38 | 16,6 |
| 7 | Қанд | 54,8 | 1,6 | 20,0 |
| 8 | Сабзавот ва полезиҳо | 455,0 | 13,7 | 166,1 |
| 9 | Мева ва буттамева | 340,0 | 10,2 | 124,1 |
| 10 | Картошка | 252,0 | 7,6 | 92,0 |
| 11 | Чой | 5 | 0,15 | 1,8 |

Сарчашма: Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2018, №451. [1].

Тавре ки аз маълумотҳои ҷадвали 1 дида мешавад, барои таъмини тарзи ҳаёти солим ва истеъмоли кофии маҳсулоти озуқаворӣ барои ҳар як номгӯйи маҳсулот меъёрҳои тавсиявии физиологии маҳсулоти асосии озуқаворӣ пешниҳод карда шудааст. Аз ҷумла, дар ҷадвал қайд карда шудааст, ки барои таъмини тарзи ҳаёти солим истемъмолкунанда бояд дар як шабонарӯз 404,7 грамм нон ва маҳсулоти нонӣ истеъмол намояд, ки миқдори солонаи он ба 147,7 килограмм баробар аст. Гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ 111,9 грамм дар як шабонарӯз аст, ки дар давоми сол 40,8 килограммро ташкил медиҳад. Моҳи ва маҳсулоти моҳигӣ 24,6 грамм дар як шабонарӯз буда, миқдори солонаи он ба 9,0 килограмм баробар мебошад. Меъёри тавсиявии шир ва маҳсулоти ширӣ дар як шабонарӯз 316,0 грамм буда, меъёри солонаи он

ба 115,3 килограмм баробар аст. Меъёри тавсиявии истеъмоли тухм дар як шабонарӯз 0,5 дона ва дар давоми сол 180,0 донаро ташкил медиҳад. Меъёри истеъмоли шабонарӯзи равған 46,2 граммро ташкил дода, меъёри солонаи он 16,6 килограммро ташкил медиҳад ва ғайра[1, с. 20].

## АДАБИЁТ


1. Агентии омори назди Президенти ҶТ //Бехатарии озуқаворӣ ва камбизоатӣ №2 2021.
2. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030
3. Паёми Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон ба МО ҶТ моҳи декабри соли 2021.
4. Климова Н. В. Продовольственная безопасность в обеспечении конкурентоспособности страны [Электронный ресурс]/Н. В. Климова.— Режим доступа:http://econf.rae.ru/ article/6075.
5. Дёмин С. Ю. К проблеме продовольственной безопасности и импортзамещение продовольствия в России / С. 2. Дёмин // Социально-экономическое развитие России и Монголии: проблемы и перспективы : IV Междунар. науч.-практ. конф. Улан-Батор, 2015
6. Экономическая безопасность России: Общий курс: Учебник / Под ред. В.К. Сенчагова. 2-е изд. - М.: Дело, 2015.- 896 с.111–115.
7. Красильникова Л. Е. К вопросу о продовольственной безопасности России / Л. Е. Красильникова // Экономика и управление: анализ тенденций и перспектив развития. — 2014. — Вып. 13. — С. 154–161.
8. О продовольственной безопасности России: докл. группы экспертов Избор. клуба под рук. акад. РАН С. Ю. Глазьева // Изборский клуб. — 2013. — № 7. — С. 42–64.
9. Доклад ФАО. Положение дел в области продовольствия и сельского хозяйства, 2019. -С.40-46.


## ХУСУСИЯТҲОИ ТАЪМИНИ БЕХАТАРИИ ОЗУҚАВОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Дар мақолаи мазкур хусусиятҳои таъмини амнияти озуқаворӣ ҳамчун имкониятҳои давлату ҷамъият барои аз ҷиҳати миқдор ва сифат рушд ёфтани ҷисми инсон ва нигоҳдорандаи қобилияти меҳнатии ӯ нишон дода шудааст. Асоси таъмини маҳсулоти зарурии озуқаворӣ инкишофи соҳаи аграрӣ ва ба ин восита таъмини бештари талаботи мардум бо маҳсулоти ватанӣ мебошад. Озуқаворӣ ҳамон вақт таъминшуда ҳисобида мешавад, ки агар озуқаворaии мувофиқ мавҷуд ва дастрас буда, ҳамаи мардум доимо барои таъмини ҳаёти солим, чунин озуқавориро қаноатмандона истеъмол кунанд.



**Калидвожаҳо:** амнияти озуқаворӣ, имкониятҳои давлат, миқдору сифат, соҳаи аграрӣ, маҳсулоти ватанӣ, дастрасӣ, талабот, ҳаёти солим.

## ОСОБЕННОСТИ ОБЕСПЕЧЕНИЯ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье освещаются особенности обеспечения продовольственной безопасности как возможности государства и общества качественно и количественно содействовать развитию организма человека и поддерживать его работоспособность. Основой обеспечения населения продовольствием является развитие аграрного сектора и, соответственно, более полное удовлетворение потребности населения в отечественных продуктах зависит от его дальнейшего роста. Продовольствие, считается обеспеченным только в том случае, если имеется адекватная и доступная пища, и люди смогут, удовлетворит свои потребности для поддержания здорового образа жизни.

Ключевые слова: продовольственная безопасность, государственный потенциал, количество и качество, сельское хозяйство, внутреннее производство, наличие, спрос, здоровый образ жизни.

## FEATURES OF ENSURING FOOD SECURITY IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article highlights the features of ensuring food security as an opportunity for the state and society to qualitatively and quantitatively promote the development of the human body and maintain its performance. The basis for providing the population with food is the development of the agricultural sector and, accordingly, more complete satisfaction of the population's needs for domestic products depends on its further growth. Food security is considered to be secure only if there is adequate and affordable food and people can meet their needs to maintain a healthy lifestyle.

**Key words:** food security, state potential, quantity and quality, agriculture, domestic production, availability, demand, healthy lifestyle

**Маълумот дар бораи муаллиф:**

**Саидмуродова Малика Абдуваҳобовна** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон номзади илмҳои иқтисодӣ дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. **Тел:** 918626895, **Почтаи электронӣ**: malika-63-63.

**Сведения об авторе:**

**Саидмуродова Малика Абдувахобовна** – Таджикский национальный университет кандидат экономических наук доцент кафедры мировой экономики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17. **Тел:** 918626895, **Электронная почта**: malika-63-63.

**Information about the author:**

**Saidmurodova Malika Abduvakhobovna** – Tajik National University / C. E.S, Associate Professor of the Department of World Economy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17 **Phone**: 918-62-68-95. **E-mail:** malika63-63@mail.ru.

# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ МИНТАҚАВӢ ДАР ШАРОИТИ РАҚАМИКУНОНӢ

*Нусратзода М.Н. - н.и.и., дотсент, мудири кафедраи система ва технологияи иттилоотӣ дар иқтисодиёти ДДМИТ*
*Халилова У. О - ассистенти кафедраи система ва технологияи иттилоотӣ дар иқтисодиёти ДДМИТ*

Бо афзоиши шумораи аҳолӣ дар ҷаҳон ва сафарбаркунии захираҳо иқтисоди рақамӣ бо тиҷорати электрониву хизматрасониҳои электронӣ ба ҷабҳаҳои муҳими зиндагӣ, аз қабили тандурустӣ, маориф, бонк ва ғайраҳо таъсири мусбии худро мерасонад.

Дар аксари тадқиқотҳои олимон, бахусус пеш аз пандемияи COVID-19, фаҳмиши бартаридошта дар бораи рақамикунонии иқтисодиёт рушди истеҳсолот дар асоси технологияҳои рақамӣ буд. Қайд кардан ба маврид аст, ки баррасии чунин таърифҳо дар мақолаи А.И.Виноградов ба таври васеъ оварда шудааст[3]. Солхои 2020-2022 маҳдудиятҳои коронавирус раванди рақамисозии тамоми муносибатҳои ҷамъиятиро якбора суръат бахшида, тағйироти сифатии худро, пеш аз ҳама дар миқёс ва амиқии истифодаи имкониятҳои интернет ва зеҳни сунъӣ нишон доданд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар қаламрави кишвар Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26 декабри соли 2018 ва мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2019, №39 «Дар бораи ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 ва вазифаҳо барои соли 2019» таҳия гардидааст, дар он ташаккули дурнамои умумии табодули рақамӣ дар ҷумҳурӣ дар асоси модели байналмилалии таъсиси иқтисоди рақамӣ пешбинӣ шудааст. Модели мазкур дар навбати аввал амалӣ намудани як қатор чорабиниҳоро оид ба таҳкими заминаи ғайрирақамии табодули рақамии ояндаро дар бар мегирад[4]:

Якум, ба он баҳодиҳии ҳолати ҷорӣ ва коркарди як қатор чораҳо оид ба таҳкими заминаи меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҷорикунии технологияҳои нав, таҳкими пешсафӣ ва институтҳои идоракунии табодул, баҳодиҳӣ ва рушди сармояи инсонии барои табодул зарур, баҳодиҳии ҳолати муҳити корӣ (соҳибкорӣ), КИТТК ва муҳити инноватсионӣ, як қатор чораҳо оид ба таҳкими амнияти иттилоотӣ ва зиёдшавии боварӣ ба технологияҳои рақамӣ дохил мебошанд.

Дуюм, Консепсия таҳкими асосҳои рақамӣ, ба монанди таъсиси инфрасохтори муосири рақамӣ ва таъмини ҳамаҷонибаи дастрасии

фарохмавҷӣ, рушди системаҳои муосири алоқа, таъсиси дата-марказҳо ва платформаҳои рақамиро пешбинӣ менамояд.

Сеюм, Консепсия табодули соҳаҳои калидии фаъолияти иқтисодии ҷумҳуриро пешбинӣ менамояд, ки рақамикунонии онҳо метавонад таъсири пайдарҳам ба тамоми иқтисодиёти кишвар расонад, ба монанди табодули бахши хизматрасонии давлатӣ ва гузариш ба ҳукумати электронӣ, рақамикунонии соҳаи иҷтимоӣ, инчунин соҳаҳои калидии истеҳсолот, ба монанди энергетика, саноати коркард, кишоварзӣ ва таъсиси бахшҳои нав қайд гардидааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи ибтидоии иқтисоди рақамӣ қарор дошта бошад ҳам, оғози қадамҳои нахустини худро барои гузариш ба рақамикунонии иқтисодиёт дар кишвар тавассути фаъолияти технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар соҳаҳои мухталифи кишвар ба роҳ монда, солҳои охир як қатор дастовардҳоро ноил гардидааст.

Аз нуқтаи назари талаботи байналмилалӣ иқтисоди рақамӣ ин сохтори шабакавӣ, ташаккули низоми фазоии муносибатҳои байни субъектҳои гуногун мебошад. Нишондиҳандаи дастрасии аҳолӣ ба шабакаи ҷаҳонӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки Интернет нақши асосиро дар доираи рақамикунонӣ ва гузариш ба он мебозад. Дар доираи ташаккул ва рушди рақамикунонӣ Интернет маҷмуи экосистемаи иқтисодиро ташкил намуда, тағйирёбии рақобатпазирии соҳаҳои иқтисоди миллиро ба вуҷуд меорад.

Дар доираи рушди назарияи иқтисодии сиёсӣ ва дарки моҳияти равандҳои дигаргунсозии ҷомеа дар маҷмӯъ, муносибати сотсиологӣ ва иқтисодӣ ба равандҳои рақамӣ ба вуҷуд меояд. Яъне, «сухан, пеш аз ҳама, дар бораи ташаккули принсипҳои сифатан нави ташкили тиҷорати инфиродӣ, иқтисодиёт ва баъдан дар маҷмӯъ ҷомеа аз ҳисоби рақамикунонии равандҳои бизнеси муосир меравад[7]. Дар баробари ин, имкониятҳои маҳдуди рушди минбаъдаи экстенсивии бозорҳо ва коҳиши талаботи истеъмолкунандагон ба он оварда мерасонад, ки бартарии асосии рақобати имрӯза технологияест, ки имкон медиҳад, ки тамоми захираҳои аз ҷониби тиҷорат истифодашаванда сарфа карда шаванд. Ин аст, ки фарқияти асосии иқтисоди рақамӣ на аз рӯи миқёс, балки аз рӯи захираҳо гузариш аз системаи ба маҳсулот нигаронидашуда ба фармоишгар нигаронидашудаи ташкили истеҳсолот мебошад.

Дар асари Кох Л.В., Кох Ю.В. таҳлили равишҳои мавҷудаи ченкунии иқтисодиёти рақамӣ гузаронида шуда, таърифҳои иқтисодиёти рақамӣ дар тадқиқоти олимони соҳа ба низом дароварда шуданд[6]. Дар натиҷаи баррасӣ муаллифон ба чунин хулоса меоянд: «Равишҳои олимони рус аз равишҳои ҳамкасбони хориҷии онҳо амалан фарқ надорад. Бархе аз онҳо бо истилоҳи иқтисоди рақамӣ танҳо он қисми иқтисодиётро дар назар доранд, ки ба ТИК-и муосир асос ёфтааст. Инчунин, иқтисодиёти рақамиро ба таври васеъ баррасӣ намуда, онро бо тамоми иқтисодиёти давлат алоқаманд мекунанд. Муаллифон Кох Л.В.,

Кох Ю.В. пешниҳод мекунанд, ки дар илм “иқтисоди рақамӣ” ва рақамикунонии иқтисодиёт куллан фарқ мекунад. Онҳо идеяи иқтисоди рақамиро ҳамчун як системаи сесатҳа, ки Бухт Р., Хикс Р. [1] муайян кардааст, мубодила мекунанд. Дараҷаи якум (бахши ТИК) таҳияи нармафзор, хадамоти иттилоотӣ, телекоммуникатсия ва истеҳсоли ҷузъҳо, дараҷаи дуюм (иқтисоди рақамӣ) тамоми намудҳои фаъолиятеро дар бар мегирад, ки бе истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ғайриимкон аст, дараҷаи сеюм (рақамикунонии) тамоми боқимондаи иқтисодиёти давлат мебошад. Бо ин васила ҷудо кардани иқтисодиёти рақамӣ аз рақамикунонии иқтисодиёт имкон медиҳад, ки ҳаҷми иқтисоди рақамӣ, ки мавҷудияти он бевосита ба ТИК алоқаманд аст, дақиқтар чен карда шавад.

Мафҳуми «дигаргуниҳои рақамӣ» ба таври васеъ истифода шуда, ҷараёни тағйир ёфтани муносибатҳои иқтисодӣ ва тағйир додани сохтори объектҳои иқтисодиро ошкор мекунад. Аксар вақт рақамикунонӣ ҳамчун беҳсозии равандҳои мавҷуда тавассути ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ, инчунин таҳлили маълумот барои қабули қарорҳо фаҳмида мешавад.

Дар корҳои худ олимони соҳавии хориҷӣ ду мавқеъи методиро, дар муайян кардани моҳияти иқтисоди рақамӣ қайд кардаанд.

- аввал ба технология, намуди нави фаъолияти иқтисодӣ, ки дар он истифодаи иттилоот ва дониш омили асосии истеҳсолот мебошад, диққати махсус медиҳад.

- мавкеи дуюм фаҳмиши иҷтимоию иқтисодии ҷараёнҳоро инъикос намуда, онро ҳамчун дигаргуниҳои тамоми муносибатҳои ҷамъияти ҳисоб мекунад.

Дар доираи ин равиш бояд қонунҳои нави объективиеро, ки ҳоло вуҷуд доранд ва ба фаъолият оғоз мекунанд, муайян ва дарк кардан ва омӯхтан лозим аст.

Баъзе аз муҳаққиқон дар он ақида ҳастанд, ки рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ бояд ба трансформатсияи рақамии иқтисодиёти минтақавӣ асос ёбад. Ин ҷараён аллакай объекти тадкикоти як катор асарҳои илмӣ гардидааст[2].

Рақамикунонии иқтисоди минтақавӣ маънои табодули моделҳои тиҷорат ва тамоми системаи муносибатҳои байни истеҳсолкунандагон, истеъмолкунандагон ва мақомоти давлатӣ дар минтақаро дорад. Ҷанбаи калидии модели нави тиҷоратии рақамии минтақавӣ бояд нақши махсуси провайдерҳои иттилоот бошад, зеро он сари вақт ҷамъоварӣ ва коркарди дурусти иттилоот дар бораи бозор, дар бораи ниёзҳо ва хоҳишҳои истеъмолкунандагон, дар бораи истифодаи технологияҳои нав аз ҷониби рақибон ва шарикони тиҷоратӣ, дар бораи ҳодисаҳо ва рӯйдодҳои муҳими иттилоотӣ манбаи эҷоди арзишҳои нави истеъмолӣ дар заминаи рақамикунонии равандҳои иқтисодӣ мебошад. Агар таҳлилҳо гузаронем, мебинем, ки дар шароити имрӯза масъалаи

рақамикунонии соҳаҳо дар минтақаҳои кишвар дар ҳолати на он қадар хуб қарор дорад.

Айни замон дар рушду пешрафти технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ мавқеи аввалро чунин намуди хизматрасонӣ, ба мисли хизматрасонии идоракунии давлатӣ, ки он ташкили сохтори ҳукумати электрониро пешбинӣ менамояд, ишғол мекунад. Ин самти хизматрасонӣ бо алоқамандӣ дар таъмини васеи дастрасӣ ба шабакаҳои интернетӣ имконпазир гардида, барои ба вуҷуд омадани чунин навъи хизматрасонӣ чун хизматрасонии электронӣ (e-services) замина гузошт.

Барои ташаккули рақамикунони ҳануз соли 2011 Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуда буд. Асоси ташаккули ҳукумати электрониро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ноил шудан ба мақсадҳои зерин ташкил медиҳад[5]:

- баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ бо истифодаи васеи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ;
- баланд бардоштани сатҳи сифат ва дастрас будани хизматҳои иҷтимоие, ки ба шаҳрвандон ва ташкилотҳо расонида мешаванд;
- содда гардонидани қоидаҳо ва кам кардани мӯҳлатҳои расонидани хизматҳои иҷтимоӣ, инчунин кам кардани (коҳиш додани) хароҷоти маъмурҳ, ки ба расонидани ин хизматҳо вобастагӣ доранд;
- баланд бардоштани сатҳи дастрасӣ ба иттилоот дар бораи фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва ғ;

Албатта он мақсадҳоие, ки дар назди Консепсияи мазкур гузошта шуда буданд, дар минтақаҳои кишвар қисми зиёди он дар амал татбиқ карда шуд.

Ҳамин тариқ, рушди системаҳои иқтисодии минтақавӣ табиист, ки бояд таҷрибаи давлатҳои пешрафта доир ба рақамикунонӣ ҷорӣ карда шуда, назорати он ҷиддӣ аз тарафи мақомотҳои дахлдор ба роҳ монда шавад. Инчунин бояд ҷомеаи иттилоотӣ дар минтақаҳои кишвар тавре, рушд намояд, ки рақамикунонии он осон гардад.

## АДАБИЁТ


1. Бухт, Р., Хикс, Р. Определение, концепция и измерение цифровой экономики // Вестник международных организаций. 2018. Т. 13. № 2. С. 143–172 (на русском и английском языках). DOI: 10.17323/1996-7845-2018-02-07
2. Вилькен, В.В. Управление региональным развитием в условиях цифровой экономики: дис.… канд. экон. наук: 08.00.05 / В. В. Вилькен. М., 2019. 242 с, Цифровая экономика России. [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://www.tadviser.ru/index.php/Статья:Цифровая_экономика_России
3. Виноградов, А.И. Сущность цифровой экономики и ее воздействие на процессы управления в регионе. [Электронный ресурс].

Режим доступа: https://cyberleninka.ru/article/n/suschnost-tsifrovoy-ekonomiki-i-ee-vozdeystvie-na-protsessy-upravleniya-v-regione/viewer

4. Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «30» декабри соли 2019, №642 тасдиқ шудааст

5. Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон/ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2011, № 643 тасдиқ шудааст

6. Кочетков, Е.П. Цифровая трансформация экономики и технологические революции: вызовы для текущей парадигмы менеджмента и антикризисного управления // Стратегические решения и риск-менеджмент. 2019. Т. 10. № 4. С. 330–341.DOI: 10.17747/2618-947X-2019-4-330-341

7. Садовая, Е.С., Сауткина, В.А., Зенков, А.Р. Формирование новой социальной реальности: технологические вызовы. – М.: ИМЭМО РАН, 2019. – 190 с

## АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ МИНТАҚАВӢ ДАР ШАРОИТИ РАҚАМИКУНОНӢ

Мақола ба асосҳои назариявии рушди иқтисодиёти минтақавӣ дар шароити рақамикунонӣ бахшида шудааст. Дар мақола зарурияти иттилоотикунонии низоми идоракунӣ дар иқтисодиёти минтақа баррасӣ карда шуда, роҳҳои ташмилдиҳии он дарҷ гардидааст. Инчунин фақияти рақамикунонии иқтисодиёт ва иқтисоди рақамӣ шарҳ дода шудааст.

**Калидвожа:** иқтисодиёт, технология, рақамикунонӣ, иқтисодиёти минтақавӣ, шабака, пешниҳод, ҳамгироӣ, такмилдиҳӣ.

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ РЕГИОНАЛЬНОГО ЭКОНОМИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ В УСЛОВИЯХ ЦИФРОВИЗАЦИИ

Статья посвящена теоретическим основам развития региональной экономики в условиях цифровизации. В статье рассматривается необходимость информатизации системы управления в экономике региона и перечисляются пути ее реализации. Также объясняется реальность цифровизации экономики и цифровой экономики.

**Ключевые слова:** экономика, технологии, цифровизация, региональная экономика, сеть, предложение, интеграция, совершенствование.

## THEORETICAL FOUNDATIONS OF REGIONAL ECONOMIC DEVELOPMENT IN THE CONTEXT OF DIGITALIZATION

The article is devoted to the theoretical foundations of the development of the regional economy in the context of digitalization. The article discusses the need to informatize the management system in the regional economy and lists the ways of its implementation. The reality of digitalization of the economy and the digital economy is also explained.

**Key words:** economics, technology, digitalization, regional economy, network, supply, integration, improvement.

**Маълумот дар бораи муаллифон**:

**Нусратзода Муҳаммадӣ Нусрат -** Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон номзади илмҳои иқтисодӣ дотсент, мудири кафедраи система ва технологияи иттилоотӣ дар иқтисодиёт **Суроға:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. **Тел:** (+992) 985-42-30-30 **Почтаи электронӣ**: m_a_84-84@mail.ru.

**Халилова Умедаҷон Олимовна** - Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ассистенти кафедраи система ва технологияи иттилоотӣ дар иқтисодиёти Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. . **Почтаи электронӣ**: m_a_84-84@mail.ru. **Тел:** (+992) 985-42-30-30

**Сведения об авторах:**

**Нусратзода Мухаммади Нусрат** – Таджикский государственный финансово-экономический университет, кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой информационных систем и технологий в экономике **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, ул. Душанбе, улица Нахимова 64/14. **Тел:** (+992) 985-42-30-30 **Электронная почта**: m_a_84-84@mail.ru.

**Халилова Умеджон Олимовна** – Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент кафедры информационных систем и технологий в экономике **Адрес**: 734055, Республика Таджикистан, ш. Душанбе, улица Нахимова 64/14. . **Электронная почта**: m_a_84-84@mail.ru. Тел: (+992) 985-42-30-30

**Information about authors:**

**Nusratzoda Muhammadi Nusrat** – Tajik State University of Finance and Economics, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Information Systems and Technologies in Economics **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, st. Dushanbe, Nakhimov street 64/14. **Tel:** (+992) 985-42-30-30 **Email:** m_a_84-84@mail.ru.

**Khalilova Umedajon Olimovna** – Tajik State University of Finance and Economics, assistant of the department of information systems and technologies in economics **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, sh. Dushanbe, Nakhimov street 64/14. **Email:** m_a_84-84@mail.ru. **Tel:** (+992) 985-42-30-30

# ТАҲЛИЛИ НАЗАРИЯВИИ РАВИШИ БАРНОМАВИИ ҲАДАФМАНДИ БУҶЕТИКУНОНӢ

*Ҳанифаи Э.А. – унвонҷӯи кафедраи молия ва суғуртаи ДМТ*

Ҳангоми ташаккулёбӣ ва татбиқи усулҳои буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд, ки усулҳои фаъоли афзалиятнокӣ ва

банақшагириву пешгӯикуниро фарогир мебошад, бояд дар ташаккули системаи буҷетикунонӣ мақоми марказӣ дошта бошад, чун танҳо дар ин ҳолат вай метавонад воситаи асосии банақшагирии стратегие гардад, ки татбиқи барномаҳои самараноку илман асоснокшудаи давлатиро амалӣ мекунад.

Аз ҷониби мо, равишҳои гуногуни буҷети барномавиву ҳадафманд аз масири гуногун мавриди таҳлил қарор гирифта шуда, маълум карда шуд, ки дар бештари онҳо татбиқи варианти беҳтарини равандҳои буҷетикунонӣ, тибқи татбиқи барномаҳои ҳадафманд дарҷ карда шуда бошанд ҳам, аммо ақидаи ягонаи мушаххасси ба татбиқи куллии ба он далолаткунанда ба назар намерасад (ҷадвали 1). Аз ин лиҳоз омӯзиши он мураккабтар мегардад ва талаб мекунад, ки ҷанбаҳои гуногунтарафи воситаҳои самраноки татбиқи он жарфтар омӯхта шаванд, то ба мақсади гузошташуда мусоидат кунанд. Барои ҳамин аз нигоҳи мо омӯхтани роҳҳову усулҳои татбиқи самараноки буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд ба мақсад мувофиқ мебошад.

**Ҷадвали 1.**

**Равишҳои гуногуни муайян кардани истилоҳи буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд аз ҷониби муаллифони гуногун**

| Муаллиф | Таъриф |
|---|---|
| Е.В. Чварнукова, Н.В. Скрынникова | «Гурӯҳи давраҳои раванди буҷетӣ, ки тариқи амалисозии тадбирҳои идоракунии захираҳои буҷетии тамоми давраҳои равандҳои буҷетро фарогиранда амалӣ мешаванд ва алоқамандиҳои онҳоро таъмин месозанд» [13]. |
| С.В. Карандасов | «Принсипи барномавиву ҳадафманди буҷет барои ба дастовардҳои муҳиму мақсадноки иҷтимоиву иқтисодӣ ноил гардидан истифода мешавад, ки онҳоро наметавон дар доираи модели маъмули (сметавӣ) буҷетикунонӣ нисбатан самаранок амалӣ намуд. Усули барномавиву ҳадафманд имкон медиҳад, ки мушкилоти мавҷуда, роҳҳои ҳалли он, захираҳои мавҷудбуда ва иҷрокунандагони ин захираҳо вобаста ва ҳамҷоя карда шаванд» [5, С.83]. |
| А.В. Минаков | «Ғояи асосии буҷети барномавиву ҳадафманд дар вобаста кунонидани хароҷотҳои давлатӣ бо гирфтани фоидаи баланди натиҷаҳои барои ҷомеъа зарур асос меёбад» [11, С.10]. |
| Л.Г. Шобей, Д.О.Волк | «Усули барномавиву ҳадафманди банақшагирии буҷет аз банақшагирии системавии истифодаи воситаҳои буҷетӣ ба иҷроиши барномаҳои қонунан ва бо санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ тасдиқгардида асос меёбад. Усули барномавиву ҳадафманди банақшагирии хароҷотҳо ба риояи равиши ягонаи истифодаи фоидаовари воситаҳо ҳам барои ҳалли масалаҳои |

| | |
|---|---|
| | муҳими давлативу минтақавиву мунисипалӣ мусоидат мекунад ва ҳам воситаи баробаркунандаи рушди иқтисодии ҳудуҳои ҷудогона мебошад» [14, С.92]. |
| Т.Н. Кондрашова | «…буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд технологияи миёнамӯҳлати таксимкунии захираҳои қисми хароҷотҳои буҷети сатҳи мувофиқ дар асоси андозаи имкониятҳои гузаронидани мониторинги индикаторҳои амалиётӣ барои азнавтақсимкунии захираҳо дар давари кӯтоҳмуддат мебошад» [6, С.180]. |
| Е.К. Кузнецова, Б.Г. Хаиров | «…буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд ва ё буҷетикунонии барномавӣ аз худ раванди коркарду амалишавии барномаҳои комплексиро дар вобастагии зич бо буҷет инъикос менамояд. Дараҷаи баландтарини рушди ин раванд бо ташаккулёбӣ ва иҷроиши буҷети барномавӣ тавсиф дода мешавад, ки хароҷотҳои асосии он дар доираи барномае, ки натиҷаҳои аниқи ниҳои дорад, амалӣ мешавад…»[8, С.136]. |
| О.В. Аргба | «Буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд нисбат ба усули буҷетикунонии барномавӣ мафҳуми васеътар мебошад, зеро дар он усулҳои татбиқии сершуморе истифода мешаванд… ҳангоми истифодаи он дар фарқият аз усули маъмул пеш аз ҳама афзалиятҳо ва натиҷаҳои асосӣ бояд асоснок карда шаванд ва дида мешавад, ки захираҳо неву балки натиҷаҳо идора карда мешаванд…»[1, С.252]. |

***Таҳияи муаллиф***

Равишҳои гуногуни буҷетикунонии барномавиву ҳадафманди дар ҷадвали 1 овардашударо мавриди таҳлил қарор дода, чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки он дорои давраҳои хос буда, дар раванди татбиқи он усулҳои истифодашавандаро мавриди таҳлили амиқ қаро дода, дар такя ба самарнокии онҳо, афзалиятноктаринашро интихоб намудан лозим аст.

Ҳамин тавр, буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд дар доираи мақсади татбиқи равиши барномавиву ҳадафманд ва консепсияи ташаккули буҷет вобаста ба барномаҳо, ҳадафи асосии хешро ҳамчун рушди самаранокии татбиқи тамоми намудҳои буҷетикунонӣ қарор дода, ба ҳайси абзори асосие баромад мекунад, ки тавассути он метавон ба мақсадҳои гузошташуда ноил гардид. Асоси онро ҳамчунин таснифоти барномавии хароҷотҳо ташкил медиҳад, ки дар доираи усулҳои фаъоли идоракунии ҳадафманд барои самаранокона тақсим намудани воситаҳои буҷет мусоидат мекунад.

Самаранокии буҷети барномавиву ҳадафманд нахуст дар баҳодиҳии сарфа кардани воистаҳои буҷет аз ҳисоби он, ки онҳо маҳз дар доираи барномаҳои давлатӣ масраф гардидаанд, муайян мегардад. «… системаи буҷетикунонии барномавӣ ва баҳодиҳии самаранокии

хароҷотҳои (барномавии) буҷет мақсади боздоштани афзоиши хароҷотҳоро дорад. Барнома бошад, ҳаматарафа ба таҳлили ҳамешагӣ фаро гирфта мешавад: мутобиқат ба ҳадафҳои давлатӣ, ба қонеъ гардонидани талаботҳои афзалиятноки аҳолӣ, ба мавҷудияти алоқамандиҳои аниқи натиҷа ва захираҳои ба он ноилмегардида ва ғ.» [7, С.92]. Дар ин замина он ҳамчун омилӣ асосие баромад мекунад, ки тавассути он хароҷотҳои буҷет кам мегарданд.

Аз сабаи оне, ки буҷет воситаи асосии танзим ва идораи равандҳои иҷтимоию иқтисодии давлат асту бо дарназардошти ба таври фаъол татбиқ нагардидани механизмҳои усулҳои ҳадафманду барномавӣ дар идоракунии он мушкилоти банақшагирӣ ба осонӣ ҳал шуда наметавонад. Ин ба он далолат медиҳад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи усули барномавиву ҳадафманди буҷетикунонӣ дар давраҳои муайян ҳанӯз пурра мақоми худро пайдо накарда, пояи меъёриву ҳуқуқии ба он мусоидаткунанда низ ба таври кофӣ коркард нашуда аст.

Аз нигоҳи мо, дар амалия гузаштан ба ин усул дар фарқият ба усулҳои маъмул имкониятҳои фарохи чандирияти идоракунии захираҳои буҷетиро фароҳам оварда, ба афзоиш ёфтани вазъи хизматрасониҳои давлатии равандҳои ба буҷет тааллуқ дошта ва кам гардидани хароҷотҳо мусоидат хоҳад кард. Аз ҳама муҳим, нисбат ба равишҳои маъмул, дар равандҳои татбқи усулҳи барномавии ҳадафманд шаффофияти буҷет таъмин гардида, равандҳои қабул гардидани буҷет аз ҷониби мақомотҳои давлатӣ ва ниҳодҳои қонунгузор содатар мегарданд.

Ҳамаи ин ба муҳимияти татбиқи усули барномавиву ҳадафманд далолат мекунад ва барои татбиқи мукамал ва пурраи ин усул зарурати «…ташкили низоми баҳисобгирии талаботҳо ба хизматрасониҳо, таҳлил ва баҳодиҳии сабабҳои тамойилҳои нишондиҳандаҳои солонаи хароҷотҳои тасдиқгардида аз хароҷотҳои воқеъӣ, татбиқи механизмҳои ташаккулёбии қисмати хароҷотҳои буҷет дар алоқамандӣ бо ҳаҷми маблағгузориҳои буҷет ва низоми тадбирҳои ба натиҷаҳои интизорбуда ноил гардидан, ҳавасмандкунии мақомотҳои идоракунанда барои пайдо кардани воситаҳои баландбардории хароҷотҳо, созмон додани низоми мониторинги равандҳои фаъолияти ташкилотҳо, ташкили гузаронидани пурсишҳо дар миёни аҳолӣ бо мақсади муайян сохтани афзалиятҳо ва самтҳои беҳтарин дар сохтори хизматрасониҳои буҷетӣ ва баҳодиҳии фаъолияти ташкилотҳои буҷетӣ, коркарди методологияи стратегии банақшагирии фаъолияти тақсимкунандагони асосии буҷет бо дарназардошти афзалиятҳои муайяни сиёсати давлатӣ ва минтақавӣ, татбиқи таснифоти барномавии хароҷотҳои буҷетҳои маҳаллӣ, коркарди феҳрасти нишондиҳандаҳои финалии пешниҳоди барномаҳои самараноки беҷетӣ» [6, С.178-186]. ҷой дорад.

Консепсияи ташаккулёбӣ ва фаъолияти усули барномавиву ҳадафманди буҷетикунонӣ иҷроиши буҷет аз рӯи барномаҳои давлатиро дар назар дорад, ки барои ноил гардидан ба ҳадафҳои муҳими давлат, ки ба самаранокии онҳо дар доираи усули маъмул ноил гардидан душвор мебошад, равона мегардад. Вай дар доираи усули мазкур имконияти

мутаҳҳид гардонидани проблемаҳо ва мақсадҳои ба ҳалли онҳо равона гардидаро фароҳам меоварад. Ҷиҳатҳои ба ҳалли масъалаҳо ва мушкилотҳои дорои тавсифҳои гуногуни байнисоҳавӣ ва байниминтақавӣ будани ин усул ва таъмини ҳамҷояшавии манфиатҳову ҳадафҳои мақомотҳои давлатӣ дар доираи нақшаҳои мӯҳлаташон гуногун ва хароҷотҳои буҷет бо натиҷаҳои истифодашавии онҳо, тавсифи фарқкунандаи усули мазкурро инъикос мекунанд.

Банақшагирии буҷет ҳамчун механизми тақсимоти воситаҳо дар доираи идоракунии ҳадафманди худ, муайян намудани афзалиятнокии тақсимоти воситаҳоро ҳамчун ҳадаф қарор дода, тартиби ҳисоботдиҳӣ ва баҳогузории натиҷаҳоро ташаккул медиҳад, ки он дар доираи таъмин намудани механизмҳои шаффофи қабули қарорҳои вобаста ба татбиқи захираҳои буҷетӣ амалӣ карда мешавад. Вай барои ҳалли масоили таксимоти захираҳои буҷетӣ дар байни талаботҳои афзалиятнок шароити мусоид фароҳам оварда, ба комилан ноил гардидан ба ҳамон ҳадафе нигаронида мешавад, ки барои он захираи буҷетӣ ҷудо гардида аст. Вобаста ба беҳтар гардонидани хароҷотҳои буҷет ва ноил гардидан ба мақсадҳои ниҳоии аҳамияти иҷтимоидошта дар доираи истифодаи самараноку ҳадафманди захираҳои буҷет дар давраҳои муайян, бояд масоили тавсифҳои сиёсидошта низ ба инобат гирифта шаванд.

Ҳамин тариқ, аз нигоҳи мо, татбиқи усули барномавиву ҳадафманд барои баланд бардоштани натиҷаҳои хароҷотҳои давлатӣ, дастрас ва хубтар гардонидани хизматрасониҳо ва устувор гардонидани молияи иҷтимоӣ равона гардида, вобастагиҳои миёни тақсимоти захираҳои буҷетӣ ва ноил гардидан ба ҳадафҳои иҷтимоиву иқтисодиро таъмин намуда, ба ягонагии равиши самаранокона истифода гардидани захираҳо ва воситаҳои буҷетӣ ва татбиқ кардани онҳо дар самтҳои афзалиятноку аҳамиятнок мусоидат менамояд.

Дар доираи банақшагирии стратегии буҷети ба натиҷа нигаронидашуда дар равиши барномавиву ҳадафманд, ташаккул додан ва татбиқ намудани методологияҳои буҷетикунонии бароногмавиву ҳадафманд, истифодаи фаъоли усулҳои банақшагирию пешгӯикуниро дар назар дорад, ки «... татбиқи фаъоли усулҳои банақшагирии афзалиятнок ва пешгӯикунӣ бояд ба он равона гарданд, ки дар шакли миқдорӣ хароҷотҳои пешгӯишавандаро барои барномаи банақшагирифташуда инъикос намуда, онҳоро бо натиҷаҳои интизорбуда муқоиса намуда, предмети асосии аз назар гузаронидашавандаи раванди ташаккулёбии буҷетикуноние гардад, ки дар татбиқи равишҳои барномавӣ асос ёфта аст» [12, С.34-44]. Дар ҳолати ба назар гирифтани ҳамин ҷанбаҳои зикргардида буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд метавонад таҷҳизоти муҳиму асосии банақшагирии стартегӣ гардад, ки дар навбати худ битавонад дар ташаккулёбии барномаҳои самараноки давлатӣ омиле гардад, ки дар татбиқи онҳо баҳоҳгузории объективии пешгӯишаванда ва эътимоднок амалӣ карда шавад.

Умуман, равиши барномавиву ҳадафманди буҷет барои муайян сохтани масрафоти дурусту ҳадафноки воситаҳои буҷет таҷҳизоти муҳиму асосӣ ба ҳисоб рафта, дорои самт ва таъминоти мушаххаси стратегӣ буда, натиҷаи ниҳоии татбиқи он барои давраҳои дароз баҳри ҷомеъа фоидаи устувор меоварад ва барои ҳалли масоили муҳими давлатӣ аз қабили таъминкунии рушди устувори иқтисодӣ ва ҳавасмандгардонии соҳаҳои аҳамиятнок воситаи калидӣ ба ҳисоб меравад. Дар маҷмуъ усули мазкур дар доираи равиши ҳадафманди худ раванди таҳлили ҳамаҷонибаи проблемаҳо, талаботҳо, мақсадҳоро фаро гирифта, дар доираи равиши барномавии худ фарогири ҷанбаҳои ташаккулёбии нақшаҳои ба ҳалли мушкилот равона гардида ва шаклҳои таъминоти иҷрошавии нақшаҳо мебошад. Ҳамзамон, вобаста ба аҳамити хоса доштани он дар равандҳои фаъолияти мақомотҳои минтақавӣ, он метавонад ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомотҳои идоракунии маҳаллӣ низ муассир бошад.

Ҳамин тавр гузаштан ба буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд имкониятҳои васеъи чандирияти идоракунии захираҳои буҷетӣ ва амалишавии афзалиятҳои барои давлат муҳим бударо фароҳам оварда, ба паст гардидани хароҷотҳо ва баланд шудани хизматрасониҳо меорад, ки дар тафовут аз равиши маъмули буҷтикунонӣ ба шаффофтар гардидан ва содатар гардидани равандҳои ба буҷет тааллуқдошта муосидат хоҳад кард.  Механизми мазкур имкониятҳои фарохи муайянсозии афзалиятнокии тақсимоти захираҳои буҷетиро фароҳам оварда, низоми ҳисоб кардану баҳогузории шаффофи таъминоти қабули қарорҳои дахлдори ба истифодаи захираҳои буҷетӣ алоқамандро созмон медиҳад. Барои он, ки буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд шароитҳои мусоиди тақсимоти оптималии захираҳои буҷетиро фароҳам оварда тавонад, ҳалли масоили тавсифи сиёсӣ-иҷтимоидошта, муайянсозии ҳадафҳои афзалиятноки ҷорӣ ва истифодаи мақсадноки захираҳо дар оянда бояд ба назар гирифта шаванд.

## АДАБИЁТ


1. Аргба О.В. Сущность и основы программно-целевого бюджетирования // Экономика: вчера, сегодня, завтра. - Московская область, г. Ногинск, 2022. - Том 12. - № 3-1. - С. 251-256.
2. Аркадьева О.Г., Горшкова К.С. Программное бюджетирование в управлении общественными финансами // Oeconomia et Jus. – Чебоксары, 2021. - № 1. - С.1-12.
3. Афанасьев М.П. и др. Программный бюджет: цели, классификация и принципы построения // Финансовый журнал / М. П. Афанасьев, Б.И. Алехин, А.И. Кравченко, П. Г. Крадинов. – М., 2010. - № 3. – С. 9. (5-18.)
4. Карандасов С.В. Особенности применения программно-целевого метода планирования и финансирования расходов бюджета в России // Вестник Российского университета дружбы народов. Серия: Экономика. – М., 2011. - № 2. – С.83. (82-89).

5. Кондрашова Т.Н. Сущность программно-целевого бюджетирования и его роль в управлении бюджетными ресурсами региона // Вызовы и возможности финансового обеспечения стабильного экономического роста / Материалы Всероссийской научно-практической конференции: сборник научных трудов. ФГАОУ ВО «Севастопольский государственный университет» - Севастополь, 2017. – 308 с.
6. Кондрашова Т.Н. Сущность программно-целевого бюджетирования и его роль в управлении бюджетными ресурсами региона // Вызовы и возможности финансового обеспечения стабильного экономического роста / Материалы Всероссийской научно-практической конференции: сборник научных трудов. ФГАОУ ВО «Севастопольский государственный университет» - Севастополь, 2017. – С.178-186.

## ТАҲЛИЛИ НАЗАРИЯВИИ РАВИШИ БАРНОМАВИИ ҲАДАФМАНДИ БУҶЕТИКУНОНӢ

Дар мақолаи мазкур вобаста ба буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд маводҳои назариявиву илмӣ ҷамъоварӣ карда шудаанд. Дар назар дошта шуда аст, ки равиши барномавиву ҳадафманди буҷет барои муайян сохтани масрафоти дурусту ҳадафноки воситаҳои буҷет таҷҳизоти муҳиму асосӣ ба ҳисоб рафта, дорои самт ва таъминоти мушаххаси стратегӣ буда, натиҷаи ниҳоии татбиқи он барои давраҳои дароз баҳри ҷомеъа фоидаи устувор меоварад ва барои ҳалли масоили муҳими давлатӣ аз қабили таъминкунии рушди устувори иқтисодӣ ва ҳавасмандгардонии соҳаҳои аҳамиятнок воситаи калидӣ ба ҳисоб меравад. Ин усул дар доираи равиши ҳадафманди худ раванди таҳлили ҳамаҷонибаи проблемаҳо, талаботҳо, мақсадҳоро фаро гирифта, дар доираи равиши барномавии худ фарогири ҷанбаҳои ташаккулёбии нақшаҳои ба ҳалли мушкилот равона гардида ва шаклҳои таъминоти иҷрошавии нақшаҳо мебошад.

**Калидвожаҳо:** буҷет, натиҷа, мақсад, усул, усули барномавиву ҳадафманд, банақшагирӣ, хароҷот, барнома, татбиқи буҷет.

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ ПОДОХОДОВ ПРОГРАММНО-ЦЕЛЕВОГО БЮДЖЕТИРОВАНИЯ

В данной статье собраны теоретические и научные материалы, относительно программно-целевого бюджетирования. Ожидается, что программно-целевой подход к бюджету считается важным и основным инструментом определения правильного и целевого расходования бюджетных средств, имеет конкретную стратегическую направленность и поддержку, а конечный результат его реализации принесет стабильные выгоды для общества в течение длительного периода времени, а также для решения данных проблем. Так же, данный метод бюджетирования является ключевым инструментом государства, для обеспечения устойчивого экономического развития и стимулирования важных отраслей. Данный метод в рамках своего програмного подхода включает в себя процесс комплексного анализа проблем, требований, целей, а в рамках своего программного подхода включает аспекты формирования

планов, направленных на решение задач, и формы обеспечения выполнения планов.

**Ключевые слова:** бюджет, результат, метод, программно-целевой метод, планирование, расход, программа, внедрение бюджета.

## THEORETICAL ANALYSIS OF INCOME OF PROGRAM-TARGETED BUDGETING

This article contains theoretical and scientific materials regarding program-target budgeting. It is expected that the program-target approach to the budget is considered an important and basic tool for determining the correct and targeted expenditure of budget funds, has a specific strategic focus and support, and the end result of its implementation will bring sustainable benefits to society over a long period of time, as well as to solve data problems. Also, this budgeting method is a key tool of the state to ensure sustainable economic development and stimulate important industries. This method, within the framework of its program approach, includes a process of comprehensive analysis of problems, requirements, goals, and within the framework of its program approach, it includes aspects of the formation of plans aimed at solving problems and forms of ensuring the implementation of plans.

**Key words:** Budget, result, method, program-target method, planning, expense, program, budget implementation.

**Маълумот дар бораи муаллиф:**

**Ҳанифаи Эмомӣ Азимзода** – Донишгоҳи милии Тоҷикистон унвонҷӯи кафедраи молия ва суғурта **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. **Тел:** 906016666. **Почтаи электронӣ:** azimovahanifa@gmail.com

**Сведения об авторе:**

**Ҳанифаи Эмомӣ Азимзода** – Таджикский национальный университет сосискатель кафедры финансов и страхования. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. **Тел:** 906016666 **Электронная почта:** azimovahanifa@gmail.com.

**Information of avtors:**

**Hanifai Emomi Azimzoda** – Tajik National University is a fellow at the Department of Finance and Insurance of the. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17 **Tel:** 906016666. **Email**: azimovahanifa@gmail.com.

## РАҚАМИКУНОНИИ ИҚТИСОДИЁТ ВА НАҚШИ ОН ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ

*Мирзоев Н.Ҳ. – н.и.и., дотсенти кафедраи системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти ДМТ*

*Мирзоев Х.Н. – шуъбаи бақайдгирӣ ва омори ДМТ*

Дар шароити имрӯза технологияҳои нави иттилоотӣ зуд рушд намуда, ташкил ва ташаккулдиҳандаи системаҳои гуногуни соҳаҳои мухталифи кишвар мегардад, махсусан омили асосии рақамикунонии иқтисоди миллӣ мегарданд. Дар натиҷаи истифодаи васеи навъҳои гуногуни технологияҳои рақамӣ дар соҳаҳо рақамикунонӣ ба вуҷуд омаданд. Ҷаҳони муосир ҳамеша рӯ ба инкишоф дошта, бо гузашти вақт дар тамоми ҷанбаҳои ҳаётан муҳими ҷомеа тағйиротҳои куллӣ ба амал меоянд, ки зуҳури падидаҳои иқтисоди рақамӣ дар муносибатҳои иқтисодии давлатҳои пешрафтаи олам далели ин гуфтаи мост.

Технологияи навини замони муосир ба инсоният имконияти самаранокии истеҳсолот ва равандҳои тиҷоратиро фароҳам оварда, ҷараёни амалиётҳои босуботи иқтисодиро осон мегардонад. Баъди ворид гардидани технологияҳои рақамӣ ба рӯзгори одамон, бахусус дар соҳаи иқтисодиёт, тарзи коргузории корхонаҳои саноативу истеҳсолӣ ва иқтисодӣ дигаргун гардида, дастовардҳои истеҳсолӣ назаррас шуда истодаанд. Технологияҳои рақамӣ таърихи мавҷудияти худро дошта, бо мурури замон сатҳу сифати онҳо такмил ва рушд намуда истодаанд.

Дональд Тапскотт, мутахассиси бахши тиҷорат ва машварат дар Канада, истилоҳи наверо барои бозгӯии тамоюлҳои иқтисоди ҷаҳонӣ дар шакли иқтисоди рақамӣ пешниҳод кард. Ин муҳаққиқи канадагӣ бо далелу рақамҳои дақиқ нишон медиҳад, ки тавассути технологияҳои иттилоотӣкоммуникатсионӣ зиндагии одамон ба тағйироти куллӣ рӯ ба рӯ шуда, дар ин замина робитаҳои байни корбарон, пеш аз ҳама ба имкониятҳои ҳамкории шабакавии одамони аз ҳамдигар дар масофаи дур ҷойгирифта, соҳаҳои гуногуни фаъолият ва ғайра ба танзим даровarда шавад [5, с.72].

Чуноне, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 21.12.2021 қайд намуданд, ҷиҳати рақамикунонии бомароми иқтисоди миллӣ ва ташаккул додани заминаи технологии он ба ислоҳоти соҳаи алоқа тақвият бахшида, гузариши тадриҷӣ ба иқтисоди рақамӣ ва хизматрасониҳои рақамӣ дар ҳамаи соҳаҳо таъмин карда шавад [1, с.16].

Бинобар ин дар даврони муосир ташаккули барқосои робитаҳои иттилоотӣ асоси иқтисоди навинро ташкил хоҳад дод. Бо дарназардошти ин нуқтаҳои муҳим корбасти технологияи рақамиро дар иқтисодиёт ва коммуникатсионӣ технологияҳои иттилоотӣкоммуникатсионӣ меноманд. Ин бахши муҳим фаъолияти корхонаҳоеро фаро мегирад, ки равандҳои мубодилаи электронии иттилоот, коркарди он ва ғайраҳоро ба танзим медарорад. Ба андешаи олими соҳа Дональд Тапскотт бояд рушди иқтисоди рақамӣ муҳаррики асосии ҷаҳонишавӣ гардад.

Ӯ дар ин ҷода тағйироти технологиеро номбар мекунад, ки рушди иқтисодиёти навро пайравӣ намуда, самаранокии иқтисодиро афзун месозад. Дар ин замина, Дональд Тапскотт зарурати ҷорӣ намудани дастрасии бемамониатро ба шабакаи интернет таъкид намуда, ҳамҷоясозии маълумотҳои гуногуни аудио, видео ва матниро дар дар

раванди пешрафтҳои технологии ҷаҳони муосир аввалиндараҷа меҳисобад [5, с. 28].

Шурӯъ аз соли 2017 дар самти номбаршуда тағйиротҳои амалӣ арзи ҳастӣ намуда буданд. Технологияҳои иттилоотӣкоммуникатсионӣ ба бисёр соҳаҳои иқтисодиёт таъсири назаррас расонида бошад ҳам, ин равандро дар соҳаҳои гуногун ягона наметавон арзёбӣ намуд. Таъсири технологияи рақамӣ ҳам дар сатҳи ҷаҳонӣ ва ҳам дар доираи маҳалҳои муайян эҳсос карда мешавад. Аз тарафи дигар иқтисоди рақамӣ ҳамчун маҷмӯаи соҳаҳои нави саноат ба маънои анъанавии худ қисми босуръат рушдкунандаи иқтисоди ҷаҳонӣ мебошад.

Дар солҳои охир, рушди технологияҳои навин боиси пайдоиши бозорҳои бузурги алоқаи мобилӣ, хидматҳои нави шабакаи интернетӣ, амалиётҳои соҳаи саноатӣ ва ғайра гардидаанд. Дар ин самт таъсири мусбат доштани иқтисоди рақамиро дар баъзе ҷанбаҳои фаъолияти субъектҳои таъсисёфтаи соҳибкорӣ, ки асосан аз иваз кардани механизмҳои андозбандӣ алоқамандии бевосита доранд, ба таври махсус бояд қайд кард.

Афзоиши иқтисоди рақамӣ аз афзоиши як қатор бозорҳое, ки мустақиман бо технологияҳои рақамӣ ва мобилӣ алоқаманданд, вобаста аст. Ба ин равандҳои технологӣ дохил мешаванд: тиҷорати бевосита амалигарданда (тиҷорати электронӣ), хидматҳои молиявӣ (масалан, онлайн-бонкинг), хидматҳои интернети иҷтимоӣ (шабакаҳои иҷтимоӣ), маориф, шаҳри бехатари БДА, тандурустӣ (кортҳои электронии бозгӯикунандаи бахшҳои тандурустӣ), хадамоти давлатӣ ва ғайраҳо.

Пайдоишу рушди донишҳои нав, омезиши фаъолияти иқтисодии рақамӣ бо анъанавӣ маъруфи иқтисодӣ фаъолияти махсуси касбиро талаб мекунад. Маҳаки иқтисоди рақамӣ ин бахши муқарраршудаи технологии технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ мебошад, ки самти фаъолияти онро ширкатҳои истеҳсолкунанда, инчунин хизматрасонии машваратӣ ва телекоммуникатсионӣ пешниҳод мекунанд. Ғайр аз маҳаки технологияҳои иттилоотӣкоммуникатсионӣ иқтисоди рақамӣ заминаи таҳияи моделҳои нави тиҷоратӣ, зерсохторҳои рақамӣ ва хидматҳоеро фароҳам меорад, ки ба намудҳои нави фаъолияти иқтисодӣ заминаи мусоид ба вуҷуд меоранд.

Маҳз ин қисм мушкилоти бештарро барои танзим ва тартиби иқтисодӣ пеш меорад. Азбаски иқтисоди рақамӣ ба соҳаҳои анъанавӣ таъсир мерасонад ва дар ин замина дар микёси ҷаҳонӣ тағироти ҷиддӣ ба амал меоянд, ҳудуди густариши он норавшан боқӣ хоҳад монд. Ҳамзамон, соҳаҳои анъанавии иқтисоди ҷаҳонӣ низ таҳти таъсири технологияҳои иттилоотӣкоммуникатсионӣ табдили шакл менамоянд. Дар бораи табдили ниҳоии иқтисодиёти ҷаҳонӣ ба иқтисоди рақамӣ сухан гуфтан таҳлилҳои зиёди иқтисодиро талаб менамояд. Ҷаҳони муосир аз тағйиротҳои хурду бузург баҳрабардорӣ намуда, заминаҳои назариявии соҳа барои такмил ва ташаккули равандҳои муайян асос мегардад.

Иқтисоди рақамӣ ҳадди аққал дар тӯли 10-15 соли охир аз иқтисоди анъанавӣ вобаста хоҳад буд. Дар марҳилаи кунунии рушди технологӣ ва вазъи кунунии бозорҳо, иқтисоди рақамӣ бояд на ҳамчун ҳадаф, балки ҳамчун воситаи баланд бардоштани самаранокии фаъолияти иқтисодӣ баррасӣ карда шавад. Иқтисоди рақамии муосир моделҳои нави тиҷоратро пешниҳод намуда, зарурати тағйир додани механизмҳои идоракуниро таъкид мекунад. Азбаски технологияҳои рақамӣ тақрибан дар ҳама соҳаҳои фаъолияти инсон истифода мешаванд, муайянсозӣ ва арзёбии андозаи бозори иқтисоди рақамӣ душвор аст.

Мавзӯи панҷумин Форуми омории ХБА дар Вашингтон моҳи ноябри соли 2018 бозгӯии дараҷаи густариши иқтисоди рақамӣ буд, ки он мубрамияти ин масъаларо нишон медиҳад. Усулҳои мавҷудаи баҳодиҳии ММД ва фаъолияти иқтисодӣ ниёз ба такмил дошта, ба тағирёбии шароити кор ва тарзи истеъмол таъсири назаррас намерасонанд.

Масалан, дар соҳаи хидматрасониҳои шабакаҳои интернетӣ хидматҳои навро пешниҳод мекунанд, корбарон мустақиман амалиётҳои иқтисодӣ мегузаронанд, доираи васеи молҳо ва хидматҳо тавассути роҳҳои нави логистикӣ ба харидор мерасанд.

Гузашта аз ин, баъзе хидматҳо тавассути таблиғи мустақим ё ғайримустақим ройгон пешниҳод карда мешаванд. Паёмрасонҳои фаврии навин ба корбарон имконият медиҳанд, ки бо ҳам ройгон муошират намоянд, корбарони телефонҳои мобилӣ ва провайдерҳоро барои тағйири моделҳои тиҷорӣ пешниҳодоти мушаххас доранд.

Дар даврони муосир нишондиҳандаҳои ҷории ММД-и як қатор кишварҳоро нодида гирифтан қобили қабул нест. Тибқи гузориши Иттиҳоди Байналмилалии Телекоммуникатсия (ИБТ) соли 2016 кишварҳои пешрафта дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣкоммуникатсионӣ Ҷумҳурии Корея (дар ҷойи 1-ум), Исландия, Дания, Швейтсария, Британияи Кабир, Чин (дар якҷоягӣ бо Гонконг), Шветсия, Ҳолланд, Норвегия ва Ҷопон мебошанд. Рейтинги кишварҳо дар асоси Индекси рушди технологияҳои иттилоотӣкоммуникатсионӣ тартиб дода шудааст (Корея – 8,8 аз 10; Олмон дар ҷои 12, Иёлоти Муттаҳида – 15, Русия – 43).

Нигерландия сатҳи пасти рушди технологияҳои иттилоотӣкоммуникатсиониро дар байни кишварҳои баррасишаванда касб намуд. Тибқи Индекси иқтисоди рақамӣ (DESI) Скандинавия, Бенилюкс, Бритониёи Кабир ва Ирландия иқтисодҳои рақамии рушдёфта доранд. 98 %-и аҳолии ИМА ба Интернет, 84 % ба шабакаҳои 4G дастрасӣ доранд, дар ҳоле ки 44 % аҳолӣ онҳое ҳастанд, ки малакаҳои оддии дастрасии рақамӣ надоранд. Ҳиссаи мутахассисони соҳаи технологияҳои иттилоотӣкоммуникатсионӣ дар ИМА дар соли 2015 аз 3,2 % дар соли 2013 то 3,6 % ва дар соли 2019 5,8 % афзоиш ёфт. Соҳибкорон дар ИА хадамоти рақамиро фаъолона татбиқ мекунанд – 18 %-и ширкатҳо ҳисобномаҳои онлайниро истифода менамоянд, 17 %-и ширкатҳои миёна ва хурд ба тариқи онлайн савдо мекунанд [4, с.247].

Воқеан бозори хадамоти рақамӣ рӯ ба афзоиш аст, аммо муайян кардани доираи густариши ин бозор ҳамчун мавзӯи баҳс боқӣ мондааст. Ҳаҷми бозори технологияҳои иттилоотӣкоммуникатсионӣ дар кишварҳои пешрафта аз 3% то 6% ММД-ро ташкил медиҳад: аз рӯи маълумоти OECD (2015) он дар Олмон технологияҳои иттилоотӣкоммуникатсионӣ 4,2% ММД, дар Британияи Кабир - 5,8%, Шветсия - 6,4% -ро ташкил медиҳад. Ирландия аз сабаби усули махсуси андозбандӣ дар ҷои аввал (11%) мебошад. Андозаи умумии ҷаҳонии бахши рақамиро метавон 5%-и ММД ҳисобид, ин ҳисобҳо ба ҳиссаи гардиш ва шумораи кормандони ширкатҳои рақамӣ, инчунин динамикаи шумораи ҷойҳои холии марбут ба технологияҳои иттилоотӣкоммуникатсионӣ дар бахшҳои рақамии ширкатҳои анъанавӣ асос ёфтааст. Нишондодҳои рақамӣ дар иқтисоди ҷаҳонӣ афзоиши қувваи кориро нишон медиҳанд.

Масалан, дар Канада дар давраи солҳои 2012-2020 афзоиши солонаи кормандон нисбат ба 1,2%-и афзоиши умумӣ 2,4% -ро ташкил дод. Ташаббусҳо ва таҳлилҳои Ҳукумат оид ба иқтисоди рақамӣ дар кишварҳое чун ИМА, Бритониё ва Олмон ба зарурати истеъдодҳои нав барои қонеъ кардани талаботи афзоянда дар ин самтро бозгӯӣ менамоянд. Яке аз кишварҳои пешрафтаи бахши рақамӣ дар Аврупо ва ҷаҳон Бритониё мебошад. Ҳукумати Бритониё як қатор технологияҳои навини самарабахшро пешбинӣ мекунад, ки онро барои рушди иқтисод муҳим меҳисобанд, алахусус фароҳам овардани алоқаи блокчейн ва 5G-ро дар ин самт қайд мекунанд. Ҳукумати Бритониё соли 2014 дар иқтисодиёти рақамӣ беш аз 1,3 миллион нафар, 204 000 корхона (ё 9 % аз шумораиумумӣ) кор мекарданд ва иқтисодиёти рақамӣ 7 % ММД-ро ташкил дод. Дар солҳои 2015-2020 ин кишвар як қатор ҳуҷҷатҳои махсус ва ташаббусҳои мансуб ба бахши рақамиро таҳия кардааст. Кишвари Олмон низ дар рушди иқтисоди рақамӣ пешсаф ба ҳисоб меравад. Арзиши изофӣ дар бахши технологияҳои иттилоотӣкоммуникатсиони Олмон дар соли 2015 99 миллиард евро, сармоягузории соҳа 14,5 миллиард евроро ташкил дод. Аз хизматрасониҳои соҳа барои як нафар то 1,4 ҳазор евро даромад ба даст меоранд (2020).

Гардиши умумии иқтисоди рақамии Олмон аз 110 миллиард евро баробар дониста мешавад. Инчунин ба фаъолияти бахши технологияҳои иттилоотӣкоммуникатсионӣ соҳаҳои пешбар: молия ва суғурта, чакана, энергетика низ дохил мешаванд. Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба соҳаҳое муаззаф мегарданд, ки сатҳи пасти рақамисозӣ доранд. Шумораи ширкатҳои технологӣ низ дар байни 100 ширкати бузургтарин рӯ ба афзоиш дорад. Агар дар соли 2010 11 чунин ширкат мавҷуд бошад, дар соли 2021 аллакай он ба 27 адад расидааст. Афзоиши миёнаи солонаи шумораи кормандон дар технологияҳои иттилоотӣкоммуникатсиониҳои технологӣ 5 %, гардиш – 5 %, дороиҳо – 11 % -ро ташкил медод [4, с.250].

Ҳамин тариқ, афзоиши самаранокӣ ва рақамисозӣ ҷойҳои нави кориро дар ширкатҳои таъсисёфта ба вуҷуд намеоранд, аммо чунин

ҷойҳои корӣ дар ширкатҳои сирф технологӣ пайдо мешаванд. Панҷ ширкати бузурги ИМА дар соли 2017 мансуб ба ширкатҳои технологӣ мебошанд (Apple, Alphabet, Microsoft, Facebook ва Amazon). Сармояи умумии онҳо аз 3 триллион доллар мегузарад ва зиёда аз 15%-и ММД-и ИМА-ро ташкил медиҳад. Бояд қайд кард, ки дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣкоммуникатсионӣ коҳиши шумораи патентҳои солона ба мушоҳида мерасад. Сабабҳои ин ба рушди иқтисоди рақамӣ низ рабт доранд.

Аввалан, навовариҳои технологияҳои иттилоотӣкоммуникатсионӣ ба «навовариҳои муассир» табдил меёбанд. Баъдан, давраи истеҳсолии маҳсулот кам карда мешавад ва мӯҳлати иҷозатнома меафзояд. Ин ба рақамисозии дақиқи бисёр соҳаҳои иқтисодиёт ва мӯҳлати кӯтоҳи татбиқи дастовардҳои охирини рақамӣ вобаста аст. Дар маҷмӯъ рақамикунониро дастрасӣ ба шабакаи интернет дар шакли мукаммал амалӣ менамояд. Шурӯъ аз солҳои 90-уми асри гузашта Интернет роҳи нави рушди худро оғоз намуда, алҳол дар кишварҳои пешрафта беш аз 82% аҳолии калонсол ба он дастрасӣ доранд ва 75% ҳамарӯза аз он истифода мебаранд. Тибқи маълумоти Бонки Ҷаҳонӣ соли 2020 91 %-и аҳолии кураи замин ба Интернет дастрасӣ доштанд. Аммо, дар кишварҳои сусттараққикарда танҳо 15 %-и аҳолӣ ба Интернет дастрасӣ доранд, ки ин барои рушд монеаҳоро эҷод менамояд. Аз сабаби нокифоя будани инфрасохтори технологияҳои иттилоотӣкоммуникатсионӣ дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ пардохтҳои рақамӣ дар соли 2015 17 % даромади миллии дохилиро ташкил доданд, дар кишварҳои пешрафта бошад он ҳамагӣ 5 % - ро ташкил медиҳад. Ҳамзамон, дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ афзоиши пайвастаи тиҷорати электронӣ ба назар мерасад. Мувофиқи маълумотҳои муътамад 57 % харидорон дар кишварҳои мазкур барои хариди онлайн аз телефонҳои мобилӣ истифода мебаранд. Суръати афзоиши тиҷорати электронӣ нисбат ба суръати афзоиши шумораи савдои ҷаҳонӣ дар маҷмӯъ 4 маротиба зиёдтар аст: мувофиқи пешгӯиҳо фурӯши чакана дар соли 2020 7,6 % ва тиҷорати электронӣ - 25,2 %, яъне ба 2,3 триллион баробар аст.

Айни замон пешсафони тиҷорати электронӣ Чин ва ИМА мебошанд, ки фурӯшашон 69,1 % - и фурӯши ҷаҳонии тиҷорати электрониро ташкил медиҳад. Тибқи гузориши EMarketer дар соли 2020 фурӯши тиҷорати электронӣ аллакай 13 % аз фурӯши чаканаи ҷаҳон бештарро ташкил хоҳад дод. Зиёда аз 60% аҳолии Африка дастрасӣ ба алоқаи мобилӣ доранд, ки аксарияти онҳо ба шабакаи Интернети мобилӣ дастрасӣ доранд.

Бояд қайд кард, ки иқтисоди рақамӣ тавассути рақамисозии занҷираҳои таъминот дар бахшҳои ғайримарказии иқтисоди ҷаҳонӣ саҳми назаррас мегузорад. Соли 2015 64 %-и амалиётҳои иқтисодӣ дар хориҷа тавассути ин соҳа сурат гирифтааст. Нақши самарабахшии иқтисоди рақамӣ вақтҳои охир диққати мақомоти дахлдори Русияро низ ба худ ҷалб кардааст ва масъалаи зарурати дастгирии бахши рақамӣ дар сатҳи баланд муҳокима карда шуда истодааст: алахусус дар Форуми

байналмилалии иқтисодии СанктПетербург дар моҳи июни соли 2017 ба ин мавзӯъ диққати махсус равона карда шуд. [5, с.87].

Аз тарафи дигар бояд гуфт, ки маълумот як унсури муҳими иқтисоди рақамӣ буда, маҳз ҷамъоварӣ, таҳлил ва коркарди онҳо заминаи муваффақияти иқтисоди рақамӣ мебошад. Мавқеи Русия дар бораи нақш ва мақоми маълумот, имкониятҳои ҷамъоварӣ ва коркарди он устувор бошад ҳам, такмили ин бахш вақти зиёдро талаб менамояд. Барои ҳифзи манфиатҳои иқтисодии худ давлатҳои пешрафта аз тамоми имкониятҳои худ истифода менамоянд, ки ташаккули иқтисоди рақамӣ дар ин ҷода тағйироти куллиро ба амал хоҳад овард. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи рушди устувор қарор дошта, амалӣ гардидани нақшаҳои бузурги иқтисодӣ ба роҳандозии иқтисоди рақамӣ ниёз дошта, мутахассисони соҳаро зарурати коркарди барномаҳои махсуси давлатӣ пеш меояд.

Албатта, дар доираи як мақолаи илмӣ бозгӯии ин масъалаи муҳими иқтисодӣ ғайриимкон буда, таҳлилу омӯзиши ҳамаҷониба дар асоси таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи олам заминаи мусоидро барои роҳандозии иқтисоди рақамӣ ва дар ин замина рушди босуботи иқтисодӣ фароҳам хоҳад овард.

## АДАБИЁТ

1. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 21.12.2021 с.16
2. Иванова И.А. Сотрудничество разных поколений в цифровой среде экономики. В серии IOP CONFERENCE: EARTH ENVIRONMENT / И.А. Иванова, В.Н. Пуляева, Л.В. Власенко, А.А. Гибадуллин, Б.Г. Сафаров // Science. 2020. Т. 421. № 3. С. 032039
3. КрасильниковаЕ.А.Тенденции развития электронной торговли в условиях цифровизации экономики XXXIV Международные Плехановские чтения. Сборник статей аспирантов и молодых ученых. Москва, 2021. С. 249-254.
4. Соломаха А.Н., Коряхова О.А. Цифровая трансформация бизнес-процессов в период COVID-19 Сборник научных статей по материалам Международной научнопрактической конференции преподавателей, аспирантов, студентов и практиков. 2021. С. 246-249
5. Тапскотт, Дон. Электронно-цифровое общество: Плюсы и минусы эпохи сетевого интеллекта/ Пер.с анг. Игоря Дубинского. Под ред. Сергея Писарева. // Киев. – INT Пресс; Москва. - Релф бук. - 1999. - 432 с
6. Шамсов И.С.Иқтисоди рақамӣ. Китоби дарсӣ Душанбе 2023. С. 260

## РАҚАМИКУНОНИИ ИҚТИСОДИЁТ ВА НАҚШИ ОН ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ

Дар мақола оид ба татбиқи иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дурнамои дарозмуҳлат сухан меравад. Қайд карда

шудааст, ки чи тавр ва ба кадом роҳҳо барои ноил шудан ба технологияи навини замони муосир ва самаранокии истеҳсолот ноил мешавем.

Дар мақола оид ба самти назариявӣ фикру ақидаҳои олимони соҳа ва фикру ақидаи худи муаллиф оид ба беҳтошти соҳа ба таври мукаммал нишон дода шудааст. Дар мақола таҷрибаи кишварҳое, ки бо пуррпагӣ ва ё қисман ба иқтисодиёти рақамӣ гузаштаанд ва ба кадом муваффақиятҳо ноил гаштаанд оварда шудааст.

**Калидвожаҳо:** иқтисодиёти рақамӣ, рушди соҳаи саноат, технологияҳои рақамӣ, талаботи замони муосир, рушди босуботи иқтисодиёт, иқтисодиёти ҷаҳонӣ, технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ.

## ЦИФРОВИЗАЦИЯ ЭКОНОМИКИ И ЕЕ РОЛЬ В РАЗВИТИИ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ

В статье рассматривается внедрение цифровой экономики в Республике Таджикистан на долгосрочную перспективу.

Отмечается, как и какими способами мы достигаем новой технологии современности и эффективности производства.

В статье по теоретическому направлению полностью отражены мнения ученых отрасли и собственное мнение об отчаянности отрасли. В статье представлен опыт стран, полностью или частично перешедших на цифровую экономику, и каких успехов они достигли.

**Ключевые слова:** цифровая экономика, промышленное развитие, цифровые технологии, современные потребности, развитие национальной экономики, мировая экономика, информационно-коммуникационные технологии

## DIGITALIZATION OF THE ECONOMY AND ITS ROLE IN THE DEVELOPMENT OF THE NATIONAL ECONOMY

Annotation. The article discusses the implementation of the digital economy in the Republic of Tajikistan for the long term.

It is noted how and in what ways we achieve new technology of modernity and production efficiency.

The article on the theoretical side fully reflects the opinions of industry scientists and their own opinion about the desperation of the industry. The article presents the experience of countries that have fully or partially switched to the digital economy, and what successes they have achieved.

Key words: digital economy, industrial development, digital technologies, modern needs, development of the national economy, world economy, information and communication technologies

**Маълумот дар бораи муаллифон:**

**Мирзоев Неъматулло Ҳакимович** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи системаҳои итилоотӣ дар иқтисодиёти ДМТ. **Суроға:** ш. Душанбе, Хиёбони Рудакӣ 17. **Тел:** (+992) 918-35-35-14, **Почтаи электронӣ**: 918353514@mail.ru

**Мирзоев Хусрав Неъматуллоевич** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон шуъбаи бақайдгирӣ ва омор. **Суроға:** ш. Душанбе, Хиёбони Рудакӣ 17. **Тел:** (+992) 908-00-09-21 **Почтаи электронӣ**: 918353514@mail.ru

**Сведения об авторах:**

**Мирзоев Нематулло Хакимович -** Таджикский национальный университет кандидат экономических наук доцент кафедры информационных систем в экономике **Адрес:** 734025, Таджикистан, Душанбе, пр. Рудаки 17, **Тел.:** (+992) 918-35-35-14, **Электронная почта**: 918353514@mail.ru

**Мирзоев Хусрав Неъматуллоевич** - Таджикский национальный университет отдел регистрации и статистики. **Адрес:** Душанбе , проспект Рудаки 17. Тел: (+992) 908-00-09-21 **Электронная почта**: 918353514@mail.ru

**Information about the author**:

**Mirzoev Nematullo Khakimovich -** Tajik National University, associate professor of the department of information systems in economics, **Address:** 734025, Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17, **Tel.:** (+992) 918-35-35-14, **e-mail:** 918353514 @ mail.ru

**Mirzoev Khusrav Nematulloevich** - Tajik National University, registration and statistics department **Adress:** Dushanbe, Rudaki Avenue 35.**Tel:** (+992) 908000921 **e-mail:** 918353514 @ mail.ru

# РАҚАМИКУНОНИИ БАХШИ БОНКӢ ВА ТАҲЛИЛИ ТАЪСИРИ ОН БА РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ БОНКӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Оев А.Д. – *ассистенти кафедраи аудит ва ревизияи ДдмиТ*

Бозори молиявӣ яке аз муассисаҳои муҳимтарини рушди иқтисодии давлат мебошад. Имрӯз раванди рақамисозӣ, ки тамоми соҳаҳои фаъолияти иқтисодиро дар бар мегирад, ба бахши молиявӣ таъсири муқтадир дорад. Субот ва самаранокии низоми бонкӣ ҷиҳати рушди муътадили иқтисоди миллӣ шароити асосиро фароҳам меорад. Вазъи имрӯзаи бахши бонкӣ бо вобастагии назаррас аз омилҳои беруна, амнияти ҳамаҷонибаи шарикони рушд, ки аз сиёсати таҳримҳои байналмилалӣ ва маҳдудиятҳои тиҷоратӣ ба вуҷуд омадаанд, инчунин хусусиятҳои фаъолияти бонкҳо дар бозори миллии хизматрасониҳои молиявӣ тавсиф карда мешавад.

Дар шароити кунунӣ, рақамикунонии иқтисоди миллӣ дар маркази таваҷҷуҳи ҳукумати кишвар қарор дорад. Ин аст, ки аз 30-юми декабри соли 2019 таҳти №642 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро”-ро қабул намудааст, ки

аз рӯи он Барномаи миёнамуҳлат барои солҳои 2021-2025 мавриди татбиқшавӣ қарор дорад.

Шароити муҳити ноустувори беруна дар пешбурди фаъолияти бонкӣ душвориҳо ба вуҷуд меорад ва дар баробари ин боиси эҳтиёҷоти пуршиддат мегардад. Аз ҷумла, гузариш ба стандарти нави байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ 9 – Воситаҳои молиявӣ) талаб менамояд, ки ташаккули захираҳоро на дар асоси талафоти пешбинишуда, балки дар асоси зарари расонидашуда тақозо мекунад. Дар баробари ин, бояд навовариҳои дарпешистодаро, ки аз ҷониби коршиносони молия Базел IV номида мешавад, ба назар гирифт, ки барои бонкҳо стандартҳои сахттареро ҷиҳати арзёбии хавфҳо барои дороиҳо муқаррар мекунанд [5, с.72].

Бахши бонкӣ дар иқтисодиёти кишвари мо яке аз соҳаҳои муҳимтарин ба шумор меравад ва ин маънои онро дорад, ки масъалаи рақамикунонии он аз ҳарвақта муҳимтар аст. Бинобар ин, солҳои охир аз ҷониби Бонки миллӣ тадбирҳои муҳим андешида шуда истодааст, ки натиҷаи назаррасӣ онро метавон мушоҳида намуд.

Дар соли 2019 аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон Маркази миллии протсессингии интиқоли маблағҳо бе кушодани суратҳисоб таъсис дода шуд, ки мақсади асосии он баланд бардоштани самаранокии фаъолияти низоми интиқоли маблағҳо, таъмин намудани шаффофияти амалиёт ва коҳиш додани хавфҳои амалиётӣ барои таъмин намудани устувории низоми бонкӣ ва дар умум низоми молиявии кишвар мебошад. Ҳамчунин, низоми Амонати (депозитарияи) коғазҳои қиматнок инфрастохтори марказонидашудаи ҳисоббаробаркунии бозори коғазҳои қиматнок (CSD) ба роҳ монда шуда, анҷоми расмиёт вобаста ба амалиёти коғазҳои қиматноки давлатӣ ва корпаративиро сода ва шаффоф намуд.

Бо мақсади зиёд намудани ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар муомилоти пулии кишвар дар навбати аввал Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2018, №565 «Оид ба тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» ва баъдан аз 22 июни соли 2023, такроран бо баинобатгирии талаботҳои ҷиддӣ таҳти №586 бо ҳамон ном амалӣ гардида истодааст, ки дар навбати аввал пардохти як қатор хизматрасониҳои пулакии давлатӣ, аз ҷумла ҳаққи истифодаи қувваи барқ, об, хизматрасониҳои коммуналӣ, нақлиёти ҷамъиятӣ ва ғайра ба роҳ монда шуд ва баъдан дар марҳилаи дуюм тамоми хизматрасониҳои музднокро дар бар мегирад[1,3].

Дар самти рақамикунонии хизматрасониҳои бонкӣ ташкилотҳои қарзии молиявӣ технологияҳои муосири хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ, аз қабили бонкинги мобилӣ, Интернет-бонкинг, пардохтҳо тавассути QR-рамз ва маблағҳои электрониро бомуваффақият татбиқ намуда истодаанд. Аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ пайваста чораҳои ҳавасмандгардонии муштариён барои истифодабарии

воситаҳои электронии пардохтӣ ва анҷом додани пардохтҳои ғайринақдӣ гузаронида шуда истодаанд, аз ҷумла пешниҳоди «Cash back», яъне баргардонидаи маблағи муайян ба муштарӣ дар мавриди пардохти ғайринақдӣ, аксияҳои бурднок, бонусҳо, пешниҳоди фоиз ба бақияи суратҳисобҳои кортҳои пардохтӣ ва дигар чораҳои ҳавасмандгардонӣ татбиқ гардидааст.

Ҷиҳати арзёбии фаъолнокии низоми бонкӣ дар бахши молиявии мамлакат нақши амалии онро аз рӯи идоракунии низоми пардохт мавриди таҳлил қарор медиҳем.

**Диаграммаи 1.**

**Динамикаи рушди инфрасохтори пардохтӣ дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон** (адад)




**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф дар асосӣ Бюллетени омори бонкӣ

Чуноне аз диаграммаи 1. бармеояд, дар давраи таҳлилӣ аз рӯи инфрасохтори пардохт кулли нишондиҳандаҳои низоми пардохтӣ тамоюли мусбиро инъикос менамоянд, ки ин аз шароити хуби фароҳамовардаи низом барои бэҳгардии хизматрасониҳои молиявӣ дар мамлакат шаҳодат медиҳад. Аз миёни воситаҳои дарҷёфта ҳисоббаробаркуниҳо тавассути QR-рамзҳо, ки динамикаи босуръати рушдро дорост, ҷойгоҳи хосаро касб менамояд. Ҳамзамон, дар давраи таҳлилӣ аз рӯи миқдори умумии кортҳои пардохтии дар муомилот қарордошта аз 1694,1 ҳаз. дар соли 2017 ба 5060,6 ҳаз. дар соли 2022 баробар гардидааст, ки афзоиши он 198,7 банди фоизиро ташкил медиҳад. Таносуби рушди чунин инфрасохтори низоми бонкӣ дар

шароити муосир сифати хуби хизматрасониро дар низом бозгӯй буда, самаранокии фаъолияти онро таъмин менамояд.

Ҷузъе аз раванди рақамикунониро пардохтҳои ғайринақдӣ ташкил медиҳанд, ки он ба сарфаи вақту хароҷоти иловагии муштариён мусоидат менамояд. Гузариш ба низоми пардохтҳои ғайринақдӣ талаботи аҳолиро ба пули нақд коҳиш дода, навбатпоиро дар назди банкомату хазинаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ барои гирифтани пули нақд аз байн мебарад ва боиси сарфаи вақту хароҷоти иловагии муштариён мегардад.

Ғайринақдӣ гардонидани раванди пардохтҳо аҳаммияти хоси иқтисодӣ дошта, истифодаи воситаҳои пардохти ғайринақдӣ ҳангоми анҷом додани пардохти хизматрасониҳои давлатӣ ин равандро осон ва қулай мегардонад.

Аксари ташкилотҳои қарзии молиявӣ барои пешниҳоди хизматрасониҳои пардохтӣ тавассути телефонҳои мобилӣ барномаҳо таҳия намудаанд. Имрӯзҳо теъдоди зиёди шаҳрвандон дорандагони кортҳои пардохтӣ ва истифодабарандагони замимабарномаҳои махсуси бонкӣ мебошанд, ки тавассути онҳо метавонанд ҳангоми хариди молу маҳсулот ва хизматрасонӣ ҳисоббаробаркуниро ба таври ғайринақдӣ анҷом диҳанд. Ҳоло аксари ташкилотҳои қарзии молиявӣ барои пешниҳоди навъҳои гуногуни хизматрасониҳои пардохтӣ тавассути телефонҳои мобилӣ барномаҳо таҳия карда истодаанд.

Тибқи маълумоти оморӣ, дар зарфи 5 моҳи соли ҷорӣ ҳиссаи ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ нисбат ба солҳои қаблӣ хеле рушд кардааст. Аз ҷумла, дар панҷмоҳаи аввали 2023 миқдори умумии кортҳои пардохтии бонкӣ 5,7 миллионро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 43 фоиз зиёд шудаанд[6]. Инчунин, теъдоди ҳамёнҳои электронӣ 7,7 миллионро ташкил дода, нисбат ба ҳамин санаи соли гузашта 63% афзудааст. Дар панҷмоҳаи аввали соли 2023 тавассути воситаҳои электронии пардохтӣ барои хариди молу пардохти хизматрасонӣ зиёда аз 18 миллион амалиёти ғайринақдӣ ба маблағи 4,4 миллиард сомонӣ гузаронида шудааст, ки ин нишондиҳандаҳо нисбат ба ҳамин давраи соли 2022, аз рӯйи шумора 55 фоиз ва аз рӯйи ҳаҷми амалиёти гузаронидашуда 91 фоиз зиёд мебошанд. Дар ин давра таносуби ҳаҷми амалиётҳои нақдӣ ва ғайринақдӣ бо истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ 83 фоиз ба 17 фоизро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ ҳаҷми амалиётҳои ғайринақдӣ 6,3 банди фоизӣ зиёд гардидааст.

Аз рӯи нишондиҳандаҳои фаъолияти низоми бонкӣ таъсири рақамикунониро дар ин бахш мавриди таҳлил қарор медиҳем.

**Ҷадвали 1.**

**Нишондиҳандаҳои фаъолияти низоми бонкӣ** (млн. сомонӣ)

| **Нишондиҳандаҳо** | **Солҳо** | | | | | | *Тағ. бо %* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | |
| Дороиҳо | 20932 | 21201 | 21976 | 26308 | 22415 | 30031 | 143,5 |
| Қарз | 8506 | 8677 | 9703 | 10883 | 11970 | 13578 | 159,6 |
| Амонат | 9283 | 9724 | 9682 | 11414 | 10159 | 15508 | 167,1 |
| Даромаднокии дороиҳо, % | 0,5 | 1,9 | 2,1 | 2,5 | 1,1 | 5,9 | 5,4 |
| Даромаднокии сармоя, % | 1,7 | 7,0 | 7,6 | 9,1 | 4,8 | 28,3 | 26,6 |

Сарчашма: ҳисоби муаллиф дар асоси Бюллетени омори бонкӣ

Аз натиҷаи таҳлили гузаронидашуда дар ҷадвали 1 бармеояд, ки кулли нишондиҳандаҳои дарҷшуда афзоиши мусбиро нишон медиҳанд. Ин шаҳодат аз чораандешиҳои низоми бонкӣ дар самти таъмини самаранокии фаъолият бо роҳи гузариш ба низоми рақамӣ дар тамоми самтҳои фаъолияти ташкилотҳои қарзиро бозгӯй менамояд.

Дар маҷмӯ, таҳлили вазъ ва нишондиҳандаҳои фаъолияти низоми бонкӣ далели он аст, ки ташкилотҳои қарзии молиявӣ тамоми инфрасохтори барномавию техникии заруриро барои татбиқи босамари сиёсати рақамикунонӣ дар ихтиёр доранд ва ҷиҳати татбиқи он кӯмаки вазорату идораҳо ва дар маҷмӯ худи аҳолӣ муҳим ҳисобида мешавад.

Новобаста аз дастовардҳои ноилгардида дар бахши бонкӣ мушкилоти зеринро метавон мушоҳида намуд:

- дар сатҳи зарурӣ қарор надоштани маълумотнокии аҳолӣ дар соҳаи рақамикунонӣ, ки имконияти истифодаи самараноки ислоҳотро дар самти роҳандозии технологияҳои муосири молиявӣ ғайриимкон мегардонад;
- зарурати такмилӣ қонунгузории соҳавӣ ба талаботи замони муосир ва технологияҳои муосири молиявӣ;
- дар сатҳи паст қарор доштани имкониятҳо барои анҷоми пардохтҳои ғайринақдӣ тавассути воситаҳои электронии пардохтӣ дар минтақаҳои дурдасти кишвар.

Барои ҳалли мушкилиҳои ҷойдошта чунин тадбирҳоро лозим мешуморем:

- мукаммалгардонии заминаи техникию технологии хизматрасониҳои бонкӣ дар кишвар, бахусус дар ноҳияҳои дурдаст;
- баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолӣ, аз ҷумла аҳолии минтақаҳои дурдасти кишвар оид ба истифодаи хизматрасониҳои электронии низоми бонкӣ, амалигардонии чорабиниҳо мувофиқ ба талаботи стратегияи миллии фарогирии молиявӣ;
- таҳия ва татбиқи барномаҳои молиявии муосир оид ба содагардонии раванди иҷрои амалиёт дар низоми бонкӣ;
- рушди хизматрасониҳои молиявии рақамӣ;

- таъсиси маркази ҳамоҳангсозии савдои электронӣ бо низоми бонкӣ;

- ба таври назаррас зиёд намудани ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдӣ бо истифода аз воситаҳои электронии пардохтӣ;

- тақвият бахшидани корҳои фаҳмондадиҳӣ ва омӯзишӣ дар самти ислоҳоти татбиқшуда ва баланд бардоштани саводнокии рақамии истифодабарандагони хизматрасониҳои бонкӣ.

## АДАБИЁТ


1. Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, -Душанбе-2021, 64с.
2. Бюллетени оморӣ бонкӣ дар солҳои 2017-2019.
3. Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019 №642.
4. Ревенко, Е. М. Обеспечение цифровизации банковского сектора Российской Федерации / Е. М. Ревенко // Конкурентоспособность территорий :– Екатеринбург: Уральский государственный экономический университет, 2020. – С. 144-146.
5. Ситникова Э. В. Влияние цифровизации на тенденции развития банковской деятельности в регионах России / Э. В. Ситникова, Т. С. Колмыкова, Е. О. Астапенко // Регион: системы, экономика, управление. – 2020. – № 1(48). – С. 71-76.
6. Сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон: https://nbt.tj


## РАҚАМИКУНОНИИ БАХШИ БОНКӢ ВА ТАҲЛИЛИ ТАЪСИРИ ОН БА РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ БОНКӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Дар мақола аҳамияти рақамикунонии бахши бонкӣ ҳамчун омилӣ муҳими таъмини самаранокии фаъолияти ин бахш арзёбӣ гардида, муаллиф таҳқиқи таъсири ин омилро бар рушди фаъолияти бонкӣ мавриди таҳлил ва баҳодиҳӣ қарор додааст. Ҷараёни таҳлил инфрасохтори рақамикунониро дар низоми бонкӣ фарогир буда, рушди низоми пардохт ва дар баробари он як қатор нишондиҳандаҳои фаъолияти низоми бонкиро тавсиф менамояд. Аз натиҷаи таҳқиқи гузаронидашуда мушкилоти ҷойдошта дар ин самт ва роҳҳои бартарафсозии онҳо таҳия карда шудааст.



**Калидвожаҳо:** бахши бонкӣ, ташкилотҳои қарзӣ, рақамикунонӣ, низоми пардохт, ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, таҳлил, баҳодиҳӣ.


## ЦИФРОВИЗАЦИЯ БАНКОВСКОГО СЕКТОРА И АНАЛИЗ ЕЕ ВЛИЯНИЯ НА РАЗВИТИЕ БАНКОВСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН


В статье оценивается значение цифровизации банковского сектора как важного фактора обеспечения эффективности данного сектора, а также автор анализирует и оценивает влияние этого фактора на развитие

банковской деятельности. Поток анализа охватывает инфраструктуру цифровизации в банковской системе, описывает развитие платежной системы и вместе с ней ряд показателей банковской системы. По результатам исследования разработаны существующие проблемы в этой области и пути их преодоления.

**Ключевые слова:** банковский сектор, кредитные организации, цифровизация, платежная система, безналичные расчеты, анализ, оценка.

**DIGITIZATION OF THE BANKING SECTOR AND ANALYSIS OF ITS IMPACT ON THE DEVELOPMENT OF BANKING IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

The article assesses the importance of digitalization of the banking sector as an important factor in ensuring the efficiency of this sector, and the author also analyzes and evaluates the impact of this factor on the development of banking activities. The analysis stream covers the digitalization infrastructure in the banking system, describes the development of the payment system, and, along with it, several indicators of the banking system. Based on the results of the study, existing problems in this area and ways to overcome them were developed.

**Keywords:** banking sector, credit organizations, digitalization, payment system, non-cash payments, analysis, assessment.

**Маълумот дар бораи муаллиф:**

**Оев Анис Давлатович** – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. ассистенти кафедраи аудит ва ревизия **Суроға:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимова 64/14. **Тел:** (+992) 93 451 11 12. **Почтаи электронӣ**: oev.anis.d@mail.ru.

**Сведение об авторе:**

**Оев Анис Давлатович** –Таджикский государственный финансого-экономический университет ассистент кафедры аудита и аудита **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова 64/14. **Электронная почта:** oev.anis.d@mail.ru. **Тел:** (+992) 93 451 11 12.

**About the author:**

**Oev Anis Davlatovich -** Tajik State Financial and Economic University Assistant of the Department of Audit and Audit of the. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14. **Email:** oev.anis.d@mail.ru. **Phone:** (+992) 93 451 11 12.

# ТАРАҚҚИЁТИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ НАВИ ИТТИЛООТӢ – КОММУНИКАТСИОНӢ ДАР СОҲАҲОИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ

*Мирзоев Х.Н. – шуъбаи бақайдгирӣ ва омори ДМТ*

*Шарипова Р.М. – магистри ихтисоси идораи мақомоти марказӣ ва маҳалии ДМТ*

Дар давраи тараққиёти навовариҳои индустриалӣ, чун роҳҳои оҳан, авиатсия, симои ҷамият ва тиҷорат дар натиҷаи пайдоиши бозорҳои

нави савдо тамоман тағйир ёфтааст. Вобаста ба ин қисми зиёди ширкатҳо имкониятҳои нави алоқа ба истеъмокунандагон ва таъминкунандагонро пайдо намудаанд. Асбаски давлат дастгирии қонунии сохтори нави расонидани борҳоро тавасути роҳи оҳан ва ҳавоӣ таъмин менамояд, самаранокии иқтисодиро баланд бардошта ба тараққиёти давлат оварда мерасонад.

Ба ҳамин монанд, воситаи нави коммуникатсионӣ ба асри тарақиёбандаи иттилоотӣ нақши сохтори асосиро шабакаҳои нави интернетӣ бозида истодааст. Ҳоло шабакаҳои нави Интернетӣ таъсироти назарраси худро ба сохторҳои куҳану нави иқтисодӣ расонида истода, бо корхонаҳо, ширкатҳо ва соҳаҳои имконияти кам намудани хароҷотҳоро ба маводҳоро ба вуҷуд оварда, ташкили нави муносибатҳоро бо ҳамкорон, баромадан ба бозори нави савдо, ташкили сарчашмаҳои нави даромадро ба вуҷуд оварда истодааст. Соҳаҳои иқтисоди миллӣ низ бояд бо асри иттилоотӣ ҳамқадами замон бошанд.

Шаҳрвандон ва ширкатҳои хусусӣ ҳоло ба усулҳои марказонидашудаи хизматрасониҳои оммавии корхонаҳои давлатӣ ба аҳолӣ такья карда наметавонанд. Одамон аз давлатҳои худ сифати нави хизматрасониҳои давлатӣ, баландбардории самаранокӣ ва камкунии хароҷот, баландшавии рақобат ва таъмини некуаҳволиро дар иқтисодиёти нави иттилоотӣ интизор мебошанд.

Ба монанди асри индустриалӣ дар ҳама ҳолат танҳо органҳои давлатӣ роҳбарии гузариш ба асри иттилоотиро ба зиммаи худ мегиранд. Ташкилотҳои сектори давлатӣ бояд муносибатҳои худро бо шаҳрвандон, ширкатҳои хусусӣ, кормандони хизматӣ дигар намуд сохта, ҳамчун асоси тағиротҳои куллӣ баромад намоянд.

Бинобар ин тараққиёти ҷамъияти иттилоотӣ қисми зиёди ташкилотҳорро ба қабули консепсияи «ҳукумати элетронӣ»-ро бо мақсади расонидани хизматрасони ба воситаи шабакаи Интернет водор месозад.

Масалан шаҳрвандон ва ширкатҳои хусусӣ барои гирифтани иҷозатнома ба ҷои он ки якчанд корхонаҳоро гузаранд, метавонанд ба воситаи сайти ин корхонаҳо дар муддатҳои кӯтоҳи вақт ҳама амалиётҳои худро дар давраи 24 соат дар як шабонарӯз ва 7 рӯз дар як ҳафта иҷро намоянд. Яъне расонидани хизматрасонииҳои мухталиф пурра тавасути шабакаи Интернетӣ сурат мегирад. Давлат метавонад, ки барои ба зинаҳои камбизоати аҳолӣ ин хизматрасониҳоро расонад,малакаҳои истифодаи онҳоро хусусан ба ҷавонон ва куҳансолон омузонад, то аз он бемамониат истифода намуда тавонанд. Инҳоро танҳо бо истифода аз тарзҳо ва барномаҳои гуногун ноил гаштан мумкин аст.

Ба одамон имконият додан зарур аст, ки дар тамоми давраи ҳаёти худ омузанд. Яъне идеяи тамом шудани омузиш баъд аз хатми мактаб дар шароити имрӯза бо паҳнкунии таълими электронӣ аз байн меравад. Ҷамъияти оянда ки дорои «кормандони донишманд» (knowledgeworkers) мебошад, аз истифодаи воситаҳои фардии муосир ва гирифтнаи таълим тавассути шабакаи Интернет ҳаёти худро давом медиҳад.

Ба ҷои расонидани хизматрасониҳои якхела ба ҳама шаҳрвандон корхонаҳои давлатӣметавонанд, бо ҳар яке аз онҳо назари инфиродӣ намуда хизматрасониҳои фардиро анҷом диҳанд. Шаҳрвандон низ дар муносибати худ бо корхонаҳои давлатӣ масъулиятнокии баландро ба уҳда мегиранд ва боз боварии зиёдро дар сектори давлатӣ соҳиб мегарданд.

Корхонаҳои давлатӣ ба бисере аз ширкатҳои хусусӣ имконият медиҳанд, ки ба шабакаи Интернет бароянд, инчунин дар истифодаи воситаҳои элекронӣ кумакрасонӣ намоянд. Баъзан барои чунин амалҳо ширкатҳо маслиҳатҳои гуногун гиранд, ба бозори ҷаҳонӣ низ бароянд. Имкониятои гуногуни омодакунии касбӣва шуғли аҳолиро дар ҷойҳо низ ба вуҷуд меорад.

Ба вазифаҳои асосии ҳукумати электронӣ инҳо дохил карда мешаванд:

Ташкили шаклҳои нави ҳамкории органҳои давлатӣ;

Беҳтаргардонии пешниҳоди хизмиатрасониҳои ҳукуматӣ ба аҳолӣ ва тиҷорат;

Дастгирӣ ва васеъгардонии имкониятҳои худхизматрасонии шаҳрвандон;

Пастгардонии таъсироти факторҳои ҷойгиршавии ҷуғрофӣ.

Ҳукумати электронӣ ин чизҳоро таъмин менамояд:

маъмурикунонии самаранок ва камхароҷот;

тағироти кулӣ байнги муносибатҳои ҷамъият ва ҳукумат;

Намудҳои ҳамкориҳо:

-Байни давлат ва шаҳрвандон (G2C, Government-to-Citizen);

-Байни давлат ва тиҷорат (G2B, Government-to-Business);

-Байни шохаҳои гуногуни ҳокимияти давлатӣ (G2G, Government-to-Government);

-Байни давлат ва хизматчиёни давлатӣ (G2E, Government-to-Employees);

Ҳукумати электронӣ ба ҳукумати анъанавӣ илова ё монанд намебошад ва танҳо тарзи нави ҳаммаслакиро бо мақсади баландбардории самаранокии хизматрасониҳои давлатӣ дар асоси истифодаи фаъоли технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ муайян менамояд. Дар оянда ҳукумати электронии «як равзана» аз имрӯза дида боз ҳам актуалӣ мегардад. Ин ташаббус натиҷаи тараққиёти шабакаҳои иҷтимоӣ web 2.0. мегардад. Ин гурӯҳи технологияҳо имкониятҳои коммуникатсияҳои сиёсиро васеъ намуда, дастраси шаклҳои интегратсияи байни ҳукумат, тиҷорат ва шаҳрвандонро ба вуҷуд меоранд.

Дар шароити имрӯза консепсияи ягонаи ҳукумати электронӣ вуҷуд надорад. Танҳо маҷмӯи талаботҳое мавҷуданд, ки аз иҷрои онҳо шаҳрвандон ва тиҷорат ҳуқуқ доранд аз ҳукумати ҷамъияти иттилоотӣ интизор шаванд. Фарқияти категорияи истеъмолкунандагонро кӯшиши ягонаи гирифтани воситаҳои нисбатан самараноки рухсат ба иттилоот

муттаҳид менамояд, то ин ки арзиши транзаксияҳоро кам намуда, ҳаммаслакиро бо органҳои давлатӣ оддӣ, зудамал ва бороҳат созад.

Ҳамин тавр, ҳукумати электронӣ мақсадҳои асосии зеринро доро аст:

-имизатсияи пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ ба аҳолӣ ва тиҷорат;

-баландбардории дараҷаи ширкати ҳама интихобкунандагон дар раванди роҳбарӣ ва идоракунии мамлакат;

-дастгирӣ ва васеъкунии имкониятҳои худхизматрасонии шаҳрвандон;

-баландшавии хабардории технологӣ ва дараҷаи ихтисосии шаҳрвандон;

-камкунии таъсироти факторҳои ҷойгиршавии ҷуғрофӣ.

Технологияҳои муосири иттилоотӣ имконияти интихоби бойи асбобҳоро барои ташкилотҳои «ҳукумати элетронӣ» фароҳам меоранд, ки дар зинаҳои консептуалӣ ва амалӣ санҷида шудаанд. Модели ҳукумати электрониро чун системаи муттаҳидаи иттилоотӣ дида мебароем ва ба кадоме аз технологияҳои барномави вай бояд асос ёбад.

1.Технологияҳои самти ҳуҷҷатҳо. Яке аз ҷузъиётҳои асосии ҳукумати электронӣ ин системаи идоракунии ҳуҷҷатҳои электронӣ (IDM – IntegratedDocumentManagement) мебошад, ки системаи самти ҳуҷҷатгардишро таъмин менамояд. Дар ҳақиқат ҳукумати электронӣ корҳоро пеш аз ҳама бо ҳуҷҷатҳо бо аризаи шаҳрвандон, маълумотномаҳо, мактубҳо ва ғайраҳо таъмин менамод.

2.Дар сектори давлатӣ ҳуҷҷат дар навбати худ мақсади фаъолият ва воситаи истеҳсолот мебошад. Бо ҳуҷҷатҳо ҷанбаҳои зиёде алоқаманд мебошанд, онҳоро бояд нигоҳ дошт, ҷустуҷӯ намуд, аз шакли коғази ба намуди электронӣ ё баракси он бояд гузаронд.

3.Барои сектори давлатӣ бояд чунин масъалаҳои намунавӣ ҳангоми сохтани системаи ҳуҷҷатгардиши электронӣ ҳалли худро ёбанд:

- автоматикунонии ҳуҷҷатгардиш. Дар ин ҷо сухан оиди коркарди ҳуҷҷатҳои воридшаванда, хориҷшаванда ва дохилӣ, баҳисобгирии лоиҳаҳои ҳуҷҷатҳ, шартномаҳо, назорати иҷроиши ҳуҷҷат ва ғайраҳо меравад.

- хизматрасонии шаҳрвандон ва ташкилотҳо. Ин пеш аз ҳама коркарди оммавии фармоишҳо аз шаҳрвандонва ташкилотҳо, ки ба воситаи пунктҳои абонентии қабул ё шабакаи Интернет ворид мешаванд.

- иҷрои кор. Дар раванди кор ба ҳуҷҷати ибтидоӣ ҳуҷҷатҳои дигаре илова мешаванд, ки онҳоро низ духтан зарур аст. Ин ҳеҷҷатҳо метавонанд, ки танҳо дар намуди коғазии худ қувваи ҳуқуқӣ дошта бошанд, он гоҳ барои сабти онҳо аз системаи гурӯхи Record Management (RM) истифода мебаранд, ки вай ташкил , баҳисобгирии ҳуҷҷатҳои коғазӣ ва электрониро анҷом медиҳад.

Истифодаи системаи идоракунии захираҳо (ECM) ва системаи менеҷменти тиҷоратӣ дар модели ҳукумати электронӣ (Business Process Management) аҳамияти калон доранд

Ҳамин тавр, ташкили ҳукумати электронӣ на танҳо маъмурикунонии самараноку камхарҷро, балки тағироти куллии муносибатҳои байни ҳукумат ва ҷамъиятро низ ба вуҷуд меорад. Ин, дар навбати худ, ба тараққиёти демократия ва баландбардории масъулият дар назди халқ оварда мерасонад.

**АДАБИЁТ**


1. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2019
2. Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон - аз «30» декабри соли 2019, № 642
3. Шамсов И.С. Иқтисоди рақамӣ. Китоби дарсӣ Душанбе 2023. С. 260.


## ТАРАҚҚИЁТИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ НАВИ ИТТИЛООТӢ – КОММУНИКАТСИОНӢ ДАР СОҲАҲОИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ


Мақолаи мазкур масъалаҳои тараққиёти технологияҳои нави иттилоотӣ – коммуникатсионӣ дар соҳаҳои иқтисодиёти миллиро ҳамчун яке аз нишондиҳандаҳои асосӣ қарор медиҳад. Рушди бахши хизматрасонӣ бо рушди технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ алоқаманд аст, ки дар навбати худ боиси тағирёбии тамоми низоми иқтисодӣ ва ташаккули намуди нави он - иқтисодиёти электронӣ (рақамӣ) мегардад.



**Калидвожаҳо:** технология, барнома, иттилоот, иқтисодиёти рақамӣ, бозори технологияҳои рақамӣ, технологияҳои рақамӣ, хизматрасониҳои электронӣ, технологияҳои иттилоотӣ.


## РАЗВИТИЕ НОВЫХ ИНФОРМАЦИОННО-КОММУНИКАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В ОТРАСЛЯХ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ


В данной статье развитие новых информационных и коммуникационных технологий в сферах национальной экономики рассматривается как один из основных показателей. Развитие сферы услуг связано с развитием информационно-коммуникационных технологий, что в свою очередь приводит к изменению всей экономической системы и формированию ее нового типа - электронной (цифровой) экономики.



**Ключевые слова:** технология, программа, информация, цифровая экономика, рынок цифровых технологий, цифровые технологии, электронные услуги, информационные технологии.

## DEVELOPMENT OF NEW INFORMATION AND COMMUNICATION TECHNOLOGIES IN INDUSTRIES OF THE NATIONAL ECONOMY

Annotation. In this article, the development of new information and communication technologies in the areas of the national economy is considered as one of the main indicators. The development of the service sector is associated with the development of information and communication technologies, which in turn leads to changes in the entire economic system and the formation of its new type - the electronic (digital) economy.

Key words: technology, program, information, digital economy, digital technology market, digital technology, electronic services, information technology.

**Маълумот дар бораи муаллифон:**

**Мирзоев Хусрав Неъматуллоевич** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон шуъбаи бақайдгирӣ ва омор. **Суроға:** ш. Душанбе, Хиёбони Рудакӣ 17. **Тел:** (+992) 908-00-09-21 **Почтаи электронӣ**: 918353514@mail.ru

**Шарипова Рухшона Маҳмаднеъмоновна** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон магистри ихтисоси идораи мақомоти марказӣ ва маҳалии **Суроға:** ш. Душанбе, Хиёбони Рудакӣ 17. Тел: (+992) 555280880

**Сведения об авторе:**

**Мирзоев Хусрав Неъматуллоевич** - Таджикский национальный университет отдел регистрации и статистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. Тел: (+992) 908-00-09-21 **Электронная почта**: 918353514@mail.ru

**Шарипова Рухшона Махмаднеъмоновна** - магистр государственное и местное управления. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. **Тел:** (+992) 555280880

**Information about the author**:

**Mirzoev Khusrav Nematulloevich** - Tajik National University, registration and statistics department **Adress:** Dushanbe, Rudaki Avenue 35.**Tel:** (+992) 908000921 **e-mail:** 918353514 @ mail.ru

## СОҲАИ ЭНЕРГЕТИКА ВА ТАЪМИНИ БАХШИ ХУСУСӢ БО НЕРУИ ЭНЕРГЕТИКӢ САРЧАШМАИ АСОСИИ РУШДИ “ИҚТИСОДИ САБЗ” ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Сайдализода С.А. докторанти (PhD)-и кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии ДМТ*

Соҳаи энергетика яке аз соҳаҳои калидии иқтисодиёт ба ҳисоб рафта, рушди соҳаҳои саноат ва дигар бахшҳои хоҷагии халқ аз рушди ин соҳа вобастагии зич дорад. Имрӯзҳо дар саросари ҷаҳон масраф ва истифодабарии нерӯи барқ мунтазам афзоиш меёбад. Бино ба маълумоти

Агентии байналмилалии энергетика, истифодаи нерӯи барқ дар солҳои 1990 - 2022 ба ҳисоби миёна ба ҳар сари аҳолӣ 21% зиёд шудааст. Бахусус барои истеҳсоли нерӯ аз ҳисоби энергияи барқароршаванда ва аз ҷиҳати экологӣ тоза таваҷҷуҳ бештар мегардад.

Тибқи маълумотҳо дар кишвар соли 2022, ҳиссаи истеҳсоли қувваи барқ аз манбаъҳои барқароршавандаи энергия 10%-и энергияи умумии тавлидшударо дар ҷаҳон ва қариб 20% - ро дар Аврупо ташкил дод. Аксар кишварҳо мехоҳанд истифодабарии нафт, газ ва ангиштро коҳиш дода, аз 5% то 30% нерӯи барқро бо истифода аз қувваи об, офтоб, шамол, биомасса ва ғайра истеҳсол намоянд. Тибқи арзёбии созмонҳои байналмилалии молиявӣ Тоҷикистон аз рӯи фоизи истеҳсоли «энергияи сабз», яъне нерӯи аз ҷиҳати экологӣ тоза ба қатори шаш кишвари пешсафи сайёра шомил гардида, имрӯз истеҳсоли ин намуди энергия дар кишвари мо 98 фоизро ташкил медиҳад, ки ин саҳми Тоҷикистон дар пешгирӣ кардани оқибатҳои харобиовари гармшавии иқлим ва татбиқи чорабиниҳои экологӣ дар сатҳи минтақа ва ҷаҳон мебошад. Вобаста ба ин бояд қайд кард, ки солҳои охир дар соҳаи энергетика ислоҳоти муҳим амалӣ карда шуда, дар доираи татбиқи яке аз ҳадафҳои стратегии мамлакат-таъмини истиқлолияти энергетикӣ бо ҷалби беш аз 36 миллиард сомонӣ иншооти хурду бузурги энергетикӣ оид ба истеҳсолу интиқоли барқ сохта, ба истифода дода шудаанд ва дар оянда бо мақсади комилан ноил шудан ба ин ҳадафи стратегӣ беш аз 30 миллиард сомонӣ равона мегардад. Дар замони Истиқлолият низоми ягонаи энергетикии кишвар бунёд гардида, зиёда аз 1300 мегаватт иқтидорҳои нави истеҳсолӣ мавриди истифода қарор дода шуданд. Дар ин робита мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани нерӯгоҳҳои барқию обии «Сангтӯда-1», «Сангтӯда-2», навбати якум ва дуюми Маркази барқу гармидиҳии «Душанбе-2», сисилаи нерӯгоҳҳои барқи обии хурд бо иқтидори умумии зиёда аз 1020 мегаватт ба истифода додани чархаи якум ва дуюми НБО-Роғун аз ҷумлаи муҳимтарин дастовардҳои соҳа ба шумор меравtotally. Бо дастгирии шарикони рушд фаъолияти самараноки Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Помир энерҷӣ» густариш дода шуд. Бунёди хатҳои интиқоли барқи «Ҷануб-Шимол», «Лолазор-Хатлон», «Тоҷикистон - Афғонистон» ва монанди инҳо ба масофаи умумии зиёда аз 670 километр амалӣ гардиданд. Дар баробари ин, дар қаламрави кишвар корҳои вобаста ба таҷдиди иқтидорҳои мавҷуда, сохтмони дигар иншооти муҳими тавлид ва хатҳои интиқоли нерӯи барқ идома доранд. Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки аз микёси умумии иқтидорҳои истеҳсолии захираҳои гидроэнергетикии Тоҷикистон, ки беш аз 527 миллиард киловатт-соатро ташкил медиҳанд, айни замон танҳо панҷ фоизи онҳо ба кор бурда мешавад. Дар ин замина, андешидани тадбирҳо ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар мамлакат, бахусус дар соҳаи энергетика, ҷалби бештари сармоягузориҳо барои зиёд намудани иқтидорҳои энергетикӣ ва тавлиди нерӯи аз ҷиҳати экологӣ

тоза муҳим арзёбӣ мегардад. Бинобар ин, дар ҷаласаи XV Шурои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ба Вазорати энергетика ва захираҳои оби ҷумҳурӣ супориш дода шуда буд, ки якҷо бо дигар вазорату идораҳо, Котиботи Шуро, бахши хусусӣ ва бо ҷалби шарикони рушд гурӯҳи корӣ таъсис дода, оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши энергетика ва таъмини бахши хусусӣ бо нерӯи барқ таҳлили ҳамаҷониба гузаронад ва натиҷаи онро бо тавсияҳои мушаххас ба ҷаласаи Шуро пешниҳод намояд. Бо мақсади иҷрои супориши мазкур, Котиботи Шуро якҷо бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ таҳлили паҳлуҳои гуногуни рушди соҳаи энергетикаро гузаронида, бо пешниҳодоти аъзои дигари гурӯҳи кории мазкур, вазорату идораҳои дахлдор, бахши хусусӣ ва коршиносон мукаммал карда шудааст. Натиҷаҳои таҳлили гузаронидашуда бо тавсияҳои мушаххас ва лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати мамлакат оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши энергетика ва таъмини бахши хусусӣ бо нерӯи барқ ба ҷаласаи XVII Шуро пешниҳод карда шуд.

Қобили қайд аст, ки дар доираи таҳлилҳои гузаронидашуда вобаста ба ислоҳот дар соҳаи энергетика ба як қатор масъалаҳои муҳим, аз ҷумла таҷдиди сохтори танзимкунандаи соҳа, насби технологияҳои каммасрафи нерӯ ҳангоми таҳияи лоиҳаҳои сохтмони иншоотҳо, насби ҳисобкунакҳои муосири баҳисобгирии пурраи нерӯ ва ҷорӣ намудани технологияи муосири паст кардани талафот, баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли нерӯи барқ ва ҷорӣ намудани унсурҳои иқтисоди бозорӣ дар соҳаи энергетика (Методологияи нави тарифӣ оид ба арзиши нерӯи барқ дар марҳилаҳои истеҳсол, интиқол ва тақсимоти он), соддагардони расмиёти пайвастшавӣ ба шабакаҳои барқӣ тавассути ташкили низоми «Равзанаи ягона» ва вобаста ба он кам кардани вақт ва хароҷот, баланд бардоштани сифати таъминоти барқ, шаффофияти тарифҳо, ба роҳ мондани механизми ҷуброни талафоти бо қатъшавии қувваи барқ расонидашуда таваҷҷуҳ зоҳир карда шудааст. Мавзӯи асосии тавсияҳои пешниҳодшуда - васеъ намудани имконоти иштироки бахши хусусӣ дар соҳаи энергетика, ҷорӣ намудани принсипҳои тиҷоратӣ бо мақсади ҷалби сармоягузорӣ ва истеъдоди соҳибкорӣ ба соҳа мебошад. Ҳамчунин тавсияҳо барои рушди бозори таъмини гармӣ ва самаранокии энергетикӣ пешниҳод карда шудаанд. Тавсияҳои пешниҳодшуда ба он асос ёфтаанд, ки таъмини мунтазам ва босифати барқ, шаклҳои гуногуни энергия аз иштирок ва рушди бахши хусусӣ дар истеҳсол ва расонидани энергия вобастагӣ дорад. Дар замимаҳои таҳлил маводҳо оид ба тағйиру иловаҳои меъёрию ҳуқуқӣ, маълумотҳои муфассал дар бораи технологияҳо, шаклҳо ва мисолҳо дарҷ карда шудаанд.

Барои Тоҷикистон, ки дорои захираҳои нодири гидроэнергетикӣ ва захираҳои калони ангишт мебошад, инкишофи оқилонаи комплекси

сӯзишворию энергетикӣ (КСЭ) метавонад катализатори рушди саноат, кишоварзӣ ва сатҳи зиндагии аҳолӣ гардад.

Аз рӯи нишондиҳандаҳои неруи гидроэнергетикӣ ба як километри мураббаъ ва ба ҳар сари аҳолӣ Тоҷикистон мутаносибан ҷойҳои аввал ва дуввумро дар ҷаҳон ишғол менамояд. Чуноне, ки болотар қайд карда будем истифодабарии захираҳои "энергияи сабз" кишвар ҷойи шашумро дар ҷаҳон ишғол мекунад. Аз ин рӯ, истеҳсоли энергияи аз лиҳози экологӣ тоза ба консепсияи рушди устувор мувофиқ мебошад. Чунин иқтидори истеҳсоли энергияи тоза суръат бахшидани самти аз ҷониби Ҳукумат қабулшудаи рушди захираҳои гидроэнергетикиро тақозо мекунад, ки мақсади он таъмини рушди иҷтимоию иқтисодӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва некӯаҳволии мардум ва коҳишдиҳии сатҳи камбизоатӣ маҳсуб меёбад. Татбиқсозии лоиҳаҳои афзалиятноки гидроэнергетикӣ дар асоси истифодаи самараноки захираҳои обӣ ва энергетикӣ ба таъмин намудани амнияти энергетикии кишвар ва фароҳам овардани заминаи устувор ҷиҳати таъмини инфрасохтори босифат, саноатикунонӣ ва навоварӣ мусоидат мекунад.

Гидроэнергетика манбаи калидии таъмини аҳолии Тоҷикистон ва иқтисодиёти миллӣ бо нерӯи барқ маҳсуб меёбад. Рушди иншооти гидроэнергетикии дорои иқтидори азим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад дар оянда муҳим бошад, зеро танҳо барои бунёди нерӯгоҳҳои барқи обии бузург зиёда аз 80 макони ҷойгиршавии садди нерӯгоҳ интихоб ва мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Пеш аз ҳама ин бо сохтмони НБО Роғун алоқаманд аст, зеро бунёди иншооти мазкур на танҳо имкон медиҳад, ки мушкилии норасоии барқ ҳалли худро ёбад, балки дар ҳалли як қатор мушкилоти иҷтимоии бо таъмини ҳифзи ҳуқуқи инсон ҷиҳати дастрасӣ ба нерӯ, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва рушди истеҳсолот асосан алоқаманд низ мусоидат мекунад.

Масъалаҳои рушди бахши энергетикаи Тоҷикистон, ки сохтмони нерӯгоҳҳои бузург, аз ҷумла миёна ва хурдро дар бар мегиранд, на танҳо аз лиҳози иқтисодӣ зарур, балки ҳаётан муҳим ва дар таҳкими истиқлолият ва коҳишдиҳии сатҳи камбизоатӣ дар кишвар, фароҳам овардани шароит барои рушди нерӯи инсон тавассути дастрасӣ ба бахшҳои мунтазам амалкунандаи иқтисодиёт, хизматрасонии манзилию коммуналӣ васанитарию беҳдошт, инчунин бурдани тарзи ҳаёти солим нақши асосиро бозӣ мекунанд.

Аз ин лиҳоз, Тоҷикистон ба таъмини амнияти энергетикӣ тавассути рушд ва вусъатдиҳии нерӯгоҳҳои барқи обии бузург, миёна ва хурд аҳамияти истисноӣ медиҳад.

Воқеияти кунунӣ чунин аст, ки норасоии нерӯи барқ на танҳо имкониятҳои кишварро барои рушди иқтисодӣ ва талошҳои коҳишдиҳии сатҳи камбизоатӣ маҳдуд месозад, балки сабаби асосии таназзули муҳити зист маҳсуб меёбад. Аз ин нуқтаи назар, гидроэнергетика на танҳо ҳамчун асоси дастёбӣ ба амнияти энергетикӣ, таъмини устувории муҳити зист арзёбӣ мегардад, балки ҳамчун шарти пешакӣ барои

ноилшавӣ ба рушди устуоври экологӣ, инчунин шарти комёбшавӣ ба рушди “сабз” махсуб меёбад.

Сохтмони нерӯгоҳҳои бузург, миёна ва хурд дар Тоҷикистон ҳамчун воситаи дастгирии Протоколи Киото ҷиҳати коҳишдиҳии ҳаҷми партовҳои газҳои гулхонаӣ ва Созишномаи Париж оид ба иқлим низ аҳамияти аввалиндараҷаро касб менамояд. Дар ин самт кишвар дорои иқтидори бузург мебошад. Дар натиҷаи азхудкунии захираҳои гидроэнергетикии аз лиҳози техникӣ имконпазир ва аз ҷиҳати иқтисодӣ мувофиқи мақсад Тоҷикистон метавонад 317 миллиард кВт соат нерӯи баркро дар як сол истеҳсол намояд, ки аз он айни замон танҳо 5% аз худ гардидааст.

Рушди гидроэнергетика ҳамчун самти асосии рушди устувор дар Тоҷикистон ба зарурати баланд бардоштани сатҳи самаранокии нерӯ ва сарфаи он низ алоқаманд аст, ки барои ҳалли мушкилоти алоқаманд бо нерӯ самти самаранок буда, сармояи зиёдро талаб намекунад ва онро метавон дар муддати кӯтоҳ амалӣ намуд. Талафоти нерӯ дар Тоҷикистон дар марҳилаҳои истеҳсол ва интиқоли он то 15% ва дар бахши истеъмол то 30%-ро ташкил медиҳад. Имконияти сарфаи нерӯи барқ дар кишвар тақрибан 2,5 миллиард кВт соатро ташкил медиҳад.

Бо дарназардошти тамоюлҳои геоиқтисодӣ ва геосиёсии рушди муосир, Ҳукумути Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди минбаъдаи гидроэнергетикаро на танҳо ҳамчун воситаи муҳим барои таъмини рушди устувор, балки ҳамчун омиле меҳисобад, ки аз он амният ва суботи минтақаи Осиёи Марказӣ вобастагии зиёд дорад. Имрӯз, масъалаҳои истифодаи самараноки захираҳои энергетикӣ ва обии минтақа на танҳо аз лиҳози мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим, балки ҳамчун ҳамкории фаромарзӣ дар соҳаи об низ бояд баррасӣ гарданд, зеро он ба кам кардани таъсир ба муҳити зист ва инчунин ба афзоиши шуғл мусоидат мекунад.

Ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҳукуматҳои миллӣ бо чор мушкилии асосии алоқаманд бо бахши энергетика рӯ ба рӯ мешаванд: 1) нигаронӣ вобаста ба таъмини  амнияти энергетикӣ; 2) мубориза бо тағйирёбии иқлим; 3) коҳишдиҳии ифлосшавӣ ва таҳдидҳо ба тандурустӣ; 4) аз байн бурдани камбизоатии энергетикӣ. Ҳукумати Тоҷикистон дар ҳалли ин мушкилот бо “сабзгардонии” бахши энергетика ва афзоиши сармоягузорӣ ба энергияи барқароршаванда саҳми назаррас хоҳад гузошт.

Амалисозии тадбирҳои мазкур дар Тоҷикистон тавассути қабули барномаҳои соҳавӣ, аз ҷумла барномаҳои мақсаднок ҷиҳати сарфаи нерӯ, ки бевосита бо ҲРУ 7 мувофиқ мебошад, пешбинӣ мегардад.

Имрӯз иқтидори муқарраргардидаи низоми электроэнергетикии Тоҷикистон 5718 МВтро ташкил медиҳад, ки бо таносуби фоизӣ 57,2%-и ҳадафи  стратегиро ташаккул медиҳад. Феълан корҳои сохтмонӣ дар объектҳои коркарди нерӯи барқ дар НБО Роғун бо иқтидори 3600 МВт ва Оқсу бо иқтидори 1500 кВт, инчунин як қатор неругоҳҳои хурди иқтидорашон 1300 кВт амалӣ шуда истодаанд. Бо муваффақият мавриди

баҳрабардорӣ қарор додани лоиҳаҳои номбаршуда ба хеле хубтар шудани нишондиҳандаҳои ҳадафи мазкур мусоидат хоҳад кард.

Дар соли 2022 истеҳсоли нерӯи барқ 18,1 миллиард кВт соатро ташкил кард, ки нисбат ба соли 2021 0,9 миллиард кВт соат ва аз нишондиҳандаи банақшагирифташуда 0,2 миллиард кВт соат зиёд мебошад.

Содироти нерӯи барқ дар сои 2022 1,4 миллиард кВт соатро ташкил кард, ки бо таносуби фоизӣ 14%-и нишондиҳандаи мақсаднок мебошад. Дар соли 2023 ба нақша гирифта шудааст, ки содироти нерӯи барқро то ба 1,5 миллиард кВт соат расонида, ба нишондиҳандаи мақсадноки тибқи СМР-2030 пешбинишуда наздик оварда шавад. Бо мақсади баланд бардоштани содироти нерӯи барқ аз Тоҷикистон ба мамлакатҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ лоиҳаи минтақавии интиқоли нерӯи барқ CASA-1000 амалӣ шуда истодааст. Татбиқи он имкон медиҳад, ки захираҳои тозаи экологии гидроэнергетикӣ дар мамлакатҳои Осиёи Марказӣ самаранок истифода бурда шуда, имкони интиқол ва фурӯши нерӯи зиёдатии барқро дар мавсими тобистон ба мамлакатҳои ниёзманди Осиёи Ҷанубӣ ба нерӯи барқ истифода баранд.

Ба ғайр аз ин лоиҳаи CASA-1000 ба амали кишварҳое, ки ба беҳтар кардани дастрасӣ ба нерӯи барқ, ҳамгироӣ ва тавсеаи бозорҳо ба манфиати рушди савдо нигаронида шудаанд, мусоидат карда, дар пайдо кардани роҳҳои устувори ҳалли масъалҳои идоракунии захираҳои обӣ низ мусоидат хоҳад кард. Дар доираи ин лоиҳа содироти нерӯи барқ аз Тоҷикистон дар ҳаҷми 3 миллиард кВт соат дар як сол дар назар аст. Инчунин, бо мақсади зиёд кардани содироти нерӯи барқ корҳои барқарорсозии кори параллелии низоми энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо низоми энергетикии муттаҳидаи Осиёи Марказӣ ва сохтмони Хатти интиқоли барқи шиддатнокии паст ва миёна дар ноҳияҳои наздисарҳадӣ бо Афғонистон анҷом дода шуда истодаанд.

Диверсификатсияи иқтидорҳои низоми электроэнергетикӣ то ба имрӯз 5,4%-ро ташаккул медиҳад. Мавриди баҳрабардорӣ қарор додани Маркази гармидиҳии Душанбе бо иқтидлори 400 МВт бо истифодаи сӯзишвории ангишт бо ин амал мусоида кард. Аз ҳаҷми умумии истеҳсоли нерӯи барқ дар соли 2021 (18,1 миллиард кВт соат), истеҳсоли нерӯи барқ дар НБО 17,1 миллиард кВт соат ва ба Маркази гармидиҳӣ 1,0 миллиард кВт соат рост меояд, ки аз нишондиҳандаи дар БМР 2016-2020 муқарраргардидаи истеҳсоли нерӯи барқ дар НБО 0,1 миллиард кВт соат ва аз истеҳсоли нерӯӣ барқ дар МГБ 0,3 миллиард кВт соат кам мебошад [8]:

Талафоти нерӯи барқ дар низоми электроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021 16,1 %-ро ташкил дод, ки аз нишондиҳандаҳои солҳои пешин пасттар мебошад. Қайд кардан ба маврид аст, ки лоиҳаи “Паст кардани талафоти нерӯи барқ дар вилояти Суғд” амалӣ шуда истодааст. Ҳамчунин, дар доираи лоиҳаи “Ҷорӣ кардани низоми баҳисобгирии чаканаи неруӣ барқ ва беҳтар кардани шабакаҳои интиқоли нерӯи барқ” корҳои идома доранд. Алоҳида бояд қайд намоем,

в) по информационному характеру (количественные и качественные);

г) по нормам воспроизводства (факторные, ресурсные, экплуатационно-затратные и результатные индикаторы).

В теории и практике, при оценке уровня развития социальной инфраструктуры, учеными используется, также система интегральных показателей. Изучение и анализ показывают, что интегральная система показателей развития социальной инфраструктуры считается первичной базой методологии для комплексной оценки основ экономического развития, уровня развития, скорости и объема изменений, затрат, социально-экономической эффективности объектов указанных услуг, а также служит для определения требований и увеличения потенциалов, при разработке государственных, региональных и отраслевых программ развития отраслей социальной инфраструктуры. Например, об этом выразил свое мнение А.А. Грабар, отметив, что эта методика способствовала преобразованию качественных показателей в количественные показатели, определив их позицию и место в той или иной сельской местности, этим путем объясняется с помощью каких показателей данная местность развилась, или отстала от других. Кроме того, такая методика дает возможность для необходимого информационного выбора среди комплекса статистических данных, с тем чтобы дать научно-обоснованную оценку состоянию системы социальной инфраструктуры данной местности, и в последствии, обеспечить управление или регулирование данного состояния. Другими словами, эта методика, как одна часть удельного анализа, считается экономической оценкой той, или иной территории страны, согласно которой дается удельная оценка развитию отраслей сельской социальной инфраструктуры сел того, или иного региона.

Основы оценки развития социальной инфраструктуры в экономических рамках Республики Таджикистан, также в разных

степенях изучались учеными экономистами, социологами, политологами и др. В частности, Ганиев Т.Б., о социальном менеджменте, формировании и развитии в экономике Республики Таджикистан, отметил следующее: "Социальный сектор является специальной сферой государственного управления, науки, образования, труда и хозяйствования, предметом обучения которого является человек и его нужды. С этой точки зрения, социальный сектор является всеми формами разновидности функций и форм организации социальной деятельности людей, общая цель которой состоит из улучшения защиты здоровья и жизни людей; улучшения жилищных условий и их заработной платы; одинаковых возможностей для получения образования; соответствующей работы со справедливой заработной платой; возможности знакомиться с научно-культурными достижениями; материальной обеспеченности и достойной старости, путем обеспечения социальных гарантий, услуг и продукции". В свою очередь, Ашуров И.С., при анализе перспектив аграрной реформы в Республике Таджикистан, для оценки состояния жизни сельского населения указал роль и место использования натуральных и итоговых показателей. Одинаев Х.А., говоря об экономической эффективности использования земельных ресурсов, воды и их влияния на уровень жизни и социальное положение сельского населения, считал приоритетным использование сравнительных показателей (сравнение имеющихся показателей с нормативными показателями). Мадаминов А.А., об использовании показателей оценки, отмечал уровень и качество услуг социальной инфраструктуры с итоговыми их показателями, которые отражаются в микроэкономических показателях. Самандаров И.Х., в этом вопросе, отдает преимущество использованию натуральных и сравнительных показателей на уровне макро, мезо и микроэкономики. Пириев Дж.С., по поводу определения уровня и качества услуг элементов социальной инфраструктуры, считает целесообразным использование таких индикаторов как сокращение рабочих мест, увеличение разрыва в уровне жизни сельского и городского населения, реконструкцию производственных и инфраструктурных объектов и других. Давлатов К.К. и Тагоев Дж.Х., при оценке эффективности деятельности сельской социальной инфраструктуры, в большей степени, обратили внимание на показатели обеспеченности, охвата, доступности и сравнению цен платных услуг в городах и в сельской местности.

В Национальной стратегии развития РТ на 2016-2030 годы, этому вопросу уделен отдельный подраздел, в котором, со стороны отраслевых специалистов, показаны индикаторы развития социальных услуг населению республики и динамика их изменения в 2016-2020, 2020-2025, 2025-2030 годы. Данный вопрос был изучен и проанализирован с учетом мнений отечественных и иностранных ученых и отраслевых экспертов, на основе которых разработаны следующие индикаторы развития отраслей социальной инфраструктуры (табл.1.)

**Таблица 1.– Индикаторы оценки уровня развития социальной инфраструктуры**

| Показатели роста и уровня развития | Методика исчисления индикатора | Единица измерения |
|---|---|---|
| Население | Индекс численности населения (на конец года) | тыс. человек |
| | Индекс населения трудоспособного возраста | единиц |
| | Индекс ожидаемой продолжительности жизни населения | лет |
| | Индекс материнской смертности | на 1000 матерей |
| | Индекс младенческой смертности | на 1000 родившихся живыми |
| Образование | Индекс обеспеченности детей дошкольными | % |
| | Индекс охват детей от трех до шести лет учреждениями дошкольного образования | % к возраст. группе |
| | Индекс обеспеченности местами детей в дошкольных учреждениях | на 100 мест |
| | Индекс образования детей школьного возраста | тыс. человек |
| | Индекс среднего специального образования | тыс. человек |
| | Индекс вузовского образования | тыс. человек |
| | Индекс женщин в составе студентов учреждений высшего профессионального образования | % |
| Благосостояние | Индекс доходов населения | сомони / |
| | Индекс расходов населения на питание из общего дохода | сомони / % |
| | Индекс потребление продуктов питания | кг |
| Здоровье | Индекс обеспеченности населения медицинскими кадрами | на 10 000 населения |
| | Индекс обеспеченности населения больничными койками | на 10 000 населения |
| | Индекс обеспеченности населения амбулаторно- поликлиническими | на 10 000 населени |

| | | |
|---|---|---|
| | учреждениями | я |
| | Индекс доли регионов, перешедших на подушевое финансирование в системе здравоохранения | кол / % |
| | Индекс заболеваемости населения по основным классам болезней | на 100 000 населени я |
| Социальная зашита | Индекс среднего размера назначенных в месяц | сомони |
| | Индекс роста реальных пенсий (среднегодовой рост) | % |
| | Индекс инвалидов, получающих пенсии по инвалидности и социальные пенсии | человек |
| | Индекс социальной помощи одиноким и престарелым | человек |
| | Доля учреждений социальной защиты и здравоохранения<br>здания которых приспособлены для лиц с инвалидностью | % |
| Культура | Индекс посещения населением музеев | тыс. человек |
| | Индекс посещения населением театров | тыс. человек |
| | Индекс посещения населением библиотек | тыс. человек |
| Жилищные условия | Индекс обеспеченности населения жильем | м2/чел |
| | Индекс ветхого и аварийного жилищного фонда | $м^2$ |
| | Индекс улучшения жилищных условий | $м^2$ |
| Экология | Индекс загрязненной атмосферы | тыс. тонн/год |
| | Индекс загрязненной воды | литр/мил играмм. |
| | Индекс затрат по охране окружающей среды | тыс. сомони |
| Транспорт | Индекс обеспеченности население пассажирным транспортом | единиц |
| | Индекс пассажирооборота | млн. пасс. км |
| | Индекс плотности автомобильных дорог с твердым покрытием | км |
| Связь | Индекс охвата населения, территории телефонной сетью | км |

| | | |
|---|---|---|
| | Индекс обеспеченности населения связью общего пользования | на 100 000 человек |

**Источник:** составлено автором, на основе изучения и разработки вышеприведенных материалов

Таким образом, на основании анализа вышеназванных материалов о методических основах и оценки степени развития отраслей социальной инфраструктуры мы пришли к нижеследующим заключениям:

Для оценки уровня и качества услуг объектов социальной инфраструктуры, в экономике используются различные методики и индикаторы. Разнообразность методов и индикаторов объекта исследования оценки исходит из разнообразности отраслей и элементов услуг социальной инфраструктуры.

Почти во всех методах оценки используются количественные и качественные показатели, которые в свою очередь разделяются на: начальный, нормативный, сравнительный и перспективный.

Между методиками и показателями, используемых в них при оценке уровня и качества услуг, и объектов социальной инфраструктуры в селах, не существуют закрытых границ, так как при необходимости эти показатели дополняют друг друга, лучше оценивая объект исследования.

Среди исследованных методик, важным признаётся вклад интегральной методики оценки уровня и качества услуг, и объектов социальной инфраструктуры с факторными, итоговыми индикаторами, расходами на использование и ресурсными. Так как, при помощи данных методик, возможно дать комплексную и достоверную оценку объекту исследования.

В качестве основных критерий определения уровня развития услуг и объектов сельской социальной инфраструктуры должны выступать их продолжительная деятельность, стабильность и качество.

## АДАБИЁТ


1. Бондаренко, Л. В. Методологические основы формирования социальной инфраструктуры села. -М.: «Книга-сервис», 2000. – С. 22.
2. Бурьян, М.С. Опыт оценки социального потенциала муниципальных образований // Экономические и социальные перемены: факты, тенденции, прогноз. – 2008. – № 2. – С. 98.
3. Ганиев ТБ. Менеджмент, част 2-ой, том 26- Душанбе, 2003.-С.243
4. Грабар, А.А. Рейтинговая оценка развития социальной инфраструктуры регионов (Элек- тронный ресурс). – Режим доступа: http://uecs.mcnip.ru/modules.php?name= News&file=print&sid=136.-С 6.
5. Изотов, А. С. Социальная инфраструктура как инструмент повышения эффективности предприятий: Дисс. ...канд. эконом, наук/ А. С. Изотов. - СПб., 1997. – С. 64.
6. Мадаминов А.А. Устойчивое развитие животноводства и перспективы обеспечения продовольственной независимости/ Таджикистан и современный мир, ЦСИ ПРТ.- Душанбе, 2015.-№ 4 (47).-С. 97

7. Мадаминов Р. К., Ашуров И. С. Совершенствование системы управления -основной механизм решения проблемы занятости сельского населения// Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия общественных наук.- г. Худжанд, 2017.-С. 51-59
8. Одинаев Х.А. Развитие региональной экономической интеграции в условиях Центральной Азии: водно-энергетический аспект//Вестник университета. - Душанбе, РТСУ, 2016. - № 3(54).Ч.I.- С.8-13.
9. Пириев Дж. С. Мировая практика применения нетарифных ограничений в торговле агропродовольственными товарами/ Таджикистан и современный мир, ЦСИ ПРТ.- Душанбе, 2015.-№ 4 (47).- С. 119
10. Самандаров И.С. Формирование и эффективное функционирование социальной инфраструктуры села (теория и методология). - Душанбе, 2004.-С.60-61

## НИШОНДИҲАНДАҲОИ АСОСИИ РУШДИ ИНФРАСОХТОРИ ИҶТИМОИИ ДЕҲОТ

Дар мақолаи мазкур муаллифон омӯзиши асосҳои методологӣ ва баҳодиҳии дараҷаи тараққиёти соҳаҳои инфрасохтори иҷтимоии деҳотро дар асарҳои олимони хориҷию ватанӣ ва инчунин нишондиҳандаҳои иқтисодии индикаторҳои натиҷавии рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳотро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додаанд. Дар асоси омӯзиш ва таҳлили кори олимони ватанию хориҷӣ ва мутахассисони соҳавӣ ба муаллифон муяссар гардид, ки индикаторҳои рушди инфрасохтори иҷтимоиро ҷудо намуда, дар асоси маводи таҳлилшуда оиди асосҳои методӣ ва баҳодиҳии дараҷаи тараққиёти соҳаҳои инфрасохтори иҷтимоӣ хулосаҳои зарурӣ бароранд

**Калимаҳои асосӣ:** методология, инфрасохтори иҷтимоӣ, индикаторҳо, рушди деҳот, рушди инфрасохтори иҷтимоӣ

## ОСНОВНЫЕ ПОКАЗАТЕЛИ РАЗВИТИЯ СОЦИАЛЬНОЙ ИНФРАСТРУКТУРЫ В СЕЛЬСКОЙ МЕСТНОСТИ

В данной статье авторы рассматривают методологические основы и оценки уровня развития социальной инфраструктуры в сельской местности в трудах зарубежных и отечественных ученых, на основе показатели характеризующие эффективность развития социальной инфраструктуры села. Авторам удалось на основе анализа работы отечественных и зарубежных ученых и отраслевых экспертов выявить показатели развития социальной инфраструктуры и сделать соответствующие выводы на счет методологической базы и индикаторы, определяющие уровня развития социальной инфраструктуры села

**Ключевые слова:** методология, социальная инфраструктура, индикаторы, развитие села, развития социальная инфраструктура

## MAIN INDICATORS OF SOCIAL INFRASTRUCTURE DEVELOPMENT IN RURAL AREAS

In this article, the authors consider the methodological foundations and assessments of the level of development of social infrastructure in rural areas in the works of foreign and domestic scientists, based on indicators characterizing the effectiveness of the development of rural social infrastructure. Based on an analysis of the work of domestic and foreign scientists and industry experts, the authors were able to identify indicators of the development of social infrastructure and draw appropriate conclusions on the basis of the methodological base and indicators that determine the level of development of the social infrastructure of the village

**Keywords:** methodology, social infrastructure, indicators, rural development, social infrastructure development

**Маълумот дар бораи муаллиф:**

**Билолов Неъматулло Курбоналиевич** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкорӣ **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. **Тел:** +992918562426 **Почтаи электронӣ:** sky_bnk@mai.ru.

**Сведения об авторе:**

**Билолов Нематулло Курбоналиевич** – Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры экономики предприятия и предпринимательства **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. **Тел**: +992918562426 **Электронная почта**: sky_bnk@mai.ru.

**Information about the authors:**

**Bilolov Nematullo Kurbonalievich** - Tajik national university candidate of economic sciences, associate professor of the department of business economics and entrepreneurship **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, rudaki avenue 17. **Phone:** +992918562426 **E-mail:** sky_bnk@mai.ru.

## ПРИНСИПҲОИ АСОСӢ ВА ЗАМИНАИ ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ ТАВОЗУНИ ОБӢ

*Зардова З.С.– асистенти кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии ДМТ*

Тартиби тавозуни обӣ заминаҳои ташаккул ва принсипҳои худро дошта, ки мади назар намудани онҳо имконнопазир аст. Тартиби тавозуни обӣ мутобиқи принсипҳои байналмилалии обӣ дар дохили давлат ягон маҳмудиятҳоро надорад, аммо дар муносибатҳои байнидавлатие, ки ба об вобастаанд, бояд ки дар асоси шартномаҳои бисёртарафа ба роҳ монда шаванд ва вобаста ба ин танзим карда шаванд. Ин ҳолат аз як тараф барои қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ва истеҳсолот равона шуда бошад, аз тарафи дигар бошад, барои

нигоҳдошти вазъи экологӣ ва муҳити зист амалӣ карда мешавад. Ҳамин аст, ки дар баробари мақсадҳои дар боло зикр гардида, инчунин тавозуни муносибатҳои иқтисодӣ бо вазъӣ экологӣ бояд мавриди омӯзиши дақиқ қарор дода шавад.

Бо дарназардошти вазъи ҳозираи обистифодабарӣ дар бештари мавридҳо се шакли танзимнамоии муносибатҳои вобаста ба об дар минтақаҳо мушоҳида мешавад:

1. Ҳолати якум дар ҳолате вомехурад, ки агар масоҳати умумии захираҳои обӣ (масалан, обанбор) ба як давлат таалуқ дорад ва танзими истифодабарии об мутамарказ аз ҷониби ҳамон давлат ба роҳ монда мешавад.

2. Ҳолати дуюм бошад, дар давридҳое вомехурад, ки агар масоҳати обанбор дар ҳуҳуди ду ва ё зиёда давлат ҷойгир бошад, пас дар ин ҳолат танзими муносибатҳо бояд, ки дар асоси коркарди механизми ягонаи дарозмуҳлати муносибатҳои байнидавлатӣ ба роҳ монда шавад, ки манфиатҳои ҳамаи иштирокчиён ба инобат гирифта шавад.

3. Ҳолати сеюм дар ҳолатҳое метавон мушоҳида намуд, ки агар ҳар як истифодабарандаи захираҳои обӣ истифодабарии обро танҳо бо дарназардошти манфиятҳои шахсии худ ба роҳ монад ва манфиятҳои дигаронро ба инобат нагирад. Дар ин ҳолат бархурди манфиятҳо мушоҳида мешавад, ки дар оқибат ба муноқашаҳои гуногун оварда мерасонад.Чунин гурӯҳбандӣ ба мо имкониятҳои васеъро фароҳам меорад. Дар ин радиф пеш аз ҳама бояд қайд намуд, ки тартиби тавозуни обӣ хусусияти минтақавиро нишон медиҳад, зеро ки захираҳои обии як давлат маҳз аз ҳудуди минтақаи алоҳидаи он убур мешаванд. Ҳолати дигар ба тартиби тавозуни обӣ алоқамандии бевоситаро нишон медиҳад, яъне ҳангоми тартиби тавозуни обӣ, дар баробари манфиятҳои иқтисодии иқтисоди миллӣ ва дараҷаи нигоҳдошти муҳити зист, ин чунин манфиятҳои дигар давлатҳои обистифодабаранда низ бояд ба инобат гирифта шавад. Аз ин лиҳоз, ба инобат гирифтани ҳамаи созишномаҳои байналмилалие, ки муносибатҳои обиро танзим менамояд ва Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро қабул намуда аст, ба манфияти кор ҳода буд. Тибқи ақидаи баъзе олимон, махсусан олимони ватанӣ, дар ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ механизми оптималии ҳалли масъалаҳои тақсимот  ва истифодаи захираҳои обӣ байни давлатҳо мавҷуд нест[2,с.8]. Бояд қайд намуд, ки новобаста аз оне, ки тавозуни обӣ дар ҳудуди иқтисоди миллӣ тартиб дода мешавад, принсипҳои байналмилалӣ дар ин ҳолатҳо бояд ба инобат гирифта шаванд. Гап дар сари он аст, ки тавозуни обӣ аз меъёри яксолае захираҳои обие, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳамаи сарчашмаҳои обӣ ҷудошуда тартиб дода мешавад, вале ҳангоми таҳияи баланс зурурат пеш меояд, ки принсипҳои байналмилалии истифодабарии захираҳои обӣ низ бояд мади назар карда нашаванд. Аз ин рӯ ду гуруҳи принсипҳои обистифодабариро метавон ҷудо намуд: принсипҳое, ки ба муносибатҳои байнидавлатӣ вобастаанд ва принсипҳои тавозуни обӣ.

Принсипи усули илмӣ, принсипи пардохтпазирии обистифодабарӣ, принсипи комплексӣ, принсипи устуворӣ, принсипи идоракунии захираҳои обӣ дар асоси консепсияи рушди босубот ва ғ. Ҳамаи ин принсипҳо дар ҳайёти иқтисодии дилхоҳ давлат истифода мегарданд ва хусусиятҳои хоси худро доро мебошанд. Ҳамаи принсипҳои дар боло зикргардида дар худ заминаҳои асосии ташаккулёбиро доро мебошанд. Дигар принсипи муҳими сиёсати иқтисодию иҷтимоӣ ва экологии минтақа ин пардохтпазирии обистифодабарӣ ва ҷуброн намудани зарари экологӣ ба ҳисоб меравад. Ин принсип бо дигар принсип "ҷуброн намудани зарари экологӣ ба муҳити зист ва саломатии инсон" алоқамандии бевоситаро доро мебошад. Дар ин ҳолатҳо, ба зарари расонидашуда танҳо онҳое зарари расонидашударо ҷуброн менамоянд, ки маҳз онҳо ба муҳити зист таъсири манфӣ расонидаанд.Принсипи дигар ин тадбирӣ (ҳифзкунанда) ба ҳисоб меравад, ки моҳияти он дар он зоҳир мегардад, ки арзёбии экологӣ ва чораҳои ҳифзи табиат то қабули қарори идоракунӣ дар амалишавии фаъолияти иқтисодӣ гузаронида мешавад. Барои амали намудани ин принсип дар аксари ҳолатҳо "таҳлили алтернативӣ" гузаронида мешавад. Баррасӣ ва муқоисаи якчанд роҳҳои ноил гардидан ба ҳадафҳои гузошташуда таъминкунандаи асосии озоди қабули қарорҳо вобаста аз натиҷаи баҳои экологӣ ба ҳисоб меравад. Пайдарҳамии амалишавии принсипи мазкур зарурати арзёбии стратегии экологиро ба миён оварда, ба мақсадҳое равона карда мешавад, ки дорои сатҳи баланд ва проблемаҳои калони минтақавӣ дошта ба ҳисоб рафта, ба амалишавии лоиҳаҳои калони минтақавӣ мусоидат хоҳад кард. Принсипи комплексӣ дар худ баррасӣ ва ҳисоби омилҳои таъсиррасони фаъолияти иқтисодӣ ва тағиротҳои бо он алоқамандро дар ҳамаи сатҳ инъикос намуда, пеш аз ҳама, ба беҳдошти вазъи иҷтимоӣ нигаронида мешавад. Дар зери мафҳуми ин принсип чунин маъниро фаҳмидан мумкин аст, ки муҳити зист ба "компонентҳо" аз қабили, ҳаво, об ва замин ҷудо гардида, вазъи реалии муҳитро осон менамояд. Дар асл сухан бояд ба он равона карда шавад, ки низоми табиӣ ягона буда, бевосита бо ҷамъият алоқаманд аст. Вазифаи сиёсати обии экологӣ бояд ба он равона карда шавад, ки то чи андоза стандартҳо ва меъёрҳо дар компонентҳои дар боло зикргардида риоя карда шуда истодаанд ва низоми табиӣ-иҷтимоӣ чи гуна ҳаракати худро ба ин гуна тағиротҳо нишон медиҳад. Принсипи мазкур метавонад то андозаи қайди қабули қарорҳои идоракунии экологӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ васеъ карда шавад.Принсипи қайди ғунҷоиши экологии ҳудуд ҳангоми банақшагирӣ ва амалишавии фаъолияти иқтисодӣ яке аз принсипҳои асоси ва муҳим ба ҳисоб меравад. Мафҳуми "ғунҷоиши экологии ҳудуд" имконияти минтақаро оиди бардошти вазниниро бе хурдашавии муҳити зист дар назар дорад. Бешубҳа ин вазнинӣ бояд ба қайд гирифта шавад ва мониторинги он бояд дар амал тадбиқ карда шавад, то ин ки муҳити зист барои ҳамаи мавҷудот нигоҳ дошта шавад. Ба сифати мисоли вайрон намудани тавозуни минтақавӣ ва муҳити зист метавон қазияи баҳри Аралро нишон дод. Назорати нодурусти маҷрои обии дарёҳои калони он, аз қабили Сирдарё ва Амударё барои қонеъ

гардонидани талаботҳои соҳаи кишварзӣ ба оварда расонид, ки шӯрнокии баҳри Арал зиёд гардид ва қариб ҳамаи мавҷудоти зиндаи он ба ҳалокат расид. Дар айни замон барои бартараф намудани проблемаҳои ҷойдошта дар ин баҳр ягон лоиҳаи мушаххас тарҳрези нагардида аст, ки ин офати экологиро аз байн барад. Маҳз дар ҳамин гуна мисолҳо метавона қайд намуд, ки ҳангоми нигоҳдошти тавозуни обӣ, ва пеш аз ҳама тартиби самараноки он и гуна проблемаҳо метавонанд аз байн бардошта шаванд. Аз инҷо хулоса бар меояд, ки ҳам давлатҳои поёни ва ҳам давлатҳои болоии дарёҳои номбурда масъалаи андешидани ҷораҳои зарурӣ, яъне тартиби тавозуни обиро бояд ба роҳ монанд, то ин ки ин гуна проблемаҳо аз байн бардошта шаванд. Ба инобат нагирифтан ва мадди назар намудани принсипи дар боло зикргардида метавонад ба ҳолатҳои экологии гуногун, аз қабили норасогии (дефисит) захираҳои оби гардад. Дигар принсипи муҳим дар радифи принсипҳои ҷойдошта ин принсипи ҳифзи муҳити зист ва оқилона истифодабарии рекреатсия ба ҳисоб меравад. Дар шароити имрӯза проблемаҳои истифодаи иқтидори рекреатсионӣ ба миён омадаанд. Чунин проблемаҳо, ба монанди, норасоии обанборҳои рекреатсионӣ, ифлосшавии ландшафт, ҷудошавии ҳудудҳои рекреатсионӣ ва ғ. Ба иқтидори рекреатсионӣ таъсири манфӣ хоҳанд расонд. Маълум аст, ки рушди ҳудуди рекреатсионии ҳудуди муайян бедарназардоши ҳифзи муҳити зист ва ҷобаҷогузории намудҳои алоҳидаи фаъолияти иқтисодӣ вобаста ба захираҳои обӣ имконнопазир аст. Принсипи мазкур бояд бо роҳҳои мушаххас амали карда шавад, ки дар мадди аввал алоқамандии рекреатсия бо самтҳои асосии рушди минтақа дар назар дошта шавад. Дар корҳои олимони ватанӣ, махсусан, дар корҳои Одинаев Ҳ.А. принсипҳои истифодаи самараноки захираҳои обӣ дақиқтар мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд ва бештари онҳо бодарназардошти омилҳои экологӣ-иқтисодӣ инъикос гардидаанд[3,с.3-10]. Дар корҳои Одинаев Ҳ.А. баррасии принсипҳои истифодаи захираҳои обӣ бо мақсади нигоҳдошти экосистема ва таъмини бехатарии экологӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Аз инҷо бармеояд, ки принсипи асосии истифодаи самараноки захираҳои обӣ ин пеш аз ҳама принсипи нигоҳдошти экосистемавӣ ба ҳисоб меравад. Дар мадди аввал ин ҳам бошад, ҳалли масъалаҳои вобаста ба мониторинги объектҳои обӣ, дигараш ин муайян намудани самтҳои асосии тараққиёти сиёсати обии минтақа ва имконияти коркард ва мукаммалнамоии он ба ҳисоб меравад. Дар ин радиф, мавриди ёдоварист, ки ҳангоми истифодаи ин принсип тағиротҳои гуногуни институтсионалӣ ба роҳ монда мешаванд, ки дар сатҳи обистифодабарӣ ва ҳам дар сатҳи обистеъмолкунӣ мушоҳида хоҳанд шуд. Принсипи дигаре, ки фаъолияти иқтисодиро дар самти истифодаи захираҳои обӣ ба миён меорад, ин принсипи худмаблағгузорӣ ба ҳисоб меравад. Ин принсип имконият медиҳад, ки сатҳи вобастагии хоҷагии обӣ аз марказ кам гардида, бозори захираҳои обӣ вобаста аз имкониятҳои васеъ истифода гардад. Об новобаста аз хусусиятҳои иҷтимоӣ ва экологии худ дар баъзе мавридҳо бояд ҳамчун мол шинохта шавад[1,с.187]. Об дар ҷараёни истеҳсолот арзиши худро пайдо менамояд ва истеъмолкунанда бошад,

маҷбур аст, ки онро бо нархи муайян харидори намояд, ки он вобастагӣ аз талаботро дорад. Ин принсип ба воситаи ҷараёни нархгузорӣ дар низоми иқтисодии механизми обистифодабарӣ сурат мегирад.

## АДАБИЁТ

1.Абдурахмонов Фарух Абдулоевич. Совершенствование механизма управления трансграничным водопользованием (на материалах Центрально-Азиатского региона): диссертация...кандидата экономических наук: 08.00.05 / Абдурахмонов Фарух Абдулоевич. Таджикский национальный университет, 2018. 187 с.

2.Наврузов С.Т. Управление водными ресурсами трансграничных рек (на при-мере Центральной Азии)//Автореф. дисс. … д. т. н. - М., 2008. - С.8.

3.Одинаев, Х. А. Сохранение экосистем и обеспечения экологической безопастности: проблемы и перспективы / Х.А. Одинаев // Вестник ТНУ. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2018. - №6. С. 3 – 10.

## ПРИНСИПҲОИ АСОСӢ ВА ЗАМИНАИ ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ ТАВОЗУНИ ОБӢ

Дар фишурда ҳамин тариқ гуфтан мумкин аст, ки ҳамаи принсипҳои истифодабарии самараноки захираҳои обӣ бо ҳамдигар алоқамандии зич доранд. Аз ин лиҳоз бояд қайд намуд, ки принсипҳои овардашуда бо он принсипҳое, ки мо онҳоро истифода карда натавонистем, робитаи зич доранд ва яке дигареро пурра менамояд ва аз якдигар ҷудо нестанд. Дар шароити имрӯзаи истифодаи захираҳои обии Ҷумҳурии Тоҷикистон муаммоҳои зиёде мавҷуданд, ки вобаста аз истифодаи оқилонаи принсипҳои обистифодабарӣ ва андӯхт намудани таҷрибаи хориҷии давлатҳои пешрафта роҳҳои ҳалли онҳо ба даст хоҳад омад.

**Калидвожаҳо:** Экологӣ, захираҳои обӣ, принсипҳо, бехатарии экологӣ, обистеъмолкунӣ, ифлосшавии ландшафт.

## ОСНОВНЫЕ ПРИНЦИПЫ И ОСНОВЫ ФОРМИРОВАНИЯ И РАЗВИТИЯ ВОДНОГО БАЛАНСА

Подводя итог, можно сказать, что все принципы эффективного использования водных ресурсов тесно связаны друг с другом. В связи с этим следует отметить, что представленные принципы тесно связаны с теми принципами, которые мы не смогли использовать, и один дополняет другой и не отделен от другого. В современных условиях использования водных ресурсов Республики Таджикистан существует множество проблем, решения которых будут получены в зависимости от рационального использования принципов водопользования и накопления зарубежного опыта развитых стран.

**Ключевые слова:** Экология, водные ресурсы, принципы, экологическая безопасность, водопотребление, загрязнение ландшафта

## BASIC PRINCIPLES AND FUNDAMENTALS OF FORMATION AND DEVELOPMENT OF WATER BALANCE

To summarize, we can say that all the principles of efficient use of water resources are closely related to each other. In this regard, it should be noted that the principles presented are closely related to those principles that we were not able to use, and one complements the other and is not separate from the other. In the modern conditions of using water resources of the Republic of Tajikistan, there are many problems, solutions to which will be obtained depending on the rational use of water use principles and the accumulation of foreign experience in developed countries.

**Key words:** Ecology, water resources, principles, environmental safety, water consumption, landscape pollution.

**Маълумот дар бораи муаллиф:**

**Зардова Заррина Самадовна -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ассистенти кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодӣ, **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17 **Тел**.: 93-425-25-88 **Почтаи электронӣ:** Zardova.zarrina@mail.ru

**Сведения об авторе:**

**Зардова** ***Заррина Самадовна*** - Таджикский национальный университет, ассистент кафедры национальной экономики и экономической безопасности. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. **Тел** 93-425-25-88 **Электронная почта**: Zardova.zarrina@mail.ru

**Information about authors:**

**Zardova Zarrina Samadovna** - Tajik national university assistant of the Department of National Economy and Economic Security, **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, rudaki avenue 17. Dushanbe, Rudaki Ave. 17, **phone** 93-425-25-88 **E-mail**: Zardova.zarrina@mail.ru

# САМТҲОИ АСОСӢ ДАР ИНКИШОФИ ИНФРАСОХТОРИ ИҶТИМОИИ МИНТАҚА

*Маҷидзода Д.М. – н.и.и., дотсенти кафедраи иқтисодиёти миллӣ ва бехатарии иқтисодӣ ДМТ.*
*Содиқов Ф.Қ.- ассистенти кафедраи иқтисодиёт ва ташкили соҳибкории ДДТТ*

Инкишофи инфрасохтори иҷтимоӣ вазифаи асосии давлат дар марҳилаи рушдёбии иҷтимоӣ-иқтисодӣ вобаста ба шароитҳои муосир ва рушду инкишофёбии сохтори технологӣ мебошад. Дар шароити имрузаи иқтисодӣ инфрасохтори иҷтимоӣ бояд ба талабҳои замон, хусусан ба талабу эҳтиёҷоти ҳар як инсон ҷавоб диҳад. Рушди инфрасохтори

иҷтимоӣ ва рушду инкишофёбии инсон дар мадди аввал қарор гирифта, яке аз масъалаҳои асосии имрӯзаи ҷомеа қарор гирифтааст.

Зери мафҳуми маҷмуаи зарурии ҳаёти инсон, дастрасии инсон ба тамоми шароитҳои зиндагӣ, ба монандӣ: дастраси ба маълумотгирӣ, кумакҳои тиббӣ, дастраси бо беҳтарин шароитҳои зиндагӣ ва ғайра, инчунин муҳити хуби зиндагӣ ва дастрасии инсон бо беҳтарин арзишҳои волои инсонӣ дохил мешавад. Сатҳи зиндагӣ маънои онро дорад, ки агар инсон аз мавқеи моддӣ таъмин карда шавад, аммо паҳлуи маънавии он холи монад, дар ин ҳолат дараҷаи ниҳоии таъмини зиндагии аҳолӣ дар як дараҷаи хуб қарор дошта наметавонад. Бинобар ин, сатҳи зиндагии аҳолӣ ва беҳтар намудани он вазифаи аввалиндараҷаи ҳар як давлат буда, ки ба афзоишёбии даромадҳои аҳолӣ ба монанди музди меҳнат, дастгирии гурӯҳҳои эҳтиёҷманди аҳолӣ, маблағгузории соҳаҳои иҷтимоӣ ба монанди маориф, тандурустӣ, васеънамоии ҷойҳои корӣ ва дигар самтҳои афзалиятнок иборат мебошад.

Ҳамин тавр, сифати зиндагӣ муҳимтарин мафҳуми иқтисодию иҷтимоӣ мебошад, ки сохтори ниёзҳои инсон ва имконияти қонеъ кардани онҳоро тавсиф мекунад.

Ба ақидаи А.А. Солеҳзода, И.С. Фасеҳзода, мафҳуми «сатҳи зиндагӣ» дар муқоиса бо мафҳуми «сифати зиндагӣ» яке аз мафҳумҳои муқарраршуда мебошад, ки дорои доираи хеле васеи нишондиҳандаҳои миқдорӣ буда, дар байни онҳо нишондиҳандаҳои ҳадди ақалли зиндагӣ ва андозаи сабади истеъмолӣ мавҷуданд [10, с.5].

Истилоҳи «сатҳи зиндагӣ» аз ҷониби иқтисоддонҳо ҳанӯз дар асри XVIII истифода шудааст. Ба таври мисол, К. Маркс дар асари худ «Музди меҳнат, нарх ва фоида» ин мафҳумро ҳамчун хусусияти иҷтимоию иқтисодии дараҷаи қонеъгардонии талаботи аҳолӣ, табақаҳо ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ баррасӣ кардааст. Ӯ қайд менамояд, ки «Ин сатҳи зиндагӣ на танҳо қонеъ кардани ниёзҳои ҳаёти ҷисмонӣ, балки қонеъ кардани ниёзҳои муайяни тавлидшударо, ки дар шароити иҷтимоии ташаккулёбанда арзи ҳастӣ менамояд, пешбинӣ мекунад». Олими маъруф К. Маркс ба ин истилоҳ эътибори махсус медиҳад. Ҳатто ӯ дар асараш «Капитал» зарурати ба назар гирифтани мансубияти ҳудудиро қайд карда буд: «... (арзиши меҳнат) аз рӯйи сатҳи анъанавии зиндагӣ муайян карда мешавад, ки он на танҳо қонеъ кардани ниёзҳои мардумро пешбинӣ мекунад, балки қонеъ кардани ниёзҳои муайянеро фаро мегирад, ки дар он шароити иҷтимоӣ ба вуҷуд омадаанд ва одамон ташаккул меёбанд» [3, с. 150].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми маъмултарин дар ин самт «сатҳи зиндагии аҳолӣ» мебошад, ки маънои қонеъгардонии талаботи моддию маънавӣ ва иҷтимоии аҳолиро дорад. Ин таъриф омори сатҳи зиндагиро бештар ифода мекунад. Мафҳуми сатҳи зиндагӣ сохтори ниёзҳои инсон ва имконияти қонеъ гардонидани онҳоро тавсиф мекунад. Тибқи андешаронии ин мутахасси соҳа Қодирзода Д.Б. «... ниёзҳои

мардум гуногунанд, дар баробари ниёзҳои моддӣ ниёзҳои маънавӣ ва иҷтимоӣ низ мавҷуданд. Баланд шудани сатҳи зиндагӣ заминаи мусоидро барои баланд бардоштани сифати зиндагӣ фароҳам меорад. Дар шароити иқтисоди бозорӣ ҷузъҳои муҳимми сифати зиндагӣ, инчунин, дараҷаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, озодии интихоби шахс, беҳбудии муҳити иҷтимоӣ, муносибатҳои фарҳангӣ, миллӣ ва динӣ мебошанд» [4, с.174].

Дар адабиёти муосир сатҳи зиндагиро одатан бо истифодаи аҳолӣ аз неъматҳои моддӣ, маънавӣ ва дараҷаи қонеъгардонии ниёзҳои онҳо дарк мекунанд. Олими шинохта В.Ф. Майер «сатҳи зиндагӣ»-ро ҳамчун таъминот ё дараҷаи таъминоти аҳолӣ бо неъматҳои моддӣ ва маънавӣ тавсиф мекунад [5, с. 263].

Ҷ.С. Пиризода ба омӯзиши методологияи истифодаи стандартҳо ва нишондиҳандаҳои байналмилалӣ ҳангоми тавсифи сатҳи зиндагии аҳолии минтақаҳои вилояти Хатлон, нобаробарии минтақавӣ дар сатҳи зиндагӣ ва масъалаҳои рафъи камбизоатӣ бахшида шудааст. Ба андешаи ӯ, барои баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ сиёсати даромадро ба куллӣ тағйир бояд дод [7, с. 300].

Чуноне, ки усдот Ғаниев Т.Б., қайд менамоянд, «Афзоиши дараҷаи даромаднокии аҳолӣ дар консепсияи рушди нерӯи инсонӣ ба сифати омили асосии таъминкунандаи имконоти рушди қобилият ва ҳунарҳои инсонӣ буда, сатҳи зиндагонии онро баланд мебардорад. Аммо дараҷаи даромад ҳанӯз омили охирин ва пурраи таъмини талаботҳои инсонӣ ба ҳисоб намеравад, чунки инсоният ғайр аз таъмини талаботҳои моддии хеш боз талаботҳои маънавии озодии интихобу инкишофро дорад, ки маҳз хусусияти фарқкунандаи одамиро аз дигар мавҷудоти олам нигоҳ медорад[1, с.157].

Аҳамият ва нақши инфрасохтори тараққикардаи иҷтимоӣ вобаста ба ташаккули иқтисодиёт ва ҷамъият дар асоси донишҳои муосир ва минбаъд дар иқтисодиёти имрӯза хеле меафзояд. Илова бар ин, соҳаи иҷтимоӣ муарификунандаи рушди иқтисодии давлат дониста мешавад.

Омилҳои асосии бозгӯи сифати зиндагии аҳолии минтақа ба дараҷаи фарқият аз рӯйи тағйирёбандаҳои иҷтимоию демографӣ (аз ҷумла таносуби «камбизоатии дарозмуддат»), сатҳи фаъолияти иқтисодии аҳолӣ, дараҷаи ташаннуҷи иҷтимоӣ, сатҳи рушди соҳаи иҷтимоӣ, мураккабии вазъи экологӣ алоқаманд аст. Ба ақидаи муаллиф тавсифоти хусусияти сифатии ҳаёти аҳолӣ, «сифати зиндагӣ» яке аз омилҳои асосии сохтори ҷамъиятӣ ва шарти зиндагии одамон мебошад, бинобар ин, он аз нуқтаи назари психологияи иҷтимоӣ ва фалсафа, иқтисод, фарҳангшиносӣ ва илмҳои дигар шарҳ дода мешавад.

Аммо, бо назардошти он ки сифати зиндагӣ зери таъсири омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ-демографӣ ва экологӣ дар рушди минтақаҳо ташаккул меёбад, унсурҳои сохтории он нишондиҳандаҳое мебошанд, ки ба сатҳи татбиқи ниёзҳои инсон, дараҷаи қаноатмандии ӯ аз амалисозии

нақшаҳои ҳаёташ, ки бо стандартҳои қабулшудаи иҷтимоӣ ва потенсиали захиравии қаламрав алоқаманд аст, вобастагӣ дорад. Дар натиҷаи ин ҷараёни мураккаб омилҳои минтақавии иҷтимоию иқтисодӣ ва экологӣ ба ташаккули сатҳи зиндагии аҳолӣ таъсири ҳалкунанда мерасонанд, ки аҳаммияти баррасии моҳияти ин мафҳумро аз нуқтаи назари ҷанбаи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ муайян мекунад.

Дар айни замон, «сатҳи зиндагии аҳолии минтақа», аз як тараф, ҳолати кунунии шахсро инъикос мекунад, аз тарафи дигар, он бо маҷмуи хусусиятҳои иқтисодӣ ва иҷтимоие, ки барои таъмин кардан заруранд, ба монанди шароити муқаррарии зиндагӣ барои шахс ва дар маҷмуъ, ҷомеа бо дарназардошти хусусиятҳои минтақавӣ тавсиф карда мешавад. Сатҳи зиндагӣ хусусияти ҷудонашавандаи сатҳи рушд ва қонеъ гардонидани талаботи одамон мебошад, ки бо стандартҳои иҷтимоӣ ва имкониятҳои захиравии ҷомеа вобастагӣ доранд.

Тавсифоти хусусияти сатҳи зиндагии аҳолӣ яке аз омилҳои асосии сохтори ҷамъиятӣ ва шарти асосии зиндагии одамон мебошад, бинобар ин, он аз нуқтаи назари психологияи иҷтимоӣ, фалсафа, иқтисодиёт, фарҳангшиносӣ ва илмҳои дигар шарҳ дода мешавад. Аммо, бо назардошти он ки сатҳи зиндагӣ зери таъсири омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ-демографӣ ва экологӣ вобаста ба рушди минтақаҳо ташаккул меёбад, унсурҳои сохтории он нишондиҳандаҳое мебошанд, ки сатҳи татбиқи ниёзҳои инсон, дараҷаи қаноатмандии ӯ аз амалисозии нақшаҳои ҳаёташро, ки бо стандартҳои қабулшудаи иҷтимоӣ ва потенсиали захиравии қаламрав алоқаманд аст, акс менамояд.Аммо, иқтидори нишондиҳандаҳои некӯаҳволии иқтисодӣ, агар ба нақшагирии стратегӣ дохил карда шавад, метавонад хеле баланд бошад ва муҳимтар аз ҳама, имкон медиҳад, ки тағироти сифати зиндагии аҳолӣ ба инобат гирифта шаванд.

Чи тавре, ки олимон Макконнелл К.Р. ва Брю С.Л., қайд менамоянд: «Агар мо категорияи сифати ҳаётро тавассути сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ ба назар гирем, пас тибқи муқарраароти неоклассикӣ он сармоягузорӣ ба соҳаи маориф, тандурустӣ ва ҳаракатнокии меҳнат тавсиф карда мешавад [6, с.171]. Албатта, ин тафсир камбудиҳо дорад. Тавсифи сифати ҳаётро тавассути сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ ва методологияи шохиси рушди инсонӣ муқоиса бояд намуд.

Маблағгузориҳо ба таҳсилот ва саводнокӣ бо усули ҳисоб кардани шохиси рушди инсонӣ мантиқан вобастагӣ доранд. Сармоягузориҳо ба соҳаи тандурустӣ ва давомнокии умр ҳангоми таваллуд низ бо усули ҳисоб кардани шохиси рушди инсонӣ бо ҳам зич алоқаманданд. Аммо, аз рӯи ҳарду усул, сармоягузорӣ ба манзил вуҷуд надорад ва ин дар тавсифи сифати зиндагӣ нақши муҳимро дорад.

Тасодуфӣ нест, ки лоиҳаҳои афзалиятноки миллӣ ва стратегияҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сармоягузорӣ на танҳо ба соҳаи тандурустӣ ва маориф, балки ба манзил барои шаҳрвандони ҷумҳурӣ низ дохил

мешаванд. Воқеан, ин масъала бо сармоягузорӣ ба қобилияти меҳнатии зич алоқаманд аст, яъне аз ҷумла бо манзилҳои арзон таъмин кардани онҳо. Умуман, моҳияти сифати ҳаётро ҳамчун категорияи иҷтимоию иқтисодӣ тавсиф намуда, як қатор хусусиятҳои онро қайд кардан зарур аст. Аввалан, сифати зиндагӣ як мафҳуми бениҳоят васеъ ва бисёрҷанба дониста мешавад, ки нисбат ба сатҳи зиндагӣ мафҳуми васеътар дониста мешавад ва нишондиҳандаҳои он аз ҷониби кумитаи омори ҷумҳурӣ муайян карда мешаванд.Дуюм, сифати зиндагӣ ду ҷониби муайяни худро дорад: ҷониби объективӣ ва субъективӣ. Меъёри арзёбии объективии сифати зиндагӣ меъёрҳои илмии ба эҳтиёҷот ва манфиатҳои одамон асосёфта мебошанд, ки аз рӯи таносуби онҳо сатҳи қаноатмандии ин талабот ва манфиатҳои онҳоро муайян кардан мумкин аст. Аз тарафи дигар, талабот ва манфиатҳои одамон фардӣ мебошанд ва дараҷаи қаноатмандии онҳоро танҳо худи субъектҳо арзёбӣ мекунанд. Онҳо дар ягон маълумоти оморӣ қайд карда нашудаанд ва амалан танҳо дар шуури одамон ва мутаносибан, дар фикру баҳодиҳии шахсии онҳо мавҷуданд. Аз ин рӯ, сифати зиндагӣ дар ду шакл пайдо мешавад: ҳамчун дараҷаи қонеъ кардани ниёзҳо ва манфиатҳои аз нуқтаи назари илмӣ асосёфта ва қаноатмандии одамон аз сифати зиндагӣ.

Сеюм, сифати зиндагӣ категорияест, ки аз дигар категорияҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ҷудо нест, аммо он бисёре аз онҳоро муттаҳид мекунад ва онҳоро дар ҷанбаи сифатӣ пурра дар бар мегирад. Ҳамин тавр, ҷузъҳои тарзи зиндагӣ, сатҳи зиндагӣ ва муҳит ҷузъҳои таркибии сифати зиндагӣ мебошанд.Чорум, сифати зиндагӣ ҳолати рӯҳии ҷомеаро инъикос мекунад, ки бо табиат, муҳит ва шумораи ташаббусҳои эҷодӣ, лоиҳаҳои инноватсионӣ, инчунин бо басомади вайрон кардани қоидаҳои умумиинсонӣ муайян карда мешавад.Дар ҳар як минтақа, сифати зиндагӣ ҳатто бо сатҳи мувофиқи омории шабеҳи зиндагӣ хеле фарқ мекунад. Минтақаҳо ва қисматҳои онҳо сатҳҳои гуногуни сохтори иҷтимоӣ, аз ҷумла хизматрасониҳои ҷамъиятиро доранд, ки сатҳи зиндагиро то андозаи (бештар сифати онро) паст мекунад.

Системаи навини муайянамоии сифати зиндагӣ, ки дар бисёри аз давлатҳо онро истифода мебаранд дар се сатҳ асос ёфтааст:

• ҳисоби миёнаи пешбинишавандаи умр, бо назардошти фарқияти назарраси ин нишондиҳанда (зиёда аз 10 сол), ки ба назари мо, барои мардон ва занон алоҳида ҳисоб карда мешавад;

• истеъмоли шахсӣ (истеъмоли хонавода ба ҳар сари аҳолӣ) - нишондиҳандае, ки сатҳи ҳаётро нисбат ба ММД ба ҳар сари аҳолӣ бештар тавсиф менамояд, зеро ММД инчунин ҷамъоварӣ ва дигар ҷузъҳоро дар бар мегирад;

• хароҷот ба соҳаи иҷтимоию фарҳангӣ (тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ, маориф ва фарҳанг, илм ва хидматрасонии илмӣ), ки нисбат ба нишондиҳандаҳои аз ҷониби СММ барои маърифатнокӣ ва давомнокии таҳсил истифодашудаи сармоягузории умумӣ ба таври дақиқ инъикос мешаванд[2, с.113].

Дар асл, хароҷоти соҳаи иҷтимоию фарҳангӣ нишондиҳандаи нерӯи зеҳнии рушди ҷомеа дар сатҳҳои гуногуни андозагирии он мебошанд, ки ба сифати зиндагӣ арзёбӣ мекунанд. Индекси потенсиали зеҳнии ҷомеа сатҳи маърифати аҳолӣ ва вазъи илмро дар кишвар инъикос мекунад. Ҳангоми ҳисоб кардани он сатҳи таҳсилоти калонсолон, ҳиссаи донишҷӯён дар шумораи умумии аҳолӣ, ҳиссаи хароҷот барои ташаккули ММД, ҳиссаи хароҷотҳо дар соҳаи илм ва хидматрасонии илмӣ дар шумораи умумии аҳолӣ ва ҳиссаи хароҷот ба илм дар ММД ба назар гирифта мешавад.

Дар шароити рушди бӯҳронии иқтисодиёт масъалаҳои сифати ҳаёти аҳолӣ дар паси парда афтода, паст гардидани сатҳи зиндагӣ тавассути кам шудани даромади аҳолӣ ба мушоҳида мерасад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин мушкилот бо болоравии таваррум боз ҳам мушкилтар мегардад, ки дар натиҷа музди воқеии аҳолии қобили кор якбора коҳиш меёбад. Қариб ҳеҷ кас бо ин таҳқиқот машғул нест ва аз ин рӯ, иттилооти бардурӯғ оид ба сифати зиндагии аҳолӣ фаро гирифта шудааст.

Омӯзиши муфассали таҳқиқи сифати ҳаёти аҳолӣ, таҳаввулоти рушди истилоҳот ва тафсифнамоиҳои муосири он имкон медиҳад, ки фаҳмиши конструктивии мазмуни ин истилоҳ, ташаккул, рушд ва инкишофёбии механизмҳои асосии он пурра омухта шуда, қисматҳои муҳим, таркиб ва воситаҳои асосии он муайян карда шаванд, ки мо онро дар шакли расм ба чунин тарз тасвир намудаем. (Расми 1).




Сарчашма: тартибдодаи муаллиф.

**Расми. 1. Таркиби моҳияти «Сифати ҳайёт»**

Татбиқи амалии принсипи назариявии таҳияшуда дар таҳлили мафҳумҳои сифати ҳайёт имкон медиҳад, ки равишҳои асосии тафсири ин гурӯҳ мутобиқи хусусиятҳои назарявӣ, сохторӣ ва воситавии он дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт ташаккул ва тавсиф карда шаванд. (нигаред ба ҷадвали 1.).

**Ҷадвали 1.**

**Равишҳо дар тавсифи «Сифати ҳайёт»**

| Равиш | «Сифати ҳайёт» | | |
|---|---|---|---|
| | **Моҳият** | **Таркиб** | **Васоитҳо** |
| **Тиббӣ** | Тавсифи интегралии вазифавии бемор | Ҳолати ҷисмонӣ, равонӣ, эмосионалӣ ва иҷтимоӣ | Нишондиҳандаҳои объективӣ ва дигаргуншавии иҷтимоӣ |
| **Фалсафӣ** | Тавсифи ҳолати инсонӣ дар дигаргуншавии системаи иҷтимоӣ | Сатҳи озоди иҷтимоӣ, имкониятҳо барои рушдёбии хуб, арзишҳои фарҳангӣ ва руҳӣ. | Таҳлилҳои фалсафӣ |
| **Экологӣ** | Маҷмӯи шароити беруна, мувофиқати муҳити инсон ба эҳтиёҷоти ӯ | Шароитҳои табии ва иҷтимоӣ | Нишондиҳандаҳои объективӣ |
| **Иҷтимоӣ** | Тавсифи дараҷаи қонеъгардонии ниёзҳои моддӣ ва маънавии одамон | Сифат ва гуногунии хӯрок, шароити хуби зиндагӣ, қаноатмандӣ аз кор, сифат ва мӯди либос, қаноатмандӣ аз сифати тандурустӣ, маориф, хизматрасонӣ, шароити муҳити зист, фаъолиятҳои истироҳатӣ, сатҳи стресс, сохтори кӯчдиҳӣ ва ғайра. | Ченакҳои иҷтимоӣ |
| **Иқтисодӣ** | Маҷмӯи шартҳое, ки беҳбудии ҷисмонӣ, равонӣ ва иҷтимоию иқтисодии аҳолиро таъмин мекунанд | Вазъи саломатӣ, давомнокии умр, вазъи молиявӣ, сатҳ ва сифати истеъмоли молу хидматрасонӣ, шароити муҳити зист, қонеъ кардани ниёзҳои рӯҳонӣ, бехатарӣ ва ғайра. | Нишондиҳандаҳои объективӣ ва ченакҳои иҷтимоӣ |

**Сарчашма:** аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.

Ҳамин тариқ, мутахассисони соҳаи тиб бо назардошти сифати зиндагии аҳолӣ ба нишондиҳандаҳои вазъи саломатии ҷисмонӣ ва

равонӣ аҳамияти махсус медиҳанд. Баҳодиҳии сифати зиндагӣ ба баҳогузории субъективии гурӯҳҳои таҳқиқшуда асос ёфтааст (масалан, қаноатмандӣ аз вазъи саломатӣ, муқовимат ба стресс, сифати хоб) ва маълумоти объективӣ - ҷараён ва мушкилии беморӣ, маҳдудиятҳои ҷисмонӣ ва ғайра.
Дар доираи муносибати экологӣ диққати асосӣ ба таъсири шароити табиӣ, вазъи муҳити зист ба сифати зиндагии аҳолӣ дода мешавад. Сифати зиндагӣ ҳамчун як воситаи муҳими дониши фалсафӣ ҳамчун падидаи бисёрҷанба ва мураккаби иҷтимоӣ хидмат мекунад.

Дар доираи тавсифи иқтисодӣ таваҷҷӯҳи хос ба мафҳуми қобилиятҳои якдафъаинаи инсон, ки ҳамчун маҷмӯи тарзи ҳаёти имконпазир ва қобили қабул шарҳ дода мешавад, ки дар назди одам дар лаҳзаи муайян кушода мешавад ва барои интихоб дастрас аст. Ин талаботҳо аст, ки дар натиҷа тарзи ҳаёти воқеӣ мегардад. Ба назари мо, омӯзиши сифати зиндагӣ дар доираи ин консепсия ба таври беҳтарин ба ҳадафҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ мувофиқат мекунад. Ин равиш ба мо имкон медиҳад, ки баҳодиҳии ҳамаҷонибаи қобилияти инсонро барои ҳаёти солим ва дарозумрӣ, бо захираҳое, ки барои насли ҳозира ва оянда барои зиндагии шоиста ва кафолати амнияти худ заруранд, гузаронем.
Соҳаи иҷтимоӣ яке аз бахшҳое мебошад, ки ба сифати зиндагии мардум алоқаманд аст. Дараҷаи тараққиёти соҳаи иҷтимоӣ нишондиҳандаи самаранокии хоҷагии халқ ва афзоиши иктисодиёт мебошад. Талаботи ҷамъият ва талабот ба дараҷаи зиндагонӣ мунтазам меафзояд.

Чуноне, ки муақиқони соҳа қайд менамоянд, «рушди низоми иҷтимоию иқтисодӣ бояд бо рушди инфрасохтори иҷтимоӣ, ки барои афзоиши сармояи инсонии минтақавӣ ва инноватсияҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла дар заминаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ заруранд, бояд доимо назорат карда шаванд» [9, с.12].

Дар маҷмуъ ҳолат ва сатҳи рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақа муҳимтарин нишондиҳандаи институтсионалии натиҷанокӣ, самаранокӣ, сифати индустрикунонии нав, дараҷаи сифати зиндагӣ ва навсозии зиндагони дар минтақа диниста мешавад.

## АДАБИЁТ


1. Ғаниев Т.Б. Менеҷмент: Рушди нерӯи инсонӣ. – Душанбе, «Ирфон», 2010с. 570с.
2. Искандаров Ҳ.Ҳ., Амиров Ш.А. Сифати ҳайёт ва моҳияти иҷтимоӣ-иқтисодии он дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт//Тоҷикистон: иқтисод ва идора. Душанбе, 2021. - № 1. - С. 109-118
3. К. Маркс. Сочинения. - 2-е изд. - Т. 16. Государственное издательство политической литературы. Москва • 1960 с. 497.
4. Қодирзода Д.Б. Таҷрибаи рушди хоҷагии қишлоқ дар асоси шарикии давлат ва бахши хусусӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. - №9. - С.170-175.

5. Майер В.Ф. Уровень жизни населения СССР. - М.: Мысль, 1997. – 263 с.
6. Макконнелл К.Р., Брю С.Л. Экономикс. Принципы, проблемы, политика. Т. 2. М., 1992. С. 171-172.
7. Пиризода Дж.С. Развитие социальной сферы в сельской местности на основе формирования государственно-частного партнерства // Сборник материалов VI-й межд. научно-прак. Конференции, (Пенза, март, 2015 г.). – Пенза. – 2015. - С. 299-304.
8. Райзберг Б.А., Лозовский Л.Ш., Стародубцева Е.Б. Современный экономический словарь. - М.: ИНФРА, 1997. - 351 с.
9. Римашевская Н.М., Герасимова И.А., Копнина В.Г. и др. Семья, труд, доходы, потребление (Таганрогские исследование) М. Наука 1977г. 93с.
10. Солеҳзода, А.А. Ҷабҳаҳои стратегии таъмини бехатарии озуқаворӣ дар Тоҷикистон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва ҷамъиятӣ. - 2018. - №3.- С. 4-6.

## САМТҲОИ АСОСӢ ДАР ИНКИШОФИ ИНФРАСОХТОРИ ИҶТИМОИИ МИНТАҚА

Дар ин мақола зарурати рушди инфрасохтори иҷтимоӣ ҳамчун вазифаи асосии рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа баррасӣ шудааст. Дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ таввачуҳ намудан ба сатҳу сифати зиндагӣ яке аз масъалаҳои асосии сиёсати пешгирифтаи давлат ба ҳисоб меравад. Муаллиф самтҳои асосии рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақа: маориф, тандурустӣ, фарҳанг, манзили дастрас ва муҳити бароҳатро пешниҳод кардааст.
Муҳимияти омӯзиши мушкилоти ба миён гузошташуда ба ниёзҳои сармояи инсонӣ дар рушд ва инфрасохтори иҷтимоии минтақа вобаста аст.

**Калидвожаҳо:** сармояи инсонӣ, коэффисиенти сатҳи рушд, низоми иқтисодию иҷтимоии минтақавӣ, иқтисодиёт, рушди иҷтимоию иқтисодӣ, инфрасохтори иҷтимоӣ.

## КЛЮЧЕВЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ В РАЗВИТИИ СОЦИАЛЬНОЙ ИНФРАСТРУКТУРЫ РЕГИОНА

В данной статье рассматривается необходимость развития социальной инфраструктуры как ключевой задачи социально-экономического развития региона. В современных экономических условиях внимание к уровню и качеству жизни считается одним из главных вопросов политики государства. Автор предложил основные направления развития социальной инфраструктуры региона: образование, здравоохранение, культура, доступное жилье и комфортная среда. Актуальность исследования поставленной проблемы обусловлена потребностями человеческого капитала в развитии и социальной инфраструктуры региона.

**Ключевые слова:** человеческий капитал, коэффициент уровня развития, региональная социально-экономическая система, экономика, социально-экономическое развитие, социальная инфраструктура.

## KEY DIRECTIONS IN THE DEVELOPMENT OF SOCIAL INFRASTRUCTURE OF THE REGION

This article examines the need to develop social infrastructure as a key task of the socio-economic development of the region. In modern economic conditions, attention to the level and quality of life is considered one of the main issues of state policy. The author proposed the main directions for the development of the region's social infrastructure: education, healthcare, culture, affordable housing and a comfortable environment. The relevance of the study of the problem posed is due to the needs of human capital in the development and social infrastructure of the region.

**Key words:** human capital, development level coefficient, regional socio-economic system, economy, socio-economic development, social infrastructure.

**Маълумот дар бораи муаллифон:**

**Маҷидзода Давлатбахт Маҷид** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти миллӣ ва бехатарии иқтисодӣ **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. **Тел:** 987-17-06-55, **Почтаи электронӣ**: ndavlatbakht@mail.ru

**Содиқов Ф.Қ. -** Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ассистенти кафедраи иқтисодиёт ва ташкили соҳибкорӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: 988839292, **Почтаи электронӣ**: ndavlatbakht@mail.ru

**Сведения об авторах:**

**Маҷидзода Давлатбахт Маҷид** – кандидат экономических наук, доцент кафедры национальной экономики экономической безопасности **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. **Тел: 987-17-06-55, Электронная почта**: ndavlatbakht@mail.ru

**Содиқов Ф.Қ.-** Таджикский государственный университет комерции ассистент кафедры экономики и организации предпринимательсвто **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. **Тел:** 988839292, **Электронная почта**: ndavlatbakht@mail.ru

В целом, региональные органы регулирования предпринимательской деятельности должны предпринять всевозможные меры для улучшения предпринимательской среди в регионе. Параллельное развитие совместной хозяйственной деятельности, в том числе арендной, совместной организации сельскохозяйственных ферм, сельскохозяйственных кооперативов, любых других форм полезной деятельности с учетом близости к источникам сырья, трудовых ресурсов и, благоприятности природно-климатических условий имеют особое значение. Важно учесть, что активизация инновационных процессов в МСП существенным образом может способствовать формированию экономических кластеров по эволюционным закономерностям их возникновения.

**3.Совершенствование логистики в региональных цепях поставок аграрной продукции.** Следует отметить, что логистические предприятия являются важнейшим звеньями кластерных образований во всех отраслях региональной экономики. В самих простейших моделях кластерного образования особое место отводится предприятиям логистического назначения. Ибо от эффективности и устойчивости функционирования логистических предприятий завись своевременная и безопасная доставка производимой продукции из пунктов выпуска до

пунктов назначения. Игнорирование роли и значения логистических предприятий в структуре формируемого кластера неизбежно приводит к провалу всех начатых инициатив, независимо от степени готовности других потенциальных участников кластера.

Таким образом, в условиях Республики и ее регионов с учетом недостаточной развитости транспортной инфраструктуры, отсутствии современных складов, особенно в сельской местностях, несовершенстве регулирования информационных потоков, оптимальных систем распределения и прочие проблемы совершенствования логистики в региональных цепях поставок агропродукции приобретает особое значение.

## ЛИТЕРАТУРА:


1.Муминова Ф.М. Инвестиционные потребности и потенциал кластерных взаимодействий по Хатлонской области//Экономика Таджикистана. - Душанбе, 2021. - № 4-1. - С.212.

2.Ализода У.А., Кодиров А.С. Климатические характеристики Хатлонской области//Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия естественных наук. - Душанбе, 2021. - № 2-2 (87). - С.75-80.

3.Абдуназаров Х. Становление и развитие общественного животноводства в Таджикистане (1924-1991 гг.)//автореферат дис. ... доктора исторических наук / Тадж. гос. нац. ун-т. - Душанбе - 2009. – 52 с.; Хошимов Х.Х. Сравнительная оценка региональной структуры национальной экономики Республики Таджикистан//Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия общественных наук. – Душанбе, 2017. - № 4 (73). - С. 83-91; Давлатов У.А., Нажмудинов М.С. Анализ современного состояния и тенденции материально-технической поддержки развития сельского хозяйства Хатлонской области//Таджикистан и современный мир. - Душанбе, 2022. - № 1 (77). - С. 105-117.; Акимов С.М. Проблемы и возможности развития пищевой и перерабатывающей промышленности в Хатлонской области// Финансово-экономический вестник. – Душанбе, 2022. - № 1(30). - С. 258-266.; Муминова Ф.М. Инвестиционные потребности и потенциал кластерных взаимодействий по Хатлонской области//Экономика Таджикистана. – Душанбе, 2021. - № 4-1. - С.212-224.; Бегматов Б.А. Влияние диверсификации региональной экономики на эффективность использования природно-ресурсного потенциала//Финансово-экономический вестник. - Душанбе, 2019. - № 4 (20). - С.161-168.

4.Саидмуродзода Л.Х., Джураева Х.Х. Пространственно-отраслевой анализ структуры предпринимательства в Хатлонской области//Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. - Душанбе, 2021. - № 1-4-2 (92). - С.115. (112-118.).

5.Регионы Республики Таджикистан //Статистический сборник. - Душанбе, АСПРТ, 2022. - С.18-21.

6.Плешаков Г.Г. Факторы формирования и развития региональной предпринимательской среды//Автор. дисс. …к. э. н. - Воронеж, 2020. - С.20-21.

7.Джалилов Ш. Н. Формирование регионального мясопродуктового кластера в Хатлонской области Таджикистана / Ш. Н. Джалилов, Р. Б. Махмадизод, З. М. Джабборова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2021. – № 3-2. – С. 170-178.

8.Джалилов Ш.Н. Создание мясного кластера в регионе (на примере Хатлонской области республики Таджикистана) / Ш. Н. Джалилов, З. М. Джабборова, Р. Б. Махмадизод // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2022. – № 1-1(95). – С. 216-222.

9.Пиризода Дж.С., Джобиров Ш.А. Роль логистических предприятий в поставке сельскохозяйственной продукции // Развитие садоводство в регионах Республики Таджикистан/Материалы научно-практической конференции (Душанбе, 9-10 апреля 2022 г.). - Душанбе: «Ирфон», 2022. - С.9-22.

## ПЕРСПЕКТИВНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ ФОРМИРОВАНИЯ МЯСОПРОДУКТОВОГО КЛАСТЕРА В РЕГИОНЕ

В настоящее время регион отличается достаточно развитым уровнем АПК, в структуре которого мясное скотоводство имеет особое место. При этом недостаточный уровень эффективности государственного регулирования отрасли с учетом упущенных возможностей формирования кластерных образований обусловливает необходимость проведения целенаправленных исследований, позволяющих систематизировать комплекс мер государственной поддержки процессов формирования и развития мясопродуктовых кластеров. В регионе в основном преобладает производство мяса и мясных продуктов, что говорит о ежегодном увеличении уровня мясного производства. Поэтому, будет целесообразным рассмотреть такое направление предпринимательства в регионе.

**Ключевые слова:** мясопродуктового кластера, мясное скотоводство, государственной поддержки, фермерских хозяйств, легкой промышленности.

## САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ ТАШАККУЛЁБИИ КЛАСТЕРИ МАХСУЛОТИ ГУШТИ ДАР МИНТАҚА

Ҳоло вилоят бо дарачаи хеле тараккикардаи комплекси агросаноатӣ фарк мекунад, ки дар структурам он чорводории гуштӣ мавкеи махсус дорад. Дар баробари ин, сатҳи нокифояи самаранокии танзими давлатии соҳа бо назардошти имкониятҳои аз даст додашудаи ташаккули шаклҳои кластерӣ зарурати гузаронидани тадқиқоти мақсаднокро ҷиҳати ба низом даровардани маҷмӯи тадбирҳои дастгирии давлатии ташаккул ва рушди соҳа тақозо менамояд. кластерхои махсулоти гуштӣ. Дар вилоят

асосан истехсоли гушт ва махсулоти гуштй чой дорад, ки ин аз афзоиши хар сол дарачаи истехсоли гушт гувохй медихад. Аз ин ру, ба максад мувофик мебуд, ки ин самти сохибкориро дар вилоят ба назар гирем.

**Калидвожаҳо:** кластери маҳсулоти гӯштӣ, чорводории гӯштӣ, дастгирии давлатӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ, саноати сабук.

## PROMISING DIRECTIONS OF FORMATION MEAT PRODUCTS CLUSTER IN THE REGION


Currently, the region is distinguished by a fairly developed level of the agro-industrial complex, in the structure of which beef cattle breeding has a special place. At the same time, the insufficient level of efficiency of state regulation of the industry, taking into account missed opportunities for the formation of cluster formations, necessitates the need to conduct targeted research to systematize a set of measures of state support for the formation and development of meat product clusters. The region is mainly dominated by the production of meat and meat products, which indicates an annual increase in the level of meat production. Therefore, it would be advisable to consider this direction of entrepreneurship in the region.



**Key words:** meat product cluster, beef cattle breeding, state support, farms, light industry.


**Маълумот дар бораи муаллифон:**


**Ҷабборова Заррина Мустафоқуловна** - Институти хоҷагии қишлоқи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, ходими илмӣ. **Суроға:** 734020, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Ҳаёти-Нав, 306. **Тел:** (+992) 985-42-19-91. **Почтаи электронӣ**: fmakhmadiev.1986@mail.ru

**Маҳмадизод Раҷабалӣ Бачабеки** - Институти хоҷагии қишлоқи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, унвонҷӯ. **Суроға**: 734020, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Ҳаёти-Нав, 306. **Тел:** 904-40-01-02. **Почтаи электронӣ**: fmakhmadiev.1986@mail.ru


**Сведения об авторах:**


**Джабборова Заррина Мустафокуловна** - Институт экономики сельского хозяйства ТАСХН, научный сотрудник. **Адрес:** 734020, Республики Таджикистан, Душанбе, улица Хаёти- Нав 306. **Тел:** (+992) 985-42-19-91. **Электронная почта**: fmakhmadiev.1986@mail.ru

**Махмадизод Раджабали Бачабеки** - Институт экономики сельского хозяйства ТАСХН, соискатель. **Адрес:** 734020, Республики Таджикистан, Душанбе, улица Хаёти-Нав 306. **Тел:** (+992) 904-40-01-02.


**Information about the authors:**


**Dzhabborova Zarrina Mustafokulovna** - Institute of Agricultural Economics, TASKHN, researcher. **Address:** 734020, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Hayoti Nav street 306. **Phone:** (+992) 985-42-19-91. **Электронная почта**: fmakhmadiev.1986@mail.ru

**Mahmadizod Rajabali Bachabeki** - Institute of Agricultural Economics, TASKHN, applicant. **Address:** 734020, Republic of Tajikistan, Dushanbe,

Khayoty Nav street 306. **Электронная почта**: fmakhmadiev.1986@mail.ru
**Phone:** (+992) 904-40-01-02.

# ТАКМИЛДИҲӢ ВА РУШДИ НИЗОМИ СУҒУРТА ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ

*Раҳимов Ф.С. – н.и.и., дотсенти кафедраи система ва технологияи иттилоотӣ дар иқтисодиёти ДДМИТ*

Дар тадқиқоти мазкур доир ба рафти рушди низоми муносибати суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври васеъ дар корхонаву ташкилотҳо, системаи идоракунии давлатӣ, байни шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ дида баромада шудааст. Дар рафти идора, ки низоми истифодаи технологияи коммуникатсионӣ рушд намудааст, корхонаҳо ва муассисаҳо ба фаъолияти иқтисодии давлат, ки ба таъмини мавҷудият ва фаъолият, ҳимояи онҳо аз падидаҳои гуногуни номатлуб асос меёбад, таъсир мерасонад.

Низоми иқтисоди бозории мамлакат ин системаи ба таври чандирӣ танзимшаванда мебошад. Суғурта, аз як тараф ҳамчун ҷузъи танзимкунӣ ва таъминкунии истеҳсолоти устувор ва аз тарафи дигар – ҳамчун объекти танзимшавандаи дар доираи қоидаҳои барояш умумӣ ва махсус фаъолияткунанда амал мекунад. Шаклҳои ташкилию ҳуқуқии суғурта, аз ҷумла дар давраи гузариш ба муносибатҳои бозорӣ ба суғуртаи давлатӣ, суғуртаи ҷамъиятҳои саҳомӣ, ҷамъиятҳои суғуртакунии байниҳамдигарӣ ва суғуртаи кооперативӣ ҷудо мешаванд. Ҳоло дар байни шаклҳои номбаршуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи ҷамъияти суғуртаи байниҳамдигарӣ муайян нагардидааст, ки дар мамлакатҳои ба низоми иқтисоди бозорӣ гузашта нақши муҳим мебозад.

Бинобар ин, дар шароити рушди кунунии иқтисодиёт, ки суғурта ҳамчун як категорияи молиявӣ истифода бурда мешавад то ҳол эҳтиёҷ ба мукаммалгардонӣ ва дигаргунсозӣ вобаста ба қонуниятҳои иқтисоди бозорӣ дорад. Системаи суғурта низ чун дигар системаҳои муҳити атроф ба татбиқи ТИК эҳтиёҷ дорад ва ба назари мо татбиқи он дар низоми суғуртаи ҶТ зарур мебошад. Яке аз низоми суғуртаҳое, ки имрӯз дар давлатҳои пешрафта рушд намудааст ин:

**Фонди ғайридавлатии нафақа, ки** шакли махсуси ташкили суғуртаи шахсӣ, ки пардохти нафақаро ба суғурташудагон бо расидан ба синну соли муайян (одатан синни нафақавӣ), новобаста аз пардохти нафақаи давлатӣ кафолат медиҳад. Новобаста аз шакл шартномаи суғурта барои пайдо шудани муносибатҳои ҳамдигарии суғуртавӣ асос ҳисоб мешавад.

Ширкати суғуртавӣ ин сохтори мустақили муносибатҳои иқтсодӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилӣ мебошад, ки фаъолияти суғуртавиро дар доираи қонунгузории ҷорӣ анҷом медиҳад.[3]

Функсияҳои асосии ширкати суғуртавӣ аз инҳо иборатанд:

•бастани шартномаҳои суғуртавӣ;

•ташаккули фонди суғуртавӣ;
•пардохти ҷубронҳо ва маблағҳои суғуртавӣ;
•инвеститсияи маблағҳои озод ва ғ.

Ширкатҳои суғуртавӣ асоси сохтори инвеститсионии бозори суғуртаро ташкил медиҳанд. Таснифи ширкатҳои суғуртавӣ тибқи аломатҳои зер гузаронида мешавад:

- аз рӯи мансубият - саҳомӣ, давлатӣ ва ҳукуматӣ;
- аз рӯи амалиёти иҷрошаванда - ширкатҳои махсус (суғуртаи шахсӣ ва ё амволӣ), универсалӣ ва азнавсуғуртакунӣ.
- аз рӯи ҳудуди хизматрасонӣ - маҳаллӣ, минтақавӣ ва байналхалқӣ;
- аз рӯи ҳаҷми Фонди оинномавӣ ва ҳаҷми воридшавии пардохтҳои суғуртавӣ - калон, миёна ва хурд.

Хусусиятҳои ташкилӣ ва фаъолияти намудҳои муҳими ширкатҳои суғуртавиро тибқи мансубияташон (ба молик) дида мебароем:

Ҷамъияти саҳомӣ шахси ҳуқуқӣ буда, соҳиби номи ширкатӣ (фирмавӣ), нишони ширкат ва мӯҳр бо номи худ мебошад. Ҷамъият аз лаҳзаи бақайдгирии давлатӣ мақоми шахси ҳуқуқиро пайдо мекунад.

Барои иҷрои амали суғурта зарур аст, ки иҷозатнома (литсензия) гирифта шавад. Ҷамъиятҳои саҳомии суғуртавии шакли пӯшида вуҷуд доранд, ки саҳмияҳояшон танҳо дар байни муассисони онҳо паҳн карда мешаванд ва ҷамъиятҳои саҳомии суғуртавии шакли кушода ҳастанд, ки саҳмияҳои онҳо озодона харидаю фурӯхта мешаванд.

Шариксоҳиби амволи муттаҳидаи ҷамъияти саҳомии шакли кушода расман ҳар шаҳрванд, ки ақалан як саҳмияро харидааст, шуда метавонад. Аммо барои ҳуқуқи ҳақиқӣ доштан дар идоракунӣ ва корфармоии амволи ҷамъияти саҳомии суғуртавӣ миқдори назарраси саҳмияҳоро (пакети назоратӣ)доштан зарур аст.

Фонди оинномавии ҷамъияти саҳомии шакли пӯшида аз ҳисоби аъзоҳаққиҳои муассисон бунёд меёбад, ҷамъияти шакли кушода бошад, бо роҳи табодули аъзоҳаққиҳо ба саҳмияҳо барои муассисон ва даъватшудагон барои иштирок дар ҷамъияти саҳомӣ ташаккул меёбад. Муассисон ва саҳомон аъзоҳаққиҳои худро метавонанд ба намудҳои зерин пешкаш намоянд:

-маблағҳои пулӣ бо асъори миллӣ ё бо асъори хориҷӣ;
-намудҳои гуногуни амвол (бино, иншоот, таҷҳизот ва ғ.);
-ҳуқуқи истифодаи замин, об ва дигар захираҳои табиӣ, биноҳо, иншоот ва таҷҳизот;
-дигар ҳуқуқҳои амволӣ (аз ҷумла ба моликияти ақлонӣ, «Ноу-хау» ва ғ.)

Саҳмияҳои ҷамъияти кушода аз як шахс ба шахси дигар бе мувофиқаи дигар саҳомон гузашта метавонанд. Саҳмияҳои ҷамъияти пӯшида ба якдигар танҳо бо мувофиқаи аксарияти саҳомон гузашта метавонанд. Ширкати саҳомии суғуртавӣ ғайр аз ширкати асосӣ, метавонад дигар воҳидҳои дорои сатҳҳои гуногуни мустақилият ва фаъолиятро ҳамроҳ кунад. Дар мамолики иқтисоди бозоргонӣ ғайр аз

сарширкат, шуъбаҳои ҷамъияти суғуртавӣ низ шахсони ҳуқуқӣ шуда метавонанд, лекин намояндагӣ, агентӣ ва шӯъбаҳо дорои чунин мустақилият нестанд.

Намояндагии ширкати суғуртавӣ, чун қоида, бо ҷамъоварии маълумот ва реклама машғул шуда, фаъолияти тиҷоратӣ намебарад. Агентии ширкати суғуртавӣ ҳуқуқ дорад, тамоми функсияҳои намояндагӣ ва амалиёти муайяни суғуртавӣ, аз он ҷумла бастани шартнома ва иҷрои онро адо намояд.[7]

**Ширкатҳои суғуртавӣ** ширкатҳои ғайритиҷоратӣ мебошанд, ки фаъолияти онҳо ба субсидияҳо (дастгирӣ) асос ёфтааст. Онҳо ба суғуртаи бекорӣ, суғуртаи ҷуброни коргарон ва хизматчиён, инчунин ба суғуртаи коршоямии касбӣ субсидия мекунанд. Аксар вақт ширкатҳои суғуртавӣ аз пардохти андозҳои давлатӣ озоданд.

Танзими давлатии фаъолияти суғуртавӣ бояд инкишофи системаи миллии суғуртавиро таъмин намояд ва ба соҳаи суғурта дар иқтисодиёт назорати таъсирбахш расонад. Заминаи қонунгузории танзими ҳуқуқии бозори суғуртаи миллиро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғурта», ки 20-июли соли 1994 қабул гардидааст, гузоштааст.

Мутобиқи қонуни мазкур ҳамаи ширкатҳои суғуртавӣ, аз ҷумла ширкатҳои суғуртавии муштарак бо иштироки фирмаҳои хориҷии суғуртавӣ, бахшҳои онҳо, ки ба фаъолияти суғуртакунӣ машғуланд, дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди ҳатмии давлатӣ гирифта мешаванд.

Бақайдгирии ширкатҳои суғуртавӣ на дертар аз 30 рӯзи ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон додани ариза, бо пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зерин анҷом мепазирад:

-пратокол (қарор) дар барои таъсиси ширкати суғуртавӣ;

-шартномаи таъсисдиҳӣ;

-оиннома (низомнома);

-маълумот дар барои мувофиқати касбии роҳбарони ширкати суғуртавӣ (роҳбар, сармуҳосиб) тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.[1]

Ширкати суғуртавӣ аз лаҳзаи бақайдгирифтанаш ба худ статуси шахси ҳуқуқиро мегирад. Бақайдгирӣ мумкин аст бо сабабҳои зерин рад карда шавад:

- вайронкунии тартиботи аз тарафи қонун ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқараргардидаи таъсиси ширкат;

- мувофиқат накардани ҳуҷҷатҳои таъсисӣ ба талаботи қонунугзории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-аз ҷиҳати касбӣ номувофиқ будани роҳбарон.

Ҳангоми беасос рад шудани бақайдгирии давлатӣ муассисони ширкати суғуртавӣ метавонанд ба суд муроҷиат намоянд. Иҷозатномаро барои анҷом додани фаъолияти суғуртавӣ ба ширкати суғуртавӣ мақомоти назорати давлатии суғуртавии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси ҳуҷҷатҳои зерин медиҳад:

- дар асоси ариза бо замимаи ҳуҷҷатҳои таъсисдиҳӣ; шаҳодатномаи бақайдгирӣ; маълумотнома дар бораи ҳаҷми пардохти фонди оинномавӣ; асоснокии иқтисодии фаъолияти суғуртавӣ; қоидаҳои намудҳои суғурта; ҳисобҳои тарифҳои суғуртавӣ; маълумот дар бораи роҳбарон ва муовинҳо;

-ба ширкатҳои суғуртавие, ки асоси фаъолияташон мутлақо азнавсуғуртакунӣ мебошад, дар асоси ариза бо замимаи ҳуҷҷатҳои муассисӣ; шаҳодатномаи бақайдгирӣ; маълумот дар бораи ҳаҷми пардохти фонди оинномавӣ; маълумот дар бораи роҳбарон ва муовинон. Иҷозатнома барои анҷомдиҳии суғуртаи ихтиёрӣ ва ҳатмии шахсӣ, суғуртаи амвол ва суғуртаи масъулият, инчунин азнавсуғуртакунӣ, ки агар асоси фаъолияти суғуртакунанда танҳо азнавсуғуртакунӣ бошад, дода мешавад. Дар ин ҳолат дар иҷозатнома намуди мушаххаси суғурта, ки суғуртакунанда ҳуқуқи иҷрои онро дорад, нишон дода мешавад. Мақомоти назорати давлатии назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аризаи шахсони ҳуқуқиро дар бораи додани иҷозатнома дар мӯҳлати на зиёда аз 30 рӯзи ворид гаштани ҳуҷҷатҳои номбаршуда баррасӣ менамояд.[5]

Хулоса, барои рушди муносибатҳои суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудани намуд ва шаклҳои муносибатҳои суғуртавӣ бо ҷорӣ намудани технологияҳои нави иқтисодёти рақамӣ ниёз дорад, ки дар натиҷаи таъсири байниҳамдигарии шаклҳои истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ аҳамияти муҳим дорад. Дар натиҷаи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар рушди муносибатҳои фаъолияти суғуртавӣ самаранокии даромаднокии шаклҳои суғурта зиёд мегардад, рушди муносибатҳои иҷтимоии суғуртавӣ ба вуҷуд меояд, муносибатҳо ва хадамотҳои нави суғурта ташкилгардида, дар бозори меҳнати бахши суғурта тағйиротҳо ба вуҷуд меоянд.

## АДАБИЁТ

1. Раҳимов З.А. Фаъолияти суғурта. Душанбе-Ирфон 2012.

2. Василий Л. Краткий самоучитель Интернета; 2-е издание. – М.: Эксмо, 2012. С.12.

3. Князева Г.В. Учебное пособие по дисциплине «Электронный бизнес». Волжский университет имени Татищева, -Тольятти, -2012. -С.8.

4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, аз 26.12.2019с. [Текст] URL:http://www.president.tj/node/21975

5. Юрасов А.В. Электронная коммерция: Учеб. пособие. – М.: Дело, 2003. С.30.

## ТАКМИЛДИҲӢ ВА РУШДИ НИЗОМИ СУҒУРТА ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ

Дар тадқиқоти мазкур доир ба рафти рушди низоми муносибати суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври васеъ дар корхонаву ташкилотҳо, системаи идоракунии давлатӣ, байни шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ дида баромада шудааст. Дар рафти идора, ки низоми истифодаи

технологияи коммуникатсионӣ рушд намудааст, корхонаҳо ва муассисаҳо ба фаъолияти иқтисодии давлат, ки ба таъмини мавҷудият ва фаъолият, ҳимояи онҳо аз падидаҳои гуногуни номатлуб асос меёбад, таъсир мерасонад.


## СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ И РАЗВИТИЕ СИСТЕМЫ СТРАХОВАНИЯ В УСЛОВИЯХ ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ

В этом исследование мы рассмотрели развитие системы общественных отношений страхования в Республики Таджикистана в целом на предприятиях и в организациях, системе государственного управления и между людьми и государственного управления. В ходе управления сложилась система использования коммуникативных технологий и связи, оказывают влияние основные предприятия и учреждения государственной деятельности, в основе которых лежит обеспечение существования и деятельности, ее защита от различных нежелательных явлений.

## IMPROVEMENT AND DEVELOPMENT OF THE INSURANCE SYSTEM IN THE DIGITAL ECONOMY

In this study, we examined the development of the system of public insurance relations in the Republic of Tajikistan as a whole in enterprises and organizations, the system of public administration and between people and public administration. In the course of management, a system of using communication technologies and communications has developed, influencing the main enterprises and institutions of government activity, which are based on ensuring the existence and activity, its protection from various undesirable phenomena.


**Маълумот дар бораи муаллиф:**


**Раҳимов Файзали Саъдуллоевич -** Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи система ва технологияи иттилоотӣ дар иқтисодиёт **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. **Тел:** 988-72-21-23. **Почтаи электронӣ**: cheh-16@mail.ru


**Сведения об авторе:**


**Раҳимов Файзали Саъдуллоевич** - Таджикский государственный финансово-экономический университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры информационные системы и технологии в экономике **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. **Тел:** 988-72-21-23. **Электронная почта**: cheh-16@mail.ru


**Information about author:**


**Raimov Faizali Sadulloevich** - Tajik State University of Finance and Economics, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Information Systems and Technologies in Economics Address:

734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Tel: 988-72-21-23. Email: cheh-16@mail.ru

## КЛАСТЕРҲОИ РУШДИ БОЗОРИ ПАХТА ДАР ШАРОИТИ ГУНОГУНИИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ

*Шерматов Р.Б. -– муаллими калони кафедраи системаи иттилоот дар иқтисодиёти ДМТ*

Мирзоев А.М. *– муаллими калони кафедраи системаи иттилоот дар иқтисодиёти ДМТ*

Шерматов Ғ.Р. - унвонҷӯйи *кафедраи системаи иттилоот дар иқтисодиёти ДМТ*

Самти асосии рушди устувор дар шароити технологияи муосир ин истифодаи оқилонаи захираҳои мавҷуда мебошад, ки дар асоси он моделҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ таҳия карда мешаванд, ки ба истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ нигаронида шудаанд. Дар асоси ин ҷустуҷуи имкониятҳои нави тараққиёт бо назардошти сарфаи максималии захираҳои табиӣ, инчунин намудҳои гуногуни истеҳсолот ва роҳҳои қонеъ гардондани талаботи имрӯза вусъат меёбад. Аз ин рӯ, тараққиёти устувори сохторҳои кооперативии комплексии пахтакорӣ дар баробари механизмҳои ташкилию хоҷагӣ ташаккул ва ҷорӣ намудани механизми технологияи сарфаи захираҳоро талаб мекунад.

Маълум аст, ки мавҷуд будани захираҳо сохтори кооперативии комплексии пахтакории мамлакатро вазифадор мекунад, ки дар асоси фаъолгардонии захираҳои табиӣ усулҳои нави истифодаи захираҳои табииро кор карда бароянд. Дар ин шароит равандҳои тезонидани ташаккули механизми технологияи сарфаи захираҳо ва гузаштан ба бомуваффақият татбиқ намудани технологияи нави сермаҳсул ва сарфакунандаи захираҳо дар фаъолияти сохторҳои комплексии пахтакории мамлакат нав карда мешаванд. Татбиқи ин механизм бояд ба афзоиши доимии истеҳсоли пахта, оқилона истифода бурдани захираҳои замин, ба кор бурдани тадбирҳои агробиологӣ, ба кор андохтани навъҳои серҳосили пахта, нав кардани базаи мошинӣ-технологӣ, тайёр кардани кадрҳои баландихтисоси соҳа, фаъол гардондани таҷҳизоти инноватсионӣ дар кори сохторҳои комплексии соҳаи пахтакории мамлакат муосидат кунад.

Тибқи "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030", барои амалӣ намудани имкониятҳои рақобатпазирии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити Ташкилоти умумиҷаҳонии тиҷоратӣ яке аз пешомадҳои рушди соҳаи пахтакорӣ ин таъсис ва ташаккули кластерҳои ҳудудӣ-истеҳсолӣ, кластерҳои инноватсионии дорои технологияҳои баланд ва инчунин, кластери агросаноатӣ мебошанд. Мувофиқи "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030" Консепсияи рушди

кластерҳои инноватсионӣ пешбинӣ гардидааст, ки иштироки фаъолонаи мақомоти давлатӣ ва маҳаллиро дар ин равандҳо, аз ҷумла дар рушди механизмҳои дастгирии лоиҳаҳо дар назар дорад. Ташаккул ва рушди кластерҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба роҳ монда шудааст. Ҳамзамон, тахти мафҳуми кластер дар қонунгузории амалкунанда маҷмӯи минтақаҳои махсуси иқтисодии як ё якчанд намуд дар назар дошта шудааст, ки онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намуда, онро як ширкат идора менамояд. Рушди кластерҳои соҳавӣ ва озуқавӣ заминаи афзоиши интенсивии рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ ва таҳкими механизмҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ мебошад.

Ба ақидаи иқтисоддонҳо Пиризода Ҷ.С., Маҳмадиев Ф.Б., Ҷалилов Ш.Н., «…Сиёсати кластерӣ - яке аз равишҳои муҳимтарини инноватсионӣ дар гузариш аз модели аграрию саноатӣ ба модели саноатию аграрии макроиқтисодиёт барои кишоварзӣ мебошад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ чунин равиш метавонад бо мушкилиҳо дучор оянд, аммо ба фаъолияти самаранок бо роҳи таъмини рушди кластерии иқтисодиёти миллӣ ва комплекси агросаноатӣ дар маҷмӯъ оварда мерасонад». Ба гуфтаи Набиев Т.Т. «...дар шароити кластеризатсия системаи нишондиҳандаҳо дараҷаи омодагии минтақаро ба ташкили сохторҳои аграрӣ инъикос менамояд. Тавассути системаи нишондиҳандаҳои ташаккули кластерҳои кишоварзӣ баҳодиҳии иқтисодии минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ гузаронида мешавад. Барои ноил шудан ба амнияти озуқаворӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзӣ бояд кластерҳои махсуси кишоварзӣ ташкил карда шаванд. Зарурати рушд бояд ба мавҷудияти заминаҳои рушди иқтисоди агрокластерӣ асос ёбад. Бо назардошти истифодаи системаи нишондодҳои махсусгардонии кластерҳои аграрӣ ҷумҳурӣ ва минтақаҳои онро аз рӯи сатҳи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба кластерҳои зерин тақсим кардан мумкин аст. Масалан, кластери ғалла, пахта, мева-сабзавот, маҳсулотҳои гӯштӣ ва ширӣ”.

Ҳамин тавр, сарфи назар аз баъзе таҳқиқотҳо оид ба назарияи кластерҳо ва умуман кластерҳои агросаноатӣ, аз ҷумла, барои воқеияти тоҷикӣ ҳам дар сатҳи таҳқиқоти методӣ ва ҳам дар сатҳи амалӣ корнашуда мемонад. Кластери пахта низоми асосии идоракунии сиёсати агросаноатии минтақавӣ оид ба гирифтан, азнавтақсимкунии арзиши иловашуда ва истифодаи маҷмуии иқтидори иҷтимоию иқтисодии минтақа мебошад. Богданова О.В. ва Никонорова О.С., муайянкунии консепсияи «кластери аграрӣ»-ро ҳамчун маҷмуи корхонаю ташкилотҳо ифода менамояд, ки аз рӯи принсипи мансубият ба комплекси мушаххаси саноатии истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлок муттаҳид шудаанд. Асоси кластер корхона ё ташкилоте мебошад, ки дорои иқтидори максималии инноватсионӣ мебошад.

Сарфи назар аз мавҷудияти баъзе корхонаҳо ва ширкатҳои муваффақ дар кластер хеле суст ҷараён доранд».

Чунин сохторҳои алоҳидаи бомуваффақият танҳо пешравии қатъиро дар комплекси агросаноатӣ таъмин карда наметавонанд, вале дар зеркомплекси пахтакорӣ афзалиятҳои муайян доранд:

-имкон медиҳад, ки манбаи андозбандишаванда мустаҳкам карда шавад;

-бо мақсади баланд бардоштани сатҳи шуғли аҳолии деҳот ҷойҳои корӣ таъсис медиҳад;

-барои ташаккули инфрасохтори деҳот шароит фароҳам меорад;

-барои танзими ҷараёнҳои сармоягузорӣ шароит фароҳам меорад;

-сатҳи самаранокии маблағҳои гузошташударо муайян мекунад;

-ба афзоиши фаъолияти соҳибкорӣ дар бозорҳои комплекси агросаноатии мамлакат мусоидат мекунад;

-механизмҳои паҳнкунии босуръати инноватсияҳоро дар ҳамаи корхонаҳо кластер таҳия менамояд;

-низоми таъминоти иттилоотии таҳқиқоти мақсадноки омориро такмил медиҳад.

Барои ба низоми ягонаи ба ҳам алоқаманди иқтисодиёт табдил додани воҳидҳои ҳудудии деҳот ва хоҷагиҳои истеҳсолоти агросаноатӣ, ба ном ташаккули кластерӣ аз нуқтаи назари назария ва таҷриба шарту зарурияти муайян ба миён меояд.

Механизми дигари рушди кластерҳо ин маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути татбиқи муқаррароти дар Қоидаҳои тақсимот ва пешниҳоди субсидияҳо аз буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои амалисозии чорабиниҳое, ки дар барномаҳои рушди кластерҳои минтақавии инноватсионии пилотӣ пешбинӣ шудаанд, ифшо карда мешавад.

Ин механизмҳо имкон фароҳам меоранд, ки ки дастгирии молиявии давлатӣ бо мақсади татбиқи доираи васеи лоиҳаҳои кластерӣ истифода бурда шавад.

Рушди кластерҳо метавонад ғайримустақим тавассути маблағгузории давлатӣ ба соҳаи илм, инноватсия, иҷтимоиёт ва ғайра таъмин гардад.

Маблағгузории кластерҳоро ғайр аз механизмҳои номбаршуда, чунин ташкилотҳои институтсионалӣ ба монанди Фонди сармоягузорӣ, Фонди дастгирии корхонаҳои хурди инноватсионӣ дар соҳаи илму техника метавонанд дастгирӣ намоянд.

Барои баландбардории самаранокии ташаккул ва рушди лоиҳаҳои кластерӣ ҳамчун самти муҳимтарини баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва диверсификатсияи иқтисодиёт, таҳияи тавсияҳои методӣ оид ба татбиқи сиёсати кластерӣ дар ҷумҳурӣ зарур аст.

Бояд қайд намуд, ки дар натиҷаи ислоҳоти соҳаи аграрӣ дар комплекси агросаноатии мамлакат бо назардошти ташаккули механизми бозорӣ иқтисодиёти бозории серсохтор ташаккул ёфта, гузаштан ба шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ ба амал меояд. Аз ин рӯ, имрӯз қисми зиёди корхонаҳои хоҷагии қишлоқ ва соҳаи коркарди ҷумҳурӣ шаклҳои нави ташкилиро, ки ба иқтисоди бозорӣ асос ёфтааст пайдо кардаанд.

Дар хоҷагии қишлоқ бисёр корхонаҳои калони коллективӣ ва давлатӣ ба хоҷагиҳои хурди деҳқонӣ ва ёрирасон табдил ёфтанд. Шумораи онҳо тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021, 167,2 ҳаз.адад мебошад, ки дар баланд бардоштани самаранокии соҳаҳои коркард, таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти озуқаворӣ ва рушди соҳаи кишоварзӣ саҳми муайян доранд.

Пеш аз гузаштан ба муносибатҳои бозорӣ дар ҷумҳурӣ ба масъалаи ҳамгироии агросаноатӣ диққати калон дода мешуд. Инро бо он маънидод мекунанд, ки инкишофи равандҳои ҳамгирой дар комплекси озуқаворӣ ба мақсад мувофиқ будани таъмини ягонагӣ ва муттасилии марҳалаҳои ба ҳам алоқаманди истеҳсол, нигоҳ доштан ва коркарди маҳсулоти зудвайроншавандаи хоҷагии қишлоқ вобаста аст. Инчунин ба мушкилоти беҳтар намудани муносибатҳо дар соҳаи коркарди маҳсулоти хоҷагии қишлоқ низ диққат дода мешуд.

Аммо дар давраи гузариш ба бозор алоқаҳои истеҳсолию иқтисодии байни хоҷагии қишлоқ ва саноати коркард барҳам дода шуданд. Дар натиҷа истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ва озуқаворӣ хеле кам шуд, баъд аз он вайрон шудани системаи идоракунии комплекси агросаноатӣ, шитобкорона тезонидани раванди хусусигардонӣ; суст шудани пардохтҳо, қобилияти аҳолӣ ва сохторҳои иқтисодӣ; ноустувории нархи энергия; системаи комплексии андозбандӣ ва ғайра. Барои ҳалли ин ва дигар проблемаҳо зарурати гузариш ба раванди кластеркунонӣ пеш омад, ки ба тараққиёти устувори хоҷагии қишлоқ нигаронда шудаанд. Ба гуфтаи Фролов А.В. “кластер - ин як институти муосири самараноки ҳудудӣ мебошад, ки давлат, соҳибкорӣ ва ҷомеаи маҳаллиро муттаҳид мекунад, замина, муҳити рушд ва ҳамкории мутақобилаи муҳити иқтисодиро дар бар мегирад, сармояи репродуктивӣ ва иқтидори инноватсионии ҳудудро бо роҳи муттаҳид намудани субъектҳои хоҷагидор ташкил медиҳад".

Ҳамин тариқ, алгоритми ташаккули кластер ин пайдарпайии мантиқии таҳлили омилҳо; коркарди низоми меъёрҳо ва маҳдудиятҳое, ки субъектҳои зерсоҳаи пахтакориро ҳамчун иштирокчиёни эҳтимолии кластер муайян мекунанд; муайян кардани алоқамандиҳои афзалиятноктарини вазифавӣ дар кластер ва андозаи таъсири мутақобилаи онҳо; баҳодиҳии синергетикии кластери ташаккулёфта мебошад.

Ҳамчун меъёри марбуткунандаи субъектҳои зерсоҳаи пахтакорӣ барои иштирокчиёни кластери пахтакорӣ, инҳоро интихоб кардан мумкин аст:

- мавҷудияти корхонаҳои дорои сатҳи баланди рақобатпазирӣ дар минтақа;
- мавҷудияти бартариҳои рақобатии минтақавии ба рушди кластер мусоидаткунанда;
- зичии минтақавӣ ва наздикии иштирокчиёни потенсиалӣ дар кластер;

- мавҷудияти робитаи мутақобилаи байни иштирокчиёни потенсиалии кластер дар асоси занҷираи технологии истеҳсол, нигоҳдорӣ ва коркарди пахта;

- мавҷудияти робитаҳои мутақобила байни корхонаҳои зерсоҳаи пахтакорӣ бо муассисаҳои таълимӣ ва илмӣ-тадқиқотӣ; - таъмин будан бо инфрасохтор.

Ба андешаи мо, равандҳои ташкили кластери пахта дар сохторҳои кооперативӣ муттаҳидшудаи зеркомплекси пахтакории минтақавӣ бояд аз якчанд марҳила иборат бошад, аз ҷумла: таъсиси шӯрои ҳамоҳангсоз, ки метавонад намояндагони мақомоти давлатӣ ва маҳаллӣ ташкилотҳои таъминкунанда ва коркардкунандагони ашьёи хом ва дигар шахсони манфиатдор. Баъзе аз аъзои шӯрои коршиносон дар оянда метавонанд аъзои шӯрои ҳамоҳангсозӣ ё агенти шабакавӣ шаванд, ки барои ҳамоҳангсозии идоракунии кластери пахта дар сохторҳои муттаҳид масъуланд. Сипас, асоснок кардани самаранокии ташкили кластери пахта, арзёбии иқтидор ва махсусгардонии он, ташкили шӯрои ҳамоҳангсозӣ, таҳияи системаи ҳавасмандгардонии хоҷагиҳои иштироккунанда, муайян кардани таркиби кластери пахта, мураттаб сохтани ҳадаф ва вазифаҳо, таҳияи принсипҳои фаъолият ва модели кластери пахта, татбиқи барномаи рушди кластер. Дар марҳилаи ниҳоӣ баҳодиҳии самаранокии фаъолияти кластери пахта дар сохторҳои муттаҳидшуда ва ислоҳ кардани барномаи рушди он зарур аст.

| № | МУНДАРИҶАИ МАРҲИЛАҲО | ИҶРОКУНАНДАГОН |
|---|---|---|
| 1. | Арзёбии самаранокии ташкили кластер | Воҳидҳои сохтории мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ; Шӯрои коршиносон (Шӯрои ҳамоҳангсозӣ); агентиҳои машваратӣ |
| 2. | Омӯзиши иқтидор ва самти кластер | Шӯрои коршиносон; Иштирокчиёни эҳтимолии кластер; агентиҳои машваратӣ |
| 3. | Ташаккули сохтори идоракунии кластер | Воҳидҳои сохтории мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ; Шӯрои коршиносон |
| 4. | Таҳияи системаи ҳавасмандгардонии иштирокчиён | Шӯрои коршиносон; Иштирокчиёни эҳтимолии кластер; |
| 5. | Муайян кардани ҳадафҳо ва вазифаҳои кластер | Шӯрои коршиносон; Иштирокчиёни эҳтимолии кластер; |
| 6. | Муайян кардани хайати иштирокчиёни кластери пахта | Иштирокчиёни эҳтимолии кластер; Гурӯҳи кории ташаббуси кластерӣ |

| | | |
|---|---|---|
| 7. | Арзёбии имкониятҳои захиравӣ барои ҳавасмандгардонии нуктаҳои асосии рушди минтақа | Иштирокчиёни эҳтимолии кластер; Шӯрои коршиносон |
| 8. | Ташаккули муқаррароти ташкилию ҳуқуқӣ барои ташкили кластер | Воҳидҳои сохтории мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ; Иштирокчиёни эҳтимолии кластер; |
| 9. | Асосноксозии техникӣ-иқтисодии лоиҳаи ташкилии кластер | Шӯрои коршиносон; Хидматҳои машваратӣ |
| 10 | Тақсимоти ӯҳдадориҳои ташкилӣ байни аъзоёни кластер | Иштирокчиёни эҳтимолии кластер; |

**Ҷадвали 1 -** Марҳилаҳои асосии ташаккули кластери пахта

Дар ташаккул ва рушди кластери пахта тадбирҳо бо иштироки давлат нақши муҳим доранд. Давлатро мақомоти минтақавӣ ва ниҳодҳои махсус намояндагӣ мекунанд, ки шароити институтсионалӣ ва ҳуқуқии рушди кластерро ташкил медиҳанд, муколама ташкил мекунанд ва манфиатҳои иштирокчиёнро мувофиқ мегардонанд ва ба ташаббусҳои инфиродии кластер дастгирии молиявӣ мерасонанд. Давлат, ки дар мақомоти минтақавӣ намояндагӣ мекунад, ҷонибҳои манфиатдорро муттаҳид мекунад, намоишгоҳҳо ва ярмаркаҳо ташкил мекунад, хадамоти машваратӣ мерасонад, ҳифзи ҳуқуқӣ медиҳад, монеаҳоро бартараф мекунад, инфрасохторро эҷод мекунад, молҳоро пеш мебарад ва субсидия медиҳад.

Барои ташкили кластери пахта давлат нақши асосиро мебозад ва метавонад рушди сохторҳои кооперативии ҳамгирошудаи зеркомплекси пахтакориро дар шакли кластер тавассути амалӣ намудани чорабиниҳои гуногун ҳавасманд гардонад:

• робитаи зич байни кластерҳои пахта ва минтақаҳои озоди иқтисодии аллакай таъсисёфта;

• такмили механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ бо сохторҳои ҳамгирошудаи кооперативӣ дар сатҳи минтақавӣ ва маҳаллӣ, аз ҷумла дар татбиқи лоиҳаҳои инфрасохторӣ ва рушди паркҳои инноватсионии технологӣ;

• таъсиси платформаи муколамаи субъектҳои гуногун-иштирокчиёни кластери пахта ва муайян намудани вазъи рушди кластерҳои иқтисодӣ дар сатҳи ҳудудӣ, аз ҷумла муайян намудани сохтори кластерҳо;

• ташаккул додани платформаҳо барои иштирокчиёни эҳтимолии кластерҳои ҳудудӣ, аз ҷумла пахтакорӣ, аз ҳисоби сохторҳои ҳамгирошудаи онҳо, мусоидат ба табодули таҷриба байни минтақаҳо оид ба ташаккули сиёсати кластерӣ дар ин самт;

• мусоидат дар муттаҳидсозии иштирокчиёни соҳаи пахтакорӣ,

татбиқи барномаҳои мусоидат ба воридшавии корхонаҳои кластерӣ ба бозорҳои хориҷӣ, татбиқи сиёсати таълимӣ бо намояндагони асосии кластер мувофиқашуда, фароҳам овардани имкониятҳо барои алоқа ва ҳамкорӣ; байни корхонахо ва муассисахои таълимй;

• диверсификатсияи талаботи маҳаллӣ тавассути ҷойгиркунии фармоишҳои давлатӣ ба ширкатҳои маҳаллӣ ва баланд бардоштани малакаи қувваи кории маҳаллӣ тавассути татбиқи барномаҳои таҳсилоти иловагӣ ва бозомӯзии кадрҳо;

• таъсиси «бренд» барои ҷалби сармояи хориҷӣ ба сохторҳои ҳамгирошудаи кооперативӣ ва такмил додани системаи идоракунии давлатӣ дар сохторҳои кооперативӣ;

• баланд бардоштани самаранокии истифодаи маблағҳои давлатӣ дар сохторҳои ҳамгироии кооперативӣ дар сатҳи минтақавӣ ва ташкили агентиҳо (муассисаҳо) оид ба рушди минтақавӣ, ки вазифаҳои асосии онҳо бояд назорат ва таҳлили рушди иқтисодӣ дар сохторҳои ҳамгирошудаи кооперативӣ бошанд;

• такмили заминаи меъёрии ҳуқуқӣ.

Давлат, ки ба сифати мақомоти минтақавӣ намояндагӣ мекунад, ҷонибҳои манфиатдорро муттаҳид мекунад, намоишгоҳҳо ва ярмаркаҳо ташкил мекунад, хидматҳои машваратӣ мерасонад, ҳифзи ҳуқуқӣ медиҳад, монеаҳоро бартараф мекунад, инфрасохторро эҷод мекунад, ба пешбурди мол мусоидат мекунад ва субсидия медиҳад.

Пайдарҳамии марҳилаҳо ва тартиби ташаккули кластери пахта дар шароити фаъолияти сохторҳои муттаҳидаи зеркомплекси минтақавии пахтакории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар расми 1 оварда шудааст.

Ҳамин тариқ, ташкили кластери пахта дар Тоҷикистон метавонад самаранокии фаъолияти сохторҳои ҳамгирошудаи зеркомплекси пахтакориро таъмин намуда, сохтори мураккаби ташкилию иқтисодӣ дошта бошад.




**Расми 1. -** Марҳилаҳо ва тартиби ташкили кластери минтақавии пахта

Махсусан, дар шароити маҳдуд будани захираҳои молиявӣ фарсудашавии воситаҳои асосии истеҳсолот ва дигар омилҳои эндогению экзогенӣ ба вуҷуд овардан мумкин аст. Аз ин рӯ, дар асоси принсипҳои зарурӣ ва мураккабии усулҳои ташаккули кластери пахта метавон тахмин кард, ки маҳз кластери пахта метавонад фаъолияти самараноки сохторҳои кооперативиро дар доираи комплекси пахтакорӣ дар шароити муосир таъмин намояд.

Ташаккул ва рушди кластери пахтакорӣ имкон медиҳад, ки сохтори идоракунӣ, бахусус заминаи институтсионалии он давра ба давра такмил дода, ҳамкории зич ва масъулиятноки ҳамаи иштирокчиёни сохторҳои ҳамгирошуда пурра таъмин карда, инчунин баҳодиҳии дақиқи самараи иқтисодии он бо мақсад баҳогузорӣ карда шавад. Кластеризатсияи кластери пахта, ба даст овардани сенарияи ба инноватсия нигаронидашудаи рушди мамлакат имкониятҳои зарурӣро барои ворид шудан ба бозорҳои нави маҳсулоти пахта дар асоси васеъ намудани

афзалиятҳои рақобатӣ, таъмин намудани чандирии он дар шароити шадиди рақобат мебошад. Инчунин, ин равиши кластерӣ бо ба даст овардани имкониятҳои нави рушд барои ҳамаи аъзоёни кластер тавсиф мешавад, ки ин ба фарқияти сохторҳои кооперативии комплекси пахтакорӣ дар марҳилаҳои дарозмуддат мусоидат мекунад.

**АДАБИЁТ**


1. Пиризода Дж.С. Теоретические и методологические аспекты функционирования кластеров в экономике аграрного сектора / Пиризода Дж.С., Ф.Б. Махмадиев, Ш.Н. Джалилов // Доклады Таджикской академии сельскохозяйственных наук. –Душанбе, 2020. -№1(63). -С.89-97

2. Набиев Т.Т. Государственное регулирование аграрного сектора экономики Республики Таджикистан в условиях интеграционных процессов//Автор. дисс. …докт. экон.наук. - М., 2014. - С.28-29

3. Давлатова Г.Ф. Теоретические аспекты формирования и развития региональных агропродовольственных кластеров / Г.Ф. Давлатова, Ф.Б. Махмадиев, З.М. Джабборова // Kishovarz. - 2018. -№3. -С.114-116.

4. Богданова, О.В. Методические аспекты формирования регионального аграрного кластера / О.В. Богданова, О.С. Никонорова // Российское предпринимательство. - 2012. -№19(217). -С.139-144.

5. Сухова, М.Ю. Значение кластерного подхода в управлении пропромышленного комплекса / М.Ю. Сухова // Вестник ТГУ. - 2010. -№1(81). -С.122-127

6. Статистический ежегодник. Сельское хозяйство Республики Таджикистан. АСПРТ. Душанбе.-2021. с. 272.

7. Фролов А.В. Формирование кластерной стратегии развития экономики региона. Автореф. дисс. … канд. экон. наук: 08.00.05 / А.В. А.В. Фролов. – Оренбург, 2013. - 28 с.

8. Денисова И.Н. Кластеризация как инструмент повышения конкурентоспособности региональной экономики в условиях глобализации: проблемный аспект / И.Н. Денисова // Российское предпринимательство. - 2009. -Том 10. -№11. -С.148-152


## КЛАСТЕРҲОИ РУШДИ БОЗОРИ ПАХТА ДАР ШАРОИТИ ГУНОГУНИИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ


Дар мақола ташаккул ва рушди бозори пахта дар шароити диверсификатсияи иқтисодиёти миллӣ баррасӣ шудааст. Ташаккул ва рушди кластери пахтакорӣ имкон медиҳад, ки сохтори идоракунӣ, бахусус заминаи институтсионалии он давра ба давра такмил дода, ҳамкории зич ва масъулиятноки ҳамаи иштирокчиёни сохторҳои ҳамгирошуда пурра таъмин карда, инчунин баҳодиҳии дақиқи самараи иқтисодии он бо мақсад баҳогузорӣ карда шавад. Кластеризатсияи кластери пахта, ба даст овардани сенарияи ба инноватсия нигаронидашудаи рушди мамлакат имкониятҳои зарурӣро барои ворид шудан ба бозорҳои нави маҳсулоти пахта дар асоси васеъ намудани афзалиятҳои рақобатӣ, таъмин намудани чандирии он дар шароити

шадид рақобат мебошад.

**Калидвожаҳо:** иқтисод, ташаккул, рушд, бозор, диверсификатсия, институтсионалӣ, кластер, рақобат, чандир, технология, стратегия, инноватсия, модел.

## ФОРМИРОВАНИЕ И РАЗВИТИЕ ХЛОПКОВОГО РЫНКА В УСЛОВИЯХ ДИВЕРСИФИКАЦИИ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ

В статье рассматривается формирование и развитие хлопкового рынка в условиях диверсификации национальной экономики. Формирование и развитие хлопкового кластера позволяет периодически совершенствовать структуру управления, особенно его институциональную основу, в полной мере обеспечивать тесное и ответственное сотрудничество всех участников интегрированных структур, а также точно оценивать его экономическую эффективность. Кластеризация хлопкового кластера, получение инновационно-ориентированного сценария развития страны обеспечивает необходимые возможности выхода на новые рынки хлопковой продукции на основе расширения конкурентных преимуществ, обеспечения ее гибкости в условиях острой конкуренции.

**Ключевые слова**: экономика, формирование, развитие, рынок, диверсификация, институциональный, кластер, конкуренция, гибкость, технология, стратегия, инновация, модель.

## FORMATION AND DEVELOPMENT OF THE COTTON MARKET IN CONDITIONS OF DIVERSIFICATION OF THE NATIONAL ECONOMY

The article examines the formation and development of the cotton market in the context of diversification of the national economy. The formation and development of a cotton cluster allows us to periodically improve the management structure, especially its institutional basis, to fully ensure close and responsible cooperation of all participants in integrated structures, as well as accurately assess its economic efficiency. Clustering the cotton cluster and obtaining an innovation-oriented scenario for the country's development provides the necessary opportunities to enter new markets.

**Key words**: economics, formation, development, market, diversification, institutional, cluster, competition, flexibility, technology, strategy, innovation, model.

**Маълумот дар бораи муаллифон:**

***Шерматов* Ражаб Боймуротович -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи системаи иттилоот дар иқтисодиёт **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. **Тел:** (+992) 904-16-91-69 **Почтаи электронӣ**: cheh-16@mail.ru

**Мирзоев Абдушокир Маҷидович -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи системаи иттилоот дар иқтисодиёт **Суроға:**

734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. **Тел:** (+992) 919-22-95-31 **Почтаи электронӣ**: cheh-16@mail.ru

**Шерматов Гуломҷон Раҷабович -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи системаи иттилоот дар иқтисодиёт **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. **Тел:** 919-22-95-31.

**Сведения об авторах:**

**Шерматов Раджаб Боймуротович** – Национальный университет Таджикистана, старший преподаватель кафедры информационных систем в экономике Адрес: 734025, Республика Таджикистан, ш. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Тел: (+992) 904-16-91-69 **Электронная почта** cheh-16@mail.ru

**Мирзоев Абдушокир Маджидович** – Национальный университет Таджикистана, старший преподаватель кафедры информационных систем в экономике **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, ш. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Тел: (+992) 919-22-95-31 **Электронная почта** cheh-16@mail.ru

**Шерматов Гуломжон Раджабович** – Национальный университет Таджикистана, заведующий кафедрой информационных систем в экономике **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, ш. Душанбе, проспект Рудаки, 17. **Тел:** 919-22-95-31.

**Information about authors:**

**Shermatov Rajab Boimurotovich** - National University of Tajikistan, senior lecturer of the Department of Information Systems in Economy **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, sh. Dushanbe, Rudaki avenue, 17. **Tel:** (+992) 904-16-91-69 **E-mail:** cheh-16@mail.ru

**Mirzoev Abdushokir Majidovich** - National University of Tajikistan, senior lecturer of the department of information systems in economics **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, sh. Dushanbe, Rudaki avenue, 17. Tel: (+992) 919-22-95-31 **E-mail:** cheh-16@mail.ru

**Shermatov Gulomjon Rajabovich** - National University of Tajikistan, head of the department of information systems in economics **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, sh. Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. **Tel**: 919-22-95-31.

# ОСОБЕННОСТИ МОДЕЛИРОВАНИЕ ПОКАЗАТЕЛЕЙ СИСТЕМЫ СБАЛАНСИРОВАННОГО РАЗВИТИЯ РЕГИОНОВ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

*Ходиев Д.А. – к.э.н., доцент кафедры менеджмент и маркетинга ТНУ*

*Сафаров А.Х. – к.э.н., ст. преп. кафедры национальной экономики и экономической безопасности ТНУ*

При моделировании сбалансированного развития регионов Таджикистана необходимо обратить внимание на то, что модель должна включать поддержание экологической целостности, развития секторов

экономики региона и удовлетворения основных потребностей человека, сохраняя свободу выбора для будущих поколений, снижения неравномерного распределения доходов и развитие инфраструктуры страны.

Модель показателей устойчивого развития может быть использована как общая схема для развития регионов страны, хотя в ней в основном будет включены показатели эффективного использования природных ресурсов страны, традиционных отраслей экономики и социально-демографические показатели, которые определяют благосостояние населения регионов страны. Для того чтобы модель реально работала, она должна включить основные аспекты развития регионов страны, таких как водные и земельные ресурсы, и управление отходами. Так как они сильно связаны с основным видом экономической деятельности - туризма и сельского хозяйства и благосостояние нации. Кроме того, для определения основных направлений сбалансированного развития регионов страны следует также определить социальные нужды и стремления. Трудно оценить количественно социальные нужды в обществе, но данный показатель может быть включен в процесс определения основных ориентиров сбалансированного развития посредством оценки их активности для участия в общественных процесса их взаимодействие с другими экономическими субъектами.

Таким образом, для систематизации показателей сбалансированного развития регионов Таджикистана используем систематизированную модель сбалансированного динамичного развития как средство для планирования развития социально экономических показателей региона.

Данная модель охватывает многие аспекты развития региона, которые включают экономические, демографические показатели, а также вопросы охраны окружающей среды и социально-культурные ценности. Однако трудность взаимосвязанности этих показатель, которые приводят к конфликтной ситуации, осложняет процесс прогнозирования общих показателей сбалансированного развития регионов. Одним из возможных решений в данном случае является использование комплексного подхода в этапах разработки модели, которое облегчает понимание взаимодействий между различными показателями. Целостный подход может быть достигнут путем системного мышления, который определяет взаимозависимость между различными показателями, которые в конечном итоге выступают как целостная система.

Модель сбалансированного динамичного развития в значительной степени способствует улучшению процесса принятия решений в области стратегического планирования через анализ конкретной ситуации, которое позволяет моделировать различные сценарии ситуаций в регионе. Использование системной модели сбалансированного развития поможет нам хорошо понимать экономические субъекты в рамках системы сбалансированного развития и изучить все вероятные варианты

развития социально-экономических показателей региона в конкретных сценариях.

Таким образом, моделирование показателей сбалансированного развития регионов Таджикистана осуществляется по методике Костанцаи Рут (1998). Они предлагают три этапа для разработки моделей. Первый этап начинается с момента первичного наблюдения и достижения консенсуса. Второй этап называется этапом разработки количественных моделей. Третий этап является этапом разработки модели управления высокого уровня. Предложенная нами модель характерна для моделей первого уровня, которая разрабатывается на основе наблюдения и ориентируется на получение согласия. Она также будет включать научно обоснованные методы, которые способствуют разработке ментальных моделей. Таким образом, разрабатываемая системная модель на основе ментальных моделей, будет основываться на предыдущем опыте, и знание в области социально экономических показателей региона. Она основывается на данных от полученных из заинтересованных сторон и экспертов/экспертных интервью. Таким образом, переходим к основным этапам разработки моделей, которые для достижения сбалансированного развития регионов страны.

Подводя итог весомого значения вышеназванных проблем и других ключевых вопросов развития регионов страны предложенная нами системная модель сбалансированного динамичного развития будет состоять из трех основных подсистем: социально-демографическая подсистема; экономическая подсистема; и подсистема природных ресурсов. В центре внимания системной модели сбалансированного развития будет состоять взаимодействия между экономическими видами деятельности, использование природных ресурсов и их влияние на социально-демографическую среду региона, которая определяет основные ориентиры развития регионов и всестороннее удовлетворение потребностей населения региона для достижения сбалансированного развития. В следующем этапе разрабатываем ментальную модель, которая позволит выявить важные компоненты системы, и устанавливает общие взаимоотношения между компонентами системы (последовательности операций).

Так как развитие экономики Таджикистана в большинстве регионов страны связано с развитием туризма и сельского хозяйство, экономические аспекты модели в основном сделает акцент на этих вида экономической деятельности, а также на отдельные отрасли связанные с туризмом и сельским хозяйством. Эти основные сектора конкурирует за использование природных ресурсов, в частности водных и земельных ресурсов, которые считаются двумя наиболее ограниченные факторами развития. Наличие и пригодность земельных ресурсов с достаточным водоснабжением будет определять устойчивость сельскохозяйственного сектора. С другой стороны, рост числа туристов способствует дальнейшему развитию туристической инфраструктуры, в том числе

горного и исторического туризма. Эти взаимоотношения показаны на рисунке 1.




**Рисунок 1 Схема (последовательность) взаимоотношений между видами экономических деятельностей и использование природных ресурсов**

Рост числа населения региона приводит к росту спроса на жилье, пищу и воды, и увеличению отходов и загрязнение атмосферы. Использование земли и воды для жилых целей влияет на сельскохозяйственный сектор, особенно способность поддерживать само достаточное производство отдельных сельскохозяйственных продуктов в регионах страны (рис, пшеница, картофель и тд.) Отходы производства и загрязнение атмосферы негативно влияет на водные ресурсы, и в конечном итоге влияет на здоровья нации и продолжительности жизни. Эти взаимоотношения показаны на рисунке 2.




**Рисунок 2. Схема (последовательность) взаимоотношений между социально-демографическими факторами региона и использование природных ресурсов**

Некоторые взаимоотношения между экономикой и социально-демографической средой приводит к достижению сбалансированного развития региона. Развитие инфраструктуры (например, строительства больниц, школ, дорог и утилизации твердых отходов, система очищение пресной воды) влияя на благосостояние людей, сделает его привлекательным для туризма, который затем влияет на снижение темпов внешней миграции рабочей силы и трудоспособного населения. Население и социально-культурная сплоченность тесно связана с социально-демографической проблемой, которая затем влияет на сам процесс развития и благосостояния человека. Эти взаимоотношения показаны на рисунке 3.




**Рис. 3. Схема (последовательность) взаимоотношений между развитием региона и его социально демографическими показателями**

Взаимодействия между экономикой и природными ресурсами невсегда происходят напрямую; некоторые взаимодействия связаны с деятельностью в области развития. Развитие инфраструктуры влияет на количество и качество природных ресурсов, так как способность природных ресурсов для удовлетворения нужд людей также основывается на техногенную инфраструктуру. Например, наличие водных и канализационных очистных сооружений является полезным для водных ресурсов. Кроме того развитие региона также влияет на доступность и пригодность земли для орошения сельскохозяйственных культур, а также влияет на гидрологический режим, который в свою очередь влияет на водные ресурсы, особенно под земных запасов воды. Эти взаимодействие показаны на рисунке 4.




**Рис. 4. Схема взаимоотношений между развитием региона и природных ресурсов**

Деятельность по развитию создает условия для создания новых рабочих мест и расширяет возможности для бизнеса, который в конечном итоге формирует дополнительные источники дохода для людей. Доход влияет на состояние региональной экономики через потребительские расходы. Наконец, экономика региона будет влиять на расширение сферы бизнеса и его развития.

Таким образом, после определения взаимосвязи основных элементов системы сбалансированного развития можно предлагать системную модель сбалансированного региона Таджикистана. Модель показывает причинно-следственные связи между основными элементами системы сбалансированного развития региона. Независимо от того что в регионах Таджикистана наблюдается ограничение многих других природных ресурсов в модели были включены только земля и водные ресурсы. Так как основной источник энергии в Республике Таджикистан основывается на водные ресурсы. Другие источники энергии в основном импортируется за рубеж. Соперничество в использование земельных и водных с целью орошения сельскохозяйственных культур, строительства жилья и развития туризма является основой данной модели.

## Литература


1. Бережная И.В., Мельникова Н.В., Методические аспекты оценки уровня сбалансированного развития региона // экономики и управление-2010- №3-4.С.10

2. Г.Е. Мекуш. Кемеровская область, устойчивое развитие: опыт, проблемы, перспективы. М.: Институт устойчивого развития Общественной палаты Российской Федерации/Центр экологической политики России, 2011- С.44.

3. Бобылев С.Н. Индикаторы устойчивого развития: региональное измерение: Пособие по региональной экологической политике. -М.: Акрополь, ЦЭПР, 2007. -60 с.

4. Сорокина Н.С. Система индикаторов устойчивого сбалансированного развития региона // Ползуновский альманах №4/2. 2011, С. 226.

## ОСОБЕННОСТИ МОДЕЛИРОВАНИЕ ПОКАЗАТЕЛЕЙ СИСТЕМЫ СБАЛАНСИРОВАННОГО РАЗВИТИЯ РЕГИОНОВ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В статье рассматриваются моделирование концепции устойчивого сбалансированного развития регионов РТ. Обоснованно модель показателей устойчивого развития как общая схема для развития регионов страны, также выявлены система критериев и факторов оценки устойчивого сбалансированного развития региона.

**Ключевые слова:** моделирование, сбалансированное развитие, индикатор, регион, метод, регионального развития, устойчивого развития.

## ХУСУСИЯТҲОИ МОДЕЛСОЗИИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ НИЗОМИ РУШДИ МУТАВОЗИНИ МИНТАҚАҲО ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола моделсозии консепсияи рушди мутавозини минтақаҳо дида баромада шудааст. Алалхусус модели нишондиҳандаҳои рушди устувор ҳамчун схемаи умумӣ барои инкишофи минтақаҳои ҷумҳурӣ, ҳамчунин системаи критерияҳо ва омилҳои баҳодиҳии рушди мутавозини минтақаҳо муайян шудаанд.

**Калидвожаҳо:** моделсозӣ, рушди мутавозин, индикатор, минтақа, усул, рушди минтақа, рушди устувор.

## FEATURES OF MODELING INDICATORS OF THE SYSTEM OF BALANCED REGIONAL DEVELOPMENT IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article discusses the modeling of the concept of sustainable balanced development of regions of the Republic of Tatarstan. The model of sustainable development indicators as a general scheme for the development of the country's regions is substantiated; a system of criteria and factors for assessing the sustainable balanced development of the region is also identified.

**Key words**: modeling, balanced development, indicator, region, method, regional development, sustainable development.

**Маълумот дар бораи муаллифон:**

**Ходиев Додохон -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти дотсенти кафедраи менеджмент ва маркетинг **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. **Тел:** 935-01-70-51.

**Сафаров Алишер Ҳикматуллоевич -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодӣ **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. **Тел:** 907-96-66-66. **Почтаи электронӣ:** cheh-16@mail.ru

**Сведения об авторов:**

**Ходиев Додохан** – Национальный университет Таджикистана, кандидат экономических наук, доцент, доцент кафедры менеджмента и маркетинга **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, ш. Душанбе, проспект Рудаки, 17. **Тел:** 935-01-70-51.

**Сафаров Алишер Хикматуллоевич** – Национальный университет Таджикистана, кандидат экономических наук, старший преподаватель кафедры национальной экономики и экономической безопасности **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, ш. Душанбе, проспект Рудаки, 17. **Тел:** 900-55-10-40. **Электронная почта:** cheh-16@mail.ru

**Information about the authors:**

**Khodiev Dodokhan** – National University of Tajikistan, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Associate Professor of the Department of Management and Marketing Address: 734025, Republic of Tajikistan, sh. Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Tel: 935-01-70-51.

**Safarov Alisher Khikmatulloevich** – National University of Tajikistan, Candidate of Economic Sciences, Senior Lecturer of the Department of National Economics and Economic Security Address: 734025, Republic of Tajikistan, sh. Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Tel: 900-55-10-40. Email: cheh-16@mail.ru

# ИҚТИДОРИ ЗАХИРАВИИ КОРХОНА ҲАМЧУН ОМИЛИ РУШДИ УСТУВОРИ САНОАТ ДАР ШАРОИТИ МУОСИРИ ИҚТИСОДӢ

*Сайдалиева М.Ч., – магистри курси 2-уми ихтисоси иқтисод ва идора дар корхонаҳои ДМТ*

Соҳаи саноати кишвар дар рушди иқтисодиёт саҳми арзанда дорад. Таъғиротҳои сохторӣ ва тамоюлҳои нави гузариш ба иқтисоди рақамӣ ҷустуҷӯи роҳу шаклҳои нави рушди саноатро барои баланд бардоштани рушди иқтисодӣ бо дарназардошти шаффофияти низоми иқтисодӣ тақозо мекунад [4]. Имкониятҳои пайдошуда дар иқтисодиёти рақамӣ ба рушди робитаҳо ва шаклҳои ҳамкории нав байни корхонаҳо мусоидат мекунанд, ки ба суръатбахшии рушд ва таъмини устувории саноат мусоидат мекунанд [6].

Таъмини рушди устувор дар асоси иқтидори захиравии корхона ҳамчун системаи кушодаи иҷтимоию иқтисодии дорои робитаҳо ва таъсири мутақобилаи беруна ва дохилӣ мебошад. Бинобар ин, ҳангоми баррасии фаъолияти истеҳсолӣ ва иқтисодии корхона бояд тамоми маҷмӯи равандҳои тиҷоратӣ бо арзёбии воридоту содироти захираҳо ва маҳсулот бо мақсади ба ҳисоб гирифтан ва муайян кардани захираҳои ба муомилоти иктисоди чалб карда шуданашон имконпазир аст. Ин имкон медиҳад иқтидори захиравию иқтисодии корхона ва самтҳои рушди он мувофиқ ба шароитҳои муосир дигаргун шавад. Мувофиқи он нуктаҳои назариявӣ ва методологии таъмини тараққиёти устувори корхонаҳо ва комплексхои онҳо дар асоси иқтидори захиравӣ аҳамияти калон пайдо

мекунанд. Илова ба фаҳмиши классикии иқтидори захиравӣ ҳамчун маҷмӯи иқтидори захираҳои гуногун ва ба фаъолияти иқтисодӣ ҷалбшуда, дар доираи рақамисозӣ, бояд ба арзёбии иқтидори захираҳои контрагентҳо, ки шарикони корхона мебошанд, таваҷҷӯҳ зоҳир карда шавад.

Вобаста ба ин, самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ бо назардошти истифодаи захираҳо дар равандҳои тиҷоратии таъминкунандагон муайян карда мешавад. Ин имкон медиҳад иқтидори захиравӣ ҳамчун омили таъмини рушди устувори корхонаҳо ва комплексҳои саноатӣ муайян карда шавад. Иқтидори захиравӣ маҷмӯи захираҳо, намудҳо, миқдор ва сифати муайяни такроristеҳсолкуниро ифода мекунад, ки самаранокии фаъолияти истеҳсолиро тавассути ташкили оқилонаи истифодаи захираҳо дар ҳудуди муносибатҳои муқарраршудаи байни иштирокчиёни муҳити тиҷорат таъмин менамояд.

Шароити муосири иқтисодии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ бо ворид шудани технологияҳои инноватсионии рақамӣ ба тамоми равандҳои фаъолияти корхона тавсиф мешавад, ки имкон медиҳад навовариҳои технологӣ ва идоракунӣ дар сохтори иқтидори захиравӣ ҳамчун ҷузъҳои асосӣ, муайян карда шавад. Дар замони муосир масъалаи асосии иқтисодиёти Тоҷикистон ин дарёфти роҳҳои самарабахши таъминоти стратегияи саноатикунонии босуръати мамлакат ба ҳисоб меравад. Ҳалли амалии ин масъала бевосита бо бартараф намудани оқибатҳои бӯҳрони трансформатсионӣ ва шиддатёбии суръати афзоиши ҳаҷми истеҳсолот дар бахши аслии иқтисодиёт ба ҳисоб меравад. Танҳо дар ҳамин асос ҳалли бисёр мушкилоти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ имконпазир мегардад.

Дар марҳилаи муосир дар адабиёти иқтисодӣ ба тараққиёти низомҳои иқтисодӣ диққати калон зоҳир карда мешавад. Истилоҳи “тараққиёт” одатан бо ибораҳои: тараққиёти иқтисодӣ, тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ истифода мешавад. Дар корҳои илмӣ, ки ба муаммои тараққиёт бахшида шудаанд, қайд карда мешавад, ки он принсипи умумии ҳамагуна низоми иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Ин ҷараёни тағйирёбии бебозгашт ва қонунӣ мебошад, ки ба пайдоиши дигаргуниҳои миқдорӣ, сифатӣ ва сохтории низом оварда мерасонад.

Натиҷаи тараққиёт ҳолати сифатан нави объект мебошад, ки тағйирёбии хислат, таркиб, сохторро тавсиф медиҳад, яъне ин тағйироти унсурҳо ва алоқаҳои он аст. Таҳлили муносибатҳои назариявӣ имкон дод, ки як қатор ҷиҳатҳои низоми тараққиёт Мушкилоти тараққиёти корхонаи саноатӣ дар замони муосир яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Бинобар ин чунин тараққиёт бояд на танҳо мувозинати саноатиро бо истифода аз захираҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ ва молиявӣ, балки, тавозуни натиҷаҳо ва эҳтиёҷоти корхонаи саноатӣ, озодии иқтисодӣ ва бехатарӣ, тавозуни манфиатҳои иқтисодии ҳама субъектони ҷараёнро таъмин намояд. Амалигардонии чунин консепсия

дар ҳолати мавҷудияти мақсад ва масъалаҳои истифодаи иқтидори корхонаҳои саноатӣ имконпазир мегардад.

Ҳангоми гузаронидаи таҳлили захиравӣ ва нишондиҳандаҳои тараққиёти корхонаҳои саноатӣ дар навбати аввал мушоҳида намудани зернизомҳо зарур аст, ки барои тараққиёти корхонаҳои саноат аҳамияти калидӣ доранд: иқтидори табиӣ захиравӣ, сармояи меҳнатӣ, зернизоми истеҳсолӣ, таъминоти молиявӣ. Ин гуфтаҳоро бо он исбот кардан мумкин аст, ки маҷмӯи иқтидори иҷтимоӣ-иқтисодии корхонаи саноатӣ тараққиёти субъекти хоҷагидорӣ, фаъолияти истеҳсолии он, инчунин сатҳ ва сифати коргарро муайян менамояд.

Дар баробари ин ворид намудани иқтидор ба низоми корхонаҳои саноатӣ ҷалб намудани имкониятҳои истифоданашударо дар назар дошта, дар он натиҷаҳои истифодаи захираҳо инъикос мешаванд. Ба ибораи дигар зернизоми идоракунӣ дар асоси захираҳои мавҷудбуда иқтидорро ташаккул дода, онҳоро барои ба даст овардани натиҷаҳо ҷалб менамояд. Натиҷаи чунин фаъолият, пеш аз ҳама, баланд бардоштани некӯаҳволии аҳолӣ мебошад, ки ин нишондиҳанда оид ба сатҳ ва самаранокии истифодаи иқтидори иҷтимоӣиқтисодии корхонаи саноатӣ шаҳодат медиҳад. Қувваи асосии ҳаракатдиҳандаи фаъолнокӣ ва пешрафти соҳаҳои саноат ва баланд бардоштани иқтидори он захираҳои меҳнатии корхонаҳои саноатӣ ба ҳисоб меравад. Сармояи инсонӣ захираи асосии инноватсионӣ мебошад, ки рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа ва корхонаҳои саноатиро тақозо менамояд. [5].

Нишондиҳандаҳои тараққиёти соҳаи саноати кишвар аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ин соҳаи ҳаётан муҳим имкониятҳои васеи саноатикунонии кишвар мавҷуданд. Истифодаи бевоситаи оқилонаи имкониятҳои мавҷудбуда, афзоиши ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ аз ҳисоби барқарорсозӣ ва таъмини истеҳсоли молҳои нав дар корхонаҳои минтақа, ки қобилияти рақобатнокии кофӣ доранд, имкон медиҳад, ки вазни қиёсии маҳсулоти саноатӣ дар маҷмӯи маҳсулоти саноатӣ густариш дода шавад.

Мавҷудияти чунин имкониятҳои иқтисодӣ дар мамлакат ва минтақаҳои он борҳо дар баромадҳои Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон қайд шуда буд. Ҳамасола дар паёмҳои худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон афзалияти васеъшавии истеҳсолоти саноатиро дар ҷодаи баланд бардоштани сатҳи шуғли аҳолӣ қайд мекунанд. Бинобар ҳамин интихоб ва инкишофи корхонаҳои мавҷуда метавонад ба сифати "муҳаррик" баромад кунад, ки тамоми ҷумҳуриро аз бӯҳрони тӯлонӣ раҳо дода, рушди иқтисодии устуворро таъмин намояд.

Таъмини тараққиёти бахши саноатӣ дар асоси принсипҳои саноатикунонии босуръати кишвар, ҳамчун асоси ба даст овардани

рушди иқтисодии самаранок ва устувор, инкишофи ҳама шаклҳои соҳибкориро дар соҳаи саноат дар назар дорад.

Айнан инкишоф ва васеъшавии ҳама шаклҳои соҳибкорӣ метавонад заминаи мусоидро барои таъмини ҷойҳои кории мувофиқ ва таъмини бозори дохилӣ бо молҳои истеҳсолоти ватанро фароҳам оварад. Дар ин ҷода инкишофи соҳибкории хурд ва миёна нақши махсусро дорад. Аҳамияти инкишофи соҳибкории хурду миёна бо он асос меёбад, ки онҳо метавонанд ба тараққиёти саноат такони мусбат бахшида, қисми муайяни захираҳои меҳнатиро ба худ ҷалб намоянд.

Аз таҷрибаи мамлакатҳои тараққикарда маълум аст, ки маҳз ҳавасмандгардонии инкишофи соҳибкории хурду миёна ба аксарияти онҳо имконияти таъмини рушди иқтисодии устуворро дар давраи гузариши тараққиёти иқтисодӣ фароҳам овардааст.

Омилҳои асосие, ки ба тараққиёти устувори корхонаҳои саноатӣ мусоидат менамоянд, пеш аз ҳама, муайян намудани ҳадафҳои пешрафти корхона, тағйирёбии муҳити экологӣ, натиҷаҳои пешрафти илму техника, тамоюли ҷаҳонишавӣ ба ҳисоб меравандд.

**АДАБИЁТ**


1. www.president.tj Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, 26.12.2018.
2. www.president.tj Вохӯрии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон бо саноатчиён ва соҳибкорон. 14.10.2019.
3. Боровик А.С. Концептуальные основы модернизации региональной экономики. // Региональная экономика - М., 2010 - № 25. – С. 46-49.
4. Ищенко М.М. Региональное управление неоднородными социально-экономическими системами субъектов РФ.: автореф...дис. ...д-ра экон. наук: 08.00.05. – М., 2012. – 39 с.
5. Давлатов С.Н., Искандаров Ҳ.Ҳ. Сармояи инсонӣ ва нақши он дар рушди иктисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон//Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе: «СИНО», 2015. №2/6(175). - С 94-97.
6. Корчагина Ю.А. Региональная экономика и финансы: учебное пособие для студентов экономических специальностей. - Воронеж: ЦИРЭ, 2010. – 260 с.
7. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 г. – Душанбе, 2016.- 355 с.


## ИҚТИДОРИ ЗАХИРАВИИ КОРХОНА ҲАМЧУН ОМИЛИ РУШДИ УСТУВОРИ САНОАТ ДАР ШАРОИТИ МУОСИРИ ИҚТИСОДӢ

Рушди устувор консепсияест, ки барои ноил шудан ба мувозинати ҷанбаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва экологӣ нигаронида шудааст ва яке аз муҳимтарин мушкилот ва афзалиятҳои низоми иқтисодиву иҷтимоии

муосир ба шумор меравад. Ба даст овардани мувозинати байни ҳадафҳои иқтисодӣ ва эҳтиёҷот (афзоиши саноат, истифодаи самараноки захираҳо) ва ҳадафҳо ва эҳтиёҷоти экологӣ (гуногунии биологӣ, захираҳои табиӣ, якпорчагии системаи экосистема) бо омилҳои марбут ба соҳаи истеҳсолот муайян карда мешавад. Ҳамин тавр, рушди саноат метавонад бо ҳифзи сарватҳои табиӣ мухолифат кунад ва дар натиҷа ба номувофиқ будани эҳтиёҷот оварда расонад.
**Калидвожаҳо**: корхона, иқтидори захиравӣ, устуворӣ, гардиши иқтисодӣ, низоми иҷтимоию иқтисодӣ

## РЕСУРСНЫЙ ПОТЕНЦИАЛ ПРЕДПРИЯТИЯ КАК ФАКТОР УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ ПРОМЫШЛЕННОСТИ В СОВРЕМЕННЫХ ЭКОНОМИЧЕСКИХ УСЛОВИЯХ

Устойчивое развитие представляет собой концепцию, направленную на достижение сбалансированности между социальными аспектами, аспектами экономической деятельности и окружающей среды и является одним из наиболее важных вызовов и приоритетов в современной социально-экономической системе. Достижение сбалансированности между экономическими целями и потребностями (промышленный рост, эффективное использование ресурсов) и экологическими целями и потребности (биоразнообразие, природные ресурсы, целостность экосистем) обусловлено факторами, относящимися к производственной сфере. Так, промышленный рост может вступить в противоречие с охраной природных ресурсов, и как следствие привести к несовместимости потребностей.

**Ключевые слова:** предприятие, ресурсный потенциал, устойчивость, хозяйственный оборот, социально-экономическая система

## RESOURCE POTENTIAL OF THE ENTERPRISE AS A FACTOR OF SUSTAINABLE DEVELOPMENT OF INDUSTRY IN MODERN ECONOMIC CONDITIONS

Sustainable development is a concept aimed at achieving a balance between social, economic and environmental aspects and is one of the most important challenges and priorities in the modern socio-economic system. Achieving a balance between economic goals and needs (industrial growth, efficient use of resources) and environmental goals and needs (biodiversity, natural resources, ecosystem integrity) is determined by factors related to the production sector. Thus, industrial growth may conflict with the protection of natural resources, and as a result lead to incompatibility of needs.

**Key words:** enterprise, resource potential, sustainability, economic turnover, socio-economic system

**Маълумот дар бораи муаллиф:**

**Сайдалиева Меҳрубону Ҷаҳонхоновна** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон магистри курси 2-уми ихтисоси 25010710-иқтисод ва идора дар корхонаҳо **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,

хиёбони Рӯдакӣ, 17. **Тел:** 887-00-27-98, **Почтаи электронӣ** Bonujon_s@mail.ru

**Сведения об авторе:**

**Сайдалиева Мехрубону Джаханхоновна** – Таджикский национальный университет, магистратр 2-го курса специальности 25010710 – экономика и управление на предприятиях, **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17 **Тел**: 887-00-27-98, **Электронная почта**: Bonujon_s@mail.ru

**Information about author:**

**Saydalieva Mehrubonu Dzhakhanhonovna** – Tajik National University; 2nd year master's student, specialty 25010710 – economics and enterprise management, **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, rudaki avenue 17. Tel: 887-00-27-98, **Email:** Bonujon_s@mail.ru

## БАХШИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ САМАРАНОКИИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ ВА САМТГИРИИ РУШДИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ, ҚОНУНИЯТҲО ВА ТАМОЮЛИ МЕНЕДҶМЕНТИ МУОСИР ДАР ШАРОИТИ ТАШАККУЛИ ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ, ТЕХНОЛОГИЯҲОИ РАҚАМӢ ДАР ПАСМАНЗАРИ ТАЪМИНИ БЕХАТАРИИ ИҚТИСОДӢ

# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ САНОАТИКУНОНИИ БОСУРЪАТ ОМИЛИ АСОСИИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ САТҲУ СИФАТИ НЕКӮАҲВОЛӢ

*Сафаров Н.У. – н.и.и, дотсенти кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии ДМТ*

Дар ҷаҳони муосир бо мушоҳидаи рушди кишварҳои мухталифи ҷаҳон дидан мумкин аст, ки аксари кишварҳои пешрафта ба рушди саноат ва индустрикунонии кишвари худ бештар таваҷҷуҳ мекунанд, то кишварро аз кишвари аграрию индустриалӣ табдил диҳанд. мамлакати индустриалй-аграрй. Агар ба таърихи тараккиёти мамлакатхои гуногуни чахон назар андозем, мебинем, ки масъалаи бо энергия таъмин намудани иктисодиёт яке аз масъалахои асосй мебошад. Мутахассисон таъкид карданд, ки агар иктисодиётро бо поезд мукоиса кунем, пас тепловоз (мошини он) энергия аст. Аммо барои он ки ин локомотив иктисодиётро пеш равад, бояд чарху фишангхои пуриктидор дошта бошад. Чунин кувваи тавонои иктисодиро танхо саноат, хусусан саноати вазнин ба вучуд оварда метавонад. Бояд гуфт, ки индустриализатсия ва баъдан индустрикунонии нав ё босуръат ҳамчун варианти бисёрҷанбаи модернизатсия фаҳмида мешавад. Ҷомеашиносон ва иқтисоддонҳои аврупоӣ барои нишон додани сатҳи зиндагӣ байни кишварҳои сарватманд ва фақир консепсияи модернизатсияи асри 20-ро таҳия карданд. Ба эътиқоди кишварҳое, ки сатҳи рушдашон паст аст, бояд

рушд ё навсозӣ кунанд ва намунаи тамоюли рушди ҷомеаи ғарбиро интихоб кунанд. Модернизатсия дар ҷомеашиносӣ барои тавсифи раванди таърихии гузариш аз ҷомеаи анъанавӣ ба ҷомеаи муосири индустриалӣ истифода мешавад. Модернизатсия бо индустриализатсия зич алоқаманд буда, индустрикуниниро тақозо мекунад [1, с. 10-11].

Ҷамъияти муосир ҷомеаи индустриалӣ мебошад. Муаллифон мафхуми модернизацияро вобаста ба чараёни инкишофи модернизация чунин шарх медиханд. Дар доираи ин кор консепсияи модернизатсия чунин муайян карда шудааст:

- иваз намудани тамоми таҷҳизот ва навсозии маҳсулот, яъне сухан дар бораи ноил шудан ба рақобатпазирии ҷаҳонии кишвар дар маҷмӯъ ва доираи кофии васеи соҳаҳо барои таъмини рушди устувор ва мавқеи сазовори он дар байни кишварҳои пешрафтаи пешрафта меравад;
- раванди гузариш, ки дар рушди иқтисодиёт дар пайванди давраҳои таназзул ва афзоиш ба амал меояд ва имкон медиҳад, ки сатҳи рушди қувваҳои истеҳсолкунанда баланд шавад, ки яке аз омилҳои муҳими баланд бардоштани сатҳ ва сифати он мегардад; хаёти ахолии мамлакат.

Аз сабаби он, ки мафхуми индустрикунонии босуръати вактхои охир объекти тадкикоти илмӣ гардидааст, дар адабиёти ватанӣ доираи бархурдхои гуногуни таърифи ин истилох васеъ гардид. Биёед баъзе таърифҳоеро, ки олимони рус таҳия кардаанд, дида бароем ва консепсияҳои муаллифонро таҳия кунем. Дар баробари ин ба он ислох даровардан лозим аст, ки дар мубохисахои илмӣ индустрикунонии босуръат ва индустрикунонии навро хаммаъно донистан мумкин аст. Умуман, индустрикунонии нав, ба гуфтаи яке аз аввалин муҳаққиқони рус С.Губанов, ба вуҷуд овардани базаи саноатии дараҷаи якум барои инноватсия ба назар мерасад. Ба фикри у, иктисодиёти индустрикунонии нав иктисодиётест, ки ба сарфаи мехнат, такроран истифода бурдани ресурсхо ва кам кардани партовхо, бо мехнати эчодӣ, ихтироъкорӣ, илмӣ иваз намудани машинахои мехнатталаб, ба мехнати ташкилотчигӣ табдил додани мехнати чамъиятӣ нигаронида шудааст[2, с.1-2].

А.Мартынов индустрикунонии навро натичаи иктисодиёти хеле самаранок ва технологи, ки онро сектори инноватсионии авангард пурра мекунад, мебинад, яъне дар ин чо ба индустрикунонии нав на хамчун асбоб, балки натичаи навсозӣ бахо медиханд. В.М. Кулков индустрикунонии навро хамчун воситаи расидан ба дарачаи талаботи хозираи технологии чахонӣ, яъне «ба иктисодиёти муташаккил табдил додани хочагии халки пароканда, ки аз чихати сифат ба иктисодиёти мамлакатхои пешрафтаи саноатии чахон баробар аст, ошкор мекунад. «В.Логочев ва Д.Кочергин индустриякунониро аз призмаи танзими давлатӣ дида баромада, кайд мекунанд, ки ин системаи нави иктисодии планӣ буд, ки дар он усулхои бевосита ва бавоситаи танзими

мухимтарин нишондихандахои иктисодиёт амал мекунанд. Дар давраи муосири муосир, Вазифаи стратегияи миллии рушди иқтисодии ҷумҳурӣ аз дарёфти моделҳои нави рушд бо роҳи рафъи ақибмонии технологии кишварҳои пешрафта бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи тамоми қишрҳои аҳолӣ, аз ҷумла ба маҳсулоти баландсифати ватанӣ мебошад. , таърифи мукаммалтарин чунин ба назар мерасад, ки индустрикунонии нави босуръат модели тараккиёти иктисодиёт мебошад, ки асоси он ашьёи хоми мураккаб нест ва истехсоли технологияи баланд чи дар сохахои нав ва чи дар сохахои нав мебошад. аз чумла технологияи хочагии кишлок, комплекси саноатй, маъданхои кухй, сохтмон ва дигар сохахои саноат Чи тавре ки дар боло зикр гардид, концепцияи хеле инкишофёфтаи индустрикунонии нав концепцияи Ч.Губанов мебошад, вале ин процессро А.И.Татаркин ва О.А.Романова ба кадри кофй муфассал омухтаанд. Дар асарҳои онҳо индустриализатсия «раванди ҳамоҳангсозии созандаи соҳаҳои нави баландтехнологӣ, таҷдиди самарабахши инноватсионии соҳаҳои анъанавӣ бо тағироти сифатӣ ва ҳамоҳангии байни соҳаҳои техникӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоию институтсионалӣ тавассути интерактивии технологӣ, иҷтимоӣ, экологӣ, сиёсӣ мебошад. ва тағйироти идоракунӣ»[2, с. 5-6].

Дар мубохисахои иқтисодии имрузаи ҷамъияти ва махсусгардонидашуда бо фарорасии бухрони нави иктисодй вариантхои тахияи сенарияи модели рушди иктисодиёт мавриди муҳокима карор мегиранд, ки барои бартараф намудани бухрони сохтори ва табдил додани сохтори ашёи хоми аввалия асоси он мегардад. ба хиссаи пасти арзиши иловашуда дар дохили мамлакат. Мамлакат иктисодиёти ракобатнокро инкишоф дод ва инкишоф дода истодааст. Дар ин тадкикот «индустрикунонии бошитоб» хамчун асоси модели ба вучуд овардашуда ва воситаи асосии ташаккули структураи нави иктисодиёт, хамчун асоси худтаъминкунии тараккиёти иктисодиёт дида мешавад. Дар айни замон индустрикунонии босуръат дар асарҳои бисьёр тадқиқотчиён хамчун варианти навсозии иктисодиёт нав карда мешавад. Тибқи маъхазҳои илмӣ мафҳуми индустрикунонӣ (аз лотинии Industria) раванди гузариши босуръати иҷтимоию иқтисодӣ аз марҳилаи анъанавии рушд ба марҳилаи саноатӣ бо бартарии истеҳсолоти саноатӣ дар иқтисодиёт мебошад.

Ба андешаи мо, камбизоатӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ бо индустрикунонии кишвар хеле алоқаманд буда, натиҷаи бисёр омилҳои ба ҳам алоқаманд мебошад ва тақсимоти асосӣ сатҳи омилҳои ба вуҷуд омадани камбизоатӣ - ҳамчун моликияти иҷтимоӣ ва ё ҳамчун омилҳо мебошад. моликияти инфиродии шахс. Чун қоида, камбизоатӣ бо шароити зиндагӣ, шароити меҳнат ва шуғл, шумораи шахсони дар оила таъминшуда ва ғайра алоқаманд аст. Шаҳрвандони камбизоатро асосан

бекорон, коргарони каммузд, модарони танҳо ва нафақахӯрон ташкил медиҳанд. Бо вуҷуди ин, камбизоатӣ ва сохтори он метавонад бо зуҳуроташ дар кишварҳои гуногун фарқ кунад. Ба маънои умумӣ, камбизоатӣ вазъият ё вазъиятест, ки аҳолӣ, чун қоида, роҳи раҳоӣ аз он меҷӯяд, ки бидуни иштирок ва дастгирии ҳукумат амалӣ карда намешавад[4, с. 107-108].

Аксари олимон бар ин назаранд, ки камбизоатӣ асосан дар байни пиронсолон, ки бо нафақа зиндагӣ мекунанд, паҳн шудааст. Ин пеш аз хама ба кам шудани даромади ин табакаи ахолй вобаста аст. Ахолие, ки маошаш кифоя аст, хангоми ба нафака баромадан як кисми ин даромадро аз даст медихад, ки ин боиси паст шудани дарачаи зиндагонии онхо мегардад. Мардуми куҳансол торафт бештар осебпазир шуда, ба кумаки моддию дигар одамони дигар вобаста мешаванд[4,с.108-109].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон индустрикунонии босуръати кишвар, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон онро ҳадафи чоруми стратегӣ эълон намудаанд, масъалаи мубрами кишвар ва зарурист. Зеро рушди устувор ва инноватсионии соҳа, баланд бардоштан ва таъмини рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоии давлат дар заминаи он, гузаштан аз истеҳсоли ашёи хом ба истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, фароҳам овардани шароити баробар ва рақобатпазир барои субъектҳои фаъолият дар соҳаи саноат, зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти дорои ҳиссаи зиёди арзиши иловашуда ва истифодаи самараноки иқтидори биоиқлимӣ, захираҳои гидроэнергетикӣ ва манобеъи алтернативии энергетикӣ ҷанбаҳои мусбати ин ташаббус мебошанд, ки барои боз хам паст кардани сатҳи камбизоатй ва бехтар намудани сифати зиндагии ахолӣ хеле муҳиманд. Ин процесс бо инкишофи техникам нав, хусусан дар соҳаҳои саноат, монанди энергетика, металлургия ва дигар соҳаҳои саноат алокаманд аст. Дар рафти индустрикунонии босуръати чамъият низ баъзе дигаргунихо ба амал меояд, чаҳонбинии он таъғир меёбад, давлат тараққӣ мекунад, ахолии бекор бо ҷойхои нави кор таъмин мегардад, дарачаи некуахволии ахолӣ баланд мешавад. Муносибати мусбат ба меҳнат, майлу хоҳиши харчи зудтар истифода бурдани техникам нав ва кашфиёти илм низ ба афзоиши босуръати истеҳсолот ва даромади ахолӣ мусоидат мекунад. Дар натиҷа дар бозорҳои ҷаҳонӣ истеҳсоли ҳамаи намудҳои молу хизматрасонӣ васеъ ташаккул меёбад, ки ин дар навбати худ ба сармоягузорӣ ва рушди минбаъдаи иқтисодиёт ҳавасманд мегардад.

Тадқиқоти гузаронидашуда ба мо имкон медиҳад, ки хулосаҳои асосии зеринро ба даст орем:

- дар зарфи 15 соли оянда бояд хиссаи саноат дар ММД хеле зиёд шуда, Тоҷикистон ба кишвари саноатӣ ва кишоварзӣ табдил ёбад. Илова

бар ин, Ҳукуматро зарур аст, ки барои баланд бардоштани самаранокии тамоми бахшҳои иқтисодиёти миллӣ, бахусус энергетика, саноат ва кишоварзӣ навсозӣ ва ислоҳоти куллӣ гузаронад.

- дар асоси қабули стратегияи босуръати индустрикунонӣ, афзоиши шумораи ҷойҳои корӣ ва сатҳи шуғли аҳолии қобили меҳнати кишвар мегардад.

**АДАБИЁТ**


1. Бахтиёр Аҳмадзода. Саноатикунонии босуръати кишвар барои таъмини устувории иқтисодиёт заминаи амиқ мегузорад. 18 январи соли 2021, Душанбе.
2. Тагоев, Б. Д. Продовольственная безопасность как составляющая уровня благосостояния региона / Б. Д. Тагоев, Н. У. Сафаров // Экономика Таджикистана. – 2022. – № 1. – С. 106-114. – EDN KSFQOT.
3. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан до 2030[электроный источик]. URL: https://vkd.tj/index.php/tj/masoili-mubram/18246_strategiyai-millii-rushdi-um-urii-to-ikiston-baroi-davrai-to-soli-2030.(дата обращения 215.10.2023).
4. Давлатов, К. К. Бедность в современном мире: Теория и практика / К. К. Давлатов, Н. У. Сафаров. – Душанбе: Типография Таджикского национального университета, 2019. – 151 с. – ISBN 978-4-16-004577-1. – EDN STARZQ.
5. Исследование ООН «Положение дел в области продовольственной безопасности и питания в мире 2023» [электроный источник].URL: https://www.fao.org/publications/sofi/2023/ru/ (дата обращения 17.10.2023).
6. Мальтус Т. Опыт о законе народонаселения // Антология экономической классики. Т.2. М., 1993. С. 5-133


## АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ САНОАТИКУНОНИИ БОСУРЪАТ ОМИЛИ АСОСИИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ САТҲУ СИФАТИ НЕКӮАҲВОЛӢ


Дар мақолла масъалаҳои асосии саноатикунонии босуръати мамлакат, ки яке аз омили асосии баланд бардоштани сатҳу сифати некӯаҳволи мебошад бараси гардидааст.Дар ин тадкикот «индустрикунонии бошитоб» хамчун асоси модели ба вучуд овардашуда ва воситаи асосии ташаккули структураи нави иктисодиёт, хамчун асоси худтаъминкунии тараккиёти иктисодиёт дида мешавад. Дар айни замон индустрикунонии босуръат дар асарҳои бисьёр тадқиқотчиён хамчун варианти навсозии иктисодиёт нав карда мешавад.



**Калидвожаҳо:** саноатикунонии босуръат, ҳадафи стратегӣ, некӯаҳволӣ, сифати зиндагӣ.

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ СКОРОСТИ ИНДУСТРИИ – ГЛАВНЫЙ ФАКТОР ПОВЫШЕНИЯ УРОВНЯ И КАЧЕСТВА БЛАГОСОСТОЯНИЕ

В статье рассматриваются основные вопросы ускоренной индустриализации страны, которая является одним из основных факторов повышения уровня и качества благосостояния. В данном исследовании «быстрая индустриализация» рассматривается как основа созданной модели и главное средство формирования новой экономической структуры, как основа самодостаточности экономического развития. В то же время быстрая индустриализация актуализируется в работах многих исследователей как вариант экономической модернизации.

**Ключевые слова:** быстрая индустриализация, стратегическая цель, благосостояние, качество жизни.

## THEORETICAL FOUNDATIONS OF INDUSTRY SPEED – THE MAIN FACTOR OF INCREASING THE LEVEL AND QUALITY OF WELFARE

The article discusses the main issues of accelerated industrialization of the country, which is one of the main factors in increasing the level and quality of well-being. In this study, “rapid industrialization” is considered as the basis of the created model and the main means of forming a new economic structure, as the basis for self-sufficiency of economic development. At the same time, rapid industrialization is updated in the works of many researchers as an option for economic modernization.

**Key words:** rapid industrialization, strategic goal, welfare, quality of life.

**Маълумот дар бораи муаллиф:**

**Сафаров Навруз Умаралиевич -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи Иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодӣ **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. **Тел:** 988-72-21-23. **Почтаи электронӣ**: cheh-16@mail.ru

**Сведения об авторе:**

**Сафаров Навруз Умаралиевич** - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры национальной экономики и экономической безопасности **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. **Тел:** 988-72-21-23. **Электронная почта**: cheh-16@mail.ru

**Information about authors:**

**Safarov Navruz Umaralievich -** Tajik national university, candidate of economic sciences, senior lecturer of the department of national economy and economic Security **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, rudaki avenue 17. **Phone:** 988-72-21-23. **E-mail**: cheh-16@mail.ru

# НАҚШИ САРМОЯИ ИНСОНӢ ДАР РУШД ВА ИНКИШОФЁБИИ ИҚТИСОДИЁТИ МУОСИР

*Исканадаров Ҳ.Ҳ. – н.и.и., дотсенти кафедраи идоракунии захираҳои инсонии ДМТ,*

*Давлатов С.Н., н.и.и., м/к кафедраи идоракунии захираҳои инсонии ДМТ*

Сармояи инсонӣ дар ҷомеаи имрӯза нақши муҳим бозида истода, асоси пешравии дилхоҳ соҳа бахусус он соҳаҳое, ки ин сармояи муҳими ҷамъиятиро самаранок истифода мебаранд, дониста мешавад. Дар шароити иқтисодиёти имрӯза аҳамияти бузург доштани он боз мақоми аслиашро пайдо карда инсонҳоро водор ба он намудааст, ки ҳарчи бештар бахри ин масъалаи муҳим таҳқиқотҳои илмӣ анҷом диҳанд. Ҷаҳони имрӯза ба марҳилаи нави рушди иқтисодиёт ҳаракат мекунад, ки асоси пешравии онро сармояи инсонӣ, бунёди донишҳои нави иқтисодӣ, истифодаю идоракунии зеҳнҳо ва тавонмандии ҳунарӣ, қобилияту истеъдоди созандагии онҳо ташкил менамояд.

Аз солҳои 80-90-уми асри XX сар карда, маълумотнокӣ ё худ донишмандии касбии инсон омили муҳим дар инкишофдиҳи ва рушди соҳаҳои ҷамъият гаштааст. Дигаргуниҳое, ки то имрӯз дар таъмини рушди босуботи иқтисодиёт, ташкили тиҷоратҳо ва идоракунии муосири онҳо, ҳаёти имрӯзаи одамон ва зуд-зуд дигаргуншавии талаботҳои онҳо, равишҳои навини таълимӣ, саломатии инсонҳо ва фаъолиятҳои навини онҳо дида шуда истодааст маҳз маҳсули боздеҳии сармояи инсонӣ ба ҳисоб меравад.

Фаъолият намудан дар шароити навини иқтисодӣ ва рушди замонавии бозори ҷаҳонии меҳнат аз ҳама талаби онро дорад, ки муносибатҳои навини истеҳсоливу истеъмолӣ ва тиҷоратию хизматрасониҳои байни одамон куллан дигаргун шуда, онҳо бояд хислати интегратсионӣ, трансмиллӣ ва байналмилалиро аз худ намоянд.

Ба ақидаи профессор Ғаниев Т.Б.: «Имрӯзҳо таҳлилу омӯзиши фаъолияти бурунмарзии менеҷменти ватанӣ ва ташаккули моделу системаҳои байналмилалии корпоратсияҳои трансмиллӣ шаҳодат аз он медиҳанд, ки мазмуну мундариҷаи меҳнати кормандону мутахассисини алоҳида ва роҳбарони зинаҳои гуногуни идоравӣ шакли дигари касбиву ҳунариро гирифтааст. Ин равиш бисёртар ба ташкили дурусти муносибатҳои байни одамони халқу миллатҳои гуногуни дунё равона мегардад, ки хислати хоси фарҳангиву мадании таъсиррасониву истеъдодӣ ва натиҷагирӣ дорад»[1, с.158].

Фаъолият намудан ва ё идора намудани ҳар як шахс дар шароити имрӯза бештар аз дониш, истеъдод, малака, маҳорат, ихтироот ва дигар қобилиятҳои ӯ вобастагии калон дорад. Ин қобилиятҳо дар шароити имрӯза аз институтҳое, ки шахс дар он ҷо таълим ва тарбия карда мешаванд, сарчашма мегирад.

Чунон ки профессор Низомова Т.Д., оид ба шартҳои муҳимми хоҷагидорӣ ва талаботи бозори имрӯза қайд менамояд: «…омоданамоии мутахассисони баландихтисос, ки қодиранд дар шароити зудтағйирёбандаи шартҳои хоҷагидорӣ ва талаботи бозорӣ кор ва фаъолият намоянд, ба мо лозиманд»[12, с.139]. Тарбия намудани мутахассис аз шароитҳои имрӯза ва талаботи асосии бозори меҳнати дохилӣ ва берунӣ вобастагии калон дорад.

Ин омоданамоӣ аз мо хароҷотҳои зиёди молиявию моддиро талаб менамояд, вале натиҷаи хуб ба даст меоварад. Мувофиқ ба таҳқиқотҳои зиёди илмии олимони соҳа, сармоягузорӣ ба захираҳои инсонӣ ва чанд маротиба боздеҳии онро дар шароити кӯтоҳ кафолат медиҳад[8, с.54].

Дар робита ба ин гуфтаҳо, олимони машҳури соҳа А.А. Федченко ва С.М. Полухина чунин мефармоянд: «Омилҳои калидии воридшавӣ ба иқтисодиёти навин, ин маблағгузорӣ ба инсон дониста мешавад. Барои ба даст овардани натиҷаи хуб дар бахши инкишофдиҳии сармояи инсонӣ, мо бояд таваҷҷуҳи асосиро барои омоданамоии кадрҳои соҳибтахассус бо ёрии технологияҳои муосир равона созем»[13, с.311].

Болоравии нақши захираҳои инсонӣ дар идоранамоии иқтисодиёти навин чорабиниҳои ҳамаҷонибаи давлатро нисбат ба сиёсати кадрӣ дигар намуда, дар ҳама соҳа талаботи махсуси худро мегузорад. Ташаккулдиҳӣ ва инкишофи захираҳои инсонӣ дар шароити иқтисодиёти навин аз усулҳо ва воситаҳои инкишофдиҳии захираҳои инсонӣ сарчашма мегирад, ки мо онро дар расми 1 овардаем.

Усулҳо ва воситаҳои инкишофдиҳии захираҳои инсонӣ дар идоракунии иқтисодиёти муосир аз институтҳо, сарчашмаҳои маблағгузорӣ, доираҳои асосии фаъолият, ҷараёнҳои ташкилӣ ва аз ҳама охирон иҷтимоиёт, ки талаботи асосии захираҳои инсонӣ ба ҳисоб меравад, сарчашма мегирад.

Институтҳои ташаккулдиҳӣ ва инкишофдиҳии идоранамоии сармояи инсонӣ дар ин шароит шурӯъ мешавад аз оила, ҷамъият, мактаби миёна, муассисаҳои миёнаи касбӣ, донишкадаю донишгоҳҳои олии касбӣ ва ташкилотҳо. Инҳо институтҳоеанд, ки барои инкишоф ва ташаккулдиҳии захираҳои инсонӣ дар иқтисодиёти муосир бо истифода аз техникаю технологияҳои нав мусоидат менамоянд.

Рушди инноватсионӣ афзалияти асосии идоранамоии иқтисодиёти муосир ба ҳисоб меравад. Ин барои фаъолияти соҳибкорӣ дар асоси сармояи инсонӣ ва дастгирии системаи нави омехтаи омилҳои истеҳсолот дар ҷомеа фаҳмида мешавад. Чунин система на танҳо асоси рақобатпазирии иқтисодиёт, балки барои рушди пурраи шахсиятҳо аз тариқи худтанзимкунӣ, маблағгузорӣ ва идоранамоӣ дар сармояи инсонӣ шароит фароҳам меорад.

Сарчашмаҳои асосии сармоягузории захираҳои инсонӣ дар шароити иқтисодиёти муосир ин бемуболиға худи шахси омодашаванда (хоҳиш, шавқ, рағбат, дарк ва вақти сарф мекардаи фард), оилаи ӯ, мактабу устод, давлат, муассисаҳои фармоишгар ва худи ҷомеаи шаҳрвандӣ ба шумор меравand.




**Расми 1. Ташаккулдиҳӣ ва инкишофи захираҳои инсонӣ дар идоракунии иқтисодиёти муосир**

Чунон ки асосгузори назарияи сармояи инсонӣ Г. Беккер мефармояд: «Роҳи ягонаи маблағгузорӣ (сармояҳои дарозмуддат) ба инсон дар шаклҳои харақот барои таҳсил ва такмили ихтисоси кувваи корӣ дар истеҳсолот бояд бошад»[10, с.18]. Яъне ягона объекте, ки сармоягузорӣ ба он натиҷаи самарабахш дорад, ин сармоягузорӣ ба инсон мебошад.

Профессор Ғаниев Т.Б. оид ба масъалаи сармоягузорӣ ба инсон ва идоранамоии самараноки он чунин мефармоянд: «Сармоягузорӣ ба техникаву технологияи нав бе назардошти сармоягузории нерӯи инсонӣ наметавонад ҳосилнокии меҳнатро ба дараҷаи дилхоҳи ҳисобӣ – техникӣ расонад. Яъне, агар мо якбора оид ба рушди сармояи инсонӣ ва рушди техникиву технологии соҳаҳо сармоягузории мувофиқ надошта бошем, пас сармоягузории яктарафа натиҷаи дилхоҳ дода наметавонад»[1, с.158]. Гарчанде ки мо бо беҳтарин техникаю технологияи замони муосир корхонаи худро муҷаҳҳаз гардонем, бе мутахассиси касбӣ, ки тавонад бо ин техникаю технология кор ва фаъолият намояд, мо ба натиҷаи дилхоҳ расида наметавонем.

Таҳлилгарони дигари муосир бошанд, чунин ақида доранд, ки «Бозтавлидии сармояи инсонӣ- ин ҷараёни сохтани иқтидори истеҳсолии инсон ба воситаи сармоягузорӣ мебошад»[3, с.511]. Яъне, сармоягузорӣ ба инсон ҳаракатест барои хуб идора намудани истеҳсолот ва воситаест, ки ҷиҳати ба даст овардани фоидаи доимӣ мусоидат мекунад.

Доираҳои асосии фаъолияти сармояи инсонӣ дар шароити иқтисодиёти муосир – ин доираи истеҳсолот, тақсимот, мубодила ва доираи асосӣ, доираи истеъмолот дониста мешавад. Ин доираро доираи ҳаётӣ низ номидан мумкин аст, чунки инсон баҳри зинда мондан ин марҳилаҳоро аз сар мегузаронад. Аз нуқтаи назари иқтисоддонҳо чун Лобачева Е.Н., Борисенкова Л.Н.: «Иқтисодиёти инноватсионӣ аз иқтисодиёти анъанавӣ бо муносибатҳои навини иқтисодӣ дар раванди истеҳсолот байни субъектҳои он дида мешавад, ки ин дигаргуниҳо дар истеҳсоли маҳсулоти навин мувофиқ бо хоҳиши истеъмолкунандагон ва навовариҳои истеҳсолкунанда ба амал меояд. Моли нав дар асоси навовариҳое истеҳсол карда мешавад, ки ин навовариҳо аз мо сатҳи баланди донишро талаб менамоянд»[11, с.2]. Муҳимияти дониши корманд дар ҷараёни истеҳсолот аз хароҷотҳои мо ба сатҳи дониши ӯ вобаста аст. Яъне, агар мо кормандро дар зинаи хеле баланд омода намоем, ӯ метавонад, ки барои мо то чи андоза фоидаовар бошад ва ин ҷараёнро хуб идора намояд. Ё ба қавли дигар, қисми асосии раванди рушди инноватсионии истеҳсолот аз сармояи гузоштаи мо бахусус ба рушд ва инкишофёбии инсон дар шароити имрӯза вобастагии калон дорад. Чӣ тавре ки иқтисоддони машҳур Г. Беккер мефармояд «Сармояи инсонӣ ҳамчун захираи ояндаи дониш дар малакаю маҳорат, идоранамоӣ ва ҳавасмандӣ фаҳмида мешавад»[10, с.19]. Дар баробари ин гуфтаҳо олими иқтисоддон Т. Шулс низ чунин мефармояд: «Сармояи инсонӣ яке аз шаклҳои сармоягузорӣ ба ҳисоб меравад, чунки он сарчашмаи асосии даромади оянда ба ҳисоб меравад. Он азони инсон

маҳсуб мешавад ва қисме аз вуҷуди инсон аст»[9, с.31]. Яъне, мувофиқ ба фикру ақидаҳои олимони соҳа нақш ва аҳамияти сармояи инсонӣ дар рушд ва инкишофи ҷамъият, бахусус идоранамоии истеҳсолот аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Барои он ки ин бахши асосии иқтисодиёт хуб ба роҳ монда шавад, бояд беҳтарин мутахассисон омода карда шаванд.

Л. Туроу сармояи инсониро ҳамчун нишондиҳандаи иқтидори воситаҳои истеҳсолот ва хизматрасонӣ маънидод намудааст. Ё олими дигар Ҷ. Кендрик зери мафҳуми идоранамоии сармояи инсонӣ дониши инсон, маълумотнокӣ ва мутахассиси касбӣ будан ва имконияти меҳнати истеҳсолии ӯро маънидод менамояд. Мувофиқ ба ақидаи ин олимон ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ягона сармояе, ки дар пешрафту идоранамоии истеҳсолот ва рушд ёфтани он нақши ҳалкунандаро иҷро менамояд, ин сармояи инсонӣ办 дониста мешавад.

Хусусияти асосии иқтисодиёти муосир дар асоси идоранамоии истеҳсолоти инноватсионӣ ба роҳ монда мешавад ва ин аз дониш ва малакаи эҷодии корманд вобастагии пурра дорад. Ҳамзамон, таъсири асосии иқтисоди инноватсионӣ дар асоси донишҳо ва ташкили роҳҳои навини камхароҷот истеҳсол кардани маҳсулоти навин дида мешавад, ки дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт истифода бурда мешавад. Мувофиқ ба ин гуфтаҳо олимони рус Е.Н. Лобачева ва Л.Н. Борисенкова дар мақолаи худ «Нақши сармояи инсонӣ дар идоранамоии иқтисодиёти инноватсионӣ» ин гуфтаҳоро чунин маънидод менамоянд: «Самаранокии фаъолияти инноватсионӣ, дар инкишофёбии нақши қобилиятҳои инсон ва худидоракунии он, ки вобастагии қавии раванди истеҳсолоти инноватсионӣ ва инкишофёбию мукаммалгардии худи субъекти ин иқтисодиёт дониста мешавад»[11, с.2].

Ҷараёнҳои ташкилу таъминнамоии иқтидори кадрӣ дар ин шароит, иборат аст аз доираи дарёфт, банақшагирӣ, мутобиқшавӣ, омӯзиш ва инкишофдиҳӣ, ки ин бевосита ба ҷойи кори корманд вобастагии калон дорад. Вақте ки мутахассис дарёфт мешавад, ҳатман ояндаи ӯ дар муассиса бояд ба инобат гирифта шавад, чунки ташаккулу такмилёбии мутахассис боиси ба рақобатҳои ҷиддӣ тоб овардани муассиса дар ин шароит мегардад[7, с.18].

Яке аз омилҳои асосии инкишофёбии иқтисодиёти муосир дар шароити автоматикунонии истеҳсолот – ин фаъолнамоии эҷодкории коргарон шуморида мешавад. Донишмандон чунин андеша доранд: «Барои он, ки дар шароити имрӯза мувофиқ ба талаботи навини бозори меҳнат беҳтарин мутахассисонро омода намоем, пеш аз ҳама онҳоро мувофиқ ба талаботи иқтисодиёти имрӯза, бояд омода намуд»[4, с.52]. Мувофиқи ақидаи ин олимон нақши асосиро дар инкишоф, пешрафт ва идоранамоии иқтисодиёти имрӯза бахусус сармоягузорӣ ба захираҳои инсонӣ иҷро менамояд.

Сиёсати кадрии имрӯза ба самаранокии қувваи корӣ, баланбардории ҳосилнокии меҳнат бо роҳи муҳайё намудани шароитҳои баланди меҳнатӣ, беҳшавии муносибатҳо дар ташкилот байни субъектони он бояд ба роҳ монда шавад.

Иҷтимоиёт ё ин ки талаботи асосии захираҳои инсонӣ дар шароити иқтисодиёти муосир ин талаботи физиологӣ, бехатарӣ, иҷтимоӣ, худифодагарӣ ва худтасдиққунӣ ба ҳисоб мераванд. Ин ягона доирае ба ҳисоб меравад, ки инсон баҳри қонеъ намудани ин талаботҳо фаъолият менамояд. Яъне ба маънои дигараш агар инсон чунин талаботҳоро надошта бошад, ӯ ба ягон намуди фаъолият даст намезанад. Ҳамин талаботҳо ҳастанд, ки инсон кӯшиш менамояд, рушд ва ташаккул ёфта, ин талаботи асосии худро дар шароити имрӯза бо як сабку усули ба худ хос қонеъ намояд.

Профессор Ғаниев Т.Б., мефармояд, ки «талаботи инсонӣ аз зинаҳои ибтидоӣ (баробари таваллуд шудани одам) ва бадастовардашуда (иҷтимоӣ) иборат аст»[2, с.395]. Ба талаботи ибтидоии одамон эҳтиёҷ ба хӯрок, об, гармӣ ва ба талаботи иҷтимоӣ сухан гуфтан, дониш гирифтан ва худро нишон додан, дохил мешаванд.

Вақте ки одам дарк мекунад, ки талабот пайдо шудааст, дар ӯ хоҳише пайдо мешавад, ки худро таъмин гардонад. Баъд аз ин боз ҳавасмандӣ ба хоҳиш пайдо мегардад. Аммо ҳавасмандӣ ҳамон вақт фаъол шуда метавонад, ки агар инсон аз худ боварӣ дошта бошанд, то барои ба даст овардани хоҳишаш тавонмандиву истеъдодаш мерасад. Тарафдорони ин консепсия равоншиносони амрикоӣ А. Маслоу, Ф. Герсберг ва Д. Мак Клеманд мебошанд.

Талабот барои муваффақиятҳо дар асоси ҳаракати одам барои иҷрои самараноки мақсадҳои гузошташуда нисбат ба пештара амалӣ мегардад. Мақсадро қариб ҳар як шахс ба тарзе, ки вай ҳақиқӣ мебошад, мустақилона пеш мегузорад. Дар ҳолате ки натиҷаи охирин ва муваффақият кафолат дода мешавад, ҷавобгарии шахсиро ба ухда мегиранд.

Дар радифи гуфтаҳои боло ҳаминро бояд қайд кард, ки нақши асосиро дар шароити имрӯза баҳри пешрафт ва рушди иқтисодиёти дилхоҳ муассиса корманд ва малакаю дониши ӯ иҷро намуда истодааст. Бинобар ин, мебояд, ки мо оид ба ниёзҳои доштаи онҳо чораҳо андешида, талаботи онҳоро сари вақт баровардa намоем.

Омоданамоии мутахассиси дараҷаи дониши хуби касбӣ дошта, ки нақши асосиро дар иқтисодиёти муосир иҷро менамояд, ҳадафи асосии ин иқтисодиёт дониста мешавад. Чунки тарбия кардани мутахассиси дараҷаи байналмилалӣ кори саҳл ва осон набуда, хароҷотҳои зиёдеро талаб мекунад. Ин иқтисодиёт намегузорад, ки ҳама он заҳматҳое, ки мо барои омода кардани беҳтарин мутахассисон сарф менамоем ба ҳадар равад. Инчунин системаи амалкунандаи ин иқтисодиёт системае мебошад, ки муайянкунандаи омоданамоии мутахассисон дониста мешавад, яъне мувофиқ ба талаботи истеъмолии аҳолӣ, омоданамоии мутахассисони ҳирфаии ояндаро муайян менамояд. Яъне, омоданамоӣ, сармоягузорӣ ва таъмини кадрҳои баландихтисоси дараҷаи байналмилалӣ дар ҳама соҳаҳои иқтисодиёт яке аз масъалаҳои муҳимми иқтисодиёти ҷаҳони имрӯза дониста мешавад.

Чи тавре ки Ҳ.Ҳ. Искандаров дар рисолаи илмии худ қайд менамояд: «Таъминамоии кадрҳо - ин системаи якҷо ҳаракаткунандаи усулҳо, шаклҳо, захираҳо, институтҳо ва инчунин технологияҳое, ки дар истеҳсолот ва самаранок истифодабарии захираҳои инсонии корхонаҳо, соҳаҳо, минтақаҳою кишварҳо, ки ба тавоноии таъминамоии устувор равона шудаанд ва рушди босуботи инкишофёбии иқтисодиётро дар асоси бозгашти баланди сармоягузорӣ кафолат медиҳанд, фаҳмида мешавад»[5, с.20]. Яъне, барои рушд ва инкишофёбии иқтисодиёти имрӯза кадр нақши асосиро иҷро менамояд ва барои ин моро зарур аст, ки дар якҷоягӣ бо институтҳои ҷамъиятӣ фаъолият намуда, он мутахассисонеро омода намоем, ки ҷавобгӯйи талаботи бозори меҳнати имрӯза бошанд ва дар инкишофдиҳию идоранамоии иқтисодиёти имрӯза нақши босазое гузоранд.

Бояд қайд кард, ки маҳз усули меъёри илми иқтисодӣ дар ин нуқтаи таълимот қоидаи худро бояд дигаргун созад. Ин пеш аз ҳама ба он вобаста аст, ки баҳрабардорӣ аз донишҳо барои ҳамаи инсонҳо якхела ва ё меъёрӣ набуда, характери фардӣ дорад. Бинобар ин, зарур аст, аз қоидаҳои умумӣ даст кашида, ба қоидаи арзишҳои фардӣ гузашта, онҳоро маблағгузорӣ ва баҳодиҳӣ намоем.

Фалсафаи илм ва фикру ақидаҳои мутафаккирони гузашта аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки қариб дар ҳама давру замон сабаби қашшоқии одамон аз як тараф, ҷангу хунрезиҳои байни қавму қабилаҳо ва давлатҳо аз тарафи дигар норасоии фаҳмишҳои неруи инсонӣ дар сатҳҳои гуногуни иқтисодӣ ба шумор меравад. Яъне, пеш аз ҳама, эътироф накардани арзишҳои инсонӣ, монеа шудан ба рушду нумӯи он ё худ дар сатҳи лозима маблағгузорӣ накардани соҳаҳои илму маориф, ба ҷо наовардани эҳтироми аҳли илму адаб, боиси он гардидааст, ки дар баъзе давлатҳо вазъияти инқилобӣ ба вуҷуд омада, аҳли ҷомеа барои дигаргун намудани сохти давлатдорӣ кӯшишҳо намудаанд.

## АДАБИЁТ


1. Ғаниев Т.Б. Менеҷмент: Муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ. – Душанбе, «Ирфон». – 2017. – С.158.
2. Ғаниев Т.Б. Менеҷмент: Рушди неруи инсонӣ. – Душанбе, «Ирфон». – 2010. - С.395. 520 саҳ.
3. Добрынин А.И., Дятлов С.А., Цыренова Е.Д. Человеческий капитал в транзитивной экономике: формирование, оценка, эффективность использования. Санкт-Петербург, Наука, 1999, 309 с.
4. Иванцевич Д. М., Лобанов А. А. Человеческие ресурсы управления: Основы управления персоналом. М.: Дело, 1993. -С. 52.
5. Искандаров Ҳ.Ҳ. Совершенствование мотивационного механизма кадрового обеспечения аграрного сектора экономики (на примере Республики Таджикистан) // дисс. ... канд. экон. наук: 08.00.05 – Искандаров Хофиз Хакимович. -Душанбе: Таджикский государственный университет коммерции, 2017. – С.20.

6. Искандаров Ҳ.Ҳ., Абдуллозода Р.А. Хусусиятҳои омодакунии кадрҳо дар шароити иқтисодиёти рақамӣ//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - Душанбе: «СИНО», 2018. - № 5. - С.45.

7. Искандаров Х.Х. Методологические основы обеспечения конкурентоспособности работников на рынке труда//Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе: Сино, 2016. -№2-4 (204). -С. 18

8. Искандаров Х.Х., Давлатов С.Н. Мировой опыт формирования и развития конкурентоспособности работников/Х.Х. Искандаров, С.Н. Давлатов //Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе: Сино, 2017. - № 2/5. -Ч.2. – С.54.

9. Капелюшников Р.И. Современные западные концепции формирования рабочей силы. Москва, Наука, 1981, 136 с.

## НАҚШИ САРМОЯИ ИНСОНӢ ДАР ИНКИШОФЁБИИ ИҚТИСОДИЁТИ МУОСИР

Дар мақолаи мазкур сармояи инсонӣ, ташаккулёбӣ ва рушди он дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт дида шудааст. бо ақидаи муаллифон равишҳои навини иҷтимоӣ-иқтисодии инкишофёбӣ аз он далолат медиҳад, ки зарурияти аз сари нав дида баромадани афзалиятҳо ва меъёрҳои муайянкунандаи мафҳуми сармоя ба миён омадааст. Чунин зарурият нигаронида шудааст дар эвалудсияи назарияи сармоя.

Сармояи инсонӣ ин муҳтавои дониш ва қобилияти эҷодӣ, инчунин малакаҳо ва қобилиятҳо, сатҳи саломатӣ, сифатҳои шахсӣ ва ҳавасмандгардонӣ, ки тавассути сармоягузориҳо дар соҳаи маориф, омӯзиши касбӣ ва техникӣ, ҳифзи саломатӣ дар сатҳи иқтисодиёт дониста шуда, баландшавии сатҳи музди меҳнат, хубшавии шароитҳои корӣ ва дигар шароитҳое, ки ба ин сармоя таъсиргузор мебошад.

**Калидвожаҳо:** сармояи инсонӣ, назарияи сармояи инсонӣ, ташаккулёбӣ, инкишофёбӣ, иқтисодиёт, иқтисодиёти меҳнат, меҳнат, шароити меҳнат, маълумотнокӣ, дониш, ҳавасмандӣ.

## РОЛЬ ЧЕЛОВЕЧЕСКОГО КАПИТАЛА В РАЗВИТИИ СОВРЕМЕННОЙ ЭКОНОМИКИ

В статье рассматривается человеческого капитала, формирование и ее развитие в условиях глобализационных экономики. По мнению авторов, новейшие тенденции социально-экономического развития показывают, что назрела необходимость определения новых приоритетов и критериев в трактовке понятия капитала, в котором резюмируются основные черты высокоразвитого современного общества. Такая необходимость наглядно отражается в самой эволюции теории капитала.

Человеческого капитала предложила единую аналитическую рамку для объяснения таких, казалось бы, разнопорядковых явлений как вклад образования в экономический рост, спрос на образовательные и медицинские услуги, возрастная динамика заработков, различия в оплате мужского и женского труда, передача экономического неравенства из поколения в поколение и многое другое.

**Ключевые слова:** человеческих капитал, теория человеческого капитала, формирования, развития, экономика, экономика труда, труд, условия труда, образования, знания, мотивация.

## THE ROLE OF HUMAN CAPITAL IN THE DEVELOPMENT OF MODERN ECONOMY

The article discusses human capital, the formation and its development in a globalized economy. According to the authors, the latest trends in socio-economic development show that there is a need to define new priorities and criteria in the interpretation of the concept of capital, which summarizes the main features of a highly developed modern society. This need is clearly reflected in the very evolution of the theory of capital.

Human Capital has offered a single analytical framework to explain such seemingly diverse phenomena as the contribution of education to economic growth, the demand for educational and medical services, the age dynamics of earnings, differences in male and female wages, the transmission of economic inequality from generation to generation, and much more. other.

**Key words:** human capital, theory of human capital, formation, development, economics, labor economics, labor, working conditions, education, knowledge, motivation.

**Маълумот дар бораи муаллифон:**

**Искандаров Ҳофиз** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи идоракунии захираҳои инсонӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. **Тел**: (+992) 988-28-60-05. **Почтаи электронӣ**: hofiz.iskandarov@mail.ru.

***Давлатов Сорбон Назримадович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи идоракунии захираҳои инсонӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. **Тел:** (+992) 934-41-03-13 **Почтаи электронӣ**: sorbon_07@mail.ru.

**Сведены об авторах:**

***Искандаров Хофиз***– Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры управления человеческими ресурсами. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Рудаки 17. **Тел**: (+992) 988-28-60-05. **Электронная почта**: hofiz.iskandarov@mail.ru.

**Давлатов Сорбон Назримадович** – Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, старшый преподаватель

кафедры управления человеческими ресурсами. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Рудаки 17. **Тел:** (+992) 934-41-03-13. **Электронная почта**: sorbon_07@mail.ru,

**Information about the authors**:

**Iskandarov Hofiz** - Tajik national university, candidate of economic sciences, senior lecturer of the department Department of Human Resource Management,. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Rudaki 17. **Phone:** (+992) 988-28-60-05. **E-mail:** hofiz.iskandarov@mail.ru.

**Davlatov Sorbon Nazrimadovich** - Tajik national university, candidate of economic sciences, senior lecturer of the department Department of Human Resource Management, **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Rudaki 17. **Phone:** (+992) 934-41-03-13. **E-mail:** sorbon_07@mail.ru,

## АФЗАЛИЯТ ВА ТАШАКУЛЁБИИ ТИҶОРАТИ ЭЛЕКТРОНӢ ДАР НИЗОМИ ИДОРАКУНӢ

*Муҳсинов Д.С. – н.и.и., дотсенти кафедраи менеҷмент ва маркетинги ДМТ*

*Мирзоев Н.Ҳ. – н.и.и., дотсенти кафедраи системаи иттилоотӣ дар иқтисодиёти ДМТ*

Замони муосир ба шакли дигар мубадал гаштааст, ҷамияти иттилоотӣ ва бинобар ин сохторҳои нав барои ҷавобгӯ шудан ба талаботи замонавӣ бояд омода бошанд. Хусусан дар соҳаи тиҷоратӣ, ки ҳам усул ва ҳам сохторҳои нав ба нав дар ҷамияти иттилоотӣ тавлид шуда истодаанд.

Фаъолияте, ки дар соҳаи тиҷорати технологияи иттилоотии комуникатсиониро самаранок истифода мебаранд, роҳҳои самараноки идоракуни муносибат ва робитаҳои хориҷӣ пайдо мекунанд. Истифодаи рӯзафзуни технологияҳои нави иттилоотии коммуникатсионӣ барои шаклгирии муомилоти электронӣ таъмини талабот ба маҳсулот, хизматрасонӣ, қувваи корӣ ва ислоҳоти сиёсӣ ба вуқӯъ мепайвандад.

Муносибатҳои иқтисодӣ дар ҷомеаи иттилоотӣ ҳам хусусияти тиҷоратӣ ва ҳам комёбиҳои барҷастаи технологияҳои нави иттилоотии муосирро дар бар гирифта истодааст. Иттиҳодияи онҳо шакли фаъолияти маблағҳо, истеҳсолот ва хариду фурӯширо бо истифодаи технологияҳои нави иттилоотӣ ва дастгоҳҳои дурмуошират пурра иваз кардааст.

Рушди техника ва технологияҳои нави иттилоотӣ ба имконияти чашмнорас дар соҳаи тиҷорат ба вуқуъ меоварад. Сол аз сол маблағҳо дар маҳсулоти умумии солона дар ҷумҳурӣ зиёд шуда истодааст ва қисми хизматрасонӣ дар соҳаи технологияи иттилоотӣ дар ҷомеаи мо афзун гашта истодааст. [1,с.47]

Шабакаи иттилоотии иқтисодиёт дар рафти гузариши кишварҳои пешрафта ба иқтисоди постиндустриалӣ ва ба ҷомеаи иттилоотӣ шакл гирифт. Асоси ин гуна иқтисодиёти иттилоотиро саноати иттилоотӣ ташкил медиҳад.

Гузариши инсоният аз ҷомеаи саноатӣ ба ҷомеаи иттилоотӣ зарурати иваз гардидани технологияи саноатӣ ба технологияи иттилоотиро ба миён меорад. Истеҳсолот ғайримоддӣ мешавад. Ва дар ивази маҳсулоти хом ва энергия технологияи иттилоотӣ асоси технологияи саноати иттилоотӣ, яъне захираҳои иттилоотӣ ва дониш мебошад.

Яке аз роҳҳои дурнамои дар иқтисодиёт ин шабакаи иттилоотии иқтисодӣ ё интернет-иқтисод ба шумор меравад.

Рушди технологияҳои нави иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ фазои фаъолияти иқтисодӣ тавассути шабакаҳои нави интернетӣ, инфрасохтори шабакаи глобалии интернет барои тиҷоратӣ интернет ва ташкили бозори электронӣ, ки дар асоси принсипҳои иқтисоди шабакавӣ ташкил ёфтаанд, ба вуҷуд овардааст.

Истифодабарандагони интернет барои дастрас кардани иттилооти лозимӣ имконияти васеътар доранд ва ҳоло дар ҷумҳури қисмати зиёди истифодабарандагон ба шабакаи интернет пайваст мебошанд. Бинобар ин тиҷорат бо интернет ба маротиб зиёд шуда истодааст. [2,с.175]

Дар муқоиса ба иқтисоди саноатие, ки аз рӯи миқёси миллӣ ба шумор меравад, иқтисоди шабакавӣ характери умумиҷаҳонӣ дорад. Он ба таври чашмрас шумори таъмингарон, фармоишгарон, шарикиҳо ва рақибонро меафзояд. Имрӯз фаъолияти тиҷоратӣ дар интернет ба ҳама дастрас аст. Масалан, фурӯши маҳсулот бевосита ба мизоҷон тавассути интернет ба як тиҷорати нав табдил ёфтааст. Дар шароити иқтисоди шабакавӣ амалиётҳо дар шакли нави электронӣ ба амал меоянд, ки ба робитаи виртуалии байни шарикони тиҷоратӣ ва субъектҳои дигари бозори виртуалӣ оварда мерасонад.

Инкишофи саноати иттилоотӣ дар ҳар кишвар аз бисёр омилҳо вобаста аст. Вале нишондиҳандаҳои асосӣ ин ҳаҷми сармоягузорӣ дар соҳаи телекоммуникатсия, миқдор ва сифати истифодаи технологияҳои нави иттилоотӣ дар саноати иттилоотӣ ва шумораи истифодабарандагони интернет ба ҳисоб мераванд.

Чи хеле, ки ба ҳамагон маълум аст, дар замони иқтисоди бозорӣ тамоми ширкату ташкилотҳо, чи истеҳсолӣ ва чи ғайриистеҳсолӣ бошанд, фаъолияти худро бо истифода аз шабакаҳо ва техналогияҳои нави камуникатсионӣ ба роҳ мондаанд. Дар замони муосир тамоми корхонаҳо пеш аз ба кор шурӯъ намудан, аввал намояндагии худро дар шабакаи интернет ишғол менамоянд. Яке аз фаъолияти ширкатҳо бо истифода аз шабакаи интернет ин тиҷорати электронӣ мебошад.

Тиҷорати электронӣ истилоҳ барои нишон додани фаъолияти тиҷоратӣ дар шабакаи интернет мебошад. Он барои харидорӣ, фурӯш,

хизматрасонӣ, гузаронидани ҷамъомадҳои маркетингӣ тавассути истифода аз шабакаҳои технологияҳои нави иттилоотӣ имкон фароҳам меоварад. Тиҷорати электронӣ фаъолияти соҳибкорӣ дар гузаронидани амалиётҳои тиҷоратӣ бо истифода аз васоити мубодилаи электронии санадҳо мебошад. [3,с.66]

Тиҷорати электронӣ аз маҷмӯи иштироккунандагон ва ҷараёни мулоқоти онҳо, дар ҳудуди қонунҳои муайян шуда иборат аст. Асоси тиҷорати электрониро сохтори иттилоотӣ ва технологияи телекоммуникатсионӣ ташкил менамояд.

Хусусиятҳои асосии тиҷорати электронӣ инҳоянд:

- дар тиҷорати электронӣ теъдоди зиёди фурӯшанда ва харидорон иштирок менамоянд;
- барои ворид шудани иштирокчиёни нав ягон маҳдудият вуҷуд надорад;
- ҳамаи иштирокчиёни тиҷорати электронӣ имконияти аз иттилооти лозима истифода бурданро доранд ва ғайраҳо мебошад.

Нисбат ба тиҷорати электронӣ корхонаҳое, ки дар бозори ҳозира фаъолият доранд ба се гурӯҳ тақсим мешаванд:

- Анъанавӣ;
- Омехта;
- Электронӣ.

Корхонаҳои анъанавӣ дар бозор воқеъбинона фаъолият мебаранд. Ин намуд корхонаҳо ба тиҷорати электронӣ муроҷиат намекунанд.

Корхонаҳои омехта як қисми фаъолияти худро дар интернет иҷро менамоянд.

Корхонаҳои электронӣ танҳо дар интернет фаъолият мебаранд. Харидорони тиҷорати электронӣ аз харидорони дар бозори анъанавӣ иштирок дошта, бо сатҳи дониш ва даромади худ фарқ мекунанд. Яке аз шартҳои асосӣ иштирок дар бозори электронӣ ин мавҷудияти технологияҳои нави иттилоотӣ ва пайвастшавии он ба шабакаи интернет мебошад. Аз ин лиҳоз, ба муштариён баъзе талаботҳои иловагӣ пешбинӣ карда мешавад. Яке аз онҳо мавҷуд будани суроғаи электронӣ, ҳамёнҳои электронӣ дар системаҳои пардохти электронӣ, мавҷуд будани малакаи кори амалӣ дар ин системаҳо ва монанди онҳо мебошад.

Одатан дар бозори анъанавӣ истеҳсолкунанда моли истеҳсол кардаи худро бо иштироки дистрибутер ва диллерҳо мефурӯшанд. Дар бозори электронӣ бошад эҳтиёҷ ба чунин ашхос ҷой надорад. Аз ин лиҳоз, дар бозори электронӣ системаеро бояд дарёфт, ки он барои самаранок фаъолият бурдани стратегияи рушди тиҷорати электронӣ мусоидат намояд.

Таъсири шабакаи интернет нафақат дар сатҳи корхонаҳо ва ташкилотҳо, инчунин дар сатхи макроиқтисодиёт низ мушоҳида карда мешавад. Фаъолияти босуръати иқтисодӣ дар интернет мафҳуми нави «Тиҷорати электрониро» ба миён овард. Аз мафҳуми иқтисодӣ ба мо маълум аст, ки «Тиҷорат» ин фаъолияти гуногун буда, барои гирифтани фоида равона карда шудааст. Тиҷорати электронӣ яке аз намуди тиҷорат

буда, тавассути истифодаи системаҳои иттилоотӣ ва технологияҳои нави иттилоотию телекоммуникатсионӣ ба роҳ монда мешавад.

Дар ин ҷода бояд қайд кард, ки тиҷорат ва соҳибкорӣ мафҳумҳои гуногунро доро мебошанд.

- Соҳибкорӣ – ин фаъолияти тиҷоратӣ буда хусусиятҳои хоси он аз мунтазамӣ, истифодаи инноватсия, сармоягузорӣ ва таҳдиди иқтисодӣ иборат аст.

- Тиҷорат – ин фаъолияти шахсони алоҳида ва корхонаҳо мебошад, ки бо мақсади гирифтани фоида амалиётҳои хариду фурӯшро ба роҳ мемонанд.

Ду тарзи фаъолияти тиҷоратро ҷудо кардан лозим аст:

Фаъолияте, ки асоси онро харидани мол бо мақсади фурӯши он ташкил медиҳад. Дар ин ҷода амалиётҳои тиҷоратӣ амалиётҳои асосӣ буда, нигаҳдорӣ, боркашонӣ, хизматрасонӣ амалиётҳои иловагӣ ба шумор мераванд. [4,с.89]

Фаъолияти корхонаҳо ва ташкилотҳо, ки ашёи лозимиро барои истеҳсоли мол харидорӣ менамоянд.

Имрӯзҳо чихеле, ки назар афканем дар ҷумҳурии мо низ фаъолияти тиҷорати электронӣ васеъ истифода шуда истодааст. Мисол, илова кардани маблағ ба телефони дастӣ, дӯкони пулгирӣ (банкамат), харидори намудани чиптаҳои ҳавопаймоӣ, марказҳои хизматрасонии маишӣ, марказҳои фароғатӣ, марказҳои савдои техникӣ, пардохти ҳама намуд маблаҳои давлати яъне ғайри накди ва монанди инҳоро овардан мумкин аст.

Яке аз хусусиятҳои баланди тиҷорати электронӣ ин сарфа намудани вақт аст. Масалан дар солҳои пеш коргарон, нафақагирон ва ғайраҳо барои гирифтани музди меҳнат ё нафақа дар бонкҳо ё шӯъбаҳои пардохткунанда соатҳои дароз навбат меистоданд, имрӯз бошад бо кортҳои пластикии худ аз дилхоҳ ҷое, ки дар онҷойҳо банкаматҳо гузошта шудааст пулҳои худро дар дилхоҳ вақт метавонанд дастрас намоянд. Имрӯзҳо бошад истифодабарандагон аз хонаҳои худ истода метавонанд бо истифодаи технологияҳои нави иттилоотӣ ва шабакаи интернет чиптаро харидори намоянд ва монанди ин мисолҳои зиёдеро овардан мумкин аст.

Дар вақти хариди ягон намуди мол ё маҳсулотҳо аз мағозаҳо чунин намудҳои пардохт аз ҳамдигар ҷудо карда мешаванд:

1. Бо кортҳои пластикӣ;

2. Ба таври нақдӣ баъд аз қабул кардани маҳсулот;

3. Гузаронидан ба воситаи почта ё ин ки телеграф;

4.Бо воситаи пардохтҳои интернет – системаҳои гузаронидани ҳисоббаробаркуниҳо байни ширкатҳо ва истифодабарандагони шабакаи интернет ва ғайра мебошад.

Дар тамоми ҷаҳон инчунин дар ҷумҳурии мо низ тиҷорати электронӣ талабгорони худро зиёд карда истодааст. Ширкатҳо онро

бисёртар барои баландбардории рақобатпазирӣ истифода мебаранд. Якчандто фазилатҳои тиҷорати электронӣ мавҷуд аст инҳо мебошад:

1. Баландбардории меҳнати истеҳсолкунандагон;
2. Паст кардани вақти амалиёти кофтуковӣ;
3. Паст кардани хароҷот;
4. Камхарҷи;
5. Даромади баланд;
6. Бавуҷудоии тиҷоратҳои нав ва намудҳои он ва ғайраҳо.

Хулоса бояд қайд намуд, ки саҳми тиҷорати электронӣ дар иқтисодиёти мусоир хеле калон аст. Чуноне, ки аз мафҳуми иқтисодиёти муосир маълум аст муосир ин худ маънои иқтисоди замонавиро низ доро мебошад. Яъне, ки бо пеш рафтани прогресси илми-техникию технологи ҳамаи бахшҳо ва соҳаҳои иқтисодиёт низ пеш мераванд.

## АДАБИЁТ


1. Мирзоев Н.Ҳ. Экономические информационные системы - важный фактор управленческой деятельности. Вестник Таджикского национального университета. Серия социально – экономических и общественных наук. – Душанбе, 2019. – № 8 – С. 46-52 ISSN 2413-5151
2. Мирзоев Н.Ҳ. Ҳукумати электрони дастоварди муҳимтарини ҷаҳони муосир. Маводи конференсияи байналмиллалии илмию амали дар мавзӯи “Саноатикунонии кишвар ва таъмини рушди босуботи иқтисодиёт” (Душанбе 27 феврали соли 2020) саҳ. 175-180
3. Муҳсинов Д.С., Сарабекова И.З. ва дигарон «Низоми ахбори макетингӣ». Душанбе 2022
4. Раҳимов З.А., Раҳимов Ф.С. «Молияи корхона ва технологияи нави иттилоотӣ». Душанбе 2012.
5. Шерматов Р.Б., Мирзоев Н.Ҳ., Муҳсинов Д.С. «Системаҳои иттилоотии иқтисодӣ» (васоити таълимӣ). Душанбе 2016
6. Норов Х.Г., Шамсов И.С. «Менеҷменти иттилоотӣ». Душанбе 2014
7. Титаренко Г.А. «Информационные технологии управления». Москва 2003. -250 с.
8. Котлер Ф. Новые маркетинговые технологии. С.П., 2004.


## АФЗАЛИЯТ ВА ТАШАКУЛЁБИИ ТИҶОРАТИ ЭЛЕКТРОНӢ ДАР НИЗОМИ ИДОРАКУНӢ


Дар мақолаи мазкур муаммоҳои таъмини иттилоотӣ, воситаҳои асосии ҷамъоварӣ ва интихоби онҳо, таҳлил ва коркарди маълумотҳо, пешниҳоди натиҷаи бадастоварда оид ба истеҳсолу пешниҳоди маҳсулоти рақобатпазир баррасӣ гардидааст. Тарзу усулҳои муосири коркард ва таъмини иттилоотӣ, инчунин истифодаи саривақтии он яке аз омили муҳими стратегияи рақобатпазирии маҳсулот дар системаи идоракунӣ мебошад.



**Калидвожа:** иттилоот, тиҷорати электронӣ, интернет, технологияи иттилоотии комуникатсионӣ, тадқиқотбарии маркетингӣ, стратегияи рақобатпазирии маҳсулот, рақобати бозор.

## ПРЕИМУЩЕСТВА И ОРГАНИЗАЦИЯ ЭЛЕКТРОННОЙ ТОРГОВЛИ В СИСТЕМЕ УПРАВЛЕНИЯ

В данной статье обсуждаются проблемы информационного обеспечения, основные средства их сбора и отбора, анализа и обработки данных, представления полученных результатов по производству и представления конкурентоспособной продукции. Современные способы и методы обработки и предоставления информации, а также ее своевременное использование являются одним из важных факторов стратегии конкурентоспособности продукции в системе управления.

**Ключевые слова:** информация, электронный бизнес, Интернет, информационно-коммуникационные технологии, маркетинговые исследования, стратегия конкурентоспособности продукции, рыночная конкуренция.

## DVANTAGES AND ORGANIZATION OF E-TRADE IN THE MANAGEMENT SYSTEM

Abstract: This article discusses the problems of information support, the main means of their collection and selection, analysis and processing of data, presentation of the results obtained on production and presentation of competitive products. Modern methods and techniques for processing and providing information, as well as its timely use, are one of the important factors in the product competitiveness strategy in the management system.

**Key words:** information, e-business, Internet, information and communication technologies, marketing research, product competitiveness strategy, market competition.

**Маълумот дар бораи муаллифон:**

**Муҳсинов Давлатали Саидвалиевич** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи менеҷмент ва маркетинг **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17 **Тел.:** (+992) 907-65-06-65 **Почтаи электронӣ:** d_mukhsinov@mail.ru

**Мирзоев Неъматулло Ҳакимович** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Номзади илмҳои иқтисодӣ,дотсенти кафедраи системаи иттилоотӣ дар иқтисодиёт **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17 **Тел.:** (+992) 918-35-35-14, **Почтаи электронӣ:** 918353514@mail.ru

**Сведения об авторах:**

**Мухсинов Давлатали Саидвалиевич** - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры менеджмента и маркетинга. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. **Тел.:** (+992) 907-65-06-65 **Электронная почта**: d_mukhsinov@mail.ru

**Мирзоев Нематулло Хакимович-** Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры

информационных систем в экономике **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. Тел. (+992) 918-35-35-14, **Электронная почта**: 918353514@mail.ru

**Information about the author:**

**Mukhsinov Davlatali Saidvalievich** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Management and Marketing. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Tel.: (+992) 907-65-06-65 Email: d_mukhsinov@mail.ru

**Mirzoev Nematullo Khakimovich** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Information Systems in Economics Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Tel. (+992) 918-35-35-14, Email: 918353514@mail.ru

## МЕХАНИЗМИ ИДОРАКУНИИ ҚАРЗИ ДАВЛАТӢ ДАР АСОСИ СТРАТЕГИЯИ ИДОРАКУНИИ ҚАРЗИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛҲОИ 2021-2023

*Давлатов Н.А. - н.и.и., кафедраи молия ва сугуртаи ДМТ*

Дар шароити муосир стратегияи идоракунии қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2023 (минбаъд – Стратегия) ҳуҷҷати банақшагирӣ ва дурнамои миёнамуҳлати афзалиятҳои асосии давлат дар соҳаи идоракунии қарзи давлатӣ буда, механизми иҷрои онро муайян месозад. Дар асоси муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Стратегияи мазкур, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи мақсадҳо ва афзалиятҳои стратегии рушди кишвар таҳия шуда, ба баланд бардоштани самаранокии назорати ҷалби қарзгирии берунӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин коҳиш додани таъсири манфии пандемияи бемории сироятии COVID-19 ба иқтисодиёти кишвар ва роҳ надодан ба ҷамъшавии беназорати қарзи беруна равона гардидааст. Иҷрои чараёни Стратегияи мазкур таҳти мониторинги доимӣ қарор дода шуда, ҳисобот дар бораи иҷрои он ҳамасола ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда, муайян мегардад.

Мақсад ва вазифаҳои асосии Стратегия инҳо мебошанд:

- истифодаи самаранок ва мақсадноки захираҳои молиявии берунӣ ва дохилии ҷалбшаванда дар асоси дараҷаи мақбули хавфҳо;
- риояи сиёсати ҷалби қарзгириҳои давлатии имтиёзнок;
- ҷалби қарзҳо дар ҳамоҳангӣ бо барномаи сармоягузориҳои давлатӣ дар асоси арзёбии даромаднокӣ, самаранокии лоиҳаҳо ва такмили механизми институтсионалии ҳамоҳангсозӣ ва мониторинги амалисозии онҳо;

- такмили низоми идоракунии қарз дар асоси баҳисобгирӣ, таҳлил ва мониторинги қарзи давлатӣ;

- рушди бозори коғазҳои қиматноки давлатӣ ва таъмини устувории қарзи давлатӣ;

- нигоҳ доштани сохтори муносиби сандуқи қарзӣ бо роҳи афзоиши марҳила ба марҳила ва пайвастаи ҷалби захираҳои дохилӣ тавассути рушди бозори коғазҳои қиматноки давлатӣ ҷиҳати диверсификатсияи сохтори сандуқи қарзии кишвар.

Дар асоси сенарияи заминавӣ андозаи ҳаҷми қарзи давлатӣ дар давраи миёнамуҳлат ба эътидол омада, номутобиқатии ибтидоии як нишондиҳандаи қарзи беруна (хизматрасонии қарзи давлатӣ нисбат ба содирот) дар соли 2020 қисман аз ҳисоби зарурати маблағгузориҳои марбут ба беморни сироятии COVID-19 ба амал омад, ки дар марҳилаи миёнамуҳлат ба ҳадди муқаррargардида мувофиқ мегардад. Ин нишондиҳанда то охири давраи дурнамо дар соли 2023 аз сатҳи соли 2020 шояд коҳиш ёбанд.

Нишондиҳандаи таносуби арзиши овардашудаи қарз нисбат ба маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва таносуби арзиши овардашудаи қарз нисбат ба содирот дар давоми соли якуми Стратегияи мазкур аз ҳадди пешбинишуда болотар оғоз гардида, баъдан дар давраи миёнамуҳлат ба ҳадди муқаррargардида мувофиқ мегардад, зеро идоракунии қарзи давлатӣ такмил ёфта, нишондиҳандаҳо беҳтар хоҳанд гашт.

**Диаграммаи 1.**

**Механизми идоракунии хизматрасонии қарзи давлатӣ**



**Диаграммаи 2.**

**Нишондиҳандаҳои қобилияти пардохт**




**Эзоҳ:** Хатти заминавӣ дорои ду нишондиҳанда, якум захираҳо/қобилияти пардохт (таносуби қарз нисбат ба содирот) ва дуюм ҷараён/пардохтпазирӣ (таносуби қарз нисбат ба содирот ва таносуби қарз нисбат ба даромад) мебошад.

Маълум, ки индикатори таносуби хизматрасонии қарз нисбат ба содирот тамоюли коҳишёбӣ дошта, дар давраи миёнамуҳлат аз ҳадди муқарраргардида пасттар мегардад. Таносуби хизматрасонии қарз ва даромад аз ҳадди муқарраргардида ҳамчун индикатори дигар поён боқӣ мемонад. Беморри сироятии COVID-19 ба миён омада, ба ҳар ду нишондиҳандаи қобилияти пардохт дар тамоми давраи пешбинишавандаи Стратегияи мазкур муътадил боқӣ мемонанд. Ин номутобиқатии ибтидоии таносуби қарз нисбат ба содирот ночиз ва қисман аз ҳисоби қарзгирии нав барои маблағгузории марбут ба таносуби мазкур дар атрофи ҳадди дахлдор дар тамоми давраи амалисозӣ кам мегардад.

Соли 2020 фарзияҳои макроиқтисодӣ тибқи сенарияи ҷории заминавӣ касри нисбатан пасти буҷети давлатиро барои давраи миёнамуҳлат нисбат ба соли 2019 пешбинӣ намуда, сарфи назар аз он ки нишондиҳандаҳои воқеии маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ барои соли 2020 нисбат ба натиҷаҳои таҳлили устувории қарзи давлатии соли 2019 баландтар пешгӯи шуданд, вале дар охир коҳиш ёфт. Фарқияти асосӣ дар он аст, ки касри пешбинишавандаи буҷет дар соли 2020 зиёд мебошад, зеро дурнамо коҳишёбии даромад ва афзоиши хароҷоти давлатиро барои пандемияи COVID-19 дар бар мегирад. Дар солҳои 2021-2023 дурнамои нишондиҳандаҳо зарурати таҳкими буҷетро, аз

ҷумла дар доираи нишондиҳандаҳои фискалии амалисозии механизми маблағгузории фаврии Хазинаи Байналмилалии Асъор дар бар мегирад. Дар асоси дурнамои таҳлили устувории қарзи давлатӣ мавқеи беруна дар соли 2020 заиф боқӣ хоҳад монд, аммо аз ҳисоби таҳкими буҷет тадриҷан беҳтар шуд. Нишондиҳандаҳои мақсадноки устувории қарзӣ барои солҳои 2021-2023 дар шакли зерин оварда шудаанд, дар ҷадвали 3.1.1 пурра оварда шудааст.

**Ҷадвали 1.**

**Нишондиҳандаҳои мақсадноки устувории қарз барои давраи то солҳои 2021-2023**

| Нишондиҳанда | Соли 2021 | Соли 2022 | Соли 2023 |
|---|---|---|---|
| Қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ | На зиёда аз 60% | На зиёда аз 60% | На зиёда аз 60% |
| Хизматрасонии қарзи давлатии берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба содироти молу хизматрасониҳо | На зиёда аз 15% | На зиёда аз 15% | На зиёда аз 15% |
| Хизматрасонии қарзи давлатии берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба даромади буҷети ҷумҳуриявӣ | На зиёда аз 25% | На зиёда аз 25% | На зиёда аз 25% |
| Дараҷаи ҳадди ақали имтиёзнокии қарзҳои беруна | 35% | 35% | 35% |
| Барориши кафолатҳои давлатӣ (сомонӣ) | 0 | 0 | 0 |
| Ҷойгиркунии векселҳои хазинадории давлатӣ дар асоси музояда | 100% | 100% | 100% |
| Вазни қиёсии вомбаргҳои давлатии хазинадорӣ дар сохтори умумии эмиссияи ҳарсолаи коғазҳои қиматноки давлатӣ | Динамикаи мусбат | Динамикаи мусбат | Динамикаи мусбат |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Пандемияи COVID-19 бамиён омада, боиси тағйирёбии дурнамои нишондиҳандаҳои макроиқтисодии Тоҷикистон дар соли 2020 гардид. Дар асоси нишондиҳандаҳои таҳлилӣ шарҳи васеи онро дар ҷадвали 2 аз рӯи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ оварда шуда маълумот медиҳем.

**Ҷадвали 2.**

**Дурнамои нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ**

| Нишондиҳанда | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (млн сомонӣ) | 54471 | 58910 | 68844 | 77354 | 83517 | 92640 | 102894 | 114972 |
| Афзоиши воқеии маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (бо фоиз) | 6,9 | 7,0 | 7,3 | 7,5 | 4,7 | 7,6 | 7,8 | 8,0 |
| Гардиши савдои беруна (млн доллари ИМА) | 3930 | 4410 | 4224 | 4524 | 4528 | 4902 | 5142 | 5376 |
| Аз ҷумла содирот | 899 | 922 | 1073 | 1174 | 1218 | 1310 | 1426 | 1519 |
| Воридот | 3030 | 3488 | 3151 | 3349 | 3309 | 3593 | 3716 | 3857 |
| Таваррум (бо %) | 6,1 | 7,0 | 5,4 | 8,0 | 9,8 | 6,9 | 6,8 | 7,1 |
| Ҳаҷми умумии даро-мади буҷети давлатӣ, аз ҷумла грантҳо (млн сомонӣ) | 17484 | 19569 | 24097 | 23490 | 23578 | 27646 | 30985 | 32251 |
| Хароҷот аз рӯи пар-дохтҳои фоизӣ (млн сомонӣ) | 270,3 | 372,2 | 634,8 | 691,5 | 654,7 | 817,1 | 863,2 | 860,1 |
| Ҳаҷми умумии харо-ҷоти буҷети давлатӣ (млн сомонӣ) | 18128 | 19863 | 24178 | 23665 | 26043 | 28109 | 31500 | 32826 |
| Ҳамагӣ қарзи дав-латӣ (бо % нисбат ба маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ) | 44,8 | 51,5 | 48,8 | 44,9 | 45,5 | 44,71 | 42,64 | 43,78 |
| Аз ҷумла қарзи берунӣ (бо % нисбат ба маҷмӯи маҳсуло-ти дохилӣ) | 32,7 | 40,3 | 38,9 | 36,0 | 37,5 | 40,6 | 39,5 | 37,0 |
| Аз ҷумла қарзи дохилӣ (бо % нисбат ба маҷмӯи маҳсуло-ти дохилӣ) | 12,1 | 11,2 | 9,96 | 8,95 | 7,93 | 7,06 | 6,36 | 6,21 |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Дар идоракунии қарзи давлатӣ вобаста ба ҳадафҳо, вазифаҳо ва хавфҳо стратегияҳои гуногуни идоракунии қарзи давлатӣ  пешбинӣ карда мешаванд, ки онҳо ба таҳлили муқоисавии чор варианти стратегияи қарзгирӣ асос ёфтааст. Варианти якуми Стратегия (С1) стратегияи амалкунанда, варианти дуюм (С2) қарзгирии берунаи имтиёзнок, варианти сеюм (С3) рушди бозори дохилии коғазҳои қиматнок, варианти чорум (С4) қарзгирии берунаи ғайриимтиёзнок мебошад.

Барои ноил гардидан ба ҳадафҳои дар боло зикргардида риояи шартҳои зерин зарур аст:

- нақшаи эмиссияҳо бояд ба эҳтиёҷоти буҷети солона барои маблағгузории дохилӣ, инчунин ба талаботи тағйирёбандаи маблағгузории суратҳисобҳои хазинадорӣ дар давоми сол алоқаманд бошад. Маблағгузории касри буҷет бо моддаҳои бидуни қарз (грантҳо, даромад аз хусусигардонӣ), қарзҳои софи берунӣ ва дохилӣ таъмин карда мешавад;
- нақшаи ҳаҷми умумии эмиссияҳо, пардохтҳо, маблағгузориҳо ва пардохтҳои фоизии эҳтимолӣ бо мақсади таъмини мутавозинии буҷети давлатӣ, байни сарраёсатҳои буҷети давлатӣ, қарзи давлатӣ ва ҷалби сармоягузории давлатӣ, хазинадории марказии Вазорати молия мувофиқа карда шавад.

Муддати солҳои 2021-2023 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини устувории буҷети давлатӣ ва қарзи давлатӣ тадбирҳои заруриро амалӣ менамояд. Сарфи назар аз он, ки тағйирёбии ҷиддии нишондиҳандаи касри буҷет ба коҳишёбии таъсири оқибатҳои номатлуби пандемияи COVID-19 алоқаманд хоҳад буд, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таҳкими буҷети давлатӣ тадбирҳои иловагӣ амалӣ хоҳанд шуд. Бо мақсади асосӣ нигоҳ доштани нишондиҳандаи касри буҷети давлатӣ дар ин раванд, мутаносибан ба андозаи 4,4 фоизи маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар соли 2021 ва 2,6 фоиз дар соли 2022 хоҳад шуд. Барои таъмини нишондиҳандаҳои мазкур амалӣ намудани тадбирҳои иловагӣ вобаста ба таҳкими буҷети давлатӣ ба андозаи 2,0 фоизи маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар солҳои 2021-2023-ро талаб мекунад. Чунин тадбирҳо барои амалӣ гардидани сатҳи устувор нигоҳ доштани қарзи давлатӣ мусоидат менамояд.

Хулоса, дар доираи ташаббуси кишварҳои ҳамкори G-20 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки Содиротию Воридотии Чин, Клуби Париж, Бонки KFW-и Ҷумҳурии Федеративии Олмон, Бонки Натиксиси Ҷумҳурии Фаронса ва Департаменти кишоварзии Иёлоти Муттаҳидаи Америка ба мувофиқа расиданд, ки пардохти қарзҳоро то охири соли 2021 нигоҳ доранд.

Стратегияи мазкур моҳиятан зарурати дақиқ муайян кардани доираи уҳдадориҳо, расмиёту механизмҳои ҳамкорӣ ва мубодилаи

иттилооти байни мақомоти давлатиро ба раванди идоракунии қарзи ҷалбшуда, инчунин ҳамоҳангсозии сиёсати қарзиро пешбинӣ менамояд.

**АДАБИЁТ**


1. Ахбороти Сарраёсати қарзи давлати ва дороиҳои молиявии давлатии Вазорати Молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қарзи берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солхои 2012-2021.
2. Стратегияи идоракунии қарзи давлатӣ барои солҳои 2020-2023
3.Барномаи давлатии қарзгирии берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2023..
4. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. ҶДММ «ТоРус» ш. Душанбе – 2021. – 495 с.
5. Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон № 113 аз 2.03.2001 с. «Низомнома «Дар бораи вомҳои Бонки миллии Тоҷикистон».
6. Финансы, деньги, кредит, под ред. О.В.Соколовой, М: ЮРИСТЪ, 2001.
7. Финансы, денежное обращение и кредит, Н.Ф. Самсонов, М: Инфра - М, 2002.
8. Ҳасанов А.Р., Содиқов Р.Ҳ.. Буҷети давлатӣ: Китоби дарсӣ/ А.Р., Ҳасанов., Р.Ҳ. Содиқов.– Душанбе: «ЭР – граф», 2018. – 368с.


## МЕХАНИЗМИ ИДОРАКУНИИ ҚАРЗИ ДАВЛАТӢ ДАР АСОСИ СТРАТЕГИЯИ ИДОРАКУНИИ ҚАРЗИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛҲОИ 2021-2023


Дар шароити муосир стратегияи идоракунии қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2023 (минбаъд – Стратегия) ҳуҷҷати банақшагирӣ ва дурнамои миёнамуҳлати афзалиятҳои асосии давлат дар соҳаи идоракунии қарзи давлатӣ буда, механизми иҷрои онро муайян месозад. Дар асоси муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Стратегияи мазкур, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи мақсадҳо ва афзалиятҳои стратегии рушди кишвар таҳия шуда, ба баланд бардоштани самаранокии назорати ҷалби қарзгирии берунӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин коҳиш додани таъсири манфии пандемияи бемории сироятии COVID-19 ба иқтисодиёти кишвар ва роҳ надодан ба ҷамъшавии беназорати қарзи беруна равона гардидааст.



**Калидвожаҳо:** сармоягузорӣ, буҷети давлатӣ, сармоягузории мустақим, қарзи давлатӣ, дотатсия, субсидия, сармоягузории ғайримустақим субвенсия.


## МЕХАНИЗМ УПРАВЛЕНИЯ ГОСУДАРСТВЕННЫМ ДОЛГОМ НА ОСНОВЕ СТРАТЕГИИ УПРАВЛЕНИЯ ГОСУДАРСТВЕННЫМ ДОЛГОМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН НА 2021-2023 ГОДЫ


В современных условиях Стратегия управления государственным долгом Республики Таджикистан на 2021-2023 годы (далее – Стратегия) является документом планирования и среднесрочной перспективы основных приоритетов государства в области управления

государственным долгом, и определяет механизм ее реализации. На основе положений Конституции Республики Таджикистан, настоящей Стратегии, нормативно-правовых актов Республики Таджикистан разработаны в соответствии с целями и стратегическими приоритетами развития страны, для повышения эффективности контроля за привлечение внешних кредитов в Республику Таджикистан, а также снижение негативного воздействия пандемии инфекционного заболевания COVID-19 на экономику, направленное на предотвращение накопления страной неконтролируемого внешнего долга.

**Ключевые слова:** инвестиции, государственный бюджет, прямые инвестиции, государственный долг, грант, субсидия, косвенные инвестиции, субсидия.

## MECHANISM OF PUBLIC DEBT NS MECHANISM OF STRATEGIC MANAGEMENT OF PUBLIC DEBT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN NS 2021-2023

In modern conditions, the Public Debt Management Strategy of the Republic of Tajikistan for 2021-2023 (hereinafter referred to as the Strategy) is a planning document and medium-term perspective of the state's main priorities in the field of public debt management, and determines the mechanism for its implementation. Based on the provisions of the Constitution of the Republic of Tajikistan, this Strategy, regulations of the Republic of Tajikistan are developed in accordance with the goals and strategic priorities of the country's development, to increase the effectiveness of control over attracting external loans to the Republic of Tajikistan, as well as reducing the negative impact of the COVID-19 infectious disease pandemic on the economy, aimed at preventing the country from accumulating uncontrollable external debt.

**Key words:** investments, state budget, direct investments, public debt, grant, subsidy, indirect investments, subsidy.

**Маълумот дар бораи муаллиф:**

**Давлатов Навруз Амиршоевич** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон номзади илмҳои иқтисодӣ, ассистенти кафедраи молия ва суғурта **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17, **Тел:** +992 987 54 52 53, **Почтаи электронӣ** navruz.davlatov.1995 @mail.ru.

**Сведения об авторе:**

**Давлатов Навруз Амиршоевич -** Таджикский национальный Университет, ассистент кафедры «Финансы и страхование». **Адрес:** 734025, Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17, **Телефон:** +992 987 54 52 53.**Электронная почта**: navruz.davlatov.1995 @mail.ru.

**Information about author:**

**Davlatov Navruz Amirshoevich -** Tajik National University, assistant Finance and insurance. **Address:** 734025, Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue17. **E-mail** navruz.davlatov.1995 @mail.ru. **Phone:** 987 54 52 53

# РОЛЬ ПРОИЗВОДСТВЕННОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА В РАЗВИТИИ ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ

*Имомёрбеков Ф.М.- к.э.н. доцент кафедры мировая экономика ТНУ*

Значительная роль предпринимательства в экономическом развитии заключается в том, что оно может значительно повысить уровень жизни отдельных лиц и сообществ за счет создания отраслей, создания богатства и новых позиций. Предпринимательство не только обеспечивает широкомасштабную занятость и способы получения дохода, но также имеет потенциал для улучшения качества жизни людей за счет разработки продуктов и услуг, которые доступны по цене, безопасны в использовании и повышают ценность их жизни [3].

Сегодняшняя бизнес-модель основана в основном на современных, передовых и сложных технологиях. Нельзя отрицать тот факт, что организации, большие или маленькие, скорее всего, будут забыты, если они не внедрят технологии. Следовательно, становится важным знать, как цифровая экономика может повлиять на вашу компанию с ее дальнейшим расширением и ростом. Исследование этого вопроса поможет вам узнать различные способы, с помощью которых ваш бизнес сможет эффективно использовать эту границу. Таким образом, вы привлечете больше клиентов, соберете важные данные и улучшите качество обслуживания клиентов.

Цифровая трансформация меняет традиционные модели предпринимательства. Оно ставит перед обществом новые задачи, связанные со снижением затрат на производство и управление с использованием платформ цифровой экономики, с радикальным повышением эффективности компаний, отраслей, образовательных учреждений для противостояния глобальным технологическим, экономическим и социальным вызовам. В настоящее время в Таджикистане активно обсуждают переход к цифровой экономике. Он предполагает внедрение и развитие цифровых технологий во всех сферах жизни: от домохозяйств и курсов обучения предпринимательству до ведущих отраслей экономики и регионов. Для этого потребуется создание благоприятных условий и стимулов для отечественного высокотехнологичного бизнеса, который является ключевым источником экономического роста и драйвером цифровой трансформации.

В широком смысле процесс «цифровизации» экспертами ЮНКТАД понимается как социально-экономическая трансформация, инициируемая массовым внедрением и освоением цифровых технологий, то есть технологий создания, обработки, обмена и передачи информации [2].

В настоящее время большой популярностью у зарубежных исследователей пользуется термин «Третья промышленная революция» (ТПР), предложенный американскими исследователями Рифкиным (2011)

и Курцвейлом (1990). В то же время существует альтернативная концепция «четвертой промышленной революции» или «Индустрии 4.0». Сторонники четвертой промышленной революции считают многие элементы и решения ТПР, описанные Рифкиным (2011) и Курцвейлом (1990), наиболее важными ее элементами. Представление о направлениях цифровой трансформации экономики начало формироваться в середине 90-х годов XX века. В понимании роли информационных и коммуникационных технологий в развитии общества и условий цифровизации предпринимательства значительный вклад внесли Кастельс (1996), Кац (1988), Масуда (1981), Найсбитт (1988) и другие. Например, Детлеф Ла Гранд, независимый бизнес-консультант, помогающий компаниям разрабатывать и внедрять концепции интернет-бизнеса, обосновал и уточнил комплекс технологий цифровой трансформации, разделив их на три сектора: люди, процессы, продукты. Аналитики Accenture Strategy разработали комплексный критерий оценки влияния цифровой трансформации на бизнес, введя индекс цифровой плотности. Индекс отражает степень внедрения цифровых технологий и навыков работы с ними [4]. Индекс включает более 50 показателей, сгруппированных по четырем направлениям. Совместно с Oxford Economics, подразделением Оксфордского университета, они провели исследование, которое подтвердило связь между применением цифровых технологий и ростом ВВП. Еще одно исследование «Цифровая трансформация: как стать лидером» провело аналитическое агентство, специализирующееся на консалтинге в области бизнес-стратегий по внедрению ИТ. Он посвящен оценке влияния цифровой трансформации на деятельность компаний. В отчете представлены результаты исследования цифровой зрелости около ста европейских компаний из семи отраслей, которые были ранжированы Индексом цифровой трансформации (ИЦТ). В 2015 году Всемирный экономический форум (ВЭФ) (2017) объявил о запуске долгосрочной программы программа Digital Transformation Initiative (DTI), которая должна стать отправной точкой для определения новых возможностей и направлений цифровизации бизнеса и общества. В то же время DTI позиционируется как важная часть более широкой программы Четвертой промышленной революции. В последнем экспертном докладе ВЭФ (январь 2017 г.) говорится, что «Четвертая промышленная революция уже идет». На сегодняшний день десятки разных стран разработали и реализовали государственные программы и стратегии развития цифровых технологий или цифровизации национальных экономик. Так, только в странах ЕС, по официальным данным Еврокомиссии на март 2017 г., действует более 30 национальных и региональных инициатив по промышленной цифровизации (2018 г.).

В последнее десятилетие ведущие индустриальные страны мира прилагают определенные усилия по поиску совместных решений и механизмов регулирования процессов цифровизации на межгосударственном уровне. Лидером в этом направлении является

Евросоюз, участники которого определили формирование единого цифрового рынка как общую задачу. Впервые о необходимости разработки такой общей стратегии цифровизации официально заявил президент Еврокомиссии Жан-Клод Юнкер в октябре 2015 года.

Тотальная цифровизация, автоматизация, массовое использование цифровых технологий — естественные процессы. При этом целостная картина «цифрового» будущего предпринимательства до сих пор не разработана. Поэтому результат предстоящих изменений не предопределен. Ясно лишь то, что информационная революция и ее продукт – цифровая экономика радикально меняют формы экономических отношений, институтов и организаций. В исследовании определены основные институциональные проблемы, стоящие на пути трансформации цифровой экономики Таджикистана. Например, политические приоритеты развития сырьевых отраслей сохраняются под влиянием института лоббирования и краткосрочных экономических интересов. Существуют пробелы в законодательстве, предпринимательском образовании, инвестиционный голод, коррупционные явления. Низкая инновационная культура представителей государственного управления и бизнес-структур сдерживает рост массового спроса на инновации и цифровые технологии. Таким образом, цифровая трансформация национальной экономики в соответствии с заявленными стратегическими приоритетами развития страны может быть осуществлена только при условии:

1. Имеется полное ресурсное обеспечение (прежде всего инвестиционное).

2. Реализуется концепция конвергентного развития регионов и создаются адекватные институциональные основы в виде институциональных механизмов, усиливающих инновационную активность хозяйствующих субъектов и способствующих росту спроса на инновационную продукцию и технологии на внутреннем и внешнем рынках.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Афонасова, М.А. Предпосылки и конвергентные факторы регионального развития. Средиземноморский журнал Общественные науки, 6(S4), 191. 2015г.
2. Бабкина, А.В. Цифровая трансформация экономики и промышленности: проблемы и перспективы. Санкт-Петербург:и Политехнического университета, 807. 2017г.
3. Кастельс, М. Информационный век: Экономика, общество и культура: Возникновение сетевого общества. Молден. Оксфорд: Публикация Блэквелла. 1996г.
4. Кац, Р.Л. Информационное общество: международная перспектива. Нью-Йорк: Прегер. 1988.
5. Кенни М. и Зисман Дж. Выбор будущего в платформенной экономике: значение и последствия цифровых платформ.

Конференция Фонда Кауфмана по развитию нового предпринимательства, 2015.
6. Кешелава А.В., Буданов В.Г., Румянцев В.Ю. Введение в «цифровую» экономику. ВНИИ Геосистемы, 28. 2017.
7. Кшетри, Н. Глобальное предпринимательство: окружающая среда и стратегия. Рутледж. 2014.
8. Концепция цифровой экономики в Республике Таджикистан. Утверждена постановлением Правительства Республики Таджикистан от «30» декабря 2019 года, №642

## РОЛЬ ПРОИЗВОДСТВЕННОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА В РАЗВИТИИ ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ

Гаронии андоз нишондиҳандаҳоеро дар бар мегирад, ки мувофиқи миқёси татбиқи онҳо метавонанд ба умумӣ ва хос тақсим карда шаванд. Нишондиҳандаҳои умумӣ ин нишондиҳандаҳое мебошанд, ки ба ҳар як субъекти иқтисодӣ, сарфи назар аз мансубият ба соҳаи муайяни хоҷагии халқ, ҳаҷм, шакли ташкилию ҳуқуқӣ, мансубияти минтақавӣ, ки умумияти татбиқи онҳоро муайян мекунад ба ҳисоб меравад. Ин нишондиҳандаҳо метавон ҷори намуд. Одатан, баҳогузории ҳаҷми андози субъектҳои соҳибкорӣ аз рӯи нишондиҳандаҳои умумӣ барои корбарони беруна пешбинӣ шудааст. Намунаи нишондиҳандаи умумӣ ин нишондиҳандае мебошад, ки таносуби ҳаҷми пардохтҳои андозро аз даромади фурӯш тавсиф мекунад.

Нишондиҳандаҳои умумӣ инчунин нишондиҳандаи бори мутлақи андозро дар бар мегиранд, ки ҳаҷми умумии андозҳо ва пардохтҳои ба

буҷет пардохтшавандаро тавсиф мекунад. Бори мутлақи андоз ду ҷузъро дар бар мегирад: бори андози ҳисобшуда ва бори пардохташуда (амалишаванда).

Нишондиҳандаҳои хусусӣ дар бораи таъсири пардохтҳои андоз ба намудҳои алоҳидаи фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ, намояндагиҳои (филиалҳои) алоҳидаи ташкилот ва ғайра маълумоти муфассал медиҳанд. Ин нишондиҳандаҳо барои корбарони дохилӣ аз нуқтаи назари баланд бардоштани самаранокии банақшагирии андоз ва аз ин рӯ, рақобатпазирӣ таваҷҷӯҳ доранд. Метрикҳои хусусӣ махфӣ мебошанд; онҳо маълумоти махфӣ ва муҳим мебошанд. Чунин нишондиҳандаҳо, масалан, нишондиҳандаи бори андоз аз арзиши аслиро дар бар мегиранд.

Нишондиҳандаҳои умумӣ инҳоро дар бар мегиранд.

1. Нишондиҳандаи бори мутлақи андоз ҳамчун маҷмӯи ӯҳдадориҳои дорои хусусияти андозбандие ҳисоб карда мешавад, ки мутобиқи қонунгузорӣ муайян карда шудаанд ва барои ин ширкат пардохткунанда аст:

$$\text{ГМ}_{\text{А}}=\text{АФ}+\text{ААИ}+\text{Ф}_{\text{Н}}+\text{А}_{\text{ғ}}+\text{А}_{\text{З}}+\text{А}_{\text{В}}+\text{Б}_{\text{г}}+\text{А}_{\text{Д}}$$

ки дар он **$\text{ГМ}_{\text{А}}$** гаронии мутлақи андоз аст; **АФ** - андози фоида; **ААИ** - андоз аз арзиши иловашуда; **$\text{Ф}_{\text{Н}}$** - пардохтҳои ҳатмӣ ба Фонди Ҳифзи иҷтимоии аҳолии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; **$\text{А}_{\text{ғ}}$** - андоз аз обектҳои ғайриманқул; **$\text{А}_{\text{В}}$** - андози нақлиёт; **$\text{А}_{\text{З}}$** - андози замин; **$\text{Б}_{\text{г}}$** - боҷи гумрукӣ; **$\text{А}_{\text{Д}}$** - дигар андозҳо (ки метавонанд аксизҳо, боҷи давлатӣ ва ғайраро дар бар гиранд).

Ин нишондиҳанда ҳаҷми умумии пардохтҳои андозро, ки мутобиқи қонунгузории амалкунанда ба буҷет пардохта мешаванд, тавсиф мекунад. Ҳисобкунии нишондиҳанда андозҳо ва пардохтҳоеро дар бар намегирад, ки ташкилот вазифаҳои агенти андозро иҷро мекунад, зеро ин боиси афзоиши беасоси нишондиҳанда мегардад.

Дар амал вазнинии андоз тақсим карда мешавад ба:

- Гаронии андоз, ки тибқи қоидаҳои баҳисобгирии бухгалтерӣ ва ҳисоботи андоз ҳисоб карда шудааст, ба истиснои ҷаримаҳо ва пеняҳо;
- Гаронии андози воқеан пардохтшуда (амалишаванда), яъне. маблағи андози саривақтӣ ба буҷа воридшуда, аз ҷумла фоизҳо ва ҷаримаҳо.

2. Нишондиҳандаи гаронии андоз аз даромади корхона ин ҳиссаи андозҳоро дар даромади корхона инъикос мекунад:

$$\text{ГА}_{\text{Д}}=\text{ХГА}/\text{Д}$$

ки дар инҷо: $\text{ГА}_{\text{Д}}$ - гаронии андоз аз даромад; ХГА – ҳиссаи мутлақи гарони андоз; Д - даромади корхона, аз ҷумла даромад аз фурӯш ва даромадҳо аз амалиётҳои ғайрифуруш.

Ин нишондиҳандаи нисбӣ имкон медиҳад, ки ҳиссаи даромади як корхонаи мушаххасро, ки ба манфиати давлат пардохтҳоро анҷом медиҳад, дар шакли пардохти андоз баҳо дода шавад.

3. Нишондиҳандаи гаронии андоз аз арзиши иловашуда ҳиссаи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмиро дар арзиши иловашудаи корхона тавсиф мекунад:

$$\textbf{ГАА}_{\textbf{И}}\textbf{= ХГА/ ДИ}$$

ки дар он: ГАА $_{И}$ - сарбории андоз аз арзиши иловашудаи корхона;

ХГА – ҳиссаи мутлақи гаронии андоз; ДИ- арзиши иловашуда мебошад.

4. Арзиши иловашуда ҳамчун фарқи байни даромади фурӯш (ба истиснои андоз аз арзиши иловашуда) ва хароҷоти моддӣ ё ҳамчун маблағи фоида, фонди музди меҳнат ва истеҳлок муайян карда мешавад:

$$\textbf{А}_{\textbf{И}}\textbf{= А}_{\textbf{А}}\textbf{+ Ф}_{\textbf{Мм}}\textbf{+ Х}_{\textbf{И}}$$

ки дар инҷо: А$_{И}$- арзиши иловашуда мебошад; А$_{А}$ – амалиётҳои амалкунанда пеш аз андоз; ФМм - фонди музди меҳнат, инчунин маблағгузори дар фонди суғурта, иттифоқи касаба: Х$_{И}$-хароҷоти истеҳлокӣ мебошад.

Афзалияти ин нишондиҳанда аз он иборат аст, ки он таъсири андозбандиро ба намуди муайяни фаъолияти соҳибкорӣ инъикос мекунад.

Он метавонад барои муқоисаи вазнинии андози корхона бо вазнинии андозӣ дар соҳа истифода шавад. Арзиши иловашуда ҳамчун нишондиҳандаи асосӣ бо назардошти хароҷоти истеҳлокӣ, ки барои корхонаи истеҳсолӣ аҳамияти асосӣ доранд, қабул карда мешавад.

Ҳисобкунии маҷмӯи нишондиҳандаҳои гаронии андоз ба мо имкон медиҳад, ки дар бораи таъсири ҷории андозбандӣ ба фаъолияти молиявию хоҷагии корхона ва маълумот оиди гаронии андоз тасаввурот пайдо кунед. Дар асоси натиҷаҳои ҳисобҳо бояд арзёбии таъсири андозбандӣ ба корхона гузаронида шуда, имкониятҳои муносибкунонии он муайян карда шаванд.

Маълумоти бадастомада дар бораи сатҳи гаронии андози корхона метавонад на танҳо барои мақсадҳои идоракунии дохили фирма, балки барои пешгӯии андоз дар сатҳи макро низ истифода шавад.

## АДАБИЁТ


1. Вылкова Е. С. Расчет налогового бремени в современных российских условиях / Е. С. Вылкова // Налоговый вестник. – 2002. – № 12. – С – 17–18.
2. Девликамова Г. В. Налоговый анализ как составная часть анализа хозяйственной деятельности предприятия / Г. В. Девликамова // Финансы. – 2001. – № 8. С – 40–42.

3. Кадушин А. Насколько посильно налоговое бремя / А. Кадушин, Н. Мехайлова. – Режим доступа:http://www.cfin.ru/taxes/how_much_taxes.shtml
4. Кирова Е. А. Методология определения налоговой нагрузки на хозяйствующие субъекты / Е. А. Кирова // Финансы. – 1998. – № 9– С. 32–33.
5. Крейнина М. Н. Финансовое состояние предприятия: методы оценки / М. Н. Крейнина. – М. : ДИС, 1997.С– 223.
6. Литвин М. И. Налоговая нагрузка и экономические интересы предприятий / М. И. Литвин // Финансы. – 1998. – № 5. – С. 55–59.

## ГАРОНИ АНДОЗ ДАР КОРХОНАҲОИ ИСТЕҲСОЛӢ: ТАРТИБИ МУАЙЯН КАРДАНИ ОН

Дар мақола гаронии андози корхона дар бахши воқеии иқтисодиёт ҳамчун категорияи иқтисодӣ баррасӣ шудааст ва бояд қайд намуд, ки гаронии андоз дар сатҳи субъектҳои иқтисодӣ ин ҳамчун нишондиҳандаи нисбии тавсифкунандаи ҳиссаи андозҳои ҳисобшуда дар даромади умумӣ бо назардошти талаботи қонунгузории андоз дар бораи ташаккули унсурҳои гуногуни андоз ҳисоб карда мешавад мебошад.

**Калидвожаҳо** андоз, гаронии андоз, субъекти фаъолияти хоҷагидорӣ, вазнинии андоз

## НАЛОГОВОВАЯ БРЕМЯ ПРОИЗВОДСТВЕННОГО ПРЕДПРИЯТИЯ: МЕТОДИКА ОПРЕДЕЛЕНИЯ

В статье рассматривается налоговое бремя на предприятия в реальном секторе экономики как экономическая категория, при этом следует отметить, что налоговая нагрузка на уровне субъектов хозяйствования является относительным показателем доли налогов, начисленных в валовом доходе, с учетом учитывать требования налогового законодательства.

**Ключевые слова:** налог, налоговое бремя, субъект хозяйственной деятельности, налоговая нагрузка.

## TAX BURDEN OF A PRODUCTION ENTERPRISE: DETERMINATION PROCEDURE

The article examines the tax burden on enterprises in the real sector of the economy as an economic category, while it should be noted that the tax burden at the level of business entities is a relative indicator of the share of taxes accrued in gross income, taking into account the requirements of tax legislation.

**Key words:** tax, tax burden, business entity, tax burden.

**Маълумот дар бораи муалиф:**

**Раҷабов Тоҷиддин Сангиматович** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи андоз ва андозбандии. **Суроға:** 734025 Ҷумҳурии

Тоҷикистон, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. **Тел:** 987480949. **Почтаи электронӣ:** tojiddin.2019@mail.ru

**Сведения об авторах:**

**Раджабов Таджиддин Сангиматович -** Таджикский национальный университет ассистент кафедры налогов и налогообложения. **Адрес:** 734025 Республика Таджикистан г. Душанбе проспект Рудаки 17. **Тел:** 987480949. E-mail: tojiddin2019.@mail.ru

**Information about the author:**

**Radjabov Tajiddin Sangimatovich -** Tajik national university, Assistant at the Department of Taxes and Taxation. **Address:** 734025 Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. **Phone:** 987480949. **Электронная почта**: tojiddin2019.@mail.ru

# ТАКМИЛДИҲИИ МЕХАНИЗМИ ИДОРАКУНӢ - САМТИ МУҲИМИ ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ ЗАХИРАҲОИ ОБИЮ ЭНЕРГЕТИКИИ ҶУМҲУРӢ

*Раҳмонов Ҷ.Ҳ. – докторант (PhD)-и, факултети иқтисод ва идоракунӣ дар соҳаи маорифи ДДОТ*

Захираҳои обӣ бо назардошти хусусиятҳои хоси табиӣ ва ҷойгиршавии худ сарҳадро қабул надоранд ва дар радифи ин, албатта, таъйиноти об чун захираи доимӣ ва барқароршаванда бо таъсири қувваҳои рушди комплекси иқтисодӣ ва афзоиши таҳдидҳои номатлуб, низ аз байн рафт. Илова бар ин тағйиротҳои муносибатҳои нави бозорӣ зарурияти тағйир додани низоми истифодаи обро тақозо намуданд, ки дар ин ҳолат идоракунии ин ҷараёнҳо шарти муҳим гардид. Маълум аст, ки чун анъана дар шароити ҳукмронии қоидаҳои бозорӣ, ташкил ва татбиқи механизми иқтисодӣ, нақши марказӣ дорад. Бо назардошти он, ки захираҳои обӣ, ин асоси ғизо ва беҳдошти шароити зиндагии мардум мебошанд, пас идоракунӣ ва танзими он таҳти усулҳои маъмурию ҳуқуқӣ ва ҳатто иқтисодӣ дар баъзе мавридҳо мушкилӣ эҷод менамояд.

Захираҳои обию энергетикӣ беҳбудии иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологии ҷомеаро таъмин намуда, айни замон ба ҷумҳурии мо имконияти ноилгаштанро ба ҳадафҳои рушди устувор, дода метавонад. Аз тарафи дигар захираҳои обию энергетикӣ аз нигоҳи дигар, манбаи хеле осебпазир буда, бо тамоми захираҳои табиии дигар алоқаманд аст. Ин гуна алоқамандӣ, дар мавриди истифодаю ҳамкориҳо, хароҷотҳои ғайримақсадноки захираҳои обию энергетикиро ба вуҷуд меорад, ки аз рӯи ҳаҷм ва сифат дар бисёр мавридҳо зери хатар қарор мегирад. Бо ин ва дигар далелҳои мушаххас гуфтан мумкин аст, ки истифодаи самараноки захираҳои обию энергетикӣ бидуни ба эътибор гирифтани принсипҳо ва ҳадафҳои рушди устувор, имрӯзҳо зарурати такмил додани механизми ташкилию иқтисодии истифодаи оқилонаи он на танҳо дар сатҳи ма-

ҳаллӣ, балки дар сатҳи минтақавӣ, ҷумҳуриявӣ ва ҷаҳонӣ ба вуҷуд омадааст.

Айни замон, дар давраи гузариш ба муносибатҳои нави иқтисодӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чунин механизми идоракунӣ ва иқтисодие ниёз дорад, ки истифодаи оқилона ва амалкарди бенуқсони комплекси захираҳои обию энергетикиро, бо назардошти принсипҳои рушди устувор таъмин карда тавонад. Ҳамзамон ин механизм бояд бо назардошти имкониятҳои маҷмӯи талаботи иқтисодиёт ва аҳолӣ ҳамоҳанг сохта шуда ба истифода ҷалб карда шавад. Бо ин далел ташкил ва амалигардонии чораҳои гузариш ба механизми нави идоракунии энергия ва обистифодабарӣ, ки бо талаботҳои шароити иқтисоди бозорӣ мувофиқат намуда, талаботҳои рушди устуворро таъмин карда тавонад, муҳим арзёбӣ мегардад. Механизм, бояд бехатарии истифодабарӣ ва дараҷаи баланди ба истифода мувофиқи иншоотҳои гидротехникиро таъмин намуда, эҳтиёҷоти иқтисодиёт ва аҳолиро ба захираҳои обӣ, бо сифати баланд кафолат дода, аҳолиро аз ҳамагуна таъсирҳои техникию экологии бо захираҳои обию энергетикӣ алоқаманд дар ҳиз ва нигоҳ дошта тавонад.

Аз нигоҳи дигар, навовариҳои иҷтимоию иқтисодии имрӯзаи ҷумҳурии мо (бунёди неругоҳҳои обӣ, рушди соҳаи сохтмон, афзоиши талабот дар низоми хӯрок ва истироҳати аҳолӣ ва ғ.) зарурияти ташкил ва такмил додани механизми идоракунии истифодаи самараноки захираҳои обию энергетикиро нишон доданд. Нуқтаи асосӣ дар раванди таҳияи механизми нави такмилёфтаи ташкилию экологӣ ва иқтисодии истифодаи об, ин дуруст ва бе иштибоҳ муайян кардани муаммоҳо, сабаб ва ҳадафҳои алоқаманд бо идоракунии низоми истифодаи самараноки захираҳои обию энергетикӣ ба ҳисоб меравад.

Вобаста ба мавҷудияти ин ва дигар муаммоҳои ҷойдошта, метавон вазифаҳои зеринро муайян кард:

- муайян кардани имкониятҳои идоракунии чорабиниҳои ташки-лию иқтисодӣ ва танзими системаи энергия ва обистифодабарӣ;
- муайян намудани истифодабарии нишондиҳандаҳои иқтисодии баҳогузории иқтидори захираҳои обию энергетикӣ бо дарназардошти эҳтиёҷоти ҳудудӣ ва рушди соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ (кишоварзӣ, саноат, гидроэнергетика, хоҷагиҳои коммуналӣ манзилӣ ва ғайраҳо);
- асоснок кардани муқаррарот ва ҳолати асосие, ки гурӯҳбандии иншоотҳои гидротехникиро вобаста аз намудҳои обистифодабарӣ бо назардошти вазъи иқтисодӣ ва экологӣ имкон медиҳад;
- таҳияи асосҳои методологии татбиқи ин механизм дар соҳаи истифодаи захираҳои обию энергетикӣ, ки имкони амалигардонии муқаррароти асосии Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистонро дода метавонад [5, с. 226].

Дар ҳақиқат, масъалаҳои алоқаманд бо захираҳои обӣ гуногун-паҳлу ва мураккаб мебошад. Ин гуна мушкилотҳо, ки аз вазифаҳои гузошташуда ва мавҷудияти мушкилиҳои соҳаи об бармеояд, нишон медиҳад, ки ҳалу

фасли сатҳи зарурии онҳо дар асоси равиши системавӣ (низомӣ) мувофиқан самаранок мебошад. Ан ин рӯ, таъсиси механизми идоракунии низоми истифодабарии самараноки захираҳои обию энергетикӣ ҷиҳати ҳалли мушкилоти зерин заминаи хуб гузошта метавонад:

- беҳтаргардонии вазъи экологии иншоотҳои обию энергетикӣ, баланд бардоштани истифодаи самараноки захираҳои табиӣ ва муҳити зист, ки бевосита ба сифату сохтори мураттаб пайдошавии захираҳои обию энергетикӣ алоқаманд мебошанд;
- қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ва объектҳои иқтисодӣ аз захираҳои обӣ аз рӯи ҳаҷм, низоми обтаъминкунӣ ва сифати об;
- банақшагирӣ ва қабули қарорҳо оид ба масъалаи истифодаи самаранок ва ҳифзу нигоҳдории сатҳи зарурии обанборҳо.

Берун шудан аз ҳолати бавуҷудомада, танҳо дар асоси амалигар-донии чорабиниҳои мутақобилан судманди истифодаи байнисоҳавӣ ва истифодаи сатҳи баланди раванди системавӣ роҷеъ ба истифодаи самараноки захираҳои обию энергетикӣ имконпазир аст.

Барои дарёфти фаҳмиш ва моҳияти идоракунии иқтисодии низоми истифодабарии захираҳои обию энергетикӣ, зарурати зери назари таҳқиқ қарор додани худи объекти идоракунӣ дар маҷмуъ, дар шароити комплекси истеҳсолӣ ва умуман ҷумҳурӣ, ки дар он бархурди унсурҳои ҳамкорӣ ҳангоми истеҳсоли ин ё он намуди маҳсулот ва хизматҳо бо истифодаи бевоситаи захираҳои обию энергетикӣ, ба вуҷуд меояд. Ҳама гуна муносибатҳои истеҳсолии замони муосир ҷараёни мураккаб ба ҳисоб гирифта мешаванд, аз ин рӯ таҳқиқоти он бояд ба таври системавӣ бо ёрии мавҷудияти аниқи унсурҳо ва ҳисобҳои омории муосир гузаронида шавад. Вобаста ба ин бояд омилҳои техникию-иқтисодӣ, ташкилию ҳуқуқӣ, иқтисодию экологӣ ва ғайра нишондиҳандаҳои ояндабинию муносибсозӣ дохил карда шаванд [6, с. 87].

Механизми идоракунии истифодаи самараноки захираҳои обию энергетикӣ ва бехатарии экологиро метавон ба маънои васеъ ва маҳдуд баррасӣ кард. Ба маънои васеъ, он як системаи чораҳои ташкилии экологӣ ва иқтисодӣ мебошад, ки бо идоракунии муҳити зист ва ҳифзи муҳити зист алоқаманд дониста мешавад. Банақшагирӣ, таҳия, нигоҳдорӣ ва иҷрои барномаҳо, инчунин назорати барномаҳои мақсаднок бо истифодаи механизми идоракунии бехатарии экологӣ амалӣ карда мешаванд. Механизми иқтисодӣ ба маънои маҳдуд, танҳо чораҳои иқтисодии худро бидуни таъсири маъмурӣ дар бар мегирад [10, с. 247]. Идоракунии захираҳои обӣ ва такмил додани сохтори он дар шароити имрӯза яке аз масъалаҳои мубрами рӯз, ҳам дар ҷумҳурӣ ва ҳам дар минтақа маҳсуб меёбад. Ин ҳолат, пеш аз ҳама, дар он мушоҳида мешавад, ки захираҳои обӣ ҳамчун сарвати табиӣ бесарҳад буда, ҷой ва макони аниқ надоранд. Онҳо метавонанд дар баъзе ҳолатҳо аз ҳудуди чанд давлат гузаранд.


МЕХАНИЗМИ ИДОРАУНИИ ЭКОЛОГӢ-ИҚТИСОДИИ ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ ЗАХИРАҲОИ ОБИЮ ЭНЕРГЕТИКӢ
Вазифа, заминаҳо ва самтҳои такмилдиҳии механизми идоракунӣ
Вазифаҳои асосии такмилдиҳии сохтори идоракунӣ
мукаммалгардонии механизми иқтисодию ташкилии идоракунӣ
муайян кардани имконият-ҳои идоракунии чорабини-ҳои ташкилию иқтисодӣ
муайян намудани нишондиҳандаҳои иқтисодии баҳогузорӣ
*асоснок кардани вазъ ва ҳолати гурӯҳбандии иншоотҳои гидротехникӣ*
таҳияи асосҳои методологии татбиқи механизм
Таъсиси заминаҳои механизми идоракунии захираҳои обию энергетикӣ
беҳтаргардонии вазъи экологии иншоотҳои обию энергетикӣ
қонеъ намудани талаботи аҳолӣ ва иқтисодиёт бо захираҳои обию энергетикӣ
банақшагирӣ ва қабули қарорҳо оиди истифодаи самараноки захираҳои обию энергетикӣ

соди бозорӣ имкон намедиҳад, ки хароҷоти нигоҳдории маҷмӯи хоҷагии об пурра пӯшонида шавад. Дар шароити иқтисоди бозорӣ ба вуҷуд овар дани механизмҳои нави идораи иқтисоди бозорӣ ба ҷоннок намудани механизмҳои нави идораи иқтисодии фаъолияти хоҷагии об оварда мерасонад, ки риояи он ҳатмӣ ва зарур аст.

Мураккабии маҷмӯи хоҷагии об тақозо менамояд, ки иншоотҳои муҳимтарину нодиртарин ҳамчун моликияти давлатӣ боқӣ монанд ва аз ҷониби Вазорати энергетика ва захираҳои об идора шаванд. Чунин тарзи ҳалли масъала имкон медиҳад, ки ба қисматҳои байнихоҷагӣ ва дохилихоҷагӣ тақсим намудани маҷмӯи ягонаи хоҷагии об бартараф гардад.

Бо назардошти мавсимӣ будани хоҷагиҳои кишоварзӣ, механизми дақиқи иқтисодии ҳисоббаробаркуниҳои миёни таҳвилкунандагон ва истеъмолгарони захираҳои обӣ инчунин зинаҳои алоҳидаи системаҳои обёришаванда ва ташкилотҳои ёрирасони хизматрасонро таҳия кардан зарур аст.

Яке аз роҳҳои такмилдиҳии истифодаи захираҳои об - ин мувофиқсозии принсипҳои низоми идораи захираҳои обию энергетикӣ мебошад. Мувофиқ гардонидани низоми идоракунии захираҳои обӣ дар сатҳи ташкилӣ, иқтисодӣ ва техникӣ зина ба зина амалӣ шуда истодааст, ки иҷрои тадбирҳои ташкилӣ ва иқтисодӣ бояд ба сатҳи дохилидавлатӣ ва минтақавии ҳар як кишвари дар минтақаи Осиёи Марказӣ воқеъбуда дахл дошта бошад.

Ҳаллу фасли муаммоҳои идораи обтаъминкунии соҳаҳои иқтисодӣ ва комплекси табииро бо роҳи афзун намудани ҳиссаи дар ихтиёр будаи захираҳои обию энергетикӣ ва истифодаи оқилонаи онҳо, ҳамзамон бо иҷрои тадбирҳои ҳифзи обӣ амалӣ кардан мувофиқи мақсад аст. Барои мувофиқгардонии системаи дорои захираҳои обӣ дар сатҳи миллӣ бояд гузариши мунтазам ба усули низомӣ (системавӣ)-и идора дар доираи воҳидҳои гидрографӣ ва воҳидҳои маъмурӣ сурат гирад. Таъсиси ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об, дар амал ҷорӣ намудани идораи талабот ба об, таъмини тафриқаи пардохтҳои об ва расонидани он вобаста ба шароити мушаххас, рушди шаклҳои мухталифи обистифодабарии давлатӣ, хусусӣ, коллективӣ ва саҳомиро дар асоси фаъолияти иқтисоди бозории хоҷагии об вусъат додан лозим аст [3, с. 69-75].

Сиёсати хориҷӣ дар соҳаи муносибатҳои об бояд дар заминаи истифодаи комплексии захираҳои обӣ, эътирофи об ҳамчун сарвати иқтисодӣ ва муқаррар намудани механизми иқтисодии истифодаи об, дастгирии тадбирҳои минтақавӣ оид ба идораи муштараки захираҳои обӣ, таъсис ва таҳкими механизми самарабахши пешгирӣ ва ҳалли ихтилофоти бамиёномада, хусусан дар солҳои камобӣ асос ёбад. Ба ҳалли масъалаҳои бамиёномадаи истифодаи об бояд ташкилотҳои ояндабинии дақиқи бонкии манбаъҳо ва ёфтани роҳҳои мувофиқаи қабули тарафайн мусоидат намоянд [7, с. 69].

Сарфакорона истифодабарии захираҳои об ва энергия - яке аз самтҳои суръатфизои истифодаи самараоки захираҳои обию энергетикӣ ба ҳисоб меравад. Сарфаҷӯӣ ва сарфакорона истифодабарии захираҳои обӣ ва

манбаъҳои энергия яке аз масъалаҳои мубрам дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Айни замон дар кишвар корҳо дар самти сарфа-корона истифода намудани заҳираҳои об дар соҳаи кишоварзӣ (аз он ҷумла барои обёрӣ) ва гидроэнергетика тавассути технологияҳои муосири гидротехникӣ ва ҳамчунин насб намудани воситаҳои ченаки об ва қувваи барқ, ки пардохти он боял тибқи низоми ғайринақдӣ сурат гирад дар нуқтаҳои обтақсимкунии шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бома-ром идома доранд. Бинобар ин, хоҷагиҳои ҷумҳурӣ бояд барои оқило-наю сарфакорона истифода бурдани захираҳои об ҷидду ҷаҳд намоянд.  Яке аз нишондиҳандаи сарфаи обистифодабарӣ - ин нишондиҳандаи обғунҷоиши соҳаҳои иқтисоди миллӣ мебошад.

Чи тавре, ки аз нишондиҳандаҳои ҷадвал бармеояд аз ҳама беш-тар соҳаҳое, ки обғунҷоиши баланд доранд - ин соҳаи кишоварзӣ мебо-шад, ки барои тайёр кардани як воҳиди маҳсулоти соҳа 0,911 захираҳои  об истифода мешавад, ки ҷойҳои баъдинаро соҳаи энергетика ва саноати химия ишғол менамоянд. Аз ҳама бештар обғунҷоиши маҳсулотҳои соҳаи кишоварзӣ баланд мебошад, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ ба 9473,8 млн. сомонӣ баробар мебошад. Ҳаҷми истеҳсоли соҳаи энергетика дар давраи таҳлилӣ ба 1397,03 млн. сомонӣ ва саноати химия ба 139,7 млн. сомонӣ баробар аст. Ин рақамҳо аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти якумин (соҳаи энергетика) нисбати маҳсулотҳои саноати химия 10 баробар зиёд мебошад  [8, с. 17]. Як нуктаро низ ҳамзамон бояд қайд намуд, ки новобаста аз ҳаҷми истеҳ-соли маҳсулот, ҳарду соҳаҳои таҳлилшаванда захираҳои обро дар ҳаҷми якхела истифода мебаранд, яъне онҳо соҳаҳои бештар обғунҷоишӣ ба ҳисоб мераванд, аммо аз рӯи истеҳсоли маҳсулот бо андозаи ду маротиба фарқ мекунанд.

Яке аз сабабҳои дар бисёр ноҳияҳои ҷумҳурӣ зиёд будани исроф-корию муносибати бепарвоёна ба табиат ва захираҳои обӣ, пеш аз ҳама, ба суст будани тартиби муҳофизати табиату маърифати экологӣ вобаста аст. Агар тарбияи экологӣ ва ҳифзи муҳити зист дар байни муассисаҳои томактабӣ, мактаббачагон, донишҷӯён ва умуман дар байни тамоми аҳолии ҷумҳурӣ пурзӯр гардад, дар он сурат чунин ҳодисаҳо кам ва ё умуман такрор нахоҳад шуд.

Яке аз самтҳои такмилдиҳии идораи захираҳои обӣ - ин ҳифз ва масъалаҳои таъмини бехатарии истифодаи захираҳои обию энерегетикӣ мебошад. Рушди устувори мамлакат бештар ба истифодаи самаранок ва ҳифзи захираҳои об аз ифлосшавӣ вобаста аст. Дар ин бобат вазифаҳои асосӣ чунинанд:

- роҳ надодан ба баланд шудани сатҳи обҳои зеризаминӣ дар мин-тақаҳои аҳолинишин;

- пешгирӣ ва бартараф намудани шӯршавӣ ва ботлоқшавии замин-ҳои обёришаванда;

- таъмини истифодаи меъёрии об дар фаъолияти технологӣ;

- пешгирии ифлосшавии захираҳои обӣ аз боқимондаи партовҳо аз корхонаҳои саноатӣ, соҳаи кишоварзӣ, хоҷагиҳои коммуналию манзилӣ ва ғайра.

Бо назардошти ин далелҳо, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паёмҳои худ ба Маҷлиси Олӣ (22.12.2016 ва 26.12.2019) ва суханрониҳояш дар Иҷлосияи 13-уми Созмони ҳамкории иқтисодӣ (1.03.2017, Исломобод) ва дар Ҷаласаи 40-уми Конфронси генералии ЮНЕСКО дар масъалаҳои вобаста ба тағйирёбии иқлим (12.11.2019, Париж) ёдовар шудаанд, ки Ҳукумати Тоҷикистон бо мақсади ба роҳ мондани истеҳсол ва истеъмоли неруи барқ барои таҷдиди неругоҳҳои мавҷуда, сохтмони иқтидорҳои нави тавлиди барқи обӣ, истифодаи васеи дигар манбаъҳои барқароршавандаи истеҳсоли неруи барқ, инчунин ҷорӣ намудани усулҳои муосири истифодаи сарфакоронаи он пайваста тадбирҳои зарурӣ меандешад [1, с. 3].

Бинобар ин, ба андешаи мо, дар соҳаи ҳифзи захираҳои обӣ бояд самтҳои афзалиятнок инҳо бошанд:

- давра ба давра берун баровардани иншооти ифлоскунанда аз мавзеъҳои ҳифзшавандаи обҳои дарёҳо, каналҳо, дигар манбаъҳои об ва минтақаҳои санитарию муҳофизатии маҳзани об;

- роҳ надодан ба истифодаи иншооти нав, бидуни ҷойгиркунонии дастгоҳҳои пешгирикунандаи ифлосшавӣ ва таъсири зараровари захираҳои обӣ дар иншоотҳои сохташаванда;

- истифодаи меъёрии нуриҳои маъданӣ ва заҳрдоруҳо (заҳрхимикатҳо);

- бунёди корхонаҳои истеҳсоли «коагулянтҳо» (моддаҳои махсусе, ки барои тоза кардани обҳои нӯшокӣ истифода мешаванд);

- сохтмони корхонаҳои коркард ва азнавкоркарди партовҳо дар шаҳрҳо ва минтақаҳои калони аҳолинишин;

- барқарорсозӣ ва таъсис додани лабораторияҳои идоравӣ оид ба назорати сифати обҳо;

- ҷорӣ намудани технологияи пешқадами софу тоза ва безарар гардондани обҳои ифлос;

- бечунучаро иҷро намудани талаботи ҳифзи табиат ҳангоми истифодаи обанборҳо, иншооти обии ҳудудҳои махсусҳифзшаванда, манбаъҳои обҳои ифлос ба объектҳои об ва муҳити табиӣ;

- омӯзиши таъсири корхонаҳои калони хоҷагии об ва саноат ба ҳолати захираҳои обӣ ва иқлим.

Истифодаи фишангҳо ва механизмҳои иқтисодии танзими давлатӣ - самти дигари идоракунии истифодаи самараноки захираҳои обию энергетикӣ ба ҳисоб меравад. Ин чараён аз он ҷумла бояд бо воситаи

пардохти обистифодабарӣ, ҳаққи хидмат бо назардошти нигоҳ доштани вазъи кунунии ҳавза (қисми ҳавза) ва дигар хароҷотҳои марбут б аистифодабарандагони захираҳои обро аз он ҷумла то ба истеъмолкунанда расонидани онро пӯшонад. Ин омил метавонад ба таъмини истифодаи одилона ва самараноки захираҳои обию энергетикӣ, дар ҳолати оптималӣ нигоҳ доштани объектҳои обӣ, сари вақт азнавтаҷзионӣ ва барқароркунии ва иншоотҳои гидротехникӣ мусоидат намояд.

Ҷараёни мазкур тибқи гурӯҳи чорабиниҳои зерин амалӣ мегардад, ки миёни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

- кам кардани миқдори моддаҳои ифлоскунанда, ки партоби онҳо бевосита ҳангоми пардохт ҳисоб карда шаванд;

- истифодаи консепсияи технологияи муосир ва инноватсионии мавҷуда барои муайян кардани доираи истифодаи меъёрҳои заминавӣ;

- ба эътибор гирифтани таваррум ҳангоми ҳисоб ва тасҳеҳи меъёрҳои пардохт;

- пардохти истифодаи захираҳои об бояд саривақт ситонида шавад, ки хароҷоти марбут ба арзёбии онро пурра пӯшонад. Барои ҳар як намуди мушаххаси истифодаи об, ҳаққи хидмат бояд бо назардошти вазъи кунунии ҳавза (қисми ҳавза) мавриди баррасӣ қарор дода шавад;

- барои сатҳи ҷумҳуриявӣ тавсифи схемаҳои тарҳрезӣ ва маҳакҳои асосии системаи истифодаи пулакии об (пеш аз ҳама, меъёрҳои заминавӣ, коэффитсиентҳои фаровонии онҳо ва фосилаи истифодаи онҳо), барои сатҳи ҳавзавӣ - муайян кардани тасҳеҳҳо ба меъёрҳои асосӣ ва маҳакҳое, ки шароити ҳавзавӣ ва минтақавиро ба назар мегиранд, вобаста карда шавад;

- маблағҳое, ки ҳамчун пардохт барои истифодаи об ҷамъоварӣ карда мешаванд, бояд дар байни сатҳҳои ҷумҳуриявӣ ва ҳавзавӣ тақсим карда шаванд. Ҳалли ин мушкилот дар сурати мавҷуд будани фондҳои мақсадноки буҷетии об душворӣ ба бор намеорад, Дар сурати мавҷуд набудани чунин маблағҳо, зарур аст, ки нақшаҳои мутамаркази фаъолият ва рушди бахши об таҳия карда шаванд, ки татбиқи онҳо аз ҳисоби буҷаи ҷумҳурӣ ва буҷаи сатҳҳои дигар (минтақавӣ, шаҳрдории маҳаллӣ ва ғ.) маблағгузорӣ карда шаванд;

- барои мақсадҳои идоракунии захираҳои об зарурати ҳисобҳои боэътимоди ҳаҷми иҷораи об вуҷуд надорад. Танзими механизми мавҷудаи андоз бо усули анъанавии санҷиш ва хатогиҳо бо алоқаи ҳатмӣ тавассути мониторинги иқтисодӣ ва махсуси «обӣ» афзалтар аст;

- арзёбии иқтисодии объектҳои оби маҳаллӣ дар давраи миёна-мӯҳлат дар идоракунии об эҳтимолан талабот надорад, аммо онҳо мета-вонанд дар таҳияи нақшаҳои ҳамгирошудаи муҳити зист (шаҳрӣ ва минтақавӣ) муфид бошанд;

- нархи бо ном обҳои «тиҷоратӣ» ба таври расмӣ дар низоми ҳамкории иқтисодиёти бозоргонӣ муайян карда мешаванд.

Яке аз омилҳои ба мукаммалгардонии сохтори идоракунии самара-ноки захираҳои обию энергетикӣ мусоидаткунанда - ин ба назар гириф-тани ҷанбаъҳои экологию иқтисодии истифодаи захираҳои обӣ дар соҳа-ҳои мухталифи иқтисоди миллӣ, аз он ҷумла дар соҳаи кишоварзӣ мебо-шад. Чи тавре ки дар боло зикр шуд, соҳаи кишоварзӣ яке аз истифода-барандагони бузурги захираҳои обӣ мебошад. Мутаассифона, яке аз омилҳои ифлоскунандаи муҳити зист низ аз соҳаи кишоварзӣ сарчашма мегирад (аз фермаҳои чорводорӣ, заҳрхимикатҳои дар соҳаи кишоварзӣ истифодашаванда ва ғ.), ки беҳбуд бахшидан дар ин соҳа, пеш аз ҳама ба вазъи экологию иқтисодӣ зимни обёрикунонии заминҳо, азнав таҷҳизо-нидани системаҳои обёрикунонӣ ва дигар чорабиниҳои комплексии мелиоративӣ вобаста мебошад [4, с. 248].

Ба андешаи проф. Ҳ.А. Одинаев «беҳдошти вазъияти экологию иқтисодӣ дар минтақаҳои обёришаванда, бартарафнамоии буҳрон дар соҳаи кишоварзӣ, дар маҷмӯъ ба азнавсозии низоми обию ирригатсионӣ ва бо ҳам омезишёбии самаранокии мақсад-ҳои тараққиёти кишоварзӣ ва хоҷагии об вобаста мебошад. Рафтори консептуалӣ дар тараққиёти комплекси хоҷагии об, пеш аз ҳама, ба зарурияти манъ кардан аз амалисозии стратегияе, ки дар асоси он тарақ-қиёти экстенсивӣ, зиддиуступории кишоварзӣ ва хоҷагии об бо ҷорӣ намудани манфиатҳои қонунӣ дар ҳалли муаммоҳои экологӣ-обӣ ва рӯ овардан ба амалисозии рафтори экосистема меистад, вобаста буда, дар он ҳолат таъсири комплексии ҳамаи омилҳо, аз он ҷумла экологӣ ба назари эътибор гирифта мешавад» [9, с. 186]. Фикр мекунем, ки маҳз дар доираи ҳамин пешниҳод ва чорабиниҳо бояд стратегияиояндаи экологию иқтисодии низоми хоҷагии об сурат гирад.

Ҷоннок намудани манбаъҳои сармоягузорӣ ба соҳаи истифодаба-рии захираҳои обӣ низ яке аз самтҳои ба такмилдиҳии идоракунии он мусоидаткунанда ба ҳисоб меравад. Бояд қайд намуд, ки ба амал баро-вардани самтҳои асосии истифодаи самараноки захираҳои обӣ ва мукам-малгардонии сохтори идоракунии он бе ҷоннок намудани манбаъҳои сармоягузорӣ ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, мутобиқи қонунгузории Ҷум-ҳурии Тоҷикистон барои системаҳои обёрӣ чунин манбаъҳои сармоягу-зорӣ муайян гардидаанд: маблағҳои аз истифодаи об руёндашаванда; маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ; сармоягузориҳои хориҷӣ; дигар манбаъҳои тибқи қонунгузорӣ манъ нагардида. Хуб мебуд, агар дар марҳалаи ташаккул додани буҷети давлатӣ ҳар сол мутобиқи қонунгузории буҷетӣ ба таври ҳатмӣ маблағҳои буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ, инчунин маблағҳои андоз аз замин барои маблағгузориҳои чорабиниҳои мелиоратсия ва захираҳои обӣ пешбинӣ карда мешуд. Ҳамзамон ҳангоми баррасии масъалаҳои истифодаи маб-лағҳои андоз аз замин зарур аст, ки ҳатман талаботҳои Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон риоя карда шавад.

Беҳтар мешуд, агар механизми ҳатмии ҷамъоварӣ ва равона кардани маблағҳои аз ҷудо кардани заминҳо ба даст омада барои аз худ намудани заминҳои нави обёришаванда, беҳтар намудани ҳолати мелиоративии

замин ва баланд бардоштани маҳсулнокии онҳо сарфшуда, зери назорат қарор дода шаванд. Мусоидати ҳамаҷониба бо ҷалби маблағҳои бахши хусусӣ барои истифода ва азхудкунии заминҳои обӣ аз ҳисоби сармояи хориҷӣ зарур аст. Аз ин рӯ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии зироаткории обӣ такмили сиёсати андоз лозим аст. Ҳамин тавр, маблағгузории комплекси хоҷагии об аз бисёр ҷиҳат ба фаъолияти сармоягузорӣ, бо мақсади барқарорсозии он вобаста мебошад, зеро бо сабаби он ки маблағгузорӣ ба системаҳои обию энергетикӣ ва хароҷоти нигоҳории онҳо дидаю дониста дар ҳаҷми пурра сурат намегирад, имкон дорад, мушкилиҳо пеш оянд.

## АДАБИЁТ


1. Иштирок ва суханронии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар нишасти сеюми пешвоёни эътилоф оид ба обу иқлим. Газетаи Минбари халқ. 8 июни соли 2022. -С. 3.
2. Автореферат докторской диссертации Садриддинова М.И. на тему: «Интеграционные процессы по использованию водных ресурсов в странах Централь-но-Азиастского региона: ретропспектива, методология, анализ и методика прогнози-рования. -Душанбе: 2022. -С. 26.
3. Аривоф Х.О. О водных спорах и строительстве больших плотин //Мели-орация и водные ресурсы: проблемы и пути их решения (Материалы научно-практи-ческой конференции, 25 декабря 2010 г.), Душанбе, 2010. - С.69-75.
4. Бобылев С.Н. Экономика устойчивого развития: учебник / С.Н. Бобылев. - Москва : КНОРУС, 2021. - 672 с.
5. Исайнов Х.Р., Кимсанов У.О. Региональные аспекты обеспечения водно-энер-гетической безопасности (на материалах стран Центральной Азии): Монография. - Душанбе: «ЭрГраф», 2020. - 243 с.
6. Пахомова Н.В., Рихтер К.К. Экономика природопользования и экологи-ческий менеджмент. - СПб.: СПбГУ, 2006. -С.87.
7. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года. Душанбе. 2016. -104с.
8. Садриддинов М.И., Ершов Ю.С., Малов В.Ю. Оценка значимости водных ресурсов Республики Таджикистан. - Новосибирск: Изд-во ИЭОПП СО РАН, 2017. -С.117.
9. Одинаев Х.А. Эколого-экономическое регулирование природопользования в сельском хозяйстве. - М.: МАКСПресс, 2004. - М.: МАКС.Пресс, 2004. -240 с.
10. Экология и экономика природопользования. / Под. ред. Э.В. Гирусова, В.Н. Лопатина. - М.:Юнити-Дана, 2003. - 328 с.

## ТАКМИЛДИҲИИ МЕХАНИЗМИ ИДОРАКУНӢ - САМТИ МУҲИМИ ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ ЗАХИРАҲОИ ОБИЮ ЭНЕРГЕТИКИИ ҶУМҲУРӢ

Дар мақола истифодаи самараноки захираҳои обию энергетикии Осиёи Марказӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Хусусиятҳои асосии истифодаи самараноки захираҳои обӣ-энергетикии ҷумҳурӣ муайян гардидааст. Вазъи ҳозира, тамоюли истифодабарӣ ва такмилдиҳии механизми идоракунии самараноки захираҳои обию энергетикӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муаммоҳои ҷойдошта дар самти идоракунии истифодаи самараноки захираҳои обию энергетикии ҷумҳурӣ муайян гардидаанд. Самтҳои асосии такмилдиҳии механизми идоракунии захираҳои обию энергетикии ҷумҳурӣ коркард ва пешниҳод шудаанд.
Калидвожаҳо: захираҳои обӣ, иқтидорҳои энергетикӣ, захираҳои обию энер-гетикии ҷумҳурӣ, муаммоҳо, самтҳо, механизм, идоракунӣ, такмилдиҳӣ, самтҳои асо-сии такмилдиҳии механизми идоракунии захираҳои обию энергетикии ҷумҳурӣ.

## СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ МЕХАНИЗМА УПРАВЛЕНИЯ ОСНОВНОЕ НАПРАВЛЕНИЕ ЭФФЕКТИВНОГО ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ВОДНО-ЭНЕРГЕТИЧЕСКИХ РЕСУРСОВ РЕСПУБЛИКИ

В статье рассмотрены рациональное использование водно-энергетических ресурсов республики. Определены особенности эффективного использования водно-энергетических ресурсов республики. Проанализированы современное состояние, тенденции использования и совершенствование механизма управления водно-энерге-тических ресурсов. Определены существующие проблемы и основные направления эффективного использования водно-энергетических ресурсов республики. Разработаны и предложены основные направления совершенствования структура управления водно-энергетических ресурсов республики.
Ключевые слова: водные ресурсы, энергетический потенциал, водно-энерге-тических ресурсов республики, проблемы, направления, механизм, управление, совершенствование, основные направления совершенствования механизма управления водно-энергетических ресурсов республики.

## IMPROVEMENT OF THE MANAGEMENT MECHANISM - BASIC DIRECTION FOR EFFECTIVE USE OF WATER AND ENERGY RESOURCES OF THE REPUBLIC

The article considers the rational use of water and energy resources of the republic. The features of effective use of water and energy resources of the republic are determined. The current state, trends in the use and improvement of the mechanism for managing water and energy resources are analyzed. The existing problems and main directions of effective use of water and energy resources of Central Asia are determined. The main directions for improving

the management structure of water and energy resources in Central Asia have been developed and proposed.

**Key words:** water resources, energy potential, water and energy potential of the Central Asian countries, problems, directions, mechanism, management, main directions for improving the mechanism for managing the water and energy resources of the Central Asian countries.

**Маълумот дар бораи муаллиф:**

**Раҳмонов Ҷасур Ҳомидович** - Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ,докторант (PhD)-и, факултети иқтисод ва идоракунӣ дар соҳаи маорифи ш. Душанбе, хиёбони **Суроға:** 734025, Рӯдакӣ 121, **Тел**. 918-58-72-58, **Почтаи электронӣ**: jasur.rahmonov.94@mail.ru

**Сведения об авторе:**

**Рахмонов Джасур Хомидович** – Государственный педагогический университет Таджикистана им. С. Айни докторант (PhD) факултета экономики и управления в сферах образований **Адрес:** 734025 г. Душанбе пр. Рудаки 121, тел. 918-58-72-58 **Электронная почта:** jasur 94@mail.ru

**Information about the author:**

**Rakhmonov Dzhasur Khomidovich** - doctoral student (PhD), Faculty of Economics and Management in the Spheres of Education, State Pedagogical University of Tajikistan. S. Aini, Dushanbe, Rudaki ave. 121, tel. 918-58-72-58 Email.jasur94@mail.ru

## ИМТИЁЗҲОИ АНДОЗБАНДӢ ДАР МИНТАҚАҲОИ ОЗОДИ ИҚТИСОДӢ

*Раҷабов Қ.Қ. – н.и.и., дотсенти, кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллии ДМТ*

Минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ) яке аз фишанги сиёсати минтақавии давлатӣ мебошанд, ки имкон медиҳад, пеш аз ҳама, сатҳи иқтисодию иҷтимоии минтақаҳои алоҳида баланд бардошта шавад. Дар навбати худ фаъолияти самараноки минтақаҳои озоди иқтисодӣ аз имтиёзҳои гуногун вобастагӣ доранд. Дар шароити муосир яке аз самтҳои рушди низоми иқтисодии давлат ин самаранок фаъолият намудани минтақаҳои озоди иқтисодӣ мебошанд, ки дар навбати худ рушди ин ё он минтақаҳои алоҳидаи кишварро таъмин менамоянд.

Яке аз чунин имтиёзҳои пешниҳодшаванда ин имтиёзҳои андозбандӣ ба шумор меравад. Масъалаи андозбандӣ дар фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ бошад, ба сиёсати пешгирифтаи давлат алоқамандӣ дорад.

Таҷрибаи имрӯзаи минтақаҳои озоди иқтисодии рушдкарда исбот менамоянд, ки самаранокии минтақаҳои мазкур аз имтиёзҳои ҷойдошта вобаста аст. Бинобар ин, имтиёзҳое, ки ба сармоягузорон пешкаш мешаванд чунинанд:

- тарзи содакардашудаи бақайдгирии корхонаҳо, ки ба сармояи хориҷӣ асос ёфтааст;
- меъёри пасттари пардохт барои истифодабарии замин, додани ҳуқуқи иҷораи дарозмуддати он;
- реҷаи имтиёзноки андозбандӣ ва гумрук.

Чунин шакли имтиёзҳо барои соҳибкорону сармоягузорон як навъи ҳавасмандиро ба вуҷуд оварда, ба самаранок фаъолият кардани МОИ боис мегардад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки солҳои охир бештари сармоягузорону соҳибкорон ба имтиёзҳои андозбандӣ диққати ҷиддӣ медиҳанд. Ҳар қадаре, ки реҷаи андозбандӣ барои фаъолият намудан дар ҳудуди МОИ сабук бошад, ҳамон қадар шумораи соҳибкорон зиёд гардида, ҳаҷми сармоягузорӣ меафзояд.

Реҷаи андозбандӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ бар пояи сиёсати андозгузории давлат асос ёфтааст. Доир ба ин масъала дар таҷрибаи ҷаҳонӣ се намуд реҷа маълум аст:

- андозгузориҳои қарзӣ;
- таътили андозгузорӣ;
- имтиёзҳои андозгузорӣ.

Чунин шаклҳои андозбандӣ натиҷаҳои мусбатро ба миён овардаанд. Оид ба ҳар як шакли андозбандӣ ба таври муфассал маълумот меорем.

Андозгузориҳои қарзӣ яке аз усулҳои молиявии танзими давлатии минтақахои озоди иқтисодӣ буда, ҳамаи маблағҳои пулӣ, андозҳо ва маблағҳои буҷетии дар қаламрави МОИ ҷамъшуда, муваққатан ба ихтиёри мақомоти идоракунии минтақа ба мухлати муайяни дар қонунгузории махсус муқарраргардида дода мешаванд [5, 93]. Ин маблағҳо маҳз барои тараққиёти истеҳсолот, рушди инфраструктураи ёрирасон ва иҷтимоии минтақа истифода мешаванд. Таҷрибаи мазкур дар ҷаҳон чун манбаи иловагии маблағгузориҳои минтақаҳои озод васеъ густариш ёфтааст. Ин маблағҳоро мақомоти идоракунии минтақа ба муҳлати муайян, (масалан, 4-5 сол) дар ихтиёр худ дорад.

Таътили андозгузорӣ низ усули молиявии танзими минтақаи озоди иқтисодӣ буда, реҷае мебошад, ки субъектҳои хоҷагидории минтақаро дар муҳлати муайян аз пардохти андоз озод менамояд [6, 214]. Ин усул, ки васеъ густариш ёфтааст, тарзи боэътимоди ҳавасмандгардонии ҳамаи намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ мебошад. Таътили андозгузорӣ метавонанд, ба муҳлати панҷ, даҳ ва ҳатто бист сол ҷорӣ гарданд [7, 34]. Озод намудан аз чунин намудҳои фаъолият, ки андозбандӣ мешуданд: фоида аз фаъолияти соҳибкорӣ, маблағи дивидетҳо аз саҳмияҳо, андоз аз даромади соҳибкорони инфиродӣ, андоз аз замин, иҷорапулии замин ва дигар амвол ва ғайра.

Имтиёзҳои андозгузорӣ яке аз фишангҳои иқтисодии танзими давлатии минтақаҳои озоди иқтисодӣ мебошанд. Тавассути чунин имтиёҳо мақомоти идоракунӣ дар қаламрави минтақа ба фаъолияти иқтисодии он таъсири худро мерасонад [9, 15]. Имтиёзҳои андозгузорӣ интихобан ба ин ё он намуди фаъолият аз нигоҳи бартариятҳои сармоягузорӣ намудани соҳа ё субъекти хоҷагидорӣ ҷорӣ карда мешавад. Масалан, барои ҳавасманд гардондани соҳибкороне, ки истеҳсоли маҳсулоти камчинро дар сатҳи минтақа ба роҳ мемонданд.

Аз таҳлилҳои кардашуда маълум мегардад, ки реҷаи андозбандӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба таври васеъ истифода гардида, натиҷаҳои мусбатро нишон дода истодаанд.

Маълум аст, ки дар шароити бозор рақобат ҳамаи ҷабҳаҳои фаъолиятро фаро гирифта, аз ҷумла дар байни минтақаҳои озоди иқтисодии ҷаҳон низ ҷой дорад. Дар бозори сармоя минтақаҳое ҷалбкунанда мешаванд, ки реҷаи андозбандии онҳо аз нигоҳи манфиатҳои сармоягузорон бартарӣ дошта бошад. Ин ҷараён ба он оварда расондааст, ки дар аксари минтақаҳои озоди ҷаҳон имтиёзҳои тақрибан якхела пешбарӣ мешаванд. Аз ҷумлаи онҳо:

- меъёри пасти андозбандӣ нисбат ба меъёри дар қонунгузорӣ муқарраргадида;
- интиқоли озодонаи маблағ (фоида) ба хориҷи кишвар;
- ҳаҷми ками даромаде, ки андозбандӣ мешавад;
- зарур набудани квота ва иҷозатнома (литсензия) барои ба берун баровардани маҳсулоти дар минтақа истеҳсолшуда.

Дар баъзе кишварҳо, масалан дар Федератсияи Россия корхонаҳои соҳаҳои бартаридоштае, ки дар онҳо сармояи хориҷӣ зиёда аз 30%-ро ташкил мекунад, дар 5 соли аввал пурра аз андозсупории фоида озод шуда, дар 5 соли минбаъда онро дар ҳаҷми 50% месупоранд [10,9]. Корхонаҳои соҳаҳои бартаридоштае, ки дар онҳо сармояи хориҷӣ камтар аз 30%-ро ташкил медиҳад, андозро аз фоида ба қадри 50%-и меъёри муқарраршуда месупоранд [4,195]. Корхонаҳои навбунёди соҳаҳои бартаридоштае, ки дар онҳо сармояи хориҷӣ на камтар аз 10%-ро ташкил медиҳад, ба муҳлати 5 сол пурра аз андозсупории фоида ва қисми фоидае, ки ба хориҷа бурда мешавад, озод мебошанд [8,200]. Иштирокчиёни минтақаи озоди иқтисодӣ аз андозсупории содирот ва воридоти маҳсулоти дар минтақа истеҳсолшуда ва истеъмолмешуда озод мебошанд. Пас маълум мегардад, ки ин намуди реҷаи андозбандӣ барои ҷалби бештари сармояи хориҷӣ ба МОИ мусоидат мекунад.

Сиёсати андозбандӣ ва умуман фаъолияти иқтисодии минтақаи озод, тавре ки таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи саноатӣ нишон медиҳад, бояд ба буҷети худи минтақа асос ёбад [3,131]. Қисми даромади ин буҷет аз андозбандии корхонаву ташкилотҳои минтақа ва шахсони алоҳидаи соҳибкор, қисман аз пардохтҳои гумрукӣ, инчунин аз маблағи фаъолияти соҳибкории маъмурияти худи минтақа ташаккул меёбад.

Аз рӯйи таҷрибаи ҷаҳонӣ дар ҳама гуна ҳолатҳо маблағҳои худи буҷети минтақа барои маблағгузориҳои рушди минтақа кифоягӣ

намекунад [6,215]. Аммо ба андешаи мо, маблағҳои калоне, ки барои бунёди инфрасохтор ва дигар мақсадҳо дар минтақа аз буҷети давлатӣ масраф мешаванд, бояд чун қарзи дарозмуддат дода шаванд. Ҳамаи муносибатҳои молиявии корхонаҳои дар қаламрави минтақа воқеъбуда ба буҷети давлатӣ бояд бо иштироки маъмурият ва буҷети худи минтақа сурат гирад. Ин гуна тартибот барои риоя шудани масъулият аз рӯйи уҳдадориҳои молиявӣ асос бахшида, барои мустақилияти минтақа мусоидат мекунад.

Таҳқиқоти анҷомдодаи илмӣ ва омӯзиши таҷрибаи фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ исбот менамоянд, ки сиёсати андозгузории минтақаи озод бо дарназардошти чунин шарту омилҳо бояд сурат гирад:

- имтиёзҳо дар ин бахш бояд аз афзалияти соҳаи фаъолият ва мувофиқати онҳо ба ҳадафи асосию вазифаҳои минтақаи озоди иқтисодӣ вобаста бошанд. Сухан дар бораи он меравад, ки фоизи андоз ё фоизи имтиёзи андозбандӣ аз хусусиятҳои минтақа, махсусгардонии истеҳсолот, мавҷудияти иқтидорҳо, инфраструктура ва дигар омилҳо бояд муайян карда шаванд;
- имтиёзҳои пешкашмешуда хуб ҳисобу китоб шуда, ду ҷиҳати ин иқдом – талафоти (зарари) моддии ҳадди ақале, ки аз додани имтиёзҳо ба иқтисодиёти (буҷети) кишвар мерасад (дар натиҷаи кам шудани воридоти андоз, паст намудани фоизи қарз) ва самарае, ки ба иқтисодиёт аз ҷалб намудани сармоя дастёб мегардад, бояд байни худ муқоиса гардида, маҳз дар пояи ин гуна таҳлили қиёсӣ миқдори имтиёзҳо муқаррар карда шавад;
- андозҳои имтиёзнок ва реҷаи озодкунӣ аз андозсупорие, ки дар минтақаи озод муқаррар мешаванд, бояд дар давраи муайян бе ягон тағйирдиҳӣ амал кунанд. Навобаста аз хусусиятҳои минтақаи озоди иқтисодӣ дар таҷрибаи ҷаҳонӣ низоми муайяни андозбандии стандартие ҷорӣ гаштааст, ки онро ба хотири таъмини рақобатпазирии минтақаҳои навбунёд дар бозори минтақасозии ҷаҳон бояд ба назари эътибор гирифт.

Фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ» ва Низомномаи минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба роҳ монда шудааст.

Дар асоси Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон субъектҳои МОИ новобаста аз шакли моликияташон, чунин андозҳоро пардохт менамоянд: андози иҷтимоӣ (25% аз Фонди музди маош); андоз аз даромади шахсони воқеӣ (аз 8 то 13%) [11].

Имтиёзҳои андозбандӣ ба фаъолияти ҳамаи минтақаҳои озоди иқтисодии кишвари мо якхел муқаррар гардидааст, ки дар ҷадвали зерин оварда шудааст.

**Ҷадвали 1.**

**Имтиёзҳои андозбандӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ**

| **Пардохти ҳатмии андозҳо берун аз ҳудуди минтақаҳои озоди иқтисодӣ** | **Пардохти андозҳо дар ҳолати фаъолият кардан дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ** |
|---|---|
| Андоз аз даромад | Андоз аз даромад<br>аз 8 то 13 % (аз музди маош) |
| Андози иҷтимоӣ | Андози иҷтимоӣ<br>25% (аз фонди музди меҳнат) |
| Андоз аз фоида | Андоз аз фоида **0 %** |
| Андоз аз роҳ | Андоз аз роҳ **0 %** |
| Андоз аз арзиши иловашуда | Андоз аз арзиши иловашуда **0 %** |
| Андоз аз фурӯши пахта ва алюминии аввала | Андоз аз фурӯши пахта ва алюминии аввала **0%** |
| Андоз аз захираҳои табиӣ | Андоз аз захираҳои табиӣ **0%** |
| Андоз аз аксиз | Андоз аз аксиз **0%** |
| Андоз аз воситаҳои нақлиёт | Андоз аз воситаҳои нақлиёт **0%** |
| Андоз аз амволи ғайриманқул | Андоз аз амволи ғайриманқул |

**Манбаъ:** Сомонаи расмии МОИ «Суғд» (www/fezsughd.tj). 14.11.2022.

Аз маълумотҳои ҷадвали мазкур бармеояд, ки тибқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон айни ҳол 10 намуди андозҳо мавҷуданд. Соҳибкорон аз рӯйи самти фаъолияташон берун аз қаламрави МОИ вазифадоранд, ки андозҳои номбаршударо пардохт намоянд. Аммо субъектоне, ки дар ҳудуди МОИ фаъолият доранд, танҳо ду намуди андозро пардохт менамоянд [1,315]. Аз ин ҷо бармеояд, ки кам кардани намудҳои андозҳо барои фаъолияти субъектони МОИ ин як шакли пешниҳоди имтиёзҳои андозбандӣ мебошад.

Андози иҷтимоӣ ва андоз аз даромади шахсони воқеии бо тарзи кироя коркунанда аз тарафи субъектҳои МОИ мутобиқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мустақилона ҳисоб ва пардохт карда мешаванд.

Андоз аз даромади шахсони воқеӣ барои мутахассисони хориҷӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб ва пардохт карда мешавад.

Имтиёзҳои гумрукию андозбандӣ, ки ба субъектҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ пешкаш мешаванд, гуногун мебошанд. Ҳудуди қаламрави МОИ ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб меёбад. Молҳое, ки дар ҳудуди минтақа ҷойгир мешаванд, аз нигоҳи ҷорӣ намудани боҷҳои гумрукӣ, андозбандӣ ва манъкунию маҳдудкуниҳои характери иқтисодидошта ҳамчун молҳои берун аз қаламрави гумрукии ҷумҳурӣ воқеъбуда баррасӣ мешаванд.

Субъектҳои МОИ ҳамчун андозсупорандагон дар мақомоти андози шаҳру ноҳияҳое, ки дар қалмрави онҳо МОИ таъсис ёфтаанд, ба қайд гирифта мешаванд. Назорат аз рӯйи пардохти пурра ва саривақтии андози иҷтимоӣ ва андоз аз даромад, аз тарафи шахсони воқеии бо тарзи

кироя коркунанда аз ҷониби мақомоти андози шаҳру ноҳияҳои дахлдор амалӣ мешавад.

Хулоса, имтиёзҳои андозбандӣ ба самаранок фаъолият намудани минтақаҳои озоди иқтисодӣ таъсири ҷиддӣ мерасонад. Ҳавасмандии сармоягузорон барои бархурдор шудан аз имтиёзҳои андозбандӣ бештар гардида, боиси зиёдшавии шумораи субъектон ва афзоиши ҳаҷми сармоягузорӣ мегардад.

## АДАБИЁТ


1. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2022. 340 с.
2. Қонуи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ»// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2011 с., №3, мод.167.
3. Давлатов Ф.Ҳ. Таҳлили фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Паёми молия ва иқтисод. 2021. № 1 (25). - С. 130-138.
4. Комилов С.Дж., Гафаров Ф.М. Роль свободных экономических зон в развитии инвестиционного потенциала региона (на примере Республики Таджикистан) // Проблемы современной экономики. 2017. № 3 (63). - С. 194-197.
5. Раджабов К.К. Развитие свободных экономических зон как форма вовлечения страны в среду мирохозяйственных связей // Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. Часть1. - Душанбе: «СИНО», 2014. - № 2/10 (152). - С. 91-95.
6. Раҷабов Қ.Қ. Фаъолиятнамоии минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт // Ташаккули низоми идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт / Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ. Душанбе: ДМТ, 2022. - С.213-217.
7. Раджабов К.К. Проблемы активизации предпринимательской деятельности в свободных экономических зонах Республики Таджикистан // Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. - Душанбе: «СИНО», 2012. - № 2/4(89). - С.32-36.
8. Сафаров А.М. Масъалаҳои рушди барномавии минтақаҳои кишвар ва таҷрибаи фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Иқтисодиёти Тоҷикистон. 2021. № 4-1. - С. 199-203.


## ИМТИЁЗҲОИ АНДОЗБАНДӢ ДАР МИНТАҚАҲОИ ОЗОДИ ИҚТИСОДӢ


Дар мақола қайд шудааст, ки бештари сармоягузорону соҳибкорони ватанию хориҷӣ ба имтиёзҳои андозбандӣ диққати махсус медиҳанд. Таҳқиқ гардидааст, ки речаи андозбандӣ ҳавасмандии сармоягузоронро зиёд карда, фаъолияти соҳибкорӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ афзоиш меёбад. Қайд карда шудааст, ки имтиёзҳои андозбандӣ яке аз омилҳои рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба ҳисоб мераванд.

**Калидвожаҳо:** минтақаҳои озоди иқтисодӣ, реҷаи андозбандӣ, андозҳо, имтиёзҳо, сармоягузорӣ, фаъолияти соҳибкорӣ.

## НАЛОГОВЫЕ ЛЬГОТЫ В СВОБОДНЫХ ЭКОНОМИЧЕСКИХ ЗОНАХ

В статье отмечается, что большинство отечественных и иностранных инвесторов и предпринимателей уделяют особое внимание налоговым льготам. Исследовано, что чем больше налоговых преференций, тем больше стимула для ведения бизнеса в свободных экономических зонах. Отмечено, что налоговые льготы являются одним из факторов развития свободных экономических зон.

**Ключевые слова:** свободные экономические зоны, режим налогообложения, налоги, льготы, инвестиции, предпринимательская деятельность.

## TAX BENEFITS IN FREE ECONOMIC ZONES

The article notes that the majority of domestic and foreign investors and entrepreneurs pay special attention to tax incentives. It has been researched that the more tax preferences, the greater the incentive for doing business in free economic zones. It is noted that tax incentives are one of the factors in the development of free economic zones.

**Key words:** free economic zones, tax regime, taxes, benefits, investments, entrepreneurial activity.

***Маълумот дар бораи муаллиф:***

**Раҷабов Қаюмҷон Қудратуллоевич** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дотсенти кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. **Тел:** 918-94-91- 43. **Почтаи электронӣ:** radzhabov.2008@.ru.

***Сведение об авторе*:**

**Раджабов Каюмджон Кудратуллоевич** - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедрой государственное и местное управление **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. **Тел:** 918-94-91- 43. **Электронная почта**: radzhabov.2008@.ru

**Information about the author**:

**Rajabov Kayumjon Kudratulloevich** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Department of State and Local Administration **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. **Tel:** 918-94-91-43. **Email:** radzhabov.2008@ .ru

# ВАЗЪИ ИҚТИСОДӢ-ИҶТИМОИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР РУШДИ САЙЁҲӢ

*Саъдуллозода С.С. - доктор Ph.D., дотсент мудири кафедраи географияи иқтисодӣ ва сайёҳии ДМТ*

Соҳаи сайёҳӣ имрӯз ба яке аз соҳаҳои афзалиятноке мубаддал гардидааст, ки метавонад дар таҳкими иқтисоди кишвар нақши калидӣ дошта бошад. Корҳои таҳқиқотӣ-илмӣ дар пешбурди соҳаи сайёҳӣ нақши бузург доранд ва метавонанд рушди ин соҳаро таъмин созанд. Мушкилоти иқтисодиёти ҷаҳон ва масоили такмили сайёҳӣ ва идоракунии он дар асарҳои олимони рус ба монанди А.Ю. Александрова, Д.Г. Брашнова, И.В. Зорина, Ю.А. Кускова ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст [1,2,4,5]. Олимони болозикр самтҳои муҳими соҳаи сайёҳӣ ва идоракунии самараноки онро баррасӣ намуда, масоили рушди онро пажӯҳиш намудаанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ таҳқиқотҳои илмӣ аз ҷониби олимони соҳа мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд ва раванди рушди соҳаи мазкурро метавонанд боз ҳам густариш диҳанд. Новобаста аз ин, соҳаи сайёҳӣ ҳамчун самти афзалиятнок дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқотҳои амиқ ва густурдаро тақозо менамояд. Махсусан метавон зикр намуд, ки ташаккули шаклҳои ҷудогонаи сайёҳӣ, таҳияи инфтрасохтори сайёҳӣ, коркарди хатсайрҳо дар ҳудуди кишвар ва фароҳам овардани шароити мусоди барои сайёҳон аз нуқтаи назари илмӣ то ҳол ба таври возеҳ ва амиқ баррасӣ нашудааст. Омӯзиши паҳлӯҳои муҳими соҳаи мазкур ва баҳодиҳии илмии он метавонад мушкилоти ҷойдоштаро муайян намояд ва роҳҳои ҳалли онҳо коркард карда шавад. Алалхусус, дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи баландбардории сифати сайёҳӣ, таъмини рақобатпазирии инфрасохтори сайёҳӣ ва омодасозии кадрҳо баландихтисос дар баробари кишварҳои ҳамсоя ҷанбаҳое мебошанд, ки бояд таҳқиқи бештар гарданд. Сайёҳӣ дар асри XX ҳамчун падидаи муҳим дар иқтисодиёт баҳогузорӣ гардида, дар асри XXI ҳамчун тиҷорати бузург ва такондиҳандаи иқтисодиёти ҳар як кишвари ҷаҳон ба ҳисоб меравад. Дар асри XXI сайёҳӣ ба беҳгардии вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакатҳо таъсири назаррас гузошта, рушди устувори кишварҳоро таъмин сохт. Дар кишварҳои рӯ ба инкишоф бошад, сайёҳӣ ҳамчун омили муҳим дар таъмини аҳолӣ бо ҷойҳои нави корӣ, зиёдшавии даромади аҳолӣ, ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ, баландбардории сатҳи маориф, беҳгардии соҳаи тандурустӣ иттилоотикунонӣ ва ғайраҳо аҳамияти хос дорад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сайёҳӣ имрӯз ба яке аз тиҷоратҳои сердаромад табдил ёфта, вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии аксари кишварҳо аз он вобастааст. Тибқи нишондодҳои омории Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ дар соли 2012 шумораи умумии сайёҳон дар тамоми олам 1 млрд. – ро ташкил дод, ки ин нишондиҳанда дар соли 2020 то ба 1,561млн.

нафар расидааст ва тибқи дурнамои созмони мазкур таи солҳои оянда низ раванди мазкур то ба андозаи 4% рушд хоҳад ёфт. Яъне сол аз сол афзоишёбии шумораи сайёҳон гувоҳи такимлёбии соҳаи сайёҳӣ дар кишварҳои ҷаҳон мебошад [12]. Агарчанде, ки солҳои 2019-2020 пандемияи COVID-2019 ба кулли соҳаҳои иқтисодиёти кишварҳо зарба зад, вале новобаста аз ин шумораи сайёҳон рӯ ба афзоиш ниҳодааст. Аз ин лиҳоз, заминаи мусоид ҷиҳати ташаккули инфрасохтори сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бояд фароҳам оварда шавад. Инфрасохтори сайёҳӣ ҳарчи зудтар бояд дар кишвар мукаммал гардонида шавад, зеро таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки раванди мазкур ба тадриҷ густариш ёфта истодааст ва таҳкими соҳаи мазкур барои иқтисодиёти Тоҷикистон ногузир мебошад.

Метавон зикр намуд, ки индустрияи сайёҳӣ дар ҷаҳон босуръат пеш рафта истодааст ва дар ин раванд кишварҳое муваффақ мегарданд, ки ба соҳаи мазкур аҳамияти бештар зоҳир менамоянд. Таҳлили нишондиҳандаҳои оморӣ нишон медиҳанд, ки 5%-и маҷмӯи маҳсулоти дохилии ҷаҳон ва 30% -и ҳаҷми умумии содироти хизматрасониҳоро дар саросари ҷаҳон (1трлн доллари Америкоӣ) сайёҳӣ ташкил медиҳад [10]. Метавонем зикр намуд, ки сайёҳӣ дар ҷаҳон ба таври нобаробар инкишоф ёфтааст ва баъзе аз минтақаҳои ҷаҳон дар ин самт густариш наёфтаанд. Қисми зиёди сайёҳон ба кишварҳои ғарбӣ майл доранд, ки ин нишондиҳанда пеш аз ҳама бо рушдёбии вазъи иҷтимо-иқтисодии минтақаи мазкур вобаста аст. Зиёда аз 70%-и сайёҳон дар соли 2020 ба Аврупо сафар кардаанд, ки тақрибан 60%-и маблағҳои сайёҳон дар ин сол ба Аврупо ирсол гардидааст. Аз ин хотир баррасии таҷрибаи кишварҳои аврупоӣ ва  истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз роҳҳои рушди сайёҳӣ ба ҳисоб меравад [10]. Зеро вазъи муосири иқтисоди ҷаҳон нишон медиҳад, ки кишварҳое, ки дорои захираҳои табиӣ нестанд, ва ё ки захираҳои мавҷуда то андозае маҳдуданд, бояд роҳҳои дигари таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ ва ҷалби сармояро коркард намоянд. Аз ин хотир, сайёҳӣ ҳамчун самти ояндадор дар кишвар бояд таҳким бахшида шавад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз кишварҳое ба ҳисоб меравад, ки бо таърихи бой, табиати рангоранг ва маконҳои зебои худ миёни сайёҳони дохилӣ ва хориҷӣ мақоми махсусеро касб намудааст. Бо истифода аз шароити мусоид барои сайёҳон дар ҷумҳурӣ имконпазир аст, ки муҳити хуберо таҳия намоем ва ба ин васила ба раванди рушди иқтисоди миллӣ таъсир расонем. Маълум аст, ки имрӯз сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба яке аз соҳаҳои калидӣ табдил ёфтааст ва метавонад дар оянда рушди босуботи иқтисодиро таъмин созад ва ба вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар таъсир расонад. Дар ин замина, сайёҳиро ҳамчун воситаи ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ истифода намудан имконпазир аст. Бо ҷалби сармоя дар кишвар мумкин аст, ки боз ҳам ҷойҳои нави корӣ зиёд гарданд ва сарчашмаи даромади аҳолӣ афзояд. Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон паи рушди соҳаи сайёҳӣ ва ташкили заминаи мусоид тамоми чораҳои заруриро андешида истодааст, ки ба ақидаи мо дар оянда метавонад ба инкишофи соҳаи мазкур такони ҷиддӣ бахшад. Ташкилотҳои байналхалқӣ чораандешиҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро яке аз роҳҳои босамари таҳкими соҳаи сайёҳӣ медонанд. Алахусус аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эълон гардидани солҳои 2019-2021 "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" заминаи мусоидест, ки раванди инкишофи соҳаи сайёҳиро боз ҳам густариш медиҳад. Вобаста ба мақсадҳои Стратегияи рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, мероси бои фарҳангиву таърихии Тоҷикистон, табиати нотакрор, ҳайвоноти нодир, кӯҳҳои сар ба фалак ва маконҳои осоишиву кӯлҳои табиияш шароити хубест барои ҷалби бештари сайёҳон ва ба ин васила таъмини рушди нишондиҳандаҳои макроитисодӣ.

Дар партави сиёсати созандаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳаи сайёҳӣ бемайлон рушд карда, ин самти муҳими стратегӣ ба пешравиҳои назаррас ноил гардида, дар арсаи байналмилалӣ эътибори хоса пайдо кардааст. Узвияти Тоҷикистон ба Созмони ҷаҳонии сайёҳӣ, шомил шудани пойтахти кишварамон Душанбе ба Федератсияи умумиҷаҳонии шаҳрҳои сайёҳӣ, эълон шудани пойтахти сайёҳии Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ барои солҳои 2020-2021, шомил шудан ба ЮНЕСКО мероси моддии фарҳангӣ: мавзеи таърихии «Саразм», «Боғи миллӣ» ва мероси ғайримоддии фарҳангӣ: «Чакан - санъати гулдӯзии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Иди Наврӯз», «Оши палов» ва «Мусиқии Шашмақом» - далели ин аст ва симои сайёҳии Тоҷикистон дар тамоми чаҳон маълум гардид. Намояндагони соҳаи сайёҳии кишвар барои ворид шудан ба бозорҳои нав дар бузургтарин намоишгоҳҳои тиҷоративу ҳунарӣ дар Олмон, Британияи Кабир, Малайзия, ИМА, Фаронса, Ҷумҳурии Корея, Арабистони Саудӣ, Аморати Муттаҳидаи Араб, Кувайт, Қатар, Юнон, Испания, Белгия, Туркия, Федератсияи Русия, Қазоқистон, Узбакистон ва дигар кишварҳо захираҳо ва иқтидори сайёҳии кишварро ба дӯстдорони сайёҳии Тоҷикистон таблиғ мекунанд [12].

Бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар минтақаҳо инфрасохтори зарурии сайёҳӣ бунёд карда мешавад, ки барои ҷалби бештари сайёҳон, баланд бардоштани некӯаҳволии деҳот ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ шароити мусоид фароҳам меорад. Ҳукумати кишвар ҷиҳати таъмини ҷолибияти соҳа барои сармоягузорони дохилию хориҷӣ як қатор имтиёзҳо муқаррар намуда, дар марҳилаи аввал барои рушди минтақаҳои сайёҳӣ ва бунёди инфрасохтори зарурӣ заминаи иқтисодию ҳуқуқӣ фароҳам овард.

## АДАБИЁТ

1. Александрова А.Ю. География туризма как научная дисциплина // География туризма / Под ред. А.Ю. Александровой. — М.: КНОРУС, 2010.
2. Биржаков М.Б. Введение в туризм: Учебник. — СПб.: Невский фонд, 2011.
3. Боголюбов В. С., Орловская В.П. Экономика туризма. — М: Академия, 2010.
4. БрашновД.Г. Гостиничный сервис и туризм: Учебник. — М.: Инфра-М, 2011.
5. Ёров, Дж.Н. Развитие туристической сферы Республики Таджикистан в условиях рынка [Матн] / Дж.Н. Ёров // Монография. –Душанбе, 2008. 110 стр.
6. Жукова, М.А. Менеджмент туризма [Матн] / М.А. Жукова. – Москва 2015. – стр. 10.
7. Зорин И.В. Менеджмент туризма: Учебник для студентов. — М.: РМАТ, 2009.
8. Ирэни Н. Туризм, развитие и независимость в Кабо-Верде. Исследования мира и безопасности / Недель, Факультет экономики, Университет Коимбры, № 4, 2010.


## ВАЗЪИ ИҚТИСОДӢ-ИҶТИМОИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР РУШДИ САЙЁҲӢ


Метавон зикр намуд, ки индустрияи сайёҳӣ дар ҷаҳон босуръат пеш рафта истодааст ва дар ин раванд кишварҳое муваффақ мегарданд, ки ба соҳаи мазкур аҳамияти бештар зоҳир менамоянд. Таҳлили нишондиҳандаҳои оморӣ нишон медиҳанд, ки 5%-и маҷмӯи маҳсулоти дохилии ҷаҳон ва 30% -и ҳаҷми умумии содироти хизматрасониҳоро дар саросари ҷаҳон (1трлн доллари Амрикоӣ) сайёҳӣ ташкил медиҳад [10]. Метавонем зикр намуд, ки сайёҳӣ дар ҷаҳон ба таври нобаробар инкишоф ёфтааст ва баъзе аз минтақаҳои ҷаҳон дар ин самт густариш наёфтаанд. Қисми зиёди сайёҳон ба кишварҳои ғарбӣ майл доранд, ки ин нишондиҳанда пеш аз ҳама бо рушдёбии вазъи иҷтимо-иқтисодии минтақаи мазкур вобаста аст.



**Калидвожахо:** минтақаҳои озоди иқтисодӣ, реҷаи андозбандӣ, андозҳо, имтиёзҳо, сармоягузорӣ, фаъолияти соҳибкорӣ.


## СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКОЕ ПОЛОЖЕНИЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В РАЗВИТИИ ТУРИЗМА


Можно отметить, что индустрия туризма в мире развивается быстрыми темпами, и в этом процессе добиваются успеха те страны, которые проявляют большее значение к этой сфере. Анализ статистических показателей показывает, что 5% валового внутреннего продукта мира и 30% общего объема экспорта услуг во всем мире (1 трлн долларов США) составляет туризм [10]. Можно отметить, что туризм в

мире развивался неравномерно и некоторые регионы мира не развивались в этом направлении. Большую часть туристов интересуют страны Запада, что связано, прежде всего, с развитием социально-экономического положения этого региона.

**Ключевые слова:** свободные экономические зоны, режим налогообложения, налоги, льготы, инвестиции, предпринимательская деятельность.

**SOCIO-ECONOMIC SITUATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN THE DEVELOPMENT OF TOURISM**

It can be noted that the tourism industry in the world is developing at a rapid pace, and in this process those countries that show greater importance in this area are achieving success. Analysis of statistical indicators shows that 5% of the world's gross domestic product and 30% of the total export of services worldwide (1 trillion US dollars) is tourism [10]. It can be noted that tourism in the world has developed unevenly and some regions of the world have not developed in this direction. Most tourists are interested in Western countries, which is primarily due to the development of the socio-economic situation of this region.

**Key words:** free economic zones, taxation regime, taxes, benefits, investments, entrepreneurial activity.

**Маълумот дар бораи муаллиф:**

**Саъдуллозода Сафарбек Саъдулло -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктор Ph.D., дотсент мудири кафедраи географияи иқтисодӣ ва сайёҳӣ **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. **Тел:** 980-80-88-88. **Почтаи электронӣ**: safarbek-8888@mail.ru

**Сведения об авторах:**

**Садуллозода Сафарбек Садулло** – Национальный университет Таджикистана, доктор PhD, доцент, заведующий кафедрой экономической географии и туризма Адрес: 734025, Республика Таджикистан, ш. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Тел: 980-80-88-88. Электронная почта: safarbek-8888@mail.ru

**Information about authors:**

**Sadullozoda Safarbek Sadullo** – National University of Tajikistan, PhD, Associate Professor, Head of the Department of Economic Geography and Tourism Address: 734025, Republic of Tajikistan, sh. Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Tel: 980-80-88-88. Email: safarbek-8888@mail.ru

# ИҚТИДОРИ ЗАХИРАВИИ КОРХОНА ҲАМЧУН ОМИЛИ РУШДИ УСТУВОРИ САНОАТ ДАР ШАРОИТИ МУОСИРИ ИҚТИСОДӢ

*Сайдалиева М.Ҷ.,- магистри курси 2-уми ихтисоси*
*иқтисод ва идора дар корхонаҳои ДМТ*

Соҳаи саноати кишвар дар рушди иқтисодиёт саҳми арзанда дорад. Таъғиротҳои сохторӣ ва тамоюлҳои нави гузариш ба иқтисоди рақамӣ ҷустуҷӯи роҳу шаклҳои нави рушди саноатро барои баланд бардоштани рушди иқтисодӣ бо дарназардошти шаффофияти низоми иқтисодӣ тақозо мекунад [4]. Имкониятҳои пайдошуда дар иқтисодиёти рақамӣ ба рушди робитаҳо ва шаклҳои ҳамкории нав байни корхонаҳо мусоидат мекунанд, ки ба суръатбахшии рушд ва таъмини устувории саноат мусоидат мекунанд [6].

Таъмини рушди устувор дар асоси иқтидори захиравии корхона ҳамчун системаи кушодаи иҷтимоию иқтисодии дорои робитаҳо ва таъсири мутақобилаи беруна ва дохилӣ мебошад. Бинобар ин, ҳангоми баррасии фаъолияти истеҳсолӣ ва иқтисодии корхона бояд тамоми маҷмӯи равандҳои тиҷоратӣ бо арзёбии воридоту содироти захираҳо ва маҳсулот бо мақсади ба ҳисоб гирифтан ва муайян кардани захираҳои ба муомилоти иктисоди ҷалб карда шуданашон имконпазир аст. Ин имкон медиҳад иқтидори захиравию иқтисодии корхона ва самтҳои рушди он мувофиқ ба шароитҳои муосир дигаргун шавад. Мувофиқи он нуктаҳои назариявӣ ва методологии таъмини тараққиёти устувори корхонаҳо ва комплексҳои онҳо дар асоси иқтидори захиравӣ аҳамияти калон пайдо мекунанд. Илова ба фаҳмиши классикии иқтидори захиравӣ ҳамчун маҷмӯи иқтидори захираҳои гуногун ва ба фаъолияти иқтисодӣ ҷалбшуда, дар доираи рақамисозӣ, бояд ба арзёбии иқтидори захираҳои контрагентҳо, ки шарикони корхона мебошанд, таваҷҷӯҳ зоҳир карда шавад.

Вобаста ба ин, самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ бо назардошти истифодаи захираҳо дар равандҳои тиҷоратии таъминкунандагон муайян карда мешавад. Ин имкон медиҳад иқтидори захиравӣ ҳамчун омили таъмини рушди устувори корхонаҳо ва комплексҳои саноатӣ муайян карда шавад. Иқтидори захиравӣ маҷмӯи захираҳо, намудҳо, миқдор ва сифати муайяни такрористеҳсолкуниро ифода мекунад, ки самаранокии фаъолияти истеҳсолиро тавассути ташкили оқилонаи истифодаи захираҳо дар ҳудуди муносибатҳои муқарраршудаи байни иштирокчиёни муҳити тиҷорат таъмин менамояд.
Шароити муосири иқтисодии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ бо ворид шудани технологияҳои инноватсионии рақамӣ ба тамоми равандҳои фаъолияти корхона тавсиф мешавад, ки имкон медиҳад навовариҳои технологӣ ва идоракунӣ дар сохтори иқтидори захиравӣ ҳамчун ҷузъҳои асосӣ, муайян карда шавад. Дар замони муосир масъалаи асосии

иқтисодиёти Тоҷикистон ин дарёфти роҳҳои самарабахши таъминоти стратегияи саноатикунонии босуръати мамлакат ба ҳисоб меравад. Ҳалли амалии ин масъала бевосита бо бартараф намудани оқибатҳои бӯҳрони трансформатсионӣ ва шиддатёбии суръати афзоиши ҳаҷми истеҳсолот дар бахши аслии иқтисодиёт ба ҳисоб меравад. Танҳо дар ҳамин асос ҳалли бисёр мушкилоти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ имконпазир мегардад.

Дар марҳилаи муосир дар адабиёти иқтисодӣ ба тараққиёти низомҳои иқтисодӣ диққати калон зоҳир карда мешавад. Истилоҳи "тараққиёт" одатан бо ибораҳои: тараққиёти иқтисодӣ, тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ истифода мешавад. Дар корҳои илмӣ, ки ба муаммои тараққиёт бахшида шудаанд, қайд карда мешавад, ки он принсипи умумии ҳамагуна низоми иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Ин ҷараёни тағйирёбии бебозгашт ва қонунӣ мебошад, ки ба пайдоиши дигаргуниҳои миқдорӣ, сифатӣ ва сохтории низом оварда мерасонад.

Натиҷаи тараққиёт ҳолати сифатан нави объект мебошад, ки тағйирёбии хислат, таркиб, сохторро тавсиф медиҳад, яъне ин тағйироти унсурҳо ва алоқаҳои он аст. Таҳлили муносибатҳои назариявӣ имкон дод, ки як қатор ҷиҳатҳои низоми тараққиёт Мушкилоти тараққиёти корхонаи саноатӣ дар замони муосир яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Бинобар ин чунин тараққиёт бояд на танҳо мувозинати саноатиро бо истифода аз захираҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ ва молиявӣ, балки, тавозуни натиҷаҳо ва эҳтиёҷоти корхонаи саноатӣ, озодии иқтисодӣ ва бехатарӣ, тавозуни манфиатҳои иқтисодии ҳама субъектони ҷараёнро таъмин намояд. Амалигардонии чунин консепсия дар ҳолати мавҷудияти мақсад ва масъалаҳои истифодаи иқтидори корхонаҳои саноатӣ имконпазир мегардад.

Ҳангоми гузаронидаи таҳлили захиравӣ ва нишондиҳандаҳои тараққиёти корхонаҳои саноатӣ дар навбати аввал мушоҳида намудани зернизомҳо зарур аст, ки барои тараққиёти корхонаҳои саноат аҳамияти калидӣ доранд: иқтидори табиӣ захиравӣ, сармояи меҳнатӣ, зернизоми истеҳсолӣ, таъминоти молиявӣ. Ин гуфтаҳоро бо он исбот кардан мумкин аст, ки маҷмӯи иқтидори иҷтимоӣ-иқтисодии корхонаи саноатӣ тараққиёти субъекти хоҷагидорӣ, фаъолияти истеҳсолии он, инчунин сатҳ ва сифати коргарро муайян менамояд.

Дар баробари ин ворид намудани иқтидор ба низоми корхонаҳои саноатӣ ҷалб намудани имкониятҳои истифоданашударо дар назар дошта, дар он натиҷаҳои истифодаи захираҳо инъикос мешаванд. Ба иборaи дигар зернизоми идоракунӣ дар асоси захираҳои мавҷудбуда иқтидорро ташаккул дода, онҳоро барои ба даст овардани натиҷаҳо ҷалб менамояд. Натиҷаи чунин фаъолият, пеш аз ҳама, баланд бардоштани некӯаҳволии аҳолӣ мебошад, ки ин нишондиҳанда оид ба сатҳ ва самаранокии истифодаи иқтидори иҷтимоӣиқтисодии корхонаи саноатӣ шаҳодат медиҳад. Қувваи асосии ҳаракатдиҳандаи фаъолнокӣ ва

пешрафти соҳаҳои саноат ва баланд бардоштани иқтидори он захираҳои меҳнатии корхонаҳои саноатӣ ба ҳисоб меравад. Сармояи инсонӣ захираи асосии инноватсионӣ мебошад, ки рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа ва корхонаҳои саноатиро тақозо менамояд. [5].

Нишондиҳандаҳои тараққиёти соҳаи саноати кишвар аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ин соҳаи ҳаётан муҳим имкониятҳои васеи саноатикунонии кишвар мавҷуданд. Истифодаи бевоситаи оқилонаи имкониятҳои мавҷудбуда, афзоиши ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ аз ҳисоби барқарорсозӣ ва таъмини истеҳсоли молҳои нав дар корхонаҳои минтақа, ки қобилияти рақобатнокии кофӣ доранд, имкон медиҳад, ки вазни қиёсии маҳсулоти саноатӣ дар маҷмӯи маҳсулоти саноатӣ густариш дода шавад.

Мавҷудияти чунин имкониятҳои иқтисодӣ дар мамлакат ва минтақаҳои он борҳо дар баромадҳои Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон қайд шуда буд. Ҳамасола дар паёмҳои худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон афзалияти васеъшавии истеҳсолоти саноатиро дар ҷодаи баланд бардоштани сатҳи шуғли аҳолӣ қайд мекунанд. Бинобар ҳамин интихоб ва инкишофи корхонаҳои мавҷуда метавонад ба сифати “муҳаррик” баромад кунад, ки тамоми ҷумҳуриро аз бӯҳрони тӯлонӣ раҳо дода, рушди иқтисодии устуворро таъмин намояд.

Таъмини тараққиёти бахши саноатӣ дар асоси принсипҳои саноатикунонии босуръати кишвар, ҳамчун асоси ба даст овардани рушди иқтисодии самаранок ва устувор, инкишофи ҳама шаклҳои соҳибкориро дар соҳаи саноат дар назар дорад.Айнан инкишоф ва васеъшавии ҳама шаклҳои соҳибкорӣ метавонад заминаи мусоидро барои таъмини ҷойҳои кории мувофиқ ва таъмини бозори дохилӣ бо молҳои истеҳсолоти ватанро фароҳам оварад. Дар ин ҷода инкишофи соҳибкории хурд ва миёна нақши махсусро дорад. Аҳамияти инкишофи соҳибкории хурду миёна бо он асос меёбад, ки онҳо метавонанд ба тараққиёти саноат такони мусбат бахшида, қисми муайяни захираҳои меҳнатиро ба худ ҷалб намоянд.

Аз таҷрибаи мамлакатҳои тараққикарда маълум аст, ки маҳз ҳавасмандгардонии инкишофи соҳибкории хурду миёна ба аксарияти онҳо имконияти таъмини рушди иқтисодии устуворро дар давраи гузариши тараққиёти иқтисодӣ фароҳам овардааст.

Омилҳои асосие, ки ба тараққиёти устувори корхонаҳои саноатӣ мусоидат менамоянд, пеш аз ҳама, муайян намудани ҳадафҳои пешрафти корхона, тағйирёбии муҳити экологӣ, натиҷаҳои пешрафти илму техника, тамоюли ҷаҳонишавӣ ба ҳисоб мераванд.

## АДАБИЁТ

1. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, 26.12.2018.
2. Вохӯрии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон бо саноатчиён ва соҳибкорон. 14.10.2019.
3. Боровик А.С. Концептуальные основы модернизации региональной экономики. // Региональная экономика - М., 2010 - № 25. – С. 46-49.
4. Ищенко М.М. Региональное управление неоднородными социально-экономическими системами субъектов РФ.: автореф...дис. ...д-ра экон. наук: 08.00.05. – М., 2012. – 39 с.
5. Давлатов С.Н., Искандаров Ҳ.Ҳ. Сармояи инсонӣ ва нақши он дар рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон//Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе: «СИНО», 2015. №2/6(175). - С 94-97.
6. Корчагина Ю.А. Региональная экономика и финансы: учебное пособие для студентов экономических специальностей. - Воронеж: ЦИРЭ, 2010. – 260 с.
7. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 г. – Душанбе, 2016.- 355 с.


## ИҚТИДОРИ ЗАХИРАВИИ КОРХОНА ҲАМЧУН ОМИЛИ РУШДИ УСТУВОРИ САНОАТ ДАР ШАРОИТИ МУОСИРИ ИҚТИСОДӢ


Рушди устувор консепсияест, ки барои ноил шудан ба мувозинати ҷанбаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва экологӣ нигаронида шудааст ва яке аз муҳимтарин мушкилот ва афзалиятҳои низоми иқтисодиву иҷтимоии муосир ба шумор меравад. Ба даст овардани мувозинати байни ҳадафҳои иқтисодӣ ва эҳтиёҷот (афзоиши саноат, истифодаи самараноки захираҳо) ва ҳадафҳо ва эҳтиёҷоти экологӣ (гуногунии биологӣ, захираҳои табиӣ, якпорчагии системаи экосистема) бо омилҳои марбут ба соҳаи истеҳсолот муайян карда мешавад. Ҳамин тавр, рушди саноат метавонад бо ҳифзи сарватҳои табиӣ мухолифат кунад ва дар натиҷа ба номувофиқ будани эҳтиёҷот оварда расонад.



Калидвожаҳо: корхона, иқтидори захиравӣ, устуворӣ, гардиши иқтисодӣ, низоми иҷтимоию иқтисодӣ


## РЕСУРСНЫЙ ПОТЕНЦИАЛ ПРЕДПРИЯТИЯ КАК ФАКТОР УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ ПРОМЫШЛЕННОСТИ В СОВРЕМЕННЫХ ЭКОНОМИЧЕСКИХ УСЛОВИЯХ

Устойчивое развитие представляет собой концепцию, направленную на достижение сбалансированности между социальными аспектами, аспектами экономической деятельности и окружающей среды и является одним из наиболее важных вызовов и приоритетов в современной социально-экономической системе. Достижение сбалансированности

между экономическими целями и потребностями (промышленный рост, эффективное использование ресурсов) и экологическими целями и потребности (биоразнообразие, природные ресурсы, целостность экосистем) обусловлено факторами, относящимися к производственной сфере. Так, промышленный рост может вступить в противоречие с охраной природных ресурсов, и как следствие привести к несовместимости потребностей.

**Ключевые слова:** предприятие, ресурсный потенциал, устойчивость, хозяйственный оборот, социально-экономическая система

## RESOURCE POTENTIAL OF THE ENTERPRISE AS A FACTOR OF SUSTAINABLE DEVELOPMENT OF INDUSTRY IN MODERN ECONOMIC CONDITIONS

Sustainable development is a concept aimed at achieving a balance between social, economic and environmental aspects and is one of the most important challenges and priorities in the modern socio-economic system. Achieving a balance between economic goals and needs (industrial growth, efficient use of resources) and environmental goals and needs (biodiversity, natural resources, ecosystem integrity) is determined by factors related to the production sector. Thus, industrial growth may conflict with the protection of natural resources, and as a result lead to incompatibility of needs.

**Key words:** enterprise, resource potential, sustainability, economic turnover, socio-economic system

**Маълумот дар бораи муаллиф:**

**Сайдалиева Меҳрубону Ҷаҳонхоновна** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон магистри курси 2-уми ихтисоси иқтисод ва идора дар корхонаҳо, **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. **Тел:** 887-00-27-98, **Почтаи электронӣ**: Bonujon_s@mail.ru

**Сведения об авторе:**

**Сайдалиева Мехрубону Джаханхоновна** – Национальный университет Таджикистана, магистр 2 курса экономики и управления на предприятиях, **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, ш. Душанбе, проспект Рудаки, 17. **Тел**: 887-00-27-98, **Электронная почта**: Bonujon_s@mail.ru

**Information about author:**

**Saydalieva Mehrubonu Dzhakhanhonovna** – National University of Tajikistan, 2nd year master of economics and enterprise management, **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, sh. Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Tel: 887-00-27-98, **E-mail:** Bonujon_s@mail.ru

# ОБЕСПЕЧЕНИЕ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ - КАК СТРАТЕГИЧЕСКОЕ НАПРАВЛЕНИЕ УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ ТАДЖИКИСТАНА

*Исайнова М.Х. – к.э.н., с/п кафедры экономики предприятия и предпринимательства факультета экономики и бизнеса ГФЭУТ*
*Исраилова А.Р. – ассистент кафедры национальная экономика и экономическая безопасность ТНУ*

Обеспечение продовольственной безопасности в настоящее время является одним из четырех стратегических направлений (наряду с достижением энергетической независимости, выхода республики из коммуникационной изоляции и превращение республики из аграрного государства в индустриально-аграрную страну) обеспечения устойчивого развития Таджи-кистана. Несмотря на то, что в современном мире вопросы обеспечения продовольственной безопасности, приобрели глобальный характер, тем не менее, производство и сбыт агропродовольственной продукции на национальном уровне превращаются в сложноорганизованную систему. Это означает, что национальный фактор начинает играть чрезвычайно существенную роль в обеспечении продовольственной безопасности и достижение продовольственной самодостаточности республики.

Следует отметить, что глобализация экономических процессов, вступление Таджикистана во Всемирную торговую организацию (ВТО), минимальный уровень эффективности аграрного сектора и функционирование надежного механизма государственной поддержки отечественных производителей сельскохозяйственной продукции формируют факторы способствующие обеспечение продовольственной безопасности как страны, так и ее отдельных регионов. В этой связи формирование эффективной системы обеспечения продовольственной безопасности страны требует объективной научной оценки изменив-шейся ситуации, разработки адекватной стратегии углубления экономических преобразований в аграрной сфере и совершенствования механизма ее управления в условиях новых экономических отношений. Исходя из этого, анализ проблемы обеспечения продовольственной безопасности республики является весьма актуальной и своевременной задачей.

Следует отметить, что в настоящее время одной из центральных проблем в системе национальной и экономической безопасности любой страны является продовольственная безопасность. Исходный английский термин - «food security», переводится двояко: как продовольственная безопасность и как продовольственная обеспеченность. Второй вариант перевода более точно отражает смысл понятия, определяющего обеспечение гарантированной физической и экономической доступности продуктов питания для человека.

Продовольственная проблема, обусловленная неравномерностью развития сельскохозяйственного производства и несбалансированностью спроса и предложения на его продукцию в различных странах мира, является одновременно и одной из наиболее острых проблем современной мировой экономики. В первую очередь это касается зерновых культур. В качестве отрицательных тенденций, способных сдерживать дальнейшее наращивание мирового производства зерна, выступает сокращение как в развитых, так и в развивающихся странах площадей земель, пригодных для ведения сельского хозяйства. Это, прежде всего, связано с высоким уровнем урбанизации, экологическими осложнениями в связи с дальнейшим вовлечением незадействованных земель, усиление деградационных процессов земли (эрозии, засоление, опустынивание), ухудшения использования земли и снижения ее плодородия, отчуждение сельскохозяйственных земель под незаконное строительство жилья, ограниченностью земельно-водных ресурсов, сокращением финансирования сельскохозяйственного производства и др.

Более того, глубокий эколого-экономический кризис, усиливающийся в последние годы в связи с обострением проблемы небрежного и нерационального использования земельных ресурсов, поставил человечество перед сложнейшими выборами: как выжить в быстроменяющемся мире и как найти гармонию между человеческим разумом и научно-техническим новшеством. Это все заставляет искать способы выхода из создавшегося кризиса и спектры возможных решений. Необходимы сдвиги в общественном сознании, направленные на обновление системы ценностей и ориентиров деятельности, поиск новой гармонии с окружающим миром, при которой можно будет получать больше всего необходимого с той же площади земли.

Исследуя проблемы нерационального использования земельных ресурсов и обеспечение потребности быстрорастущего населения в продовольствии, Герман Дели, один из основоположников экологической экономики, отмечает, что: «закончилась эпоха, когда сдерживающим фактором экономического развития были возможности человека («незаполненный» мир), сейчас человечество вступило в эпоху, когда сдерживающим фактором становятся природные ресурсы, которые истощаются все быстрее и быстрее («заполненный» мир). Когда нас было относительно мало на Земле, ощущался недостаток в капитале, созданном руками и умом человека, а природных богатств было в избытке. Теперь ситуация изменилась прямо наоборот. По мере расширения человеческой деятельности экосистемы постепенно истощаются и начинают ограничивать дальнейшее развитие экономики, в то время как возможности человека все возрастают» (10).

Следует отметить, что история человеческого общества показывает, что безопасность населения от голода в различные эпохи эволюции понималась и оценивалась различными условиями по этапам его развития, среди которых можно выделить следующие этапы: в зависимости от возможности убить животных; от уставных общест-

венных правил деления пищи между людьми различного положения к главе общины, группы; от наличия земли и ее плодо-родности, погодных условий и получения достаточного урожая; появления кустарных общин и их производительности; от стихийных бедствий, привод-ящих к гибели посевов, урожаев, возможности порчи продовольствия во время хранения; наличия страховых и неприкосновенных запасов продовольст-вия; от размера поставок продовольствия из других государств согласно заключенным контрактам; от угрозы гибели судна, доставлявшего продо-вольствие морским или сухопутным путем; продовольственная и технологи-ческая блокада, размера благотворительной помощи и др. Именно в зависи-мости от условий обеспечения происходило формирование понятия «продо-вольственная безопасность», «продовольственная независимость» страны и ее населения. Следует также добавить, что есть также аргументы, о том, что в свое время К. Маркс писал, что: «…производство продуктов питания (пищевых веществ) является самым первым условием жизни непосредственных производителей и всякого производства вообще…». Более того, по определению К. Маркса, «…воспроизводство продовольствия является необходимым условием воспроизводства рабочей силы» - главной производительной силы общества (4).

В девяностые годы XX века указанные понятия получили официальное признание и были сформированы в основополагающих международных документах и в постановлениях правительств отдельных стран, в том числе и в нашей республике. В этой связи, впервые вопрос о продовольственной безопасности Таджикистана был поставлен в начале 90-х годов двадцатого столетия в связи с резким падением сельскохозяйственного производства, ростом импорта продовольственных товаров и уменьшением потребления продуктов питания населением республики. Однако до сих пор между учеными ведутся острые дискуссии по поводу выработки определений/дефиниций, так как от их содержания зависит процесс дальнейшего обеспечения быстрорастущего населения в продовольственных продуктах. Поэтому одним из важных задач в решении данной проблемы является определение понятия «продовольственной безопасности», соответствующей современным мировым требованиям.

Следует отметить, что впервые термин «продовольственная безопасность» был введен в международную практику еще в 1974 г. в Риме на Всемирной конференции по проблемам продовольствия, организованной ФАО (Международная продовольственная и сельскохозяйственная организация) после роста в 1972-1974 гг. в три раза мировых цен на зерно, и затем был рас-крыт как понятие на аналогичной конференции в 1996 году. Он использо-вался для характеристики состояния продовольственного рынка и в целом экономики страны или группы интегрированных стран. В этой связи, от эффективности решения данной проблемы зависит не только социальная, но политическая и межнациональная стабильность в обществе.

В целом, при определении понятия «продовольственной безопасности» существуют различные мнения и дефиниции относительно данного термина. Например, ФАО определяет национальную продовольственную стратегию как политику, которая позволяет стране достичь наиболее высокой степени самообеспеченности в продовольствии в результате интегрированных усилий по увеличению производства жизненно-необходимых продуктов, улучшения системы снабжения и потребления продовольствия, ликвидации недоедания и голода. Он трактуется следующим образом: «продовольственная безопасность - это состояние, когда все люди имеют физический и экономический доступ к безопасному и питательному продовольствию в количестве, достаточ-ном для удовлетворения своих потребностей и предпочтений в еде, в объемах, необходимых для активной здоровой жизни» (6,10).

По мнению некоторых ученых, наиболее распространенным пониманием сущности продовольственной безопасности является следующее определение «продовольственная безопасность - это состояние экономики, при котором гарантируется обеспечение доступности продовольствия населению в любое время в количестве, необходимом для активной и здоровой жизни» (2). В целом, многие авторы поразному понимают и трактуют термин продо-вольственная безопасность, но в одном согласны почти все - «продовольственная безопасность, это стабильное обеспечение населения продуктами пита-ния в соответствии с платежеспособным спросом» (3). Что касается понятие «продовольственной самодостаточности» - то под понятием данной дефиниции, прежде всего понимается обеспечения населения республики в собственных (отечественных) продовольственных продуктах.

Необходимо отметить, что исследований относительно в области продовольственной безопасности в нашей республики показывает, что в публикациях отечественных экономистов освещаются различные аспекты обеспечения продовольственной безопасности. Более того, большое число исследований было посвящено вопросам, связанным с мировым сельским хозяйством и продовольственным положением, обеспечением населения продуктами питания, проведением реформ в области аграрной политики в Республике Таджикистан и за рубежом. Так, исследуя экономические аспекты продовольственной проблемы, по мнению профессора Кудратова Р.Р., во многих странах мира, подходы к решению проблемы обеспечения продовольственной безопасности на национальном уровне далеко не одинаковые. Доминирующее положение мировой продовольственной системы занимают экономически развитые страны. Они производят и потребляют свыше двух третей мирового продовольствия, хотя в них проживает менее 15 % населения мира.

Что касается нашей республики, то, по его мнению, в этом аспекте для обеспечения продовольственной безопасности Республики Таджикистан сталкивается с такими проблемами как:

-высокая зависимость от импорта продовольствия, ресурсов для его производства, иностранного капитала и кредитов;
- слабое развитие политики протекционизма по отношению к отечественным товаропроизводителям;
- несовершенство механизма управления и элементов рыночного механизма;
- недостатки государственных методов регулирования продовольственного рынка и др., преодоление которых, по его мнению, существенно может смягчить проблему обеспечения населения продовольствием собственного производства (6).

Следует особо говорить, о вкладе Икромова С.С. в исследование взаимосвязи продовольственной самообеспеченности и безопасности в Республике Таджикистан. В этой связи, изучая географию Таджикистана, расчленяющая его территорию по признаку локализации потоков движения малотранспортабельной продукции им были сгруппированы три географические провинции. По мнению Икромова С.С. можно выделить следующие группы республиканского продовольственного подкомплекса:
- Южно-Таджикский продовольственный подкомплекс, включающий Гиссарскую и Гармскую природно-хозяйственные зоны, Кулябскую и Кургантюбин-скую зону;
- Северо-Таджикский продовольственный комплекс, объединяющий три природно-хозяйственных зоны Сугдской области;
- Памирский продовольственный подкомплекс, функционирующий в составе районов Горно-Бадахшанской автономной области (1). По его мнению организация продовольственных отраслей внутри каждого подкомплекса должна строиться на принципах рационального их размещения под входящим в его составе природно-хозяйственным зонам, с обеспечением требуемых пропорций и балансовых взаимосвязей между ними в единой системе внутрирегионального продуктообмена.

Изучая социально-экономические аспекты обеспечения продовольственной безопасности по мнению Тагоева Б.Д., в результате исследования методологических аспектов, характеристики состояния продовольственной безопасности страны и необходимости её поддержания на оптимальном уровне получена количественная и качественная оценка этой категории. Исходя из этого, по его мнению, вышеизложенные методологические подходы к исследованию данной проблемы позволяют, выделить специфические показатели, позволяющие рассматривать состояние и динамику продовольственной безопасности (2). Для ее оценки могут привлекаться такие показатели, как соотношение на конкретной территории количества и ассортимента продовольствия в торговой сети, востребуемого населением; соответствие объема и структуры поставок продовольствия специальным потребителям по принятым для них нормативам; размер торговой

Более того, в качестве критериев продовольственной безопасности на мировом уровне используются также следующие показатели: соотношение мировых запасов зерна к уровню потребления (соотношение в 17-18% явля-ется минимально необходимым для

поддержания мировой продовольствен-ной безопасности); соотношение снабжения к потребностям в продоволь-ствии в пяти основных странах-экспортерах; соотношение запасов на конец периода в пяти основных странах-экспортерах к потреблению на их внутренних рынках плюс объем экспорта; уровень производства зерновых в трех основных странах-импортерах (Китай, Индия и СНГ); уровень произ-водства зерновых в странах с низким уровнем дохода и дефицитом продо-вольствия (8,10).

Как было выше сказано, в решении задач обеспечения продовольственной безопасности страны приоритетное значение имеет производство зер новых. Это объясняется тем, что согласно методике ФАО уровень продо-вольственного обеспечения характеризуется двумя основными показателями: средним уровнем производства зерна на душу населения и переходящими запасами зерна в стране. При этом переходящие запасы зерна должны иметь объем, соответствующий не менее 60 дней его потребления (17 % среднегодового потребления). Более того, Таджикистан относится к числу стран с повышенным потреблением хлеба: вместо биологической нормы 130 кг на душу населения в год фактическое потребление за последние 40 лет состав-ляет в среднем 159-168 кг., что в большей степени соответствует необходи-мым нормам энергетического содержания пищевого рациона населения.

**Таблица 1**

**Система показателей и критическое значение порогового показателя, оценивающая состояние продовольственной безопасности**

| Показатели, оценивающие состояние продовольственной безопасности | Критическое значение порогового показателя с учетом мировой практики | Республика Таджикистан | Хатлонская область |
|---|---|---|---|
| Отклонения от норм биологической природы питания, как в меньшую, так и в большую сторону | Не более чем на 50 % | Не менее 40 % | Не менее 30 % |
| Количество потребляемых основных пищевых веществ (белков, жиров, витаминов и др.) | Не менее 80 % от установленной нормы потребления продовольственных продуктов | Не менее 70 % | Не менее 50 % |
| Уровень калорийности (энер-гетической ценности) дневно-го рациона на 1 человека в сут-ки | Не менее 2409 ккал | Не менее 2200 ккал | Не менее 2000 ккал |
| Доля расходов на продовольствие в | Не менее 50 % | Не менее 40 % | Не менее 30 % |

| | | | |
|---|---|---|---|
| общих расходах отдельных групп населения | | | |
| Уровень и состояние импорта продовольственных продуктов и их доля в общем объеме торговли | Не менее 20 % от объема импортируемых продовольственных продуктов | Не менее 50 % | Не менее 10 % |
| Размер переходящих запасов зерна по сравнению с годо-вым его потреблением | Не менее 20 % | Не менее 20 % | Не менее 20 % |
| Производство отечествен-ного (собственного) продо-вольствия | Не менее 70 % | Не менее 60 % | Не менее 50 % |

Анализ статистических данных, связанные с обеспечением продовольственной безопасности республики показывает, что обладая значительным агроэкономическом потенциалом, Республика Таджикистан не удовлетворяет свои потребности в по некоторых продуктах питания (табл.2).

**Таблица 2**

**Производства основных видов продовольственной продукции на душу населения в Республики Таджикистан (за период 1991-2016 гг.)**

| Наименование продовольственной продукции | Г о д ы | | | | | | 2020/1991 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 1991 | 2000 | 2015 | 2016 | 2019 | 2020 | кг.+,- | % |
| Зерно, кг | 54,3 | 89,8 | 168,6 | 166,1 | 152,2 | 165,0 | 110,7 | 2,1 раза |
| Картофель, кг | 32,3 | 49,5 | 107,5 | 103,9 | 107,9 | 108,7 | 76,4 | 3,4 раза |
| Овощи, кг | 112,1 | 57,9 | 201,9 | 202,2 | 236,7 | 263,5 | 151,4 | 2, 6 раза |
| Бахчи | 31,2 | 15,6 | 64,1 | 68,7 | 76,1 | 80,5 | 49,3 | 2,6 раза |
| Фрукты, кг | 31,6 | 27,7 | 36,2 | 42,1 | 51,4 | 49,7 | 18,1 | 157,3 |
| Виноград, кг | 21,6 | 18,0 | 24,7 | 24,8 | 26,8 | 25,4 | 3,8 | 117,6 |
| Мясо (в живом весе), кг | 26,9 | 4,8 | 13,2 | 27,0 | 14,8 | 16,0 | -10,9 | 59,5 |
| Молоко, литр | 104,9 | 50,6 | 107,6 | 106,2 | 108,5 | 108,5 | 3,6 | 103,4 |
| Яйца - штук | 81,1 | 3,8 | 43,3 | 39,0 | 78,7 | 104,5 | 23,4 | 128,8 |

**Источник:** Сельское хозяйство Республики Таджикистан (статистический ежегодник). - Душанбе: Агентство статистики при Президенте Республики Таджикистан 2021. - С. 12.

Анализ данных табл. 1. показывает, что в рассматриваемый период наблюдается увеличение производства всех основных продовольственных продуктов. Последнее объясняется ростом сельскохозяйственного производства (особенно в дехканских

хозяйствах), созданием новых и повышением эффективности малых агропромышленных предприятий, в.т.ч. в частном секторе.

Однако, несмотря на достигнутое, в настоящее время объем производства основных видов продовольственных продуктов в области недоста-точен для того, чтобы оценить реальный уровень обеспечения продовольственной безопасности данного региона. В этой связи другим жизненно важным признаком продовольственной безопасности является гарантированный доступ к калорийным продуктам питания, а также способность приобретать такие продукты.

Следует отметить, что доступность продуктов питания региона основана, главным образом, на оценке продовольственной черты бедности, опре-деляемая как порог денежной суммы, необходимый для обеспечения мини-мального рациона питания для членов домохозяйств. Анализ показал, что в настоящее время наблюдаются некоторые различия в потребление основных видов продовольствий на каждого членов домохозяйств (табл. 3).

**Таблица 3**

**Потребление основных видов продовольственной продукции на каждого членов домохозяйств в Республике Таджикистан (за период 1991-2022 гг.), кг в год**

| Наименование продовольственной продукции | **Г о д ы** | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | **2000** | **2010** | **2016** | **2018** | **2022** |
| Хлебные продукции | 148,0 | 160,6 | 154,1 | 153,1 | 151,5 |
| Картофель | 37,8 | 35,0 | 34,7 | 33,3 | 39,1 |
| Овощи | 98,5 | 70,7 | 88,1 | 76,1 | 80,4 |
| Фрукты и бахчевые | 50,8 | 33,2 | 32,9 | 33,5 | 30,4 |
| Молоко и молочные продукты | 64,9 | 60,9 | 58,0 | 58,7 | 59,5 |
| Мясо и мясные продукты | 4,4 | 11,0 | 11,2 | 14,8 | 14,7 |
| Масло растений | 10,2 | 14,4 | 13,9 | 16,4 | 17,2 |
| Яйцо (штук) | 19,0 | 40,0 | 55,0 | 71,0 | 68,0 |
| Сахар и кондитерские изделия | 6,7 | 12,0 | 13,6 | 14,1 | 14,3 |

**Источник:** Основные показатели исследования бюджетных домохозяйств. - Душанбе: Агентство статистики при Президенте Республики Таджикистан 2022. - С. 40.

Данные об объемах потребления продовольствия позволяют включить в расчет потребленных калорий ту часть продукции, которая поступает в рацион домохозяйства с приусадебного участка. В связи с огромным значением приусадебных участков в плане снабжения домохозяйства продовольствием, эти данные важны для оценки потребления на уровне домохозяйств, расположенных в сельской местности.

По данным ФАО, только за последние десять лет во всем мире число людей, затронутых недоеданием, выросло на 18 млн. человек, и в настоящее время, составляет свыше 852 млн. человек. Из них 815 млн. проживает в развивающихся странах, 28 млн. - в странах переходного периода (страны бывшего социалистического лагеря) и 9 млн. - в развитых странах. Каждый год в развивающихся странах на свет появляется 20 млн. детей с недостаточным весом, а недоедание уносит 5 млн. детских жизней в год, в то время как те, кто выживают, подвержены риску различных заболеваний.

По данным ФАО, железодефицитная анемия может сократить производительность труда на 10-15%, а размер валового национального продукта (ВНП) на 0,5-1,8%. На базе исследования, проведенного в десяти развивающихся странах, С. Хортон и Дж. Росс рассчитали, что среднегодовые потери производительности труда, вызванные железодефицитом, составляют 2,3 доллара США на душу населения или 0,57% от ВНП. Например, в результате железодефицит, ежегодные потери производительности Бангладеш, Индии и Пакистана составляют 4,2 млрд. долларов США (в абсолютном выражении) (1,4,10).

Необходимо отметить, что, что в условиях отсутствия альтернативных вариантов производства продуктов и связанного с этим решения проблемы обеспечения безопасного продовольствия основной акцент должен быть сделан на разработку стратегии обеспечения продовольственной безопасности республики, отвечающей требованиям новых экономических отношений.

В этой связи, стратегия обеспечения продовольственной безопасности республики в условиях новых экономических отношений, может реализовываться по следующим основным направлениям:

- усиление объема финансирования аграрного сектора с целью наращивания производства основных продуктов питания. Так, в 2020 г. объем кредитов, выданных сельскохозяйственных производителей по сравнению с 2010 годом увеличился на более 3,5 раза. Валовой региональный продукт в анализируемый период также выросло на 2,2 раза по сравнению с 2010 годом. В перспективе рост объема финансирования и кредитования с целью обеспечения производства продовольственных продуктов, развитие малых агропромышленных предприятий на местах и др. меры могут стать важными условиями в решении продовольственной проблемы республики;
- государственное регулирование внешнеторговой деятельности позволяет обеспечить защиту регионального внутреннего рынка от конкуренции с более дешевыми импортными продуктами. Так, как в 2021 году продовольственные продукты были экспортированы на 142,2 тыс. тонна и в 2021 году на 226,4 тыс. тонн, что на 84,2 тыс. тонна выше по сравнению с прошлого года. Для примера овощи 91,0, фрукты 35,0 и кондитерские изделие 0,05, молоко и молочные продукты 0,01, чай 0,02 тысяч тонна. Что касается импорта продовольственных продуктов, то оно в 2020 году соста-вило 1718,0 тыс. тонна и и в 2021 году - 1766,4 тыс.

тонн, что на 48,4 тыс. тонна выше по сравнению с прошлого года. В том числе зерно на 999,2 тысяча тонна в 2020 году и в 1028,1 тысяча тонна в 2021 году, мука - 56,7, сахар - 162,1 макарон, угро на 15,2 тыс. тонна. Для ограничения поступления импортных продуктов целесообразно применять таможенные пошлины, а для поощрения экспорта отечественной продукции, производимой в республики - экспортные субсидии. Таможенные пошлины должны применяться в тех случаях, когда импорт не вызывает конкуренции на внутреннем рынке. Для нашей республики такими продуктами могут являться, хлопок-волокно, алюминия, свежие овощи и фрукты;

- защита сельскохозяйственного производства путем государственного регулирования цен на основные виды продовольственной продукции. Если предложение на продовольствие значительно превосходит спрос, государство через региональные учреждения (потребительские общество, региональные продовольственные рынки и др.) может скупать эту продукцию из регионов, которые специализированы на производстве основных продовольственных продуктов. Например, для заготовки картофеля необходимо закупать его из Раштского региона или Масчохи Кухи, а для покупки зерна целесообразно выбрать Дангаринский, Шуроабадский и Муминабадский районы Хатлонской области. Для заготовки лука можно выбрать районы Согдийского области и ряд районов Кургантюбинской зоны. Реализация такой политики позволяет защитить интересы сельхозпроизводителей от резких колебаний цен на продовольственные товары и стабилизировать цены на основные продовольственные продукты;

- совершенствование механизма налоговой политики также может являться направлением реализации стратегии обеспечения продовольственной безопасности и продовольственной самодостаточности. В реализации этой задачи важную роль играет налоговые льготы, в том числе, льготы, направленные на стимулирования инновационного развития. Их применения позволяет также стимулировать приоритетные направления развития агропромышленного комплекса. Целесообразно, также применять «налоговые каникулы», т.е. в определенное время освободить сельхозпроизводителей от ряда налогов с целью насыщения регионального рынка продовольственных продуктов и реализации политики аграрного протекционизма.

Пионерным шагом в этом направлении могут являться меры по разви-тию садоводства (косточковое), выращиванию лучших сортов высокосаха-ристых по качеству сухофруктов-урюка, кайсы и кураги, получивших не только региональное, но и мировое признание. Важность этой меры дикту-ется значительными возможностями расширения косточкового садоводства за счет малопригодных для хлопководства земель, составляющих только в Хатлонской области 40 тыс. га, а в Согдийской области в общей сложности более 60 тыс. га соответственно. По некоторым данным, если площадь кос-точковых довести к 2025 году

до 200 тыс. га, то при полном плодоношении они могут обеспечить получение до 400 тыс. т абрикоса. А передача на пере-работку 70 % этого объема позволит производить до 50 тыс. тонн сухофрук-тов.

В отдельных районах РРП (Турсунзаде, Гиссар, Шахри Нав и др.), а также Хатлонской области (Хуросон, Ходжамастон и других районов Кур-гантюбинской зоны, районы им. М.А. Хамадони, Восейский, Фархарский и др, районов Кулябской зоны), при всей масштабности развития садоводства еще большими возможностями имеет виноградарство. По официальным данным, уже в предстоящем два десятилетием имеется возможность заложить примерно 50 тыс. га виноградников, в том числе на богаре - до 40 тыс. га с тем, чтобы с учетом наилучших посадок получить до 900 тыс. тонн виног-рада, из которых можно реализовать столовых сортов 300 тыс. тонн, перера-ботать на сушки и изюм 250 тыс. тонн с выходом 60 тыс. тонн, кишмиша и изюма и на вином 350 тыс. тонн.

На наш взгляд, такая перспективная структура посевных площадей республики может обеспечить оптимальные условия для реализации приори-тетной программы на период до 2010-2025 гг. по эффективному использо-ванию земель, социальному развитию села и устойчивому обеспечению населения региона продовольственными продуктами. В целом, диверсифика-цию сельского хозяйства, целесообразно было бы реализовать с помощью экономических рычагов, таких как совершенствование механизма кредито-вания, налоговое регулирование, льготное финансирование, субсидии, агро-лизинг на приобретение сельскохозяйственной техники и др., что является основным стабилизирующим фактором производства продуктов питания.

Снижение уровня обеспечения продовольственной безопасности республики, вызванное в последние годы падением производства, нарушением экономических и хозяйственных связей со странами дальнего и ближнего зарубежья, ухудшением финансового состояния некоторых хозяйствах ориентированных на производства основных продовольственных продуктах, привело к резким деформациям в структуре и объемах потребления населе-нием продуктов питания. При этом отрицательное воздействие на эти процессы оказало отсутствие в переходный период четкой долгосрочной программы импорта сырья, материалов и оборудования для пищевой и перерабатывающей промышленности и развития экспорта готовой пищевой продукции. В то же время отсутствие дифференцированного подхода к решению вопросов таможенного регулирования открыло нашу границу для бесконтрольного вывоза сельскохозяйственного сырья. Из-за рубежа в регионе устремился поток низкокачественных продовольственных товаров, которые продаются по демпинговым ценам.

Целесообразно определить приоритетные направления эффективного обеспечения продовольственной безопасности и достижения продовольственной самодостаточности республики, на которых должно быть сосредоточено основное внимание. Исходя из

этого, возникает необходимость более глубокого комплексного исследования проблем, связанных с обеспечением эффективности производства и достижением устойчивого развития, и для решения которых требуется сосредоточение усилий экономической науки на разработке приоритетных направлений обеспечения продовольственной безопасности.

Таким образом, решение продовольственной проблемы и достижение продовольственной самодостаточности республики путем диверсификации сельского хозяйства, увеличения производства сельскохозяйственной продукции и создания мощного агропромышленного потенциала являются основой повышения благосостояния населения. Для достижения продовольственной безопасности республики, целесообразно также обеспечить координацию и сочетание усилий органов государственного управления и хозяйству-ющих структур, предпринимателей и фермеров.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Автореферат диссертации на соискание уч. степ. канд. экон. наук. Икромов С.С. Взаимосвязь продовольственной самообеспеченности и безопасности в Республике Таджикистан. -Душанбе, 2010. - 26 с.

2. Автореферат диссертации на соискание уч. степ. канд. экон. наук. Тагоев Б.Д. Региональные аспекты обеспечения продовольственной безопасности (на материалах Хат-лонской области Республики Таджикистан). - Душанбе, 2013. - 24 с.

3. Алиев О.М. Проблемы продовольственного самообеспечения региона как основа устойчивого развития. Монография. - Душанбе: «Ирфон», 2018. -188 с.

4. Бюджетные вопросы. Специальная серия публикаций по мерам налогово-бюд-жетной политики в ответ на COVID-19. - Специальная серия публикаций выпускается экспертами МВФ для помощи странам-членам в преодолении экономических последствий COVID-19, 2020. -С.3.

5. ВОЗ. 2020. Руководящие принципы проведения мероприятий по иммунизации во время пандемии COVID-19. Временные рекомендации - 26 марта 2020 года. Женева, Швейцария.

6. Кудратов Р.Р. Проблемы обеспечения продовольственной безопасности в условиях малоземелья и трудоизбыточности (Монография). - М.: МАКС Пресс, 2005. -268 с.

7. Основные показатели исследования бюджетных домохозяйств. - Душанбе: Агентство статистики при Президенте Республики Таджикистан 2021. -76 с.

8. Сельское хозяйство Республики Таджикистан (статистический ежегодник). - Душанбе: Агентство статистики при Президенте Республики Таджикистан 2020. -264 с.

9. Ястребинская Г.А. Продовольственная безопасность, экономика и экология. //Никоновские чтения-2011. Глобализация и аграрная экономика России: тенденции, воз-можные стратегии и риски. - М.:

ВИАПИ им. А.А. Никонова: «Энциклопедия российских деревень», 2011. - С. 24-26.
10. Kilaparti Ramakrishna end George M. Woodwell eds., The Future of World Forests: Their Use and Conservation (New Yavtn, CT: Yale University Press. 1993), p. 79.

## ОБЕСПЕЧЕНИЕ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ - КАК СТРАТЕГИЧЕСКОЕ НАПРАВЛЕНИЕ УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ ТАДЖИКИСТАНА

В статье рассматривается вопросы обеспечения продовольственной безопасности республики. Раскрыты понятие, сущность и роль обеспечения продовольственной безопасности в развитии национальной экономики республики. Особое внимание уделено современное состояние и тенденции развития показателей продовольственных продуктов. Обобщены зарубежный опыт обеспечения продовольственной безопасности с целью применения их передового опыта в нашей республики и его отдельных регионов. Выявлены проблемы тормозящие обеспечения продовольственной безопасности страны. Разрабо-таны и предложены основные направления по обеспечению продовольственной безопасности республики.

**Ключевые слова:** продовольствия, продовольственная безопасность, обеспечения продовольственной, безопасности, продовольственная самодостаточность, направления, основные направления по обеспечению продовольственной безопасности.

## ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ - ҲАМЧУН САМТИ СТРАТЕГИИ РУШДИ УСТУВОРИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола масъалаҳои асосии таъмини бехатарии озуқавории ҷумҳурӣ оварда шудааст. Мафҳум, моҳият ва нақши бехатарии озуқаворӣ дар рушди иқтисоди миллии ҷумҳурӣ ошкор карда шудааст. Диққати асосӣ ба вазъи ҳозира ва тамоюли рушди нишон-диҳандаҳои маҳсулотҳои озуқа равона карда шудааст. Таҷрибаи хориҷии таъмини бехатарии озуқаворӣ бо мақсади истифодабарии усулҳои пешқадами он дар шароити ҷумҳурии мо ва минтақаҳои алоҳида мавриди таҳқиқ гирифтаанд. Муаммоҳои асосии ба таъмини бехатарии озуқавории ҷумҳурӣ таъсиррасон муайян гардидаанд. Самтҳои асосӣ оиди таъмини бехатарии озуқавории ҷумҳурӣ коркард ва пешниҳод гардидаанд.

**Калидвожаҳо:** озуқа, бехатарии озуқаворӣ, таъмини бехатарии озуқаворӣ, худтаъ-минкунии озуқаворӣ, самтҳо, самтҳои асосӣ оиди таъмини бехатарии озуқавории ҷум-ҳурӣ.

## FOOD SECURITY AS A STRATEGIC DIRECTION FOR SUSTAINABLE DEVELOPMENT OF TAJIKISTAN

The article deals with the issues of ensuring the food security of the republic. The concept, essence and role of ensuring food security in the development of the national economy of the republic are disclosed. Particular

attention is paid to the current state and trends in the development of indicators of food products. The foreign experience in ensuring food security is summarized in order to apply their best practices in our republic and its individual regions. Problems hindering the provision of food security of the country are identified. The main directions for ensuring the food security of the republic have been developed and proposed.
**Keywords:** food, food security, ensuring food security, food self-sufficiency, direc-tions, main directions for ensuring food security.

**Маълумот дар бораи муаллифон:**

**Исайнова Манижа Ҳисайновна -** Донишгоҳи давлатии Молия ва иқтисоди Тоҷикистон номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллимаи калони кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории факултети иқтисод ва бизнес, **Суроға:** 704025, г. Душанбе, ул. Нахимова 2. Тел: 111-13-00-29

**Исраилова А.Р. -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодӣ **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. **Тел:** 934-43-66-99

**Информация об авторах:**

**Исаинова Манижа Хисаиновна** – Таджикский государственный финансово-экономический университет, кандидат экономических наук, старший преподаватель кафедры экономики предприятия и предпринимательства факультета экономики и бизнеса, **Адрес:** 704025, г. Душанбе, ул. Нахимова 2. **Тел:** 111-13-00-29

**Исраилова Амина Рустамовна -** Национальный университет Таджикистана, ассистент кафедры национальной экономики и экономической безопасности **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, ш. Душанбе, проспект Рудаки, 17. **Тел:** 934-43-66-99

**Information about authors:**

**Isainova Manizha Khisainovna** – Tajik State University of Finance and Economics, Candidate of Economic Sciences, senior lecturer at the Department of Enterprise Economics and Entrepreneurship, Faculty of Economics and Business, **Address:** 704025, Dushanbe, st. Nakhimova 2. **Tel:** 111-13-00-29

**Israilova Amina Rustamovna -** National University of Tajikistan, assistant of the department of national economics and economic security **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, sh. Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. **Tel:** 934-43-66-99

# САМТҲОИ СТРАТЕГИИ РУШДИ СОҲАҲОИ ХИЗМАТРАСОНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Абдуллоев И.О. - Муаллими калон, мудири кафедраи молия ва бонкдории Коллеҷи информатика ва техникаи компютерии шаҳри Душанбе*

Ҷараёни идомаёбандаи ислоҳоти иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон самтгирӣ ба омодасозии шароит, ки таъмини сатҳи некӯаҳволии мардумро баланд мегардонад равона гардидааст. Дар чунин шароит бо тамоми ҷиддият зарурати дигаргунсозиҳои миқдорӣ ва сифатӣ дар бахши хизматрасонӣ -ҳамчун соҳаи бартаридоштаи иқтисоди миллӣ дар назар аст. Новобаста аз тамоюли мусбии рушди соҳаҳои хизматрасонӣ, бо ҳиссаи мавҷудаи он дар сохтори ММД ҳоло ҳам ҷараёни рушди он дар муқоиса бо мавҷудияти захираҳои бойи табиӣ ва меҳнатӣ қаноатманд ҳисобида намешавад. Ҳамчунин вазъияти баамаломадаи дар бахши хизматрасонӣ, ки бо як қатор муаммоҳои асосие, ки бо сатҳи пасти маърифати муносибатҳои бозорӣ, суръати сусти тараққиёти инфрасохтори бозорӣ ва хароҷотҳои баланди транзаксионӣ вобаста аст, зарурати омӯзиши ҳамаҷонибаи тараққиёти минбаъдаи бахши мазкурро талаб мекунад. Дар барномаву консепсияҳои рушди иқтисоди миллии кишвар ба либеризатсиякунонии бозори миллии молу хизматрасонӣ таваҷӯҳи хоса дода мешавад [1, с.65-90].

Тибқи ақидаи коршиносон яке аз равишҳои асосии имрӯза ин ба таври суръати беназир рушди соҳаҳои хизматрасон ба ҳисоб меравад. Дар ҳақиқати ҳол вазъи муосири аксарияти давлатҳои муттарақии ҷаҳон аз ҷараёни инкишофи соҳаҳои хизматрасонӣ онҳо ба даст омадааст.

Дар соли 2010 тибқи маълумотҳои UNCTAD (Конфронси СММ роҷеъ ба савдо ва рушд) ба ҳиссаи хизматрасониҳо 66% арзиши иловашудаи ҷаҳонӣ рост меомад. Иқтисодиёти мамлакатҳои пешрафта бештар ба соҳаи хизматрасонӣ майл дорад, зеро он 75-80% арзиши иловашударо медиҳад.

Дар давлатҳои мамлакатҳои мутараққии ҷаҳон ба ҳиссаи соҳаҳои хизматрасонӣ то 51%- и арзиши иловашуда ва дар мамлакатҳои дар сохти гузариш қарордошта бошад то 52% арзиши иловашуда рост меояд [2, с.36-38]. Ҳамин нуқтаро бояд қайд намуд, ки дар ШМА имруз 80% ҷойҳои корӣ ва тавлиди 74% ММД ба соҳаи хизматрасонӣ рост меояд. Ҳамин гуна шабоҳиятро дар Аврупои Ғарбӣ низ дидан мумкин аст. Дар Иттифоқи Аврупо 63%- и бунёди молу хизматрасониҳо ва 62%-и аҳолии қобили корӣ маҳз ба соҳаҳои хизматрасон рост меоянд. Дар Ҷопон бошад 59%-и бунёди ММД ва 56%-и ҷойҳои корӣ ба ин соҳа рост меояд. Дар соҳаҳои хизматрасонӣ 40%-и сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ рост меоянд[3]. Тибқи маълумоти ХБА тамоми номгӯи хизматрасониҳо дар ибтидои асри XXI наздики 1500 млрд. доллари америкоӣ ё 70% арзиши натиҷаи истеҳсолоти ҷаҳониро ташкил медод. Сабабҳои асосии

рушди соҳаҳои хизматрасонӣ дар шароити муосир ин дигаргунсозиҳое, ки дар бахши истифодаи захираҳо (меҳнатӣ, сармоя, теъноология) ва системаҳои истеҳсолӣ (чандирӣ ва ҳамгироии истеҳсолот ва хизматрасониҳо) вобаста мебошад.

Сатҳи рушди соҳаҳои хизматрасон ҳамчун меъёр (критерия)- и муаянкунандаи инкишофи ҳайёти иқтисодиву ичтимоии ҷамъият баромад мекунад. Пас саволе ба миён меояд, ки худи соҳаи хизматрасонӣ чист ва мавқеи он чӣ гуна муаяйн карда мешавад? Дар адабиёти имрӯзаи иқтисодӣ ин мафҳум бо тарзҳои гуногун шарҳ дода мешавад ва назари ҳар олим гуногун аст.

Масалан, тобиши илмии маънидоди хизматрасонӣ ҳанӯз аз ҷониби К.Маркс пешниҳод гардида буд. К.Маркс истифодаи истилоҳи «хизмарасониро» ҳамчун тавсифи арзиши истеъмолии неъмати моддӣ маънидод мекард [6]. Олим хизматрасониро ҳамчун фаъолияте медонист, ки бавуҷудоварандаи намуди ашёвӣ ва ё моддии мол набуда, балки ба сифати объекти мустақил ва худмухтори дар бозор амалкунанда баромад карда натавонанда шинохта мешуд. Ба ақидаи Б.А. Райзберг хизматрасониҳо ин як намуди неъмате ба шумор меравaнд, ки «на ҳамчун дар шакли моддӣ, балки дар шакли фаъолият» пешниҳод мегарданд[4].

Бо мурури инкишофи истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва бо вуҷуд омадани шаклу воситаҳои ҷадиди пешниҳоди хизматрасонӣ, маънидодкунии мафҳум ва фарогири доираи фаъолият дар бахшҳои алоҳидаи иқтисодиёт низ то ҳадди зарурӣ васеъ мегарданд.

Чуноне, ки олими амрикоӣ Ф.Котлер қайд менамояд, мафҳуми хизматарсонӣ «дилхоҳ фаъолиятеро, ки як ҷониб ба ҷониби дигар пешниҳод карда тавониста, натиҷаи ин фаъолият ба соҳибикунии ягон намуди мол оварда нарасонад» дар назар бояд дошт[5]. В.Н. Сазонова бошад, соҳаи хизмарасониро на танҳо чун фаъолияти ширкатҳои юридикӣ, ки пешниҳоди хизматрасониҳо ба ҷо меоваранд, балки ташаббуси шахсони алоҳида, ки дар чунин муҳити бозорӣ фаъолият мебаранд арзёбӣ мекунад[7, с.240-243]. Чуноне, ки таҳлилҳо нишон медиҳанд консепсияҳои асосие, ки аз ҷониби олимон дар рафти маънидкунии мафҳуми хизматрасонӣ пешбарӣ гардидаанд аз нигоҳи мазмуну ғояи худ бо ҳам наздик буда, онҳо асосан ба таркиби ин намуди бахш тамоми намуди фаъолияти муфид, ки бевосита арзишҳои моддӣ тавлид намекунанд, арзёбӣ манамоянд. Бо мурури инкишофи истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва бо вуҷуд омадани шаклу воситаҳои ҷадиди пешниҳоди хизматрасонӣ, маънидодкунии мафҳум ва фарогири доираи фаъолият дар бахшҳои алоҳидаи иқтисодиёт низ то ҳадди зарурӣ васеъ мегарданд.

Аз нигоҳи мо равиши асосии методологӣ дар рафти маънидоди мафҳуми хизматрасонӣ пеш аз ҳама оид ба дигаргуншавӣ ва тағийрёфтани мавқеъ ва нақши он бо дарназардошти шароит ва хусусиятҳои мавҷудаи миллӣ вобаста аст. Таҳлили адабиётҳои ватании марбут ба муаммоҳои инкишоф ва танзими давлатии соҳаҳои

хизматрасон аз он шаҳодат медиҳанд, ки ҳанӯз ба таврӣ мушаххас таъсири ташаккулу инкишофи соҳаҳои хизматрасонӣ дар сатҳи соҳаҳо ва минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳуриамон мавриди таҳқиқ қарор нагирифта, дар ин замина стратегияи инкишоф ва такмили механизми танзими соҳаи мазкур коркард нагардидаанд.

Дар баробари ин фикру мулоҳизаҳои олимони дар боло зикрушдаро пайгирӣ намуда, дар доираи тадқиқоти худ дар рафти маънидодкунии мафҳуми хизматрасонӣ зарур аст, ки пеш аз ҳама дигаршуншавӣ ва тағйирёбии мавқеъ ва нақши зерсоҳаҳои таркибии онро дар доираи фаъолияти воҳидҳои институтсионаливу субъектони алоҳидаи хоҷагидорӣ боназрадошти шароит ва хусусиятҳои минтақавию миллӣ ба инобат гирифт.

Соҳаҳои хизматрасон- фарогирандаи маҷмуи соҳаҳои хоҷагии халқ ва намудҳои алоҳидаи фаъолият ба ҳисоб рафта, таъиноти асосии онҳо баҳри тавлид ва пешниҳоди хизматрасониҳо ба категорияи муаяйни истеъмолкунандагон равона гардидааст[8]. Ба таркиби соҳаҳои хизматрасонӣ аслан соҳаҳои хоҷагии манзиливу коммуналӣ, хизматрасонии маишӣ, маориф, тандурустӣ, фарҳанг ва санъат, варзиш ва сайёҳӣ, нақлиёти мусофиркаш, алоқа, савдои чакана ва хӯроки умумиро метавон дохил намуд.

Соҳаи хизматрасанӣ, ин фаъолияти қисматҳои таркибие, ки баҳри қаноатманд намудани ҳар гуна талаботҳои моддӣ, иҷтимоӣ ва руҳии аъзоёни ҷомеа равона карда шудааст. Хизматрасонӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ муносибатҳои гуногуни иқтисодиро ифода месозад [9].

Соҳаҳои хизматрасон- ин маҷмӯи соҳаҳои иқтисоди миллӣ, фаъолияти меҳнатии коргарон, ки бевосита барои истеҳсоли шакли махсуси маҳсулот, ки дар рафти истеҳсоли он истеъмол карда мешавад, фаҳмидан мумкин аст. Дар тафовут аз мол хизматрасониҳоро нигоҳ доштан ва захира намудан ғайри имкон аст. Хизматрасониҳое мавҷуданд, ки дорои характери ғайри моддианд ва чун қоида дорои самти баланди иҷтимоиянд, мисол хизматрасониҳои соҳаи маориф.дар ин радиф соҳаҳое низ мавҷуданд, ки дорои қобилияти баланди моддианд, мисол, хоҷагию манзилию коммуналлӣ, хизматрасониҳои наклиётӣ.

Дар таҷрибаи хоҷагидории ҷаҳон меъёрҳои гуногуни гурӯҳбандии соҳаҳои хизматрасонӣ мавҷуданд. Соли 1993 Ҷумҳурии Тоҷикистон ба классификатсия байналмиллалии фаъолияти иқтисодӣ гузашт, ки мувофиқи он ба истеҳсолоти моддӣ- саноат, хоҷагии қишлоқ, хоҷагии ҷангал, сохтмон ва соҳаҳои истеҳсолӣ шомиланд. Соҳаҳои боқимондаи иқтисоди миллӣ бошанд, аз ҷумлаи нақлиёт, алоқа, информатсионӣ, савдо ва хӯроки умумӣ, таъминоти моддӣ- техникӣ, маҳсулоттайёркунӣ. Соҳаҳои хизматрасонӣ ҳамчунин номгӯи он соҳаҳое, ки бо муносибатҳои бозаргонӣ ба миён омадаанд амалиёт бо амволи ғайриманқул, фаъолияти умуми тиҷоратӣ доир ба таъмини фаъолияти бозор амал мекунанд.

Дар шароити имрӯза давлат наметавонад ҳамчун давлати муттараққӣ баромад кунад, агар дар соҳаҳои хизматрасонии он 60% ММД истеҳсол карда нашавад.

Аксарияти соҳаҳое, ки бевосита ба пешниҳоди хизматрасонӣ махсус гардонида шудаанд мавқеи муҳимро дар фаъолияти дарозмуддати давлатӣ ва ё ҳамчун «локомотив»- и асосии пешрафти илму техника ва иқтисодиву иҷтимоии тараққиёти давлат гаштанд. Пеш аз ҳама сухан дар бораи рушди соҳаи илм ва хизматрасониҳои илмӣ, маориф, тандурустӣ, хизматрасониҳои гуногуни тахассусӣ, алоқа ва хизматрасонии иттилоотӣ меравад. Гуфтаҳои боло аз он шаҳодат медиҳанд, ки марҳилаи нисбат бунёдӣ дар тақсимоти ҷамъиятии меҳнат ба миён омад. Рушди устувори соҳаҳои хизматрасон ба қавли мутахассисони ин соҳа ба дигаргуниҳои сохтории иқтисодӣ метавонад оварда расонад.

Аҳамиятнок будани ин равндро дар ҳайёти ҷомеа Созмони Миллали Муттаҳид ба эътибор гирифта ҳануз аз соли 1990 то 2000-умро 10 солаи пешрафти соҳаҳои хизматрасон номгузорӣ карда буд[10].

Бо баланд шудани сатҳи зиндагонии аҳолӣ ҳамчунин талаьот ба намудҳои гуногуни хизматрасонӣ аз ҷониби аҳолӣ дар ҳоли афзоиш аст. Ин бешак бо талабот ба ҳаргуна хизматрасониҳои иҷтимоиву фарҳнгӣ ва маишии ҷамъият алоқаманд аст. Хизматрасониҳо низ ҳамчун моли алоҳида баромад мекунанд. Аммо аз молҳое, ки дорои характери моддианд хизматрасониҳо бо як қатор хусусиятҳои худ фарқ мекунанд.

Чунин хусусиятҳои асосии хизматрасониҳоро ҷудо намудан мумкин аст:

**Ноаёнӣ;**

**Ҷудонашанда;**

**Тағирёбанда;**

**Кӯтоҳумрӣ;**

Дар шароити рақобати шадиди байни ширкату корхонаҳои хизматрасон хусусиятҳои асосии хизматрасониҳо ба инобат гирифта шаванд.

Устувор гардидани муносибатҳои бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи ташаккул ва инкишофи иқтисоди омехта ба вуҷуд меояд, ки дар он танзими давлатӣ ва бозоргонӣ алоқаманд мегардад. Нақш ва масоҳати танзими давлатӣ аз бисёр омилҳо вобастагӣ дорад, пеш аз ҳама аз ҳолати иқтисодии объекти танзимшаванда, ки функсияҳо, вазифаҳо, шаклҳо ва усулҳои таъсиррасонии давлатро муайян менамояд. Ин дар бештар ҳолат ба соҳаи хизматрасонӣ мансуб мебошад, ки нақш ва аҳамияти он дар рафти ташаккули иқтисодиёти бозории ба соҳаи иҷтимоӣ нигаронида шуда бештар меафзояд.

Стратегияи рушди босуботи иқтисодии соҳаи хизматрасонӣ дар шароити иқтисодиёти гузариш зарурати объективӣ ба ҳисоб меравад. Аз он ҷумла, ҳамчун самти муҳим ва доимӣ соҳаи хизматрасонӣ бо такмили шаклу усулҳои танзими давлатӣ ва ҳавасмандгардонии дастгирии ташабускории соҳибкорӣ алоқаманд мебошад.

Фаъолияти хизматрасонӣ дар шароити муосир характери инфиродӣ ва гурӯҳии таъмини талаботҳоро ба ҷо меоварад. Фаъолияти мазкур ба доираи васеъи намуди фаъолиятҳо паҳн мегардад, аз он ҷумла истеҳсолот, тиҷорат, молия, консалтинг, аудит, навъоварӣ ва ғайра.

Заминаи татбиқи стратегияи рушди босуботи соҳаҳои хизматрасонӣ таъмини мувофиқати муайян дар алоқамандии органҳои ҳокимияти давлатӣ ва сохибкории инфиродӣ ба ҳисоб меравад.

Давлат дар иҷроиши самараноки функсияҳои доимӣ ва базавии худ оид ба ҳимоя ва дастгирии ташаббускории инкишофи шакл ва намудҳои соҳибкорӣ, бехатарӣ, ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон дар бурдани тиҷорат офариниши шароитҳо ва кафили иҷроиши қоидаҳои ягонаи хоҷагидорӣ дар чорчӯбаи қонунҳои мавҷуд буда, баромад менамояд. Дар шароити муосир нақши танзимкунандаи давлат ниҳоят муҳим мебошад[11].

Дастгирии тамоми намудҳои фаъолияти хизматрасониро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон давлат дар симои мақомотҳои соҳавии ваколатдор мувофиқи салоҳияти худ ва мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо барои ҳалли масъалаҳои ахборотӣ, ҳуқуқӣ-ташкилӣ, молиявӣ-қарздиҳӣ, моддӣ-техникӣ ва ғайра татбиқ менамояд.

Тақвияти минбаъдаи механизми дастгирии давлатӣ ва ҳавасмангардонии соҳаи хизматрасонӣ, аз рӯи ақидаи мо бояд самтҳои зерини афзалиятнокро ба инобат гирад:

- такмили қонунгузориҳое, ки ҷараёнҳои алоҳидаи маъмуриро ба танзим медарорад;
- офариниши шароитҳои мусоиди системаи андоз, гумрук ва сармоя;
- ҳавасмандгардонии механизми маблағгузорӣ, қарздиҳӣ, литсензиядиҳӣ ва сертификатсияи хизматҳои расонидашуда;
- беҳтарнамоии ҷараёнҳои бақайдгирии субъектҳои соҳибкории хурд ва миёна;
- баҳисобгирии бутун, тартибдиҳӣ ва пешниҳоди ҳисоботи оморӣ ва муҳосибӣ;
- беҳтарнамоии муҳити амалии субъектони соҳибкории хурд ва миёна дар соҳаи хизматрасонӣ;
- дастгирии фаъолияти берунаи иқтисодии соҳибкорӣ;
- мусоидат ба бунёди хазинаҳои минтақавӣ ва соҳавии дастгирии соҳибкорӣ;
- истифодабарии механизми танзими маркетинг ва ғайра.

Воситаҳои муҳими танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи хизматрасонӣ механизми андозситонии литсензиякунонии фаъолияти хоҷагидорӣ, бақайдгирии ҳуқуқҳои моликиятӣ, истифодабарии самараноки имкониятҳои системаи ҳалли судии баҳсҳои хоҷагидорӣ, меъёри ҷавобгарии маъмурӣ ва судӣ барои расонидани зарар ба шарикони тиҷоратӣ, истеъмолкунандагон ва давлат барои ба инобат нагирифтани меъёрҳои сифат ва экология ба ҳисоб меравад. Ба сифати воситаҳои амалӣ метавонанд коркард ва ҷорӣ намудани қоида ва

меъёрҳои фаъолияти бозоргонии субъектҳои хоҷагидор истифода гарданд.

Фишанги муҳимтарини иқтисодӣ, ки ба рушди иқтисодии соҳаи хизматрасонӣ таъсир мерасонад, низоми пулӣ-қарздиҳӣ маҳсуб меёбад. Фаъолияти механизмии он ба воситаи тафриқабандии меъёри кредитӣ, тағъироти ҳаҷм ва дастрасии қарз, низоми пешниҳод намудани он дар асоси рақобатпазирӣ ва инчунин, қурби асъори миллӣ нисбати асъори дигар давлатҳо инъикос меёбад. Дар навбати худ танзими меъерҳои фоизи қарзӣ ва меъёри захираҳои ҳатмии бонкӣ ба сатҳи беқурбшавӣ, тағъироти нархҳо, қурби асъори миллӣ, содироту воридоти мол ва хизматрасониҳо таъсир мерасонад.

Хамин тариқ чӣ тавре, ки таҷрибаи ҷаҳонӣ ва ватанӣ нишон медиҳад, инкишофи муътадил ва инкишофи соҳибкории соҳаи хизматрасонӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ аз дахолат ва дастгирии мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ ва маҳалӣ мустақил мебошад. Низоми танзими давлат, аз он ҷумла механизми ташкили иқтисодии инкишофи фаъолияти соҳибкорӣ, коркард ва татбиқи чораҳои таъсиррасонро ба инобат мегирад, ки дар байни онҳо аҳамияти ҳалкунандаро санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии дар миқёси ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва соҳавӣ, молиявӣ, қарздиҳӣ, андозу пулӣ, такмили механизми истифодабарии моликияти давлатӣ, ахборотӣ-машваратӣ, кадрӣ, инноватсионӣ, инвеститсионнӣ ва дигар шаклҳои дастгирӣ.

Аз нигоҳи мо, сиёсати пешниҳод намудани озодии амал барои инкишофи фаъолияти соҳибкорӣ дар тамоми шаклу намудҳои дар соҳаи хизматрасонӣ, якҷоя дар ҳудуди муайян бо системаи танзими давлатӣ бо назардошти хусусияти фаъолияти корхонаҳо ва соҳаҳои хизматрасонӣ, нақши онҳо дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоии ҷамъият бояд тақвият ёбад.

## АДАБИЁТ


1. Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020. Бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2016, № 678 тасдиқ шудааст. С.65-90.

2. Аганбегян, А. О сбалансированности уровня экономического развития и социальной сферы в России [Электронный ресурс] / Аганбегян А. // SPERO. Весна-лето 2011. №14. – С.36-38.

3. Аванесова, Г.А. Сервисная деятельность: Историческая и современная практика, предпринимательство, менеджмент / Г.А. Аванесова. – М.: Аспект Пресс, 2005. – 318 с.

4. Курс экономики / под ред. Райзберга Б.А.-М.: Инфра-М, 2007.

5. Котлер Ф. Основы маркетинга: Пер. с англ. В.Б. Боброва. М.: Прогресс, 1991.

6. Маркс К. Капитал. Т. 1 // Маркс К., Энгельс Ф. Соч. – 2-е изд. – Т. 23. – 907 с.

7. Сазонова, Е.В. Особенности повышения качества услуг в социально- культурной сфере [Текст] / Е.В. Сазонова, А.Г. Яруллина //

Журнал правовых и экономических исследований. - 2013. - № 4. - С. 240-243.

8. Хакимов А.Х., Каримова М.Т., Кадыров Д.Б., Шодиева Т.Г., Муминова Ф.М. Региональная экономика и управление/ А.Х.Хакимов, М.Т.Каримова, Д.Б. Кадыров, Т.Г., Шодиева Ф.М.Муминова. -Душанбе: «Деваштич», 2002- 260с.

## САМТҲОИ СТРАТЕГИИ РУШДИ СОҲАҲОИ ХИЗМАТРАСОНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола самтҳои асосии назариявӣ ва амалии хизматрасонӣ ва соҳаҳои хизматрасонӣ мавриди омӯзиш ва тадқиқ қарор дода шудааст. Дар натиҷаи таҳлил нақши соҳаҳои хизматрасонӣ дар низоми муносибатҳои иқтисодӣ дар арсаи байналмиллалӣ ва ҷумҳурӣ муаяйн карда шуда, самтҳои стратегии рушди соҳаҳои хизматрасонӣ барои шароити ҷумҳурӣ ассоснок карда шуданд.

**Калидвожаҳо:** хизматрасонӣ, стратегия, рушди иқтисодӣ, иқтисодиёти бозорӣ, соҳибкорӣ, аудит, консалтинг, рақобат.

## СТРАТЕГИЧЕСКИЕ НАПРАВЛЕНИЯ РАЗВИТИЯ СФЕРЫ УСЛУГ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В статье изучаются и исследуются основные теоретические и практические направления услуг и сферы услуг. В результате анализа определена роль сферы услуг в системе экономических отношений на международной и республиканской уровне, а также обоснованы стратегические направления развития сферы услуг в условиях республики.

**Ключевые слова**: услуга, стратегия, экономический рост, рыночная экономика, предпринимательство, аудит, консалтинг, конкуренция.

## STRATEGIC DIRECTIONS FOR THE DEVELOPMENT OF THE SERVICE SECTOR IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article studies and explores the main theoretical and practical areas of services and the service sector. As a result of the analysis, the role of the service sector in the system of economic relations at the international and republican level was determined, and the strategic directions for the development of the service sector in the conditions of the republic were substantiated.

**Key words:** service, strategy, economic growth, market economy, entrepreneurship, audit, consulting, competition.

**Маълумот дар бораи муаллиф:**

**Абдуллоев Исмоилшо Одилович** - мудири кафедраи молия ва бонкдории Коллеҷи информатика ва техникаи компютерии шаҳри Душанбе. **Тел:** 909099927, **Почтаи электронӣ:** namzali87@mail.ru.

**Сведения об авторе:**

**Абдуллоев Исмоилшо Одилович –** заведующий кафедры финансы и банковского дело Колледжа информатики и компьютерных технологий города Душанбе**. Тел:** 909099927, **Электронная почта:** namzali87@mail.ru.

**Information about the author**:

**Abdulloev Ismoilsho Odilovich** – Head of the Department of Finance and Banking at the College of Informatics and Computer Technologies in Dushanbe. Email address: namzali87@**mail.ru**. Tel: 909099927

# ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ НИЗОМИ ҲАВАСМАНДГАРДОНИИ КОРМАНДОН ДАР КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ

***Гулова Г. Д.****– магистри соли 2-юми кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории ДМТ*

Бӯҳрони иқтисодӣ ва афзоиши рақобат дар байни корхонаҳо ба он оварда расонд, ки аксари роҳбарон ба ҷустуҷӯи роҳҳои баланд бардоштани ҳосилнокии равандҳои истеҳсолӣ шурӯъ намоянд. Ҳосилнокии меҳнатро яке аз нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти иқтисодии корхона баррасӣ намуда, метавон қайд кард, ки таҳлили ҳосилнокии меҳнат ба мо имкон медиҳад, то самаранокии қувваи кории кормандони корхона ва вақти кории онҳоро муайян намоем.
Ҳангоми таҳлил ва банақшагирии хосилнокии мехнат, чун қоида, диққати асосӣ ба баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат нигаронида мешавад. Яке аз роҳҳои муайян кардани имкониятҳои баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ин ба назар гирифтани ҳавасмандгардонии кормандон мебошад.

Таъмини ҳавасмандгардонии кормандон раванди мураккаб ва пайваста аст. Ҳангоми ташкили низоми ҳавасмандгардонӣ аксаран омилҳои зеринро ба назар гирифтан лозим аст: омилҳои техникӣ, ташкилӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ.

Дар амалия ҳавасмандгардонии моддию ғайримоддии кормандонро фарк мекунанд. Айни ҳол хатарҳо ва имкониятҳои ҳавасмандгардонии моддиро баррасӣ кунем. Бисёр роҳбарон низоми хавасмандгардонии моддиро низоми бартаридоштаи хавасмандгардонӣ мешуморанд. Ин изҳорот то андозае дуруст аст, зеро музди меҳнати мувофиқ як ҷузъи асосии нигоҳ доштани кормандон мебошад, аммо танҳо бо истифода аз ҳавасмандгардонии моддӣ барои кормандон на ҳамеша ба натиҷаҳои интизоршуда ноил мегардад. Ҳавасмандгардонии моддӣ як воситаи хеле мураккаби таъсиррасонист, ки бояд хеле бодиққат, самаранок ва моҳирона истифода шавад.

Ҳавасмандгардонии моддии кормандон ба низоми мукофоти молиявӣ асос ёфтааст, ки ба он зиёд кардани музди кор, мукофотпулӣ ва имтиёзҳои иловагӣ, рухсатии пулакӣ, пардохти иловагии нафака ва фондҳои хайрия дохил мешавад.

Истифодаи пул (маош, мукофотпулӣ, таҳрим ва ғ.) ҳамчун роҳи ягонаи ҳавасмандгардонии кормандони нав метавонад ба сатҳи қобили қабули риояи талабот ноил шавад, аммо он ба натиҷаҳои баланд ноил шуда наметавонад. Музди кори касеро як омили ангезандае донистан мумкин нест ва он мисли «маҷбуркунию ҳавасмандкунӣ» аст, ки доираи кори кормандро муайян мекунад: он чиро, ки вай карда метавонад ва наметавонист. Ҳавасмандии молиявӣ маҳдудиятҳои худро доранд. Мушкилот дар он аст, ки танҳо истифодаи стандартҳои сифат ба натиҷаҳои мусбӣ кафолат намедиҳад.

Низоми ҳавасмандгардонӣ, ки ҳосилнокии мехнатро дар бар мегирад, ахамияти калон дорад. Пеш аз ҳама меъёрҳои меҳнатро нигоҳ доштан ва назорат кардан ва баъдан ба даст овардани натичаҳоро ҳавасманд кардан ма мақсад мувофиқ аст. Зиёд кардани музди кор, ки бо нишондиҳандаҳои кор (натичаҳо, сарбории кор ва масъулият) алоқаманд аст, як роҳи ҳалли кутоҳмуддат мебошад. Корманд метавонад ба андозаи зиёд ба музди кори якхела зуд одат кунад ва таъсири музди маоши баланд ба ҳавасмандгардонӣ коҳиш меёбад.

Ҷанбаҳои мусбӣ ва манфии ҳавасмандгардонии гайримоддиро дида мебароем. Роҳҳои зиёди ҳавасмандгардонии ғайримоддии кормандон дар корхона вуҷуд доранд: чорабиниҳои ташкилӣ, тренингҳо, венчерҳои субсидиявӣ, пешбарӣ ё мақом ва вазифаи нав дар корхона, тӯҳфаҳо, сипосномаҳо, сертификатҳо, саҳмҳои иҷтимоӣ, даъват ба идҳои калон, тахфифҳо. Саволе ба миён меояд, ки барои кадом вариант амалӣ намудани ин фаъолиятҳо зарур аст.

Барои кам кардани ҳолатҳои ногувор ҳангоми интихоби усули арзёбӣ, роҳбарияти корхона бояд тасаввур кунад, ки кормандон ба усули интихобшуда чӣ гуна муносибат мекунанд. Беҳтар аст, ки аз худи кормандон дар бораи таркиби ҳавасмандии онҳо пурсон шавем. Онҳо аз ҳама хубтар баён карда метавонанд, ки чӣ гуна мукофот боиси кори самарабахштар мегардад, ба кадри арзанда ва комёбиҳои худ чӣ гуна мукофот гирифтан мехоҳанд. Интихоби идеалии низоми ҳавасмандгардонӣ ин муайян кардани ҳадафҳои корхона ё шӯъба бо ҳадафҳои корманд мебошад, яъне ҳангоми иҷрои кор корманд на танҳо барои корхона, балки барои худ низ натиҷаҳоро ба даст меорад. Барои роҳбарияти корхона муҳим аст, ки манфиатҳо ва афзалиятҳои кормандони худро фаҳманд, то онҳоро чӣ ҳавасманд мекунад ва ба чӣ ноил шудан мехоҳанд. Барои ин, мо бояд ҳавасмандгардонии асосии дохилии кормандро муайян кунед ва ҳангоми ташкили низоми ҳавасмандгардонӣ ин омилро ба иновбат гирем. Ба ҳамин монанд, роҳбарияти корхона метавонад кормандонро барои ба даст овардани натиҷаҳо бо хароҷоти ҳадди ақал ҳавасманд кунад. Агар ин усулҳо дуруст истифода шаванд, мо метавонем садоқатмандии кормандонро ба даст оварда сатҳи баланди ҳосилнокии меҳнатро таъмин намоем.

Баъзе корхонаҳо кори дастаҷамъонаро ташвиқ мекунанд, аммо диққати асосӣ танҳо ба муваффақияти гурӯҳ аст, ки аз саҳми аъзоёни алоҳидаи гурӯҳ вобаста нест. Баръакс, дар дигарон онҳо танҳо ба дастовардҳои шахсӣ такя мекунанд ва ба ин васила фазои рақобатро ба вуҷуд меоранд, ки боиси рақобати носолим мегардад. Дар асоси гуфтаҳои боло маълум мешавад, ки мувозинати байни ҳавасмандгардонии инфиродӣ ва коллективиро мувофиқи мақсад ва вазифаҳои корхона нигоҳ доштан зарур аст. Бояд қайд кард, ки худи муносибати роҳбар метавонад яке унсурҳои ҳавасмандкунанда ё рӯҳбаландкунанда бошад. Талабҳои аз ҳад зиёд, баҳо ё ҷазои ноодилона, беинсофии молиявӣ, ваъдаҳои холӣ, рафтори ношоиста аз руйхати шикоятҳое, ки аз кормандон ба роҳбарон равона мегарданд, танҳо чанд мисол аст. Ин омилҳо барои кормандон аз музди меҳнат, мукофотпулӣ, мукофотҳо ва тӯҳфаҳо муҳимтаранд.

Роҳбари боистеъдод фазои эҷодкорӣ ва саъю кӯшишро ба вуҷуд меорад, ки дар он тобеъон корҳои дохилии ногувор ё дигар камбудиҳоро фаромӯш мекунанд. Роҳбари кордон тобеонашро бо намунаи худ, боварӣ ба муваффақият, кумак ва дастгирӣ ба зердастони худ илҳом мебахшад ва онҳоро барои расидан ба ҳадафҳои корхона ҳидоят мекунад. Аммо, унсури асосии ҳавасмандкунанда ё рӯҳбаландкунанда худи корманд аст. Маълум шуд, ки ҳосилнокии меҳнати коргарон дар сурате имконпазир аст, ки онҳо ба натиҷаи ниҳоӣ манфиатдор бошанд ва ба кор муносибати мусбат дошта бошанд. Ҳангоми интихоби кормандон, роҳбарияти корхона бояд номзадҳоро на танҳо аз нуқтаи назари касбият арзёбӣ кунад, балки хоҳиши кор карданро эҳсос кунад ва барои рушди касбият кӯшиш кунад. Омӯзиши навкор назар ба ҳавасманд кардани як мутахассиси ботаҷриба, вале танбал осонтар аст. Андозагирии ҳавасмандгардонии кормандон осон нест, аммо се усули маъмул вуҷуд дорад, ки аксар вақт аз ҷониби корхонаҳои гуногун истифода мешаванд: баррасиҳои кор, пурсишҳои ҳавасмандгардонӣ ва ҷалби кормандон ва пурсишҳои қаноатмандии муштариён. Аз ин рӯ, андозагирии қаноатмандии муштариён метавонад ба муайян кардани сатҳи ҳавасмандии кормандон кӯмак расонад. Ин хусусан вақте дуруст аст, ки кормандон бо муштариён тамоси мустақим доранд. Ин усул аксар вақт ҳангоми идоракунии кормандон дар фурӯш истифода мешавад. Барои бомуваффақият ҳавасманд кардани кормандон, роҳбарияти корхона воқеан бояд фаҳмад, ки чӣ онҳоро ҳавасманд ва шавқманд мекунад. Назарияи эҳтиёҷот аз ҷониби А.Маслоу яке аз маъмултарин назарияҳои эҳтиёҷот мебошад. Ин назария бо тартиби иерархӣ вуҷуд доранд. Ба ибораи дигар, эҳтиёҷоти сатҳи поёнӣ бояд пеш аз эҳтиёҷоти сатҳи боло қонеъ карда шаванд. Назария инчунин метавонад барои фаҳмидани ҳавасмандии кормандон дар ҷои кор истифода шавад. Татбиқи ин назария барои фаҳмидани ҳавасмандии кормандон метавонад ба корхонаҳо дар стратегияи истифодаи самараноки ҳавасмандгардонии

пулӣ кӯмак расонад. Иртиботи дохилӣ барои ҳавасманд кардани кормандон хеле муҳим аст. Дар асл, кормандоне, ки аз рӯйдодҳои корхона огоҳ нестанд, барои ҳавасманд будан ва машғул шудан мубориза мебаранд. Бо вуҷуди ин, аксари корхонаҳо бо мушкилоти дохилии иртиботӣ рӯбарӯ мешаванд, ки ба онҳо имкон намедиҳад, ки муносибатҳои кормандонро беҳтар созанд, аз ҷумла ҷараёни иттилоот танҳо амудӣ, аҳамият надодан ба фикру мулоҳизаҳои кормандон дар робитаҳои дохилӣ, дастрас ва ҷалби кормандон, новобаста аз ҷфунксияҳои онҳо, чен накардани кӯшишҳои алоқаи дохилӣ дар асоси мунтазам. Баъзе кормандон ангезаҳои зиёди табиӣ доранд, дар ҳоле ки дигарон ба омилҳои беруна, ба монанди эътироф ё мукофот ниёз доранд. Дар ибтидои солҳои 1960 равоншиносон Р.Рид ва Д.Мерилл мехостанд донанд, ки оё онҳо метавонанд пешгӯии роҳбарӣ, услуби идоракунӣ ва фаъолияти фурӯшро пешгӯӣ кунанд. Барои ин, онҳо чор услуби иҷтимоиро муайян карданд, ки аксарияти одамонро ҳавасманд мекунанд: таҳлилӣ, пешбаранда, дӯстона, ифодакунанда. Ин услубҳо ба роҳбарон кӯмак мекунанд, ки рафтори кормандони худро эътироф кунанд. Ҷустуҷӯи роҳҳои ҳавасмандгардонии кормандон осон нест, аммо ин зарур аст, зеро рақобаттобоварии моли корхона муваффақ шудан дар фаъолият аз бисёр ҷиҳат аз ҳосилнокии меҳнати кормандон вобастагӣ дорад. Шубхае нест, ки хавасмандгардонӣ дар ҷои кор ба ҳосилнокии мехнат таъсири бевосита мерасонад. Кормандони ҳавасмандшуда дар сатҳи баландтар кор мекунанд, масъулиятҳои худро иҷро мекунанд ва муҳити мусбӣ фароҳам меоранд. Ҳамин тариқ, ҳавасмандгардонии кормандон нақши хеле муҳимро мебозад ва кафолат медиҳад, ки кормандон фаъол боқӣ монанд ва шахсан дар рушди фаъолияти истеҳсолию хоҷагидории корхона саҳм гузоранд.

Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда мо чунин мешуморем, ки чораҳо ва усулҳои зерини ҳавасмандгардонӣ барои баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнати кормандони корхона мусоидат мекунад:

- дар таҳия ва татбиқи навоварӣ, рушди навоварӣ, иштирок дар озмунҳои эҷодӣ, озмунҳои маҳорат ҷалб кардани кормандон.
- саҳми ҳавасмандгардонии ҷамъиятӣ ва эътирофи хизматҳои онҳо зиёд карда шавад: миннатдории шифоҳии аз ҷониби роҳбарият дар ҳузури ҳамкорон эълоншуда, диплом, шаҳодатномаи сифат, лавҳаи фахрӣ, таваҷҷӯҳи шахсии роҳбар ва хоҳиши кӯмак ба корманд, пешниҳоди имтиёзҳои иловагӣ;
- беҳтар кардани шароити кори корманд;
- фаъолона пешбурди рисолату ҳадафҳои корхона, муттаҳид шудан дар атрофи вазифаҳои муҳими умумӣ, зеро ҳадафи ягонаи муттаҳидкунанда заминаи муносибатҳои пурсамар ва кори муассирро ташкил медиҳад;
- мунтазам омӯхтани фикри кормандон тавассути пурсиш, анкета ва ташкили «почтаи эътимоднок»;

- ташкили вохӯриҳо байни роҳбарият ва кормандон, ки дар онҳо даъвоҳои мутақобилан метавонанд баён карда шаванд ва роҳҳои бартараф кардани онҳо пайдо шаванд.

## АДАБИЁТ


1. Аллин О.Н., Сальникова Н.И. Кадры для эффективного бизнеса. Подбор и мотивация персонала. – М.: Генезис, 2017. - 248 с.
2. Ветлужских Е. Мотивация и оплата труда. Инструменты. Методики. Практика. – М.: Альпина Паблишер, 2018. - 152 с.
